ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 1 (49), 2023**
**январ – март**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования.

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана
**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**МУҲАРРИР:** Искандаров С.

**ШӮРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷрои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо бар зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

**МУНДАРИҶА** **СОДЕРЖАНИЕ**

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**

***Раҳмон О.Э.*** Таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо паҳлуҳои фарҳангӣ-тамаддунии категорияи «вазъи ҳуқуқии шахс»....................5-11
***Қодирзода Т.Қ.*** Шуури ҳуқуқӣ: масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ....................12-15
***Матробов М.Х.*** Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ....................16-20
***Акбарализода Д.А.*** Понятие и сущность анализа регуляторного воздействия....................21-26

**12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)**
**12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)**

***Полтавец А.В.*** Понятие и содержание конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан....................27-32

**12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ**
**12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО**

***Абдураҳимов С.Қ.*** Дар бораи баъзе мушкилот ва дурнамои рушди шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ дар мисоли муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон....................33-46
***Исмоилова М.И.*** Проблемы международной и национально - правовой охраны смежных прав....................47-53
***Шамсиддин Ш.*** Баъзе аз масъалаҳои танзими гражданӣ-ҳуқуқии хариди сарватҳои таърихию фарҳангӣ....................54-58
***Қодиров Ш.Б.*** Табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сервитут дар низоми ҳуқуқҳои маҳдуди ашё....................59-65
***Шухратпур М.*** О некоторых вопросах дееспособности кредитных организаций (юридических лиц)....................66-70
***Давлатов Н.М.*** Таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол....................71-76
***Исмаилов С.Ш.*** Основные направления модернизации законодательства о банкротстве (несостоятельности)....................77-83

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

***Бобокалон Ғ.М.*** Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии гурӯҳи алоҳидаи кормандон....................84-90
***Бобокалонова С.Ғ.*** Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии кафолатҳои вақти истироҳат барои занон ва шахсони уҳдадориҳои оилавидошта....................91-95
***Давлатов П.Р.*** Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон....................96-100

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**
**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

***Соҳибзода М.М.*** Мафҳум ва хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон..........101-107
***Одиназода Ш.Х.*** Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..........108-115
***Тоҷидинов М.А.*** Инъикоси ҳалли мушкилоти экологӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........116-121
***Буриева Д.Т.*** Мафҳум ва хусусиятҳои андози замин..........122-129

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

***Ҳомидова М.Ф.*** Хусусияти низомнокии адолати байналмилалии судии ҷиноятӣ..........130-133
***Сайдалиев О.И.*** Инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ..........134-140

**12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ**
**12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС**

***Хоҷаев Ш.Ш.*** Баъзе масъалаҳо оид ба назорат ва контрол дар соҳаи идоракунии давлатӣ..........141-146

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

***Тоирзода М.Т.*** Понятие и основы ограничение прав и свобод граждан в Республике Таджикистан..........147-152
***Фаттоев М.С.*** Таносуби ҳокимияти судӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар раванди идоракунии давлатӣ..........153-158
***Сухробзода Ҷ.С.*** Таносуби мафҳуми «ҳимоя» ва «ҳифз» дар илми ҳуқуқи маданӣ..........159-163
***Давлатов С.Р.*** Вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ..........164-167
***Алиев И.И.*** Оид ба баъзе масъалаҳои функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ..........168-175

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

***Мазарифов М.К.*** Вазъи ҳуқуқии мақомоти ваколатдори мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон..........176-180
***Саидзода Д.М.*** Хатари паҳншавии ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ..........181-190

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

Навигариҳои соҳаи қонунгузории ҳифзи муҳити зист..........191-193

## 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ



**УДК: 34.096**

**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
*докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*

# ТАҲҚИҚИ ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ЗАНОН ДАР РОБИТА БО ПАҲЛУҲОИ ФАРҲАНГӢ-ТАМАДДУНИИ КАТЕГОРИЯИ «ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ШАХС»

***Калидвожаҳо.*** *вазъи ҳуқуқии шахс; шахс; шахсият; фард; инсон; вазъи иҷтимоии занон; шахсияти занон; вазъи ҳуқуқии занон; сифатҳои шахсии занон; фарҳанг; тамаддун; арзишҳои фарҳангӣ; «фардигароии» ғарбӣ; хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахс; қонунгузорӣ.*

***Ключевые слова:*** *правовой статус личности; лицо; личность; индивид; человек; социальное положение женщин; личность женщин; правовой статус женщин; личностные качества женщин; культура; цивилизация; культурные ценности; западный «индивидуализм»; особенности правового статуса личности; законодательство.*

***Keywords:*** *legal status of a person; person; personality; individual; Human; the social status of women; women's personality; the legal status of women; personal qualities of women; culture; civilization; cultural values; western "individualism"; features of the legal status of the individual; legislation.*

Олимони ҳуқуқшинос мафҳумҳои «инсон» ва «шахсият»-ро дар робита бо муносибатҳои ҳуқуқӣ аз ҳамдигар фарқ мекунанд, чунки инсон дар ҳолати доштани қобилияти ҳуқуқдорӣ ва қобилияти амали ҳуқуқӣ метавонад субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ бошад. Ин ақидаро аксарияти олимон тарафдорӣ мекунанд. Чунончи, ба андешаи Э.К. Утяшов шахсият дар ҳамаи ҳолатҳо инсон аст, вале на ҳар як инсон (кӯдаки навзод, инсони дорои беморӣи рӯҳӣ) ҳамчун шахс дар муносибатҳои ҳуқуқӣ иштирок мекунад [1, с. 120].

Дар илми фалсафа мафҳуми «шахсият» дар робита бо мафҳумҳои «ирода», «интихоби намуди амал», «қабули қарор», «озодӣ», «масъулият» таҳқиқ карда мешавад, хусусиятҳои функсионалӣ ва таркибии шахсият омӯхта мешаванд [2, с. 199; 3, с. 320-325]. Дар илми равоншиносӣ шахсият бо ду мафҳум ифода карда мешавад: 1) «шахс» (лот. – «persona») – инсон ҳамчун субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ ва фаъолияти бошуурона; 2) шахсият ҳамчун дорандаи сифатҳои равонӣ ва физиологӣ (лот – «personalitas»), ки мансубияти инсонро ба ҷомеа ё гурӯҳи муайяни аҳолӣ муайян мекунанд [4, с. 220].

Сифатҳои биологӣ ва физиологии инсон зимни таҳлили мафҳуми «инсон» ба инобат гирифта мешаванд. Инсон ба туфайли сифатҳои щахсӣ, ба мисли изи даст, сохти бадан, асаб ва ғайра аз одамони дигар фарқ мекунад. Ҳар як инсон сифатҳои ба худ хоси иҷтимоӣ, аз қабили қобилият, истеъдод, орзуву ормон, дониш, ақидаҳо, андеша, сифатҳои касбӣ, накши иҷтимоӣ, дарки олам ва дигар дорад. Маҷмӯи чунин сифатҳои иҷтимоии фардиро дар фалсафа бо истилоҳи «индивидум» ифода мекунанд.

Мафҳуми «шахсият» ба ду маъно истифода мешавад: 1) ба маънои «шахс» -

субъекти муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз он ҷумла, ба маънои «шахси воқеӣ» дар муносибатҳои ҳуқуқӣ; 2) ба маънои маҷмӯи сифатҳои шахсӣ – намояндаи гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ. Аз ин хотир, мафҳумҳои «шахсият» ва «шахс» аз ҳамдигар фарқ доранд. Мафҳуми «шахсият» барои ифодаи шахсияти инсон, сифатҳои биологӣ, физиологӣ, иҷтимоии инсон ҳамчун намояндаи насли инсонӣ истифода мешавад. Мафҳуми «шахс» бошад, маҷмӯи сифатҳои шахсии инсонро ҳамчун субъекти ин ё он намуди фаъолият ё муносибатҳои ҷамъиятӣ дар бар мегирад. Дар илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ мафҳуми шахс» барои ифодаи ҳуқуқии (қонунии) «шахси воқеӣ» истифода мешавад. «Шахси воқеӣ» мафҳуми ҳуқуқӣ буда, вазъи ҳуқуқии шаҳрванд, шаҳрванди хориҷӣ, шахси бешаҳрвандро ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян мекунад.

Шахси воқеӣ чун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ дорои сифатҳои муайяни биофизиологӣ, аз қабили синну сол, вазъи солими рӯҳӣ, қобилияти дарки амали ҳуқуқӣ ва оқибатҳои ҳуқуқии он мебошад. Шахсе, ки ба синни муайян нарасидааст, бемории рӯҳӣ дорад, субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ шуда наметавонад.

Дар илми фалсафа, ҷомешиносӣ, равоншиносӣ ва илмҳои дигар тафовути мафҳумҳои «шахсият» ва «шахс» пазируфта мешавад. Барои ифодаи ин мафҳумҳо истилоҳоти гуногун, аз ҷумла калимаи лотинии «persona» барои ифодаи мафҳуми «шахс» ва калимаи лотинии «personalitas» барои ифодаи мафҳуми «шахсият» истифода мешаванд. Дар забон, фарҳанг ва адабиёти илмии русӣ низ мафҳумҳои «шахсият» ва «шахс» мутаносибан бо калимаҳои русии «личность» ва «лицо» ифода карда мешаванд.

Дар заминаи ин нуктаҳои умумии методологӣ мафҳумҳои «вазъи иҷтимоии занон», «вазъи иҷтимоии зан», «шахсияти занон», «шахсияти зан», «вазъи ҳуқуқии занон» фарқ карда мешаванд. Зан ҳамчун инсон дорои сифатҳои умумии биологӣ, физиологӣ, иҷтимоӣ мебошад, ки умуман ба инсон ҳамчун намояндаи насли инсонӣ мансубанд. Айни замон зан сифатҳои ба худ хоси биофизиологӣ дорад. Занон ба туфайли сифатҳои шахсии хеш аз мардон фарқ мекунанд. Сифатҳои шахсии занон вазъи махсуси иҷтимоии онҳоро дар намудҳои гуногуни фаъолият ва муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян мекунанд. Вазъи ҳуқуқии занон низ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ (меҳнатӣ, оилавӣ, маданӣ ва дигар) ба занон имтиёзҳо, ҳуқуқҳои махсус дода мешаванд. Айни замон вазъи ҳуқуқии занон, вазъи ҳуқуқии духтарон, вазъи ҳуқуқии занони бешавҳар ва категорияҳои дигари занҳо аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд.

Тибқи назарияи материалистӣ (К. Маркс, Ф. Энгелс), назарияи позитивӣ (М. Вебер, К. Мертон) ва назарияи интераксионӣ (Ҷ.Ғ. Мид) шахсияти инсон дар робита бо мавқеяш дар сохти иҷтимоии ҷомеа ташаккул ёфта, хусусиятҳои фарҳангиро, ки ба он мутааллиқ аст, дар худ инъикос мекунад. Дар дини буддоӣ ва ҳиндуӣ мафҳумҳои ба онҳо хоси шахс истифода мешаванд [5, с. 187; 6, с. 138; 7, 3-8; 8, с. 43-57; 9, с. 120; 10, с. 413-421; 11, с. 134-190; 12, с. 134].

Таҳқиқи фарҳангии шахсият, вазъи ҳуқуқии шахс, ҳуқуқҳои инсон барои таҳлили илмии вазъи ҳуқуқии занон аҳамияти илмӣ ва методологӣ дорад, чунки он дар тӯли ҳазорсолаҳо дар сарзамини таърихии тоҷикон чун ҷузъи фарҳанг ва тамаддун инкишоф ёфтааст. Вазъи иҷтимоии занони тоҷик бо таъсири фарҳанг ва арзишҳои фарҳангӣ дар тӯли асрҳо инкишоф меёбад. Вазъи иҷтимоӣ бошад, ба вазъи ҳуқуқии занон, аз ҷумла барои дарки ҳуқуқу озодиҳои занон дар робита бо тарзи ҳаёт, зиндагии ҳамарӯзаи оилавӣ, тарбияи фарзанд ва ғайра таъсир мерасонад.

Таҳлили мавқеи шахс дар ҷомеа, нақши иҷтимоии ӯ дар ҳаёти имрӯза дар шароити таъсири манфии ба ном «арзишҳои нав» аҳамият дорад. Тавре А.Ф. Поломошнов қайд мекунад, дар асри XX назарияи нави шахсият, алалхусус дар байни ҷавонон паҳн мешавад. Ин назария ҳама гуна маҳдудиятҳои ахлоқӣ ва меъёриро аз байн бурда, манфиатҳои шахсро аз манфиатҳои ҷомеа боло мегузорад [13, с. 395]. Дар паҳн гардидани чунин назарияҳо либералҳои муосир ё ултралибералҳо, ки ҷонибдори озодии беинтиҳо мебошанд, саҳми муайян доранд [14, с. 14].

Табиист, ки зимни паҳн гардидани чунин назарияҳо озодии беинтиҳои шахс эътироф карда мешавад, инсон аз маҳдудиятҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, одоб озод мегардад.

Чунин назарияҳо боиси паҳн гардидани тарзи рафтор ва ҳаёти носолим дар байни одамон, алалхусус, ҷавонон мегарданд. Барои ҳамин, дар адабиёти илмӣ ба таҳқиқи мафҳуми «шахсият» эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Бар замми ин, нуқтаҳои назари либералӣ ва исломӣ оид ба вазъи шахс, мафҳуми шахс, ҳуқуқу озодиҳои инсон аз ҳамдигар фарқ доранд [15, с. 40; 16].

Ихтилофоти тамаддуниву фарҳангӣ, ки дар замони муосир вусъат меёбад, ба дарки вазъи иҷтимоии инсон дар робита бо мансубияташ ба ин ё он фарҳанг ва тамаддун таъсир мерасонад. Чунончи, дар як қатор назарияҳои ғарбгаро нақши иҷтимоии инсон дар тамаддунҳои Шарқ паст карда мешавад [17]. Ба ин нигоҳ накарда, дар асарҳои илмӣ, аз он ҷумла дар назарияҳои антропологӣ қадр ва арзиши инсон, мавқеи баланди ӯ дар тамаддуни Шарқ пазируфта мешавад [18, с. 124-136; 13, с. 396; 19, с. 124; 20, с. 46-70; 21, с. 164-169]. Компаративисти намоён Р. Давид саҳми тамаддуни Шарқ, аз ҷумла исломро дар такомули озодии инсон таъкид мекунад [22, с. 386-399]. Л.Р. Сюкияйнен камбудиҳои асарҳои муҳаққиқони аврупоиро дар таҳқиқи яктарафаи тамаддуни ислом фош мекунад [23, с. 14-15].

Дар адабиёти илмӣ таъкид карда мешавад, ки дар замони имрӯзаи буҳрони маънавӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ зарурат ба эҳёи ғояҳои гуманитарӣ бештар эҳсос карда мешавад [24]. Таҳқиқи антропологии мафҳуми шахсият дар шароити афзоиши хатари экстремизми динӣ дар ҳалли вазифаи муқовимат ба экстремизми динӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Тавре П.А. Поломошнов ва А.Ф. Поломошнов қайд мекунанд, «экстремизи исломии муосир, ба мисли шаклҳои гуногуни экстремизми масеҳӣ, ба дарки ғаразноки ғояҳои антропологияи исломӣ ва принсипҳои гуманизими исломӣ такя дорад» [25, с. 12]. Зарурати таҳқиқоти антропологӣ ҳамчун омили муқовимат ба экстремизи динӣ дар асарҳои дигар низ таъкид мешавад [26; 27; 20, с. 46-70; 28].

С.Г. Дробязко таъкид мекунад, ки шахс ва инсон аз ҳамдигар ҷудо нестанд, шахсияти инсон мафҳумҳои биологӣ ва иҷтимоиро ифода мекунад [29, с. 3]. Ақидаи ягонагии мафҳумҳои «шахс» ва «инсон» дар асарҳои олимони дигар низ истифода мешавад [30, с. 30]. Муҳаққиқони дигар таъкид мекунанд, ки «шахс» мафҳум ё падидаи ҳуқуқӣ мебошад [31, с. 17-26]. Дар як қатор асарҳо идеологияи «фардигароӣ», ки бештар дар Ғарб паҳн шудааст, ба асос гирифта мешавад. Чунончи, ба андешаи Б.Н. Чичерин, дар ҳолати афзалияти мабдаи давлат ва вуҷуд надоштани озодии воқеӣ шахс наметавонад вазъи ҳуқуқӣ дошта бошад [32, с. 103]. Ин андешаро муаллифони муосир низ пуштибонӣ мекунанд [33, с. 203]. Л.В. Янковская таъкид мекунад, шахсият дар фалсафаи аврупоӣ, пеш аз ҳама, вуҷуди фардӣ мебошад [34, с. 145].

А.А. Попов дар мисоли конститутсияҳои шӯравӣ исбот карданӣ мешавад, ки дар давлати шӯравӣ ҳуқуқҳо аслан на ба фард, балки дар робита бо мансубияти синфӣ [35, с. 267] ба меҳнаткашон ё халқ тааллуқ доштанд [31, с. 22-23].

Бояд таъкид намуд, ки чунин андеша, ки ба ақидаҳои идеологияи «фардигароии» аслан ғарбӣ (либерализми ғарбӣ) такя дорад, моҳияти воқеии вазъи ҳуқуқии шахсро дар давраҳои гуногуни таърихӣ муайян карда наметавонад. Аз андешаи А.А. Попов ва намояндагони назарияҳои «фардигароӣ» ба хулоса омадан мумкин аст, ки танҳо дар давраи инқилобҳои буржуазии Аврупо, дар шароити ҳукмравоии идеологияи либералии фардигароӣ инсон дар асл вазъи ҳуқуқиро касб мекунад. Бар замми ин, мансубияти инсонро ба ин ё он гурӯҳ, табақа ё синфи ҷомеа инкор намудан мумкин нест. Ҳатто дар ҷомеаи муосири Ғарб дар шароити имрӯзаи вусъати тафовути иқтисодии аҳолӣ мансубияти шаҳрвандони мамлакатҳои ин минтақа ба синфи миёна, табақаи бой (олигархҳо) ё гурӯҳи камбизоати аҳолӣ мушоҳида мешавад.

Назарияҳои фардигароӣ масъулияти шахсиро сарфи назар намуда, ба оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад. Инро дар мисоли буҳрони арзишҳои оилаи анъанавӣ, оиладорӣ, хонадорӣ, тарбияи фарзанд, арзишҳои диниву ахлоқӣ дар ҷомеаи Ғарб мушоҳида намудан мумкин аст.

Вазъи ҳуқуқии шахс – ифодаи ҳуқуқии ҳолати воқеии инсон дар ҷомеа мебошад. Бар замми ин, вазъи ҳуқуқии инсон аз шароити мушаххаси ҳаёти ҷомеа (шароити таърихӣ, ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангии ҷомеа) ва шароити мушаххаси зиндагии инсон (ҳаёти оилавӣ, вазъи амволӣ, шакли

моликиятдорӣ, сатҳи дороӣ ва дигар) вобастагӣ дорад. Вазъи ҳуқуқии шахс мушаххас буда, шароити таърихии ҳаёти ҷомеа ва зиндагии инсонро инъикос мекунад. Чунин ақидаро як қатор олимони дигар низ ҷонибдорӣ мекунанд [36, с. 249].

Дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ вазъи ҳуқуқии шахс хусусиятҳои муайянро пайдо мекунад. Чунончи, дар ҷомеаи қадим ва асрҳои миёна на ҳамаи одамон дорои вазъи ҳуқуқӣ буданд, вазъи ҳуқуқии табақаҳои алоҳидаи ҷомеа маҳдуд буд. Дар давлати демократӣ, бо баробари эълон ва кафолат додани ҳуқуқу озодиҳои инсон, вазъи ҳуқуқии шахс дар ҳаҷми пурра амалӣ мегардад.

Ҳоло вазъи ҳуқуқии шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хусусиятҳои зерин дорад:

- заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахс пурра фароҳам оварда шуда, мунтазам бахри беҳтар намудани вазъи ҳуқуқӣ такмил меёбад;
- асоси қонунгузории вазъи ҳуқуқии шахс дар мутобиқат бо меъёрҳо ва присипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии соҳаи ҳуқуқҳои инсон инкишоф меёбад;
- асоси иқтисодии вазъи ҳуқуқии шахс комилан дигар шуда, онро гуногунии шаклҳои моликият, аз он ҷумла моликияти хусусӣ, соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ, ки ҳоло самти афзалиятноки сиёсати давлати Тоҷикистон маҳсуб мешавад, ташкил медиҳанд;
- асоси иҷтимоии вазъи ҳуқуқии шахсро сохти нави иҷтимоии аҳолӣ, ваҳдати миллӣ, ваҳдати иҷтимоӣ, сиёсати иҷтимоии давлати Тоҷикистон бахри таъмини шароити арзандаи зиндагӣ, баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ташкил медиҳад;
- асоси сиёсии вазъи ҳуқуқии шахсро низоми нави сиёсии ҷомеа, ки ба гуногунии сиёсӣ, фаъолияти озоди ҳизбҳои сиёсӣ, кафолати ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ такя дорад, ташкил медиҳад;
- асоси фарҳангӣ-маънавии вазъи ҳуқуқии шахсро фарҳанги миллӣ, осори таърихӣ-фарҳангӣ, илм, маориф, ҳаёти маънавӣ, озодии эҷоди илмӣ, бадеӣ, фарҳангӣ, рушди касбу ҳунарҳои мардумӣ ташкил медиҳанд;
- вазъи ҳуқуқии шахс ҳоло бо истифода аз тарзу воситаҳо ва усулҳои нави танзими ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, усулҳои диспозитивӣ, шартномавӣ, ҳавасмандкунӣ, дастгирии давлатӣ, кумаки молиявӣ, маблағгузории буҷавӣ, сиёсати нави қарздиҳӣ, молиявӣ, андоз танзим карда мешавад;
- унсурҳои равониву маънавӣ, аз қабили боварии комил ба фардои дурахшон, ба таклифу ташаббусҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ба иқдомҳои пайгирифтаи Ҳукумати Тоҷикистон, ба ҳадафҳои стратегии давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон заминаи вазъи ҳуқуқии шахс мебошанд;
- вазъи ҳуқуқии шахс ҳоло дар заминаи назарияи нави робитаи байни давлат ва шахс, ки ба арзиши олии иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш такя дорад, инкишоф меёбад;
- ҳимояи манфиатҳои миллӣ, такмили асоси меъёрӣ-ҳуқуқии вазъи ҳуқуқии шахс бо дарназардошти анъанаҳои миллӣ, аз ҷумла зимни қабули қонунҳои миллӣ хусусияти нави вазъи ҳуқуқии шахс маҳсуб мешавад.

Мебояд зикр намуд, ки манфиатҳои миллӣ ҳоло унсури муҳимми вазъи ҳуқуқии шахс мебошанд. Унсури миллӣ зимни танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар соҳаи никоҳ ва оила, мерос, фарзандхонӣ, тарбияи насли наврас, масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд, танзими анъанаҳо ва ҷашну маросимҳо, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои кӯдакон, ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ имрӯз васеъ истифода мешавад.

Ҷаҳонишавӣ, имконияти ворид гардидани фарҳанги бегона, таъсири манфии технологияҳои нави иттилоотӣ (Интернет, шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар) ба шуур ва рафтори наврасону ҷавонон, ҷалби онҳо ба гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ, таъсири иттилоотӣ-равонии ташкилотҳои алоҳидаи фаромиллӣ бо мақсади паҳн намудани хабарҳои бардурӯғ оид ба вазъи воқеии Тоҷикистон, дар бораи ҳаёту фаъолияти ходимони давлатӣ, барангехтани низоми дохилӣ, даъвати шаҳрвандон ба амалҳои зиддиконститутсионӣ, ҷалби ҷавонон ба ном «дастовардҳои» фарҳанги бегона зарурати ҳимояи манфиатҳои миллиро талаб мекунанд. Дар ин шароит табиист, ки танзими вазъи

ҳуқуқии шахс бояд бо дарназардошти манфиатҳои миллӣ сурат гирад.

Дар ҳолати ба инобат нагирифтани унсури миллии вазъи ҳуқуқии шахс имконияти ворид гардидани фарҳанги бегона ба Тоҷикистон бештар гардида, қобилияти муқобилият ба таҳдиду хатарҳои глобалӣ пасттар мешавад. Дар ин бора дар адабиёти илмӣ аксари муҳаққиқон ибрози андеша доранд [37, с. 178-179].

Ҳамин тариқ, вазъи ҳуқуқии шахс дар холати инкишоф қарор дошта, хусусиятҳои нав пайдо мекунад. Вазъи ҳуқуқии шахс аз як тараф бо таъсири ҷаҳонишавии ҳуқуқӣ, аз тарафи дигар бо назардошти афзалияти манфиатҳои миллии Тоҷикистон инкишоф меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Утяшов Э.К. Личность, общество и государство // Пробелмы теории государства и права: учебник / Под ред. В.М. Сырых. - М.: ЭКСМО, 2008. - С. 118-154.
2. Антипов Г.А., Кочергин А.Н. Проблемы методологии исследования общества как целостной системы. - Новосибирск, Наука. Сибирское отделение, 1988. - 289 с.
3. Панасенко Г.В. Философское понятие личности // Вестник ИрГТУ. Серия: Гуманитарные науки. - 2012. - № 8 (67). - С. 320-325.
4. Абушенко В.Л. Личность // Новейший философский словарь / Сост. А.А. Грацанов. - Мн.: Изд-во В.М. Скакун, 1998. - 234 с.
5. Абаева Л.Л., Андросов В.П., Бакаева Э.П. и др. Буддизм: Словарь / Под общ. ред. Н.Л. Жуковской, А.Н. Игнатовича, В.И. Корнева. - М.: Республика, 1992. - 288 с.
6. Деннетт Д. Условия присутствия личности // Логос. - 2003. - № 2. - С.135-153;
7. Караулов Ю. Н. Русская языковая личность и задачи её изучения // Язык и личность. - М., 1989. - С. 3-8.
8. Кобзев А. И. О понимании личности в китайской и европейской культурах (проблема организмических моделей) // Народы Азии и Африки. - М., Наука. 1979. - № 5. - С. 43-57.
9. Торчинов Е.А. Буддизм: Карманный словарь. - СПб.: Амфора, 2002. - 187 с.
10. Феоктистов В.Ф. Модель личности в традиционной китайской философии: дискуссия в западной синологии // Восток-Россия-Запад: Исторические и культурологические исследования. - М., 2001. - С. 413-421.
11. Штейнер Е. Феномен человека в японской традиции: личность или квазиличность // Человек и культура: Индивидуальность в истории культуры. - М., 1990. - С. 164-190.
12. Щербатской Ф. И. Философское учение буддизма // Жизнь Будды, индийского Учителя Жизни: Пять лекций по буддизму / С.Ф. Ольдеибург, Б.Я. Владимирцов, Ф.И. Щербатской, О.О. Розенберг. - Самара: Издательский дом «Агни», 1998. - 192 с.
13. Поломошнов А.Ф. Проблема творчества и постмодернистский кризис культуры // Современные проблемы науки и образования. - 2014. - № 5. - С. 691-697;
14. Равиль Гайнутдин // Ислам минбаре (Трибуна ислама). - 2000. - № 4. - С. 9-15.
15. Васильев А. Исламский экстремизм как выражение кризиса мусульманской цивилизации // Азия и Африка сегодня. - 2003. - № 5 (550). - С. 3-7.
16. Льюис Б. Свобода и справедливость на сегодняшнем Ближнем Востоке // Россия в глобальной политике. - 2005.- № 3. - С. 23-31.
17. Петраш Ю. Человек в исламе [Захираи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: http://libelli.ru/works/petrash.htm (санаи мурочиат 8. 08. 2018).
18. Поломошнов А.Ф., Поломошнов П.А. Творчество и гуманизм: альтернативные концепции // Вестник Донского государственного аграрного университета. - 2014. - № 3 (13). - С. 124–136.
19. Равиль Гайнутдин. Ислам. Вера. Милосердие. Терпимость. - М., 1997. - 157 с.
20. Якупов М.Т. Социально-философский анализ проблемы предопределенности в исламе в контексте экстремизма // Вестник Тамбовского университета. Серия: гуманитарные науки. - Вып. 2009. - № 1. - С. 164-169.

21. Давид Р. Основные правовые системы современности (сравнительное право). - М., 1967. - 689 с.

22. Сюкияйнен Л.Р. Ислам и права человека в лиалоге культур и цивилизаций: монография. - М.: «САдра», 2014. - 210 с.

23. Ермишина К. Религиозная антропология: учебное пособие. – Издательство Православного Свято-Тихоновского гуманитарного университета, 2013. [Захираи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.rulit.me/books/religioznaya-antropologiya-uchebnoe-posobie-read-419694-1.html. (санаи муроҷиат 8.08.2018).

24. Поломошнов П.А., Поломошнов А.Ф. Исламская и христианская антропологии как альтернативные версии религиозного гуманизма // Исламоведение. - 2017. - Т. 8. - № 1. - С. 12.

25. Максимов Г. Религия сильного человека: христианство или ислам: [Захираи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: URL: http://www.pravoslavie.ru/1453.html. (санаи муроҷиат 8.08.2018);

26. Полосин А.В. Ислам и православие. Богословская основа добрососедства: [Захираи электронӣ]: реҷаи дастрасӣ: URL: http://islamdag.ru/analitika/5057. (санаи муроҷиат 8.08.2018);

27. Смирнов А.В. Нравственная природа человека: арабо-мусульманская традиция // Этическая мысль: Ежегодник. - М.: Институт философии РАН, 2000. - С. 46-70.

28. Фарапонова М.А. Компаративистский анализ понимания личности в православии и исламе: [Захираи электронӣ]:реҷаи дастрасӣ: URL:http://teoriapractica.ru/rus/files/arhiv_zhurnala 2014/19/philosophy/ faraponova.pdf. (санаи муроҷиат 8.08.2018).

29. Дробязко, С.Г. Правовой статус личности в Советском государстве: [материал в помощь лектору] // Правление о-ва "Знание" БССР, Науч.-метод. совет по пропаганде знаний о гос. и праве. - Минск, 1978. - 20 с.

30. Права личности в социалистическом обществе / Отв. ред. В.Н. Кудрявцев, М.С. Строгович. - М.: Изд-во «Наука», 1981. - 272 с.

31. Попов А.А. Правовой статус как характеристика правовой личности: понятие и феноменология // Вопросы российского и международного прва. - 2016. - Т. 6. - № 11А. - С. 17-26.

32. Чичерин Б.Н. Философия права. - М.: Типо-литография Товарищества И.Н. Кушнерев и Ко, 1900. - 336 с.

33. Овчинников А.И. Юридические архетипы в правовой политике России. - Ростов-на-дону: ЮФУ, 2009. - 320 с.

34. Янковская Л.В. Проблема личности и ее самосуществования в истории европейской философии: дис. … канд. философ. наук. - Краснодар, 2000. - 171 с.

35. Ковлер А.И. Юридическая антропология. - М.: Норма, 2002. - 480 с.

36. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник. - 2-е изд., перераб. и доп. - М.: Юрайт, 2012. - 415 с.

37. Ануфриев В.А. Социальный статус и активность личности. - М.. 1984. - 263.

**Аннотатсия**

**Таҳқиқи вазъи ҳуқуқии занон дар робита бо паҳлуҳои фарҳангӣ-тамаддунии категорияи «вазъи ҳуқуқии шахс»**

Дар мақола мафҳуми вазъи ҳуқуқии шахс дар робита бо мафҳумҳои «шахс», «шахсият», «фард», «инсон» таҳқиқ карда мешавад. Мафҳумҳои «шахсият» ва «фард» дар иртибот бо мафҳуми «инсон» дарк карда мешаванд. Мафҳуми «шахсият» дар робита бо мафҳумҳои «инсон», «фард» муайян карда мешавад. Таносуби мафҳумҳои «шахсият» ва «шахс» дар илми фалсафа, ҷомешиносӣ, равоншиносӣ ва дигар илмҳо муайян карда мешавад. Дар заминаи ин нуктаҳои умумии методологӣ мафҳумҳои «вазъи иҷтимоии занон», «вазъи иҷтимоии зан», «шахсияти занон», «шахсияти зан», «вазъи ҳуқуқии занон» ҷудо карда мешаванд. Вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии занон бо дарназардошти хусусиятҳои фардии онҳо муайян карда мешавад. Қайд карда мешавад, ки таҳқиқи фарҳангии шахсият, вазъи ҳуқуқии шахс, ҳуқуқҳои инсон барои таҳлили илмии вазъи

ҳуқуқии занон аҳамияти илмӣ ва методологӣ дорад, чунки он дар тӯли ҳазорсолаҳо дар сарзамини таърихии тоҷикон чун ҷузъи фарҳанг ва тамаддун инкишоф ёфтааст. Дар хулоса пешниҳод мешавад, ки вазъи иҷтимоии занони тоҷик бо таъсири фарҳанг ва арзишҳои фарҳангӣ дар тӯли асрҳо инкишоф меёбад. Камбудиҳои назарияи нави шахсият, аз ҷумла назарияҳои ғарбии «фардигароӣ» ошкор карда мешаванд. Хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахс дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

**Аннотация**

**Исследование правового статуса женщин применительно к культурно-цивилизационным аспектам категории «правовой статус человека»**

В статье исследуется понятие правового статуса человека в контексте с понятиями «лицо», «личность», «индивид», «человек». Понятия «личность» и «индивид» раскрываются в контексте с понятием «человек». Понятие «личность» определяется в контексте с понятиями «человек», «индивид». Определяется соотношение понятий «личность» и «лицо» в философии, обществознании, психологии и иных науках. На основе указанных методологических оснований различаются понятия «социальное положение женщин», «социальный статус женщины», «личность женщин», «личность женщины», «правовой статус женщин». Социальный и правовой статус женщин определяется с учетом их индивидуальных качеств. Подчеркивается, что культурологическое исследование личности, правового статуса личности, прав человека имеет научное и методологическое значение для исследования правового статуса женщин, поскольку данный статус на протяжении тысячелетий развивался на исторической земле таджиков как часть культуры и цивилизации. Делается вывод о том, что социальный статус таджикских женщин складывался веками под влиянием культуры и культурных ценностей. Раскрываются недостатки новой теории личности, в частности, теорий западного индивидуализма. Раскрываются особенности правового статуса личности в Республике Таджикистан.

**Annotation**

**To explore the legal status of a woman in relation to the cultural and civilizational aspects of the category «legal status of a person»**

In the article, the concept of the legal status of a person is analyzed in the context of the concepts of “person”, “personality”, “individual”, “person”. The concepts of “personality” and “individual” are revealed in the context of the concept of “human”. The concept of “personality” is revealed taking into account the concepts of “person”, “individual”. The ratio of the concepts of “personality” and “person” in philosophy, social science, psychology and other sciences is determined. On the basis of these methodological foundations, the concepts of “social status of women”, “social status of women”, “personality of women”, “personality of a woman”, “legal status of women” are distinguished. The social and legal status of women is determined taking into account their individual qualities. It is emphasized that the culturological study of the personality, the legal status of the individual, human rights is of scientific and methodological importance for the study of the legal status of women, since this status has been developing for thousands of years on the historical land of Tajiks as part of culture and civilization. The conclusion is substantiated that the social status of Tajik women has developed over the centuries under the influence of culture and cultural values. The shortcomings of the new theory of personality, in particular, theories of Western individualism, are revealed. The features of the legal status of a person in the Republic of Tajikistan are revealed.



**УДК: 340.11**
**Қодирзода Тоҳир Қамар,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ходими пешбари илмии шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: t_kodirzoda@mail.ru*
*Тел.:(+992) 887-08-43-44.*

# ШУУРИ ҲУҚУҚӢ: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ-ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** *шуури ҳуқуқӣ; шуури ҷамъиятӣ; судя; ҳокимияти судӣ; ҳуқуқтатбиқкунӣ; фарҳанги ҳуқуқӣ; қонуният; адолат; ҳуқуқвайронкунӣ; меъёрҳои ҳуқуқ.*

***Ключевые слова:*** *правовое сознание; общественное сознание; судя; судебная власть; правоприменение; правовая культура; законность; справедливость; правонарушение; нормы права.*

***Keywords:*** *legal awareness; public consciousness; judging; judiciary; law enforcement; legal culture; legality; justice; offenses; rules of law.*

Имрӯз, дар илми ҳуқуқшиносӣ, равиши маъмултарин ба таърифи шуури ҳуқуқӣ тафсири он ҳамчун маҷмӯи ғояҳо ва эҳсосоте мебошад, ки муносибати одамон, ҷомеаҳои иҷтимоӣ ба қонуни амалкунанда ё дилхоҳро ифода мекунанд [1]. Энсиклопедияи калони ҳуқуқӣ чунин таърифи шуури ҳуқуқиро медиҳад: “Шуури ҳуқуқӣ маҷмӯи ақидаҳо, арзёбиҳо ва эҳсосотест, ки тавассути он муносибати шахс ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қонуни амалкунанда ифода карда мешавад.”

Шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои мустақили шуури ҷамъиятӣ буда, он бо шаклҳои ахлоқӣ, динӣ, сиёсӣ ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ робитаи мустақим дорад ва бо тамоми сифату хусусиятҳое, ки ба шуури ҷамъиятӣ хосанд, дода мешавад. Аммо, дар айни замон, ба фарқ аз дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки аз ҷиҳати мавзуъ ва вазифа хосанд. Ин мавзуи махсуси омӯзиш ва объекти таъсир, ҳуқуқро ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯи низоми ҳуқуқӣ нишон медиҳад.

Шуури ҳуқуқӣ дар баробари ҳуқуқ ва бо он дар ҳаёти ҷамъиятӣ нақши фаъол мебозад, зеро ақидаҳои ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие, ки дар онҳо таҷассум меёбанд, рафтори одамонро муайян намуда, ба тамоми ҷараёни рушди иҷтимоию таърихӣ таъсир мерасонанд [2].

Баррасии моҳияти мафҳуми “шуури ҳуқуқӣ” имкон медиҳад, ки як қатор хусусиятҳои хоси он қайд карда шаванд. Аз ин рӯ, мо бояд пеш аз ҳама мафҳуми шуури ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои онро муайян намоем.

Чунон ки маълум аст, то соли 1917 на танҳо мафҳуми ягонаи «шуури ҳуқуқӣ», балки он падидаҳое, ки дар илми муосир ба соҳаи ин мафҳум мансуб буд, арзи вуҷуд надоштаанд, онҳо асосан аҳамияти амалӣ доштанд. Ба сифати синоним чунин истилоҳот ба мисли «эътиқод ба ҳуқуқ», «тафаккури ҳуқуқӣ», «қабули ҳуқуқ» истифода мешуданд.

Бештари олимон [3] таҳти мафҳуми шуури ҳуқуқӣ як навъ асосноккунии фаҳмидамешудаи рафтори иштирокчии алоҳида ё ин ки иштирокчиёни муносибати ҳуқуқиро мефаҳмиданд. Ҳамзамон як зумра тадқиқотчиён самаранокии шуури ҳуқуқиро инкор намуда, онро дар сатҳи савқи табиӣ ва рефлексҳои бешшурона медидаанд. Намояндагони илми пас аз инқилобӣ алалхусус илми ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳи бештар ба коркарди (тарҳрезии) назарияи шуури ҳуқуқӣ ва унсурҳои алоҳидаи он зоҳир менамудаанд. Рушди дарки мафҳуми мазкур бевосита бо тағйиротҳои воқеияти сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеаи сотсиалистӣ пайваст карда мешуд.

Солҳои охир таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба раванди ташаккули шуури ҳуқуқӣ пайваста меафзоид, дар ҳоле ки таҷрибаомӯзон бемантиқ

будани таҳаввулоти танҳо татбиқшавандаи ин соҳаро дарк намуда, зарурати заминаи мустаҳками назариявиро эҳсос мекунанд. Дар назария ва амалияи илмии муосир мафҳуми «шуури ҳуқуқӣ» то ҳол дар соҳаҳои гуногуни илм: ҳуқуқшиносӣ, фалсафа, педагогика истифода мешавад ва ҳар кадоми онҳо онро ба таври худ маънидод мекунанд. Дар фалсафа шуури ҳуқукӣ ҳамчун яке аз шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, дар ҳуқуқшиносӣ ҳамчун маҷмӯи ғояҳо, ҳиссиёт, эҳсосоти одамон нисбат ба ҳуқуқи мавҷуда ва гузашта, дар педагогика бошад ҳамчун асоси тарбияи ҳуқуқӣ мешуморанд.

Дар мақолаи худ мо ба маълумотҳои ҳамаи ин илмҳои номбаршуда такя мекунем, зеро танҳо тасвири бутуни падидаи мазкур метавонад кумак расонад, то аз моҳияти он воқиф шуда, қонуният ва сохтори онро дарк намуд.

Тавре бармеояд, ташаккули шуури ҳуқуқӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ як раванди мураккаби иҷтимоию ҳуқуқӣ мебошад, ки бо рушди технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ва оқибатҳои чунин рушд, аз ҷумла огоҳӣ, дарки меъёрҳои ҳуқуқ ва дигар падидаҳои ба он алоқаманд; ташаккул додани ғояҳо, мафҳумҳо, ғояҳо дар ин замина; ифодаи ҳиссиёт ва эҳсосоти муайяни ҳуқуқӣ, вобастагӣ дорад.

Ҳангоми таҳлили шуури ҳуқуқӣ ҳамчун категорияи махсус дар назарияи давлат ва ҳуқуқ, пеш аз ҳама бояд қайд кард, ки қонун дар бораи категорияҳои ҳуқуқӣ, аз қабили “фарҳанги ҳуқуқӣ”, “шуури ҳуқуқӣ” маводи калони назариявӣ дорад.

Манфиатҳои амалӣ ва аҳамиятнокии шуури ҳуқуқии шаҳрванд ба худ шубҳа намуданро намемонад. Қонун на танҳо ба ҷанбаҳои моддию ҳуқуқии ҳаёти одамон, балки ҳамчун як қисми маънавии ҳаёти шаҳрвандон, ки дар он якхелагӣ (стереотипҳо) ва арзишҳои муайяни рафтор ташаккул меёбанд, таъсир мерасонад.

Бо дарназардошти ҳамаи ин гуфтаҳо, ба назари мо имконпазир аст, ки фарҳанги ҳуқуқиро ҳамчун маҷмӯи дастовардҳои моддӣ ва маънавӣ дар ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва шуури ҳуқуқӣ ҳамчун моликияти муттаҳидкунанда ва фарҳанги ҳуқуқӣ дар як фарди алоҳида муайян кунем. Он қисми таркибии категорияи ҳаёти ҳуқуқӣ буда, асосан арзишҳои мусбии ҳуқуқиро дар бар мегирад. Рафтори ҳуқуқии дастаҷамъона, ки дар фарҳанги ҳуқуқӣ ифода ёфтааст, метавонад ҳангоми ба даст овардани сатҳи муайяни пешрафти иҷтимоӣ пурра зоҳир шавад. Сухан дар бораи чунин ҳолати ҷомеа меравад, вақте ки ниёзҳои мардум ба қадри имкон қонеъ карда мешаванд, ҷузъи маънавии ҳар як фарди алоҳида аз сабаби омилҳои манфии беруна ва дохилӣ (масалан, норозигӣ аз давлат ё ҷанбаҳои алоҳидаи ҳаёт) таъсири бад намегирад.

Наздик ба мафҳумҳои номбаршуда маърифатнокии инсон аст. Фарҳанг, нисбат ба маърифатнокӣ, на танҳо бо дониш, балки бо қобилиятҳои гуногун оид ба истифодаи ин дониш, яъне бо маҳорат ва малакаҳои муайян тавсиф карда мешавад. Ҳамин тариқ, фарҳанги шахсият дар муқоиса бо таҳсилот мафҳуми васеътар аст, ки на танҳо ғояҳо, иттилоот, балки қобилияти шахсро дар истифодаи онҳо дар ҳаёти воқеӣ дар бар мегирад ва бо ёрии онҳо ба идома додани сатҳи таҳсилоти умумӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқии худ ва рушди зеҳнӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин асосҳо ба чунин хулосабарории пешакӣ омадан мумкин аст:

Якум, шуури ҳуқуқӣ ҳамчун шакли мустақили шуури иҷтимоӣ муайян карда мешавад, ки бо шаклҳои ахлоқӣ, динӣ, сиесӣ ва дигар шаклҳои шуур зич алоқаманд аст.Аммо, дар шуури ҳуқуқӣ танҳо падидаҳое инъикос меёбанд, ки ҷанбаи ҳуқуқии ҳаёти ҷомеаро ифода мекунанд.

Дуюм, дар шуури ҳуқуқӣ муносибати субъект ба ҳуқуқ, амалияи ҳуқуқӣ, рафтори (фаъолияти) дигар субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, арзёбии онҳо инъикос карда мешавад. Хусусияти шуури ҳуқуқӣ инчунин дар тарзи инъикоси зуҳуроти ҳуқуқии ҳаёти ҷамъиятӣ ифода ёфтааст. Огоҳӣ аз зуҳуроти ҳуқуқӣ тавассути мафҳумҳо ва категорияҳои махсуси ҳуқуқӣ, аз қабили “қонуният”, “ғайриқонунӣ”, “ҷавобгарии ҳуқуқӣ”, “қонуният” ва ғайра амалӣ карда мешавад.

Сеюм, шуури ҳуқуқӣ ҳамчун мафҳуми ҳамаҷониба ирода, ҳиссиёт, фикрҳо ва тамоми соҳаи таҷрибаи рӯҳонии бешуурро фаро мегирад, дар бораи гузашта, ҳозира ва ояндаи ҳуқуқ фаҳмиш медиҳад. Объекти дониши шуури ҳуқуқӣ ҳуқуқи амалкунанда дар тамоми

зуҳуроти он мебошад. Аммо, дар айни замон, он метавонад арзёбии ҳуқуқи гузаштаро дар бар гирад ё ғояи ҳуқуқи дилхоҳ ва имконпазирро ташаккул диҳад. Ғайр аз он, шуури ҳуқуқиро метавон ҳамчун механизми хоси худтанзимкунии рафтори одамон (фаъолият) баррасӣ кард, ки аз қобилияти равона кардани субъектҳои ҳуқуқ дар ҳолатҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба қабули қарорҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим ва қонунӣ бармеояд.

Ҳамин тариқ, бояд қайд кард, ки имрӯз дар илми ҳуқуқшиносӣ моҳият ва хусусиятҳои асосии категорияи "шуури ҳуқуқӣ" ба таври возеҳ муайян карда шудаанд, аммо яке аз мушкилоти асосии методологии таҳлили он набудани муносибати ягона ба баррасии ин падида боқӣ мемонад.

Ҳамаи ин боиси омезиши мундариҷаи категорияи шуури ҳуқуқӣ бо мафҳумҳое мегардад, ки ҷонибҳо ва унсурҳои гуногуни танзими ҳуқуқиро инъикос мекунанд. Шуури ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳуқуқӣ вуҷуд дорад, аммо дар айни замон онро аз дигар падидаҳои ҳуқуқӣ ба таври возеҳ фарқ кардан мумкин нест.

Ҳамин тариқ, шуури ҳуқуқиро дар заминаи гуфтаҳои боло метавон ҳамчун сатҳи омодагии шаҳрванд муайян кард: 1) содир накардани ҳуқуқвайронкунӣ; 2) риояи меъёрҳои қонунро бошуурона ва манфиатдор ба иҷро расонад; 3) фаъолона мусоидат намудан ба иҷрои ҳадафҳои ислоҳот ва барномаҳои давлатӣ; 4) на танҳо хоҳиши риоя кардани ӯҳдадориҳои иҷрои муқаррароти қонун, ки амалияи ҳуқуқии кори давлат бо одамон самаранок бошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Маводҳои I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД ҶТ (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022). Душанбе, 2022. С. 72-80;

2. Бобоҷонзода И.Ҳ. Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Маводҳои I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД ҶТ (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022). Душанбе, 2022. С. 72-80;

3. Бобоҷонзода И.Ҳ. Правоприменительная практика и механизмы судебной защиты субъективных гражданских прав // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 119-141;

4. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Проблемы правосознания и правовой культуры судей в процессе судебного правоприменения // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 106-118;

5. Бобоҷонзода И.Ҳ., Қодирзода Т.Қ. Понятие правосознание и ее структурные элементы // Правосознание и правовая культура как условие эффективности реализации права: проблемы теории, методологии и практики (монографическое исследование):/И.Х. Бободжонзода, А.Р. Нематов и др. – Душанбе, 2022. – С. 15-26;

6. Бободжонзода И.Х. Гносеологические аспекты судебного правоприменения и его влияние на устойчивость судебных решений и независимость судей. Журнал, Законодательство. Январь-март, 2020, №1 (37). С. 49-56.

7. Бобоҷонзода И.Ҳ.Ҳуқуқ ҳамчун арзиш ва арзишҳо дар ҳуқуқ: ҷанбаи назарӣ ва ҳуқуқӣ. Маводҳои I-умин Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба Рӯзи илми тоҷик дар Академияи ВКД ҶТ (ш. Душанбе, 29 апрели соли 2022). Душанбе, 2022. С. 72-80.

8. Алексеев С.С. Философия права. М. : Норма, 1997.; Кистяковский Б.А. В защиту права//Вехи. М., 1991; Петражицкий Л.И. Теория права и государства в связи с теорией нравственности. СПб., 1907; Соловьев В.С. Философские начала цельного знания //Собр. Соч. Т. 1.

СПб, 1873-1877. С. 250-406; Чичерин Философия права / Чичерин Б. М.: Типо-литогр. Т-ва Кушнеров и К0, 1900.

**Аннотатсия**

**Шуури ҳуқуқӣ: масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ**

Дар мақола сухан дар бораи мафҳум ва хусусиятҳои категорияи “шуури ҳуқуқӣ” меравад. Муаллиф бо омузиши масъалаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ, адабиёти соҳавӣ ва ақидаҳои олимони соҳа фикру андешаҳои худро вобаста ба шуури ҳуқуқии одамон ва махсусан судяҳо ва шахсони дигаре, ки дар фаъолияти худ ба ҳуқуқтатбиққунӣ машғуланд, иброз намудааст. Ӯ қайд менамояд, ки шуури ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои мустақили шуури ҷамъиятӣ буда, он бо шаклҳои ахлоқӣ, динӣ, сиесӣ ва дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ робитаи мустақим дорад ва бо тамоми сифату хусусиятҳое, ки ба шуури ҷамъиятӣ хосанд, дода мешавад. Аммо, дар айни замон, ба фарқ аз дигар шаклҳои шуури ҷамъиятӣ, хусусиятҳои хоси худро дорад, ки аз ҷиҳати мавзуъ ва вазифа хосанд. Ин мавзуи махсуси омӯзиш ва объекти таъсир, ҳуқуқро ҳамчун низоми меъёрҳои ҳуқуқӣ, муносибатҳои ҳуқуқӣ, рафтори ҳуқуқӣ ва дар маҷмӯи низоми ҳуқуқӣ нишон медиҳад. Дар хулоса муаллиф таклифу пешниҳодҳои муфидро манзур намудааст.

**Аннотация**

**Правосознание: теоретико-правовые вопросы**

В статье говорится о понятии и характеристике категории «правовое сознание». Изучая теоретико-правовые вопросы, литературу и мнения ученых, автор высказал свои мысли и мнения, касающиеся правового сознания людей, особенно судей и иных лиц, осуществляющих правоприменительную деятельность. Он отмечает, что правовое сознание является одной из самостоятельных форм общественного сознания, оно имеет прямую связь с нравственными, религиозными, политическими и другими формами общественного сознания, наделено всеми качествами и характеристиками, свойственными общественному сознанию. Однако в то же время, в отличие от других форм общественного сознания, оно имеет свои особенности, специфические с точки зрения предмета и задачи. Этот особый предмет изучения и объект воздействия показывает право как систему правовых норм, правоотношения, правовое поведение и правовую систему в целом. В заключение автор сделал несколько полезных предложений.

**Annotation**

**Legal consciousness: theoretical and legal issues**

The article deals with the concept and characteristics of the category of “legal consciousness”. Studying theoretical and legal issues, literature and opinions of scientists, the author expressed his thoughts and opinions regarding the legal consciousness of people, especially judges and other persons engaged in law enforcement activities. He notes that legal consciousness is one of the independent forms of public consciousness, it has a direct connection with moral, religious, political and other forms of public consciousness, is endowed with all the qualities and characteristics inherent in public consciousness. However, at the same time, unlike other forms of social consciousness, it has its own characteristics, specific in terms of the subject and task. This special subject of study and object of influence shows law as a system of legal norms, legal relations, legal behavior and the legal system as a whole. In conclusion, the author made some useful suggestions.



**УДК: 34.01**
**Матробов Матроб Хурамович,**
*сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: matrob.matrobov@gmail.com*
*Тел.:(+992) 935-32-55-05.*

# МОНИТОРИНГИ ҚОНУНГУЗОРӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ МОНИТОРИНГИ ҲУҚУҚӢ: ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

***Калидвожаҳо:*** *мониторинг; мониторинги ҳуқуқӣ; мониторинги қонунгузорӣ; мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҷамъоварии маълумот; мушоҳида; таҳлил; нақшакашӣ.*

***Ключевые слова:*** *мониторинг; правовой мониторинг; мониторинг законодательства; мониторинг нормативных правовых актов; сбор данных; наблюдение; анализ; планирование.*

***Keywords:*** *monitoring; legal monitoring; legislative monitoring; monitoring of normative legal acts; data collection; observation; analysis; planning.*

Солҳои охир падидаи мониторинг дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа барои ҳалли мушкилоти мухталиф тавассути назорати мунтазам ё даврии субъектони он истифода мешавад. Истилоҳ ва мафҳуми «мониторинг» дар фарҳангнома ва донишномаҳо шарҳ дода шудааст. Дар Луғати Британика мониторинг аз калимаи англисии «monitor» ба маънoҳои тамошо кардан, мушоҳида кардан, гӯш кардан ё тафтиш кардан (чизеро) бо мақсади махсус дар муддати муайян омадаст [18]. Тибқи дигар луғатҳо [15, 320] низ маънoҳои «дастуру маслиҳат додан ё назорату озмоиш кардан»-ро ифода мекунад. Аслан «мониторинг» мафҳуми лотинии «moneo» – «муҷозот», «monitor» – «нозир», «monittium» – «дастур» мебошад. Ҳамаи ин маънoҳоро метавон ҳамчун самтҳои гуногуни як падидаи иҷтимоӣ, яъне вазифаи мониторинг тавсиф кард.

Аз ин рӯ, мониторинг дар амалияи соҳаҳои гуногун ва инчунин самтҳои илмӣ корбурд мешавад. Ба андешаи Т. А. Желдубина мониторинг маъмулан ҳамчун пайгирӣ ва мушоҳидаи мунтазами ҳамагуна раванд, ҷамъоварӣ ва коркарди маълумот дар бораи чизе ва таҳияи тавсияҳо барои ворид кардани ислоҳҳот фаҳмида мешавад. Ҳоло ин мафҳум дар соҳаҳои гуногуни илм, аз ҷумла равоншиносӣ, ҷомеашиносӣ, педагогика, тиб, иқтисод, экология ва ғайра мавриди истифода қарор гирифтааст [9, 34-41].

Ба мониторинг ҳамчуни институти нав дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ низ солҳои охир таваҷҷуҳ дода шуда, он аллакай дар шаклу намудҳо ва унсурҳои гуногун дар дигар кишварҳо ташаккул ёфтааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи мазкур ҳанӯз дар Паёми соли 2009 аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баррасӣ гардида, қайд шуд, ки «... масъалаҳои номувофиқатӣ ва мухолифат дар миёни қонунҳо то ҳанӯз аз байн бурда нашудаанд. Барои бартараф намудани нуқсонҳои асноди қонунгузорӣ ва ба талаботи замон мутобиқ гардонидани онҳо Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» бояд мавриди таҷдиди назар қарор дода шавад. Ҳамчунин барои аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудани қонунҳо, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи онҳо, инчунин мониторинги тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Президент таъсис додани Маркази миллии қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад» [1].

Дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳури Тоҷикистон низ дарҷ гардидааст, ки азбаски таркиби қонунгузорӣ мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошад, дар он мухолифат, номутобиқатӣ ва камбудӣ ҷой дошта метавонанд. Чунин ҳолат метавонад боиси вайрон гардидани танзими банизомдарории ҳуқуқ гардида, фаъолияти муътадили кори низоми ҳуқуқро халалдор сохта, инчунин ба танзими самараноки ҳуқуқӣ, вазъи қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ таъсир расонад [2].

Бинобар ин, мувофиқи банди 6-уми Низомномаи Маркази миллии қонунгузории

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [3] ба дӯши он гузаронидани таҳқиқотҳои илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифодаи қонунгузорӣ гузошта шудааст, ки унсурҳои таркибии мониторинги қонунгузориро ташкил медиҳад.

Мониторинги ҳуқуқӣ ҳамчун унсури ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ маҳсуб ёфта, аз шаклҳои гуногун иборат аст, ки ба онҳо мониторинги қонунгузорӣ, мониторинги қонун ва ғ. дохил мешаванд. Дар мақолаи Н.А. Полшук дарҷ гаридадаст, ки дар радифи мониторинги ҳуқуқӣ, инчунин истилоҳоти «мониторинги қонунгузорӣ», «мониторинги фазои ҳуқуқӣ», «мониторинги соҳаи ҳуқуқӣ», «мониторинги низоми ҳуқуқӣ», «мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «мониторинги қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ», «мониторинги фаъолияти қонунгузорӣ» ва ғайра вуҷуд дорад [10]. Тибқи таснифбандии дигар мониторинги муносибатҳои ҷамъиятӣ, мониторинги ғояҳо, консепсияҳо, мониторинги ғалатҳои ҳуқуқӣ мавҷуд аст [5, 12]. Ба андешаи А.К. Балдин, мафҳуми «мониторинги ҳуқуқӣ» метавонад мафҳумҳои пешниҳодкардаи муаллифони дигар, аз қабили «мониторинги қонунгузорӣ», «мониторинги амалияи татбиқи ҳуқуқ», «мониторинги татбиқи ҳуқуқ», «мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «мониторинги фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ»-ро муттаҳид кунад [7, 41-45].

Мониторинги қонунгузорӣ шакли мониторинги ҳуқуқӣ эътироф мешавад. Бархе аз муаллифон фарқияти мониторинги ҳуқуқӣ ва мониторинги қонунгузориро дар таҳқиқоти худ баён намудаанд. Аз ҷумла, А.А.Невеслов чунин андеша дорад, ки мониторинги ҳуқуқӣ низоми фаъолият оид ба мушоҳида, арзёбии ҳолат ва рушди низоми қонунгузорӣ ва қисмҳои он, ки ифодакунандаи таъсири мутақобилаи усул, роҳ ва равандҳои он буда, хусусиятҳои технологияи татбиқи онро тавсиф мекунанд [11, 8]. С.А. Варкова истилоҳи «мониторинги қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ»-ро истифода карда, онро ба шумори категорияҳои илмии ҳуқуқӣ дохил мекунад, ки татбиқи амалии онҳо ниҳоят гуногунҷанба аст: он ҳам марҳилаи ибтидоии раванди қонунгузорӣ мебошад, ки имкон медиҳад зарурати танзими ҳуқуқии соҳаи муайян ва муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда шаванд ва ҳам воситаи баҳодиҳии самаранокии ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқ; воситаи ошкор намудани вайронкуниҳои қонун ба ҳисоб меравад [8]. Ю.Я. Чайка мониторинги қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқро ҳамчун фаъолияти мунтазами мақомоти давлатӣ оид ба таҳлили ҳолат ва пешгӯии рушди қонунгузорӣ, инчунин амалияи татбиқи он дар сатҳҳои гуногуни танзими ҳуқуқӣ муайян кардааст [17, 5-10]. В.Л. Негробов мониторинги қонунгузориро фаъолияти мунтазам барои ҷамъоварии доимии маълумот дар бораи қонунгузории амалкунанда аз рӯи нишондиҳандаҳои қаблан муайяншуда ва омӯзиши он бо истифода аз усулҳои гуногуни донишҳои илмӣ, инчунин баҳодиҳии ҳам худи иттилоот ва ҳам дар асоси он хулосаҳои додашуда доир ба ҳолат ва рушди қонунгузорӣ (ё бахши он) зери таъсироти омилҳои гуногун тавзеҳ медиҳад [12, 6-7].

Бархе аз муаллифон мониторинги қонунгузориро «мониторинги санадҳои меъёрӣ» низ меноманд. Дигар муаллифон байни мафҳумҳои «мониторинги қонугузорӣ» ва «мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» фарқ мегузоранд. Ба андешаи Ю.Г. Арзамасов, Я.Е.Наконечний, мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун низоми аз ҷиҳати илмӣ ва методологӣ асоснок барои баҳодиҳии ҳамаҷонибаи шаклҳо, мазмун ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда фаҳмида мешавад, ки дар худ мушоҳида вобаста ба намудҳои гуногуни иттилоотро дошта, дар шаклҳои равандҳои ҳуқуқӣ (меъёрӣ, тадбиқӣ, назоратӣ), таҳлил, тренингҳо, пешгӯиҳо ва дигар вазифаҳо бо мақсади баланд бардоштани самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба даст оварда мешаванд [5, 10].

Яке аз унсурҳои гузаронидани мониторнги қонунгузориро пешгӯӣ ва таҳлили илмӣ ташкил медиҳад. Пешгӯии илман асоснок зимни тағйироту иловаҳои дахлдор ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ зарур буда, дар асоси усулҳои зер анҷом дода мешавад: ҷамъоварии маълумот, мушоҳида, таҳлили ҳаматарафа, нақшакашӣ.

Пешгӯии ҳуқуқӣ ҳамчун пешгӯии вазъи низоми ҳуқуқии кишвар дар оянда, баҳисобгирии имконпазири оқибатҳо ва хатарҳо (ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, молиявӣ,

сиёсӣ, экологӣ ва ғ.) қабул, тағйир додан ва бекор кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ бештар ба натиҷаҳои мониторинги хуқуқӣ асос меёбад. Агар мониторинг норасоиҳои танзими ҳуқуқии амалкунандаро ошкор созад, пас дурнамо гунаҳои алтернативии бартараф намудани онҳоро пешниҳод менамояд [14, 3-4]. Натиҷаҳои мониторинг ва пешгӯӣ ҳангоми банақшагирии (махсусан дарозмуддат) фаъолияти қонунэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шаванд [4, 41-50].

Дар баробари таҳлил ва пешгӯии сифати қонунҳо муҳимтарин хусусияти мониторинги қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ ин таҳлили воқеии вазъи ҳаёти инсон, фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, хусусиятҳое мебошанд, ки бештар моҳияти байнипредметӣ ва мақсадҳои ниҳоӣ дошта, танҳо тавассути танзими ҳуқуқии комплексӣ сурат мегиранд [10, 11].

Ба андешаи Ш. Файзиев мушоҳида, таҳлили амалишавии қонунҳо ва хулосабарориҳо ҷузъи ҷудонашавандаи мониторинги қонунгузорӣ мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ ба баланд бардоштани сифат ва самаранокии қонунгузорӣ, таъмини робитаи мутақобила, ҳамаҷониба ва мувофиқати меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ нигаронида шудааст [16].

Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун фаъолияти мунтазамаи мақомоти ваколатдор вазифаҳои мушаххас дорад. Тавассути мониторинги қонунгузорӣ метавон таҳлил ва арзёбии самаранокии татбиқи қонунгузорӣ, инчунин дурнамои онро муайян кард. Дар раванди қонунэҷодкунӣ он марҳилаҳои таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва татбиқи онҳоро фаро гирифта, ба назорати доимии сатҳи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таҳияи усулу воситаҳои натиҷабахши баҳодиҳӣ ва дар амал татбиқ намудани онҳо хизмат мекунад. Ба воситаи ин механизм номувофиқатӣ, зиддиятҳо, омилҳои коррупсионӣ, такрорёбии меъёрҳои дар қонунгузорӣ ошкор ва бартараф карда мешаванд. Дар амалия вазифаҳои асосии мониторинги қонунгузорӣ аз инҳо иборат аст:

- муайян кардани ҳолати кунунии қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- вазъи тағйиру иловаҳо ва амалишаваи онҳо;
- дастрасии мақомоти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон ба қонунҳо;
- муайян кардани сатҳи маърифат ва огаҳии аҳолӣ аз мавҷудияти қонунҳо;
- муқаррар кардани мушкилоту норасоиҳо дар қонунҳо;
- ба роҳ мондани пурсишҳо бо аҳолӣ, мақомоти давлативу ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои байналмилалӣ;
- ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, таклифу пешниҳодоти субъектони ҳуқуқ вобаста ба такмил ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Мониторинги қонунгузорӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати қонунҳои қабулшуда, дар асоси низоми фаъолияти қонунгузорӣ ва ҳуқуқтатбиққунӣ такмил додани қарорҳои давлат-сиёсӣ ва ниҳоят риояву ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд корбурд мешавад. Вазифаҳои мониторинги қонунгузорӣ пурра бо мақсад ва моҳияти он ҳамчун воситаи татбиқи сиёсати нави афзалиятноки давлат – баланд бардоштани сифат ва таъсири қонунгузорӣ муҳимтарин нишондиҳандаи рушди давлат дар баробари нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, беҳбудии шаҳрвандон ва амнияти миллӣ мувофиқ мебошад [10, 5].

Ҳамин тариқ, мониторинги қонунгузорӣ низоми фаъолияти мунтазам оид ба ҷамъоварии доимии маълумот, мушоҳида, таҳлил, баҳодиҳӣ ва арзёбии ҳолат ва рушди низоми қонунгузорӣ мебошад. Мониторинги қонунгузорӣ воситаи муҳими такмили қонун буда, ҷузъи мониторинги ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқӣ мебошад ва дар адабиёти ҳуқуқӣ инчунин муродифи он «мониторинги санадҳои ҳуқуқӣ» низ истифода мешавад. Бо такя ба усул, унсурҳо ва механизми муайян мониторинги қонунгузорӣ ба роҳ монда шуда, дар натиҷаи гузаронидани он як қатор масъалаҳо, аз ҷумла, такмили қонунгузорӣ, вазъи қонунҳо, рушди маърифати ҳуқуқии омма, ҷамъоварии маълумот, пешниҳоду хулосаҳо вобаста ба дилхоҳ муносибати ҳуқуқӣ баррасӣ мегардад. Барои беҳатар кардани мазмуну моҳияти қонунгузорӣ ва аҳаммияти амалии истифодаи он бояд ҷанбаҳои илмӣ ва амалии он дар асоси маводи мавҷуда ва таҷрибаи давлатҳои дигар мавриди омӯзиш қарор дода шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25.04.2008. Захираи электронӣ: http://president.tj/node/195 (Санаи дастрасӣ: 19.01.2023)
2. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Захираи электронӣ: // http://mmk.tj (Санаи дастрасӣ: 14.02.2023)
3. Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, № 288 тасдиқ шудааст, бо тағйиру иловаҳо аз 13.01.2017, № 813. Захираи электронӣ: // http://mmk.tj (Санаи дастрасӣ: 30.03.2023)
4. Абрамова А.И. Актуальные проблемы планирования законодательной деятельности // Журнал российского права. 2012. № 3. – С. 41–50.
5. Арзамасов Ю. Г., Наконечный Я. Е. Концепция мониторинга нормативных правовых актов. М.: Юрлитинформ, 2011. – 208 с.
6. Арзамасов Ю.Г., Наконечный Я.Е. Мониторинг в правотворчестве: теория и методология. М., 2013.
7. Балдин А.К. Антикоррупционная экспертиза и мониторинг правоприменения как два институциональных элемента системы профилактики коррупции: соотношение и взаимное влияние // Право и государство: теория и практика. – 2012. – №5. – С. 41–45.
8. Варкова С.А. Мониторинг законодательства и правоприменительной практики (теоретико-правовое исследование): авторф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2013.
9. Желдыбина Т.А. О значении мониторинга как самостоятельного правового института // Актуальные проблемы российского права. № 1 (62) январь. – Саратов, 2016. – С. 34-41.
10. Миронов С. Теория и практика мониторинга правового проснтранства и правоприменительной практики: итоги и престпективы // Вестник Совет Федерациии. – № 4-5, М., 2006. – С. 4-13.
11. Невеселов А. А. Правовой мониторинг и государственная политика: теоретико-правовые основы взаимодействия: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Ростов н/Д, 2009. – 23 с.
12. Негробов В. Л. Мониторинг российского законодательства как элемент правовой политики: общетеоретический аспект: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Владимир, 2008. – 26 с.
13. Полящук Н. А., Роль правового мониторинга в совершенствовании законодательства // Научно-практический центр проблем укрепления законности и правопорядка Генеральной прокуратуры Республики Беларусь. Минск., 2019. – 322 с.
14. Радченко В.И., Иванюк О.А., Плюгина И.В., Цирин А.М., Чернобель Г.Т. Практические аспекты прогнозирования законодательства и эффективности применения прогнозируемых норм // Журнал российского права. 2008. № 8. – С. 3–14.
15. Словарь иностранных слов. М., 1988.
16. Файзиев Ш.Ҳ. Қонун ижодкорлиги жараёнини такомиллаштириш: миллий ва хорижий тажриба. Монография. – Ӯзбекистон Республикаси Адлия вазирлиги. – Тошкент: Адолат, 2020.
17. Чайка Ю. Я. Мониторинг законодательства и правоприменительной практики // Бюллетень Министерства юстиции РФ. 2005. – № 8. – С. 5–10.
18. The Britannica Dictionary. https://www.britannica.com/dictionary/monitor (Санаи дастрасӣ: 17.11.2022).

**Аннотатсия**

**Мониторинги қонунгузорӣ ҳамчун шакли мониторинги ҳуқуқӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ**

Дар мақола истилоҳ ва мафҳумҳои мониторинг, мониторинги ҳуқуқӣ ва мониторинги қонунгузорӣ баррасӣ шуда, алоқамандии онҳо бо ҳам нишон дода шудааст. Ба ақидаи муаллиф мониторинги қонунгузорӣ яке аз намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ ва ҷузъи техникаи ҳуқуқӣ ба

ҳисоб рафта, ин технология дар амалия барои таҳияву қабули қонунҳо, муайян кардани ҳолати кунунии қонунҳо, ҳамчунин дурнамо ва такмили қонугузорӣ истифода мешавад. Дар мақола инчунин масъалаҳо роҷеъ ба намудҳои мониторинги ҳуқуқӣ, унсур, вазифа ва мақсадҳои мониторинги қонунгузорӣ таҳлил гардидаанд.

**Аннотация**

**Мониторинг законодательства как форма правового мониторинга: теоретические и практические аспекты**

В статье рассматриваются термины и понятия мониторинга, правового мониторинга и мониторинга законодательства, а также выявляется их взаимосвязь. По мнению автора, мониторинг законодательства является одним из видов правового мониторинга и частью юридической техники, эта технология используется на практике для разработки и принятия законов, определения текущего состояния законов, а также перспектив и совершенствования законодательства. Также в статье анализируются вопросы, связанные с видами правового мониторинга, элементами, задачами и целями мониторинга законодательства.

**Annotation**

**Legislation monitoring as a form of legal monitoring: theoretical and practical aspects**

The article discusses the terms and concepts of monitoring, legal monitoring and legislation monitoring, and shows their interconnection. According to the author, legislatiion monitoring is one of the types of legal monitoring and part of the legal technique, this technology is used in practice for drafting and adopting laws, determining the current state of laws, as well as prospects and improvement of legislation. The article also analyzes issues related to the types of legal monitoring, elements, tasks and purposes of legislation monitoring.



**УДК: 340.115**

**Акбарализода Джасур Акбарали,**
*начальник сектора анализа регуляторного воздействия Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: jasurbek_e@mail.ru*
*Тел.: (+992) 926-60-09-74.*

# ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ АНАЛИЗА РЕГУЛЯТОРНОГО ВОЗДЕЙСТВИЯ

***Калидвожаҳо:*** *таҳлили таъсири танзимкунӣ; таҳлил; мафҳум; моҳият; фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; марҳилаҳо; машварати оммавӣ.*

***Ключевые слова:*** *анализ регуляторного воздействия; анализ; понятие; сущность; правотворческая деятельность; нормативные правовые акты; этапы; публичные обсуждения.*

***Keywords:*** *regulatory impact analysis; analysis; concept; essence; law-making activity; normative legal acts; stages; public discussions.*

Необходимость развития правотворческой деятельности в Республике Таджикистан, подтверждают различные исследования в данной области. Так, на основе проведенного анализа изменений национального законодательства, можно сделать вывод об общем увеличении новых нормативных правовых актов. Причем, тенденция на увлечение нормативных правовых актов, характерен для всех отраслей права.

Подобная динамика говорит об увеличивающейся массе нормативного регулирования, что, безусловно, не может положительно влиять на регулирование социальных отношений. Излишняя зарегулированность всегда приводит к проблемам в правоприменительной практике. Обычный гражданин, предприниматель, любой представитель общества, не являющийся профессиональным юристом, сталкивается с серьезными проблемами в применении излишне нагруженных и сложных правовых норм [1]. Подобная ситуация приводит к подрыву доверия к органам государственной власти, что несомненно негативно сказывается на общем уровне взаимодействия общества и государства.

Повышение прозрачности правового регулирования, отсутствие коллизий и интуитивно понятное законодательство – это основа высокого уровня соблюдения норм права и повышения общего уровня восприятия качества работы государственных органов со стороны общества в целом.

Одной из проблем, связанных с нестабильностью законодательства, по мнению экспертов, является в целом невысокое качество принимаемых законов, а также скорость их разработки и принятия, которая определяется стремлением чиновников отчитаться о быстром выполнении поставленных задач [2].

Принятие законов невысокого уровня влечет за собой принятие поправок к ним и рост подзаконных нормативных правовых актов, что еще больше снижает качество правового регулирования. Нередки и ситуации, когда нормативный правовой акт принимается, неоднократно изменяется, а впоследствии отменяется. Таким образом, для решения вышеуказанных проблем было необходимо внедрение института анализа регуляторного воздействия.

В науке и международной практике предлагаются различные определения «анализа регуляторного воздействия» (далее – АРВ). Имея непродолжительную историю развития (около 30, а в некоторых странах менее 15 лет, а в Республике Таджикистан всего 5 лет), появление АРВ, а также методологических подходов к ней, было продиктовано, прежде всего, практикой. В связи с этим, определение АРВ в различных источниках дается, прежде всего, через непосредственно саму технологию

или процесс, лежащие в основе данного анализа.

АРВ признана большинством развитых стран в качестве ключевого инструмента для повышения качества принятия регулирующих решений.

Конечной целью АРВ является повышение качества регулирования. Обширная литература по этой теме показывает, что с чисто концептуальной точки зрения не существует общего определения АРВ. Под ним понимается административное обязательство или инструмент анализа государственной политики для определения затрат на регулирование определенных секторов бизнеса.

На первый взгляд непросто определить, что стоит за понятием анализа регуляторного воздействия, поскольку оно является западным изобретением.

В соответствии с восемнадцатым абзацем статьи 2 Закона Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах», анализ регуляторного воздействия – принятие нормативного правового акта на основе реальных доказательств определения положительных и отрицательных социально-экономических последствий, с учетом обеспечения соблюдения прав и свобод человека, интересов предпринимателей и государства [3].

А как отмечается в Концепции системы анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, принятой постановлением Правительства Республики Таджикистан от 18 ноября 2015 года, №673, анализ регуляторного воздействия – метод принятия решений, основанный на фактических доказательствах, используемый при принятии регулятивных решений [4].

Главная цель проведения АРВ предусмотрена в Инструкции по проведению анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, принятой постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 июля 2018 года, №355, согласно которой, целью анализа регуляторного воздействия проектов нормативных правовых актов является определение и оценка возможных положительных и отрицательных социально-экономических последствий принятия проектов нормативных правовых актов на основе анализа проблем, целей их регулирования и способов их решения, а также выявление в проектах нормативных правовых актов положений, вводящих избыточные обязанности, запреты и ограничения, способствующих введению положений, способствующих возникновению необоснованных расходов физических и юридических лиц в сфере предпринимательской деятельности, а также бюджетной системе Республики Таджикистан [5].

Таким образом, целью АРВ является повышение действенности и эффективности государственной политики в части использования конкретных регуляторных инструментов через анализ альтернативных подходов регулирования для достижения определенных целей или решения четко определенных проблем.

Для более подробного изучения сущности анализа регуляторного воздействия, необходимо провести семантический анализ англоязычной версии его названия Regulatory Impact Assessment (или Regulation Impact Assessment), с помощью которого можно выявить три независимые и в то же время дополняющие друг друга части:

- «regulatory», что в переводе означает «властный», «управляющий» – главным здесь является «власть». Прежде всего, это слово употребляется в отношении государства, как носителя власти.

- «impact», или в переводе «толчок», «импульс», «воздействие», «влияние» – акцент здесь делается именно на следствие в результате какого-то внешнего действия, в этом случае подразумевается воздействия регулятора, то есть власти.

- «assessment», что в переводе означает «оценка», «определение ценности», «определение стоимости», что может означать некое суждение об изучаемом объекте, выраженное в конкретных измеримых показателях. Синонимичным по семантике является другое английское слово «evaluation» («оценка», «оценивание»), в корне которого присутствует value, что, прежде всего,

относится к оценке, выраженной в денежных единицах [6].

Стоит отметить, что в Республике Таджикистан данный институт называется не оценка регуляторного воздействия, а анализ регуляторного воздействия, так как для оценки сначала необходимо провести анализ.

Обобщая, можно определить АРВ как количественное, либо качественное выражение воздействия решений, принимаемых государством, на объект приложения этого воздействия.

Принимая во внимание, что решения государства не обязательно могут принимать форму конкретных регулирующих актов, то, обратившись к определению АРВ, закрепленном в официальных документах в Великобритании, выяснится, что:

«Анализ воздействия представляет собой:

- непрерывный процесс, соответствующий циклу оценивания программ и политик, помогающий лицам, ответственным за разработку политики в той или иной сфере, выявлять причины государственного вмешательства в экономику, взвешивать различные альтернативы достижения цели регулирования и понимать последствия предполагаемого вмешательства,

- а также инструмент, используемый лицами, принимающими решения, для выявления и представления возможных эффектов предлагаемого государственного вмешательства, оказывающего воздействие на общество, частный сектор или организации гражданского общества, в терминах издержек и выгод (в монетизированном виде на столько, на сколько это возможно), а также связанных с ним рисков» [7].

Исходя из вышеуказанного определения, выясняется, что анализируется воздействие не только на объект приложения воздействия, но и на другие объекты, поведение которых в той или иной степени может измениться в результате принятия регулирующими органами решения, которое изначально на них даже не было направлено.

Таким образом, одна из основных задач, которые стоят перед АРВ, – это устранение избыточного административного регулирования, а также создание работающего механизма отсева непродуктивных, вводящих излишние ограничения нормативных правовых актов уже на этапе их принятия для создания максимальных условий наиболее эффективного регулирования [8].

Одной из особенностей применения института АРВ в странах с давней историей его использования является отсутствие единой модели внедрения данного института в правовое пространство государства и внедрение АРВ в каждом отдельном государстве в соответствии с его политическими, экономическими и культурными особенностями.

Данный механизм может быть направлен на регуляторную политику в области ведения бизнеса или регулирования окружающей среды, а также в ряде других направлений, где для повышения качества государственного регулирования необходима общественная оценка.

Тем самым, активное внедрение и развитие института АРВ в западных странах отражает общую тенденцию развития так называемого умного регулирования, при котором центральной идеей является принцип, согласно которому регулирование всегда может проходить еще лучше.

АРВ в Республике Таджикистан проводится органами, которые разработали проект нормативного правового акта. Однако, необходимо учитывать опыт Республики Казахстан, согласно которому уполномоченный орган тоже может проводить АРВ, что должно найти свое отражение в законодательстве. Другими словами, уполномоченный орган должен рассматривать результаты анализа регуляторного воздействия и дать заключение о соблюдении разработчиком установленных процедур, а в случае необходимости, что немаловажно должен проводить альтернативный анализ регуляторного воздействия» (например, в случае несогласия с выводами АРВ проведенного разработчиками). Тем, чтобы регуляторный инструмент, в зависимости от результатов АРВ, мог быть отменен или пересмотрен.

Вместе с тем, АРВ в первую очередь, предполагает получение обратной связи от представителей бизнеса, а также экспертов из разных областей экономики, права и науки на

стадии разработки нормативных актов для более точного определения возможных рисков и негативных эффектов от нового регулирования. Проект нормативного акта размещается на Информационном правовом интернет-портале Республики Таджикистан, где заинтересованные лица могут обозначить свою позицию в отношении данного проекта и внести предложения по его доработке.

Для правильного проведения АРВ, необходимо изучить и обратить внимание на ключевые элементы АРВ, с помощью которых выявляется его сущность:

1. Описание или определение проблемы. Этот этап является предварительным этапом АРВ: определение проблемы регулирования или политики. Проблемы обычно подпадают под 2 категории: неэффективность регулирования и появление новых целей или задач политики. Данная информация, как правило, касается существующей общественной ситуации, которую необходимо устранить, исправить или поддержать. В этом этапе должны быть решены следующие вопросы: На решение какой проблемы направлено регулирование? Каковы риски, связанные с текущей ситуацией? Что произойдет, если никаких действий не будет предпринято?

2. Определение различных вариантов регулирования. На этом этапе потребность в регулятивном вмешательстве, выявленная на 1этапе, должна быть переведена в конкретные варианты регулирования, что подразумевает решение следующих вопросов: Каковы основные цели регулирования, как они связаны с имеющимися проблемами? Существует ли какое-нибудь регулирование в данной сфере? Если оно неэффективно, то почему?

3. Сбор данных. Этот этап имеет решающее значение, и средства для его достижения разнообразны и сильно различаются в разных странах. Соответствующие данные для АРВ собираются в ходе публичных консультаций, телефонных и личных интервью, бумажных анкет, онлайн-опросов, фокус-групп и т. д. В процессе этого этапа должны быть решены следующие вопросы: С какими заинтересованными сторонами были проведены консультации? Каковы результаты консультаций?

4. Анализ альтернативных вариантов. Центральная фаза АРВ в большинстве случаев приводит к анализу затрат и результатов, Анализируемые варианты должны рассматриваться за исключением принятия регулятивных инструментов, то есть какие шаги или мероприятия были выполнены без принятия нормативного правового акта.

5. Определение предпочтительных вариантов регулирования. Как только различные варианты определены и тщательно изучены (обычно путем сравнения затрат и выгод), сравнение различных оценок приведет к выявлению наиболее эффективного варианта. На этом этапе должны быть решены следующие вопросы: Каков окончательный выбор среди возможных вариантов? Почему не выбран менее масштабный по вмешательству вариант? Каковы необходимые организационные и иные меры, позволяющие максимизировать позитивные и минимизировать негативные последствия применения соответствующей опции?

6. Сообщение результатов проведенного АРВ. После принятия во внимание политиками передовой опыт предполагает публикацию результатов АРВ (то есть со стороны уполномоченного органа по АРВ опубликования заключения по АРВ). Это позволяет осуществлять дальнейший обмен информацией с заинтересованными сторонами и повышает общую прозрачность процесса регулирования.

Таким образом, через данные этапы выявляется особенности АРВ как одного из видов правовой научной экспертизы с тем, чтобы принимаемый нормативный правовой акт был всестороннее обоснован.

Правовая основа системы АРВ является хорошим показателем, позволяющим понять, насколько хорошо система анализа регуляторного воздействия может быть реализована. АРВ в других опирается на различные правовые источники, такие как закон, указ президента, постановление кабинета министров, распоряжение премьер-министра и т.д. Считается, что чем выше источник АРВ, тем эффективнее его реализация. Однако реализация также зависит от исторического фона, общей административной политики и т.д. В

Республике Таджикистан правовую основу АРВ составляет Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» и Инструкция по проведению анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, принятая постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 июля 2018 года, №355 [10].

Стоит отметить, что согласно статье 34 вышеуказанного Закона, инициативы члена Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан и депутата Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, Президента Республики Таджикистан, Правительства Республики Таджикистан, министерств, государственных комитетов, органов при Президенте Республики Таджикистан, органов при Правительстве Республики Таджикистан, Национального банка Таджикистана и Агентства по ядерной и радиационной безопасности Академии наук Республики Таджикистан и местных исполнительных органов государственной власти по разработке проектов нормативных правовых актов, имеющих потенциальное воздействие на предпринимательскую деятельность, должны проходить процедуру анализа регуляторного воздействия [4].

Таким образом, в итоге хотелось бы отметить АРВ предполагает определение проблемы, на которую направлено регулирование, цели регулирования, идентификации различных вариантов, которые позволяют достигнуть поставленной цели, сравнение этих вариантов и выбор наилучшего из доступных. Неотъемлемым элементом АРВ является проведение публичных консультаций с заинтересованными сторонами, что позволяет более точно выявить возможные положительные и отрицательные эффекты от введения регулирования [11], тем самым снижая издержки для субъектов предпринимательской деятельности, других заинтересованных лиц по выполнению установленных требований; обеспечивая экономию бюджетных средств; снижая риски возникновения коррупции; улучшая деловой климат и повышая инвестиционную привлекательность страны и региона; повышая доверие граждан и бизнеса к принимаемым государством решениям.

Хотя, не существует единого определения АРВ, ни теоретического, ни практического, но, тем не менее, как в литературе, так и на практике существует единодушное мнение о важности АРВ как неотъемлемого инструмента разработки государственной политики. Все страны, имеющие хорошо функционирующие и эффективные структуры АРВ, использовали анализ воздействия для укрепления существующих процессов принятия решений, а не для их замены.

**Список литературы:**


1. Голодникова, А.Е. Регуляторная политика в России: основные тенденции и архитектура будущего / А.Е. Голодникова, А.А. Ефремов, Д.В. Соболь, Д.Б. Цыганков, М.С. Шклярук ; под ред. М.О. Комина. – М.: Центр стратегических разработок, 2018. – 193 С.
2. Ткаченко, Н. Статистический анализ федерального законодательства / Н. Ткаченко. – М.: Центр стратегических разработок, 2017. – 57 С.
3. Концепция системы анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 18 ноября 2015 года, №673 [Электронный ресурс] // Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: mmk.tj. (дата обращения: 4 января 2023 года).
4. Закон Республики Таджикистан «О нормативных правовых актах» от 30 мая 2017 года, № 1414 [Электронный ресурс] // Официальный сайт Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: mmk.tj. (дата обращения: 12 января 2023 года).
5. Инструкция о проведении анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан, утвержденная постановлением Правительства Республики Таджикистан от 31 июля 2018 года, № 355. [Электронный ресурс] // Официальный сайт Национального центра

законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Режим доступа: mmk.tj. (дата обращения: 20 января 2023 года).

6. Ogus A. Regulatory Appraisal: A Neglected Opportunity For Law And Economics. European Journal of Law and Economics. – P.53-68.

7. HM Government Impact Assessment Guidance. When to do an Impact Assessment. August 2011. URL: http://www.bis.gov.uk/assets/biscore/better-regulation/docs/i/11-1111-impact-assessment-guidance.pdf

8. Колегов В.В. Совершенствование системы оценки регулирующего воздействия в государственном управлении на региональном уровне: дис. ... к.э.н.: Спец: 08.00.05 / В.В. Колегов. – Москва, 2006. – С. 218

9. Jacobs, Scott H. An overview of regulatory impact analysis in OECD countries // Regulatory impact analysis: best practices in OECD countries. – Paris, OECD publications, 1997. – С. 13-30

10. Саидзода И.Х., Мирзоева Н.Н. Применение анализа регуляторного воздействия в Республике Таджикистан // Законодательство. – № 2. – 2018. – С. 43-46

11. Tsygankov D.B. Regulatory impact assessment in Russia, in: Regulatory Reforms – Implementation and Compliance: Proceedings of the Tenth Congress of the International Association of Legislation (IAL) in Veliky Novgorod, June 28–29 th , 2012 / Ed. by C.B. Кабышев, L. Mader. Vol. 17. Baden-Baden: Nomos, 2014. P. 249–267.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва моҳияти таҳлили таъсири танзимкунӣ**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва моҳияти падидаи таҳлили таъсири танзимкунӣ бо дарназардошти қонунгузории миллӣ ва назарияи илмӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Азбаски падидаи мазкур аз давлатҳои ғарб сарчашма мегирад, муаллиф мафҳуми онро тибқи қонунгузории кишварҳои ғарб мавриди таҳлил қарор додаанд. Ҳамчунин, дар асоси омӯзиши меъёрхое, ки дар асоси онҳо таҳлили таъсири танзимкунӣ гузаронида мешавад, моҳияти он муайян карда мешавад.

**Аннотация**

**Понятие и сущность анализа регуляторного воздействия**

В данной статье рассматриваются понятие и особенности института анализа регуляторного воздействия с учетом национального законодательства и научных теорий в данной области. Так как данный институт берет свое начало из западных стран, то и автором проанализировано определение анализа регуляторного воздействия согласно законодательству западных стран. А также на основе изучения критерий на основе которых проводится анализ регуляторного воздействия выявляется его сущность.

**Annotation**

**The concept and essence of regulatory impact analysis**

The concept and features of the institution of regulatory impact analysis, taking into account national legislation and scientific theories in this area are discusses this article. Since this institution originates from Western countries, the author also analyzed the definition of regulatory impact analysis in accordance with the legislation of western countries. And also on the basis of the study of the criteria on the basis of which the analysis of the regulatory impact is carried out, its essence is revealed.

## 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)



**УДК: 342.417**
**Полтавец Алексей Витальевич,**
*старший преподаватель кафедры международного права и сравнительного правоведения юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: alex-city@inbox.ru*
*Тел.: (+992) 918-53-41-71.*

# ПОНЯТИЕ И СОДЕРЖАНИЕ КОНСТИТУЦИОННЫХ ОСНОВ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ПРАВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; давлат; қонун; экология; амнияти экологӣ; ҳифзи табиат; муҳити зист.*
***Ключевые слова:*** *Конституция; государство; закон; экология; экологическая безопасность; охрана природы; окружающая среда.*
***Keywords:*** *Constitution; state; law; ecology; ecological security; nature protection; environment.*

Конституция государства обычно рассматривается как особый закон, который обладает уникальными характеристиками, отличающими его от других законов, принятых в государстве. Его основная функция состоит в том, чтобы служить основным законом государства, устанавливающим и регулирующим основные принципы социальных отношений, составляющих «решающие основы существования общества и государства» [1, с.31].

Конституция Республики Таджикистан обладает правовой характеристикой основного закона государства, несмотря на отсутствие прямого указания на этот счет в Конституции Республики Таджикистан 1994 года. Конституция Таджикистана устанавливает и регулирует различные общественные отношения, в том числе основные принципы экологических отношений. Кроме того, Конституция закрепляет существующие общественные отношения и направлена на развитие или даже создание новых, что имеет программное значение. Как таковые, эти принципы имеют обязательную юридическую силу и требуют кодификации и развития в законодательстве.

Конституция Таджикистана впервые на конституционном уровне косвенно закрепляет право на благоприятную окружающую среду, подчеркивая важность надлежащего качества окружающей среды. Как основной закон государства Конституция играет важнейшую роль в регулировании экологических отношений и служит правовой основой создания, развития и совершенствования экологического законодательства. Более того, конституционные положения необходимы для становления и развития экологического права как отдельной отрасли права, очерчивая круг общественных отношений, входящих в его компетенцию, и устанавливая основы этих отношений.
Учредительный характер конституционных положений обусловлен тем, что Конституция возникает в результате значительных изменений в жизни общества и становится политико-правовой основой его развития на следующем историческом этапе. Организационный характер Конституции заключается в ее способности не только отражать достигнутое, но и ставить перед обществом и государством новые задачи, стимулировать политическую активность, побуждая государственные органы и

общественные объединения, а также всех граждан работать в соответствии с основным законом. Как основной закон государства Конституция Республики Таджикистан имеет высшую юридическую силу и занимает верховное положение в иерархической пирамиде нормативных правовых актов.

Следовательно, любое природоохранное законодательство не должно противоречить Конституции. При этом экологические нормы, как и все конституционные нормы, имеют прямое действие и распространяются на всю территорию Республики Таджикистан. Конституционные основы любого явления, закрепленные в Основном законе, в первую очередь составляют конституционные нормы, посвященные этому явлению. Нормы, содержащиеся в Конституции, могут считаться основополагающими положениями регулирования той или иной сферы общественных отношений [2, с.20].

Конституция Республики Таджикистан, как и предыдущие советские конституции, содержит основные принципы и нормы, регулирующие различные общественные и политические явления.

В первом разделе Конституции четко очерчены «Основы конституционного строя», которые устанавливают основные принципы и исходную структуру общества и государства. Под конституционными основами понимаются нормы, непосредственно регулирующие основные принципы, устои и основы общественного строя и конкретных общественных отношений.

Таким образом, конституционные нормы, регулирующие основы общественных экологических отношений, можно рассматривать как конституционные основы экологического права – отрасли права, регулирующей взаимодействие человека и окружающей среды.

Однако определение и сфера действия экологического права остаются предметом споров и двусмысленности в юридической литературе, при этом нет единого мнения по его предмету или даже его названию. Одни ученые именуют его «экологическим правом» (А.К. Голиченков, О.С. Колбасов, В.В. Петров, А.С. Шестерюк), другие отдают предпочтение такому термину как «право окружающей среды» (М.М. Бринчук, А.С. Тимошенко, Ю.С. Шемшученко). М.М. Бринчук использует в своем учебнике оба термина, но в конечном итоге предпочитает «экологическое право» «праву на окружающую среду» [3, с.94].

Напротив, А.С. Тимошенко [4, с.47] и Ю.С. Шемшученко [5, с.64] защищает последний термин, утверждая, что название отрасли должно происходить от научной дисциплины экологии. Тем не менее, концепция экологии имеет более широкое применение, чем просто научная дисциплина, и в настоящее время она воспринимается как часть человеческой жизни, а не просто как отрасль биологической науки [6, с.62-67].

Термин «экология» развился, чтобы охватить более широкий спектр, чем просто отрасль биологической науки, что сделало его неотъемлемой частью человеческой жизни. Следовательно, экология в настоящее время выступает в качестве предметной области экологического права. Таким образом, название «экологическое право» гармонирует с этой предметной областью, и ему следует отдавать предпочтение в качестве названия отрасли в соответствии с позицией многих ученых.

Конституция Республики Таджикистан признает «охрану природы», «охрану окружающей среды», «природные ресурсы», «оздоровлению окружающей среды» и их взаимосвязь в своем тексте. Это устанавливает наличие экологической политики, проведение которой возложено на правительство. Экологическая политика определяется как «набор принципов, правил и действий, принятых правительством для управления и охраны окружающей среды и природных ресурсов в пределах его юрисдикции».

Он включает в себя различные виды деятельности, в том числе создание правовой базы, разработку экологических стандартов и правил, обеспечение соблюдения природоохранного законодательства, мониторинг состояния окружающей среды, содействие устойчивому использованию ресурсов и поощрение участия общественности в процессах принятия экологических решений [7, с.9].

Конечная цель экологической политики заключается в достижении устойчивого

развития, что предполагает использование природных ресурсов таким образом, чтобы удовлетворить нынешние потребности, не ставя под угрозу способность будущих поколений удовлетворять свои собственные потребности.

Понятие «экология» не ограничивается конституционным уровнем, а получает и более широкое значение в действующем законодательстве. Экологическое право является относительно новой и формирующейся областью, которая становится все более отличной от других отраслей таджикского права в силу своей уникальной направленности на регулирование общественных отношений во взаимодействии общества и природы. Развитие экологического права выявило новое понимание его цели, правовой природы и места в правовой системе, а также его взаимоотношений с другими юридическими дисциплинами.

Разнообразие подходов к определению экологического права варьируется от набора норм, регулирующих только охрану окружающей среды, до сверхотрасли, охватывающей все формы эколого-правовых социальных связей и отношений. Таким образом, экологическое право рассматривается как одна из целей правового развития [8, с.9].

В свете современного состояния эколого-правовой науки крайне необходимо установить четкую предметную область регулирования экологического права, чтобы признать его экологическое доминирование в рамках более широкой правовой системы. Экологическое право обладает отличительными чертами, вытекающими из его объектов, которые являются продуктами природы, а не творения человека, и из его предмета, который включает экологические отношения.

Хотя все юристы-экологи признают предметом экологического права экологические отношения, единого мнения относительно его точного содержания нет. Экологическое право понимается как в узком, так и в широком смысле. В рамках узкого подхода одни ученые понимают экологические отношения исключительно как отношения по охране окружающей среды, другие рассматривают их как общественные отношения, связанные с охраной природной среды от вредных химических, физических и биологических воздействий, сохранением особо охраняемых природных территорий, а также использование и охрана дикой природы.

С другой стороны, широкий подход к пониманию экологических отношений влечет за собой несколько различных позиций. Первая группа авторов утверждает, что экологические отношения включают в себя не только отношения по охране окружающей среды, но и отношения по рациональному использованию и охране природных ресурсов.

Вторая группа ученых считает, что под экологическими отношениями следует понимать отношения, связанные с охраной окружающей среды, обеспечением экологической безопасности человека, использованием и охраной природных ресурсов.

По мнению второй группы ученых экологического права, экологические отношения должны охватывать отношения, связанные с охраной окружающей среды, экологической безопасностью (для человека и других субъектов), использованием и охраной природных ресурсов.

Этот подход будет направлять наше исследование конституционных основ экологического права. Ю.С. Шемшученко и М.М. Бринчук имеют разные взгляды на предмет экологического права. Шемшученко считает, что экологические отношения нельзя искусственно делить на отдельные категории, а также рассматривать их в противопоставлении другим отраслям права, так как они принципиально взаимосвязаны.

Понимание Бринчуком предмета экологического права включает в себя владение и управление природными ресурсами, охрану окружающей среды от деградации, охрану экологических прав физических и юридических лиц.

Обращаясь к конституционным основам экологического права, можно выделить две группы конституционных норм: те, которые косвенно регулируют экологические отношения, и те, которые прямо регулируют принципы общественных экологических отношений. Первый включает положения главы 1 Конституции о форме и режиме правления, а также о разделении властей.

Последнее основывается на основополагающих принципах верховенства закона, защиты прав человека и демократических ценностях, которые закреплены в Конституции и составляют основу правовой системы Таджикистана как правового государства.

Верховенство права является важнейшим аспектом правовой системы страны, в которой законы ясны, последовательны и предсказуемы, а независимые суды в равной степени обеспечивают их соблюдение всеми гражданами. Конституция гарантирует, что ни одно лицо или учреждение, включая государственных служащих, не освобождаются от действия закона и что они несут ответственность за свои действия.

Помимо верховенства закона, еще одним важным элементом является защита прав человека. Конституция Республики Таджикистан признает и гарантирует основные права и свободы человека, включая право на жизнь, свободу выражения мнений, собраний, религии и защиту от дискриминации.

Кроме того, демократические принципы играют решающую роль в поддержании верховенства права. Обеспечивая подотчетность правительства перед народом и право граждан участвовать в принятии решений посредством свободных и справедливых выборов, свободы выражения мнений и доступа к информации, демократия гарантирует справедливое и равноправное общество.

Конституционные основы экологического права в Республике Таджикистан в основном подразделяются на две группы норм. Первая группа косвенно регулирует экологические отношения, в том числе положения главы 1, в которых изложены форма правления, государственный режим и разделение властей, а также характеристика государства как юридического и общественного субъекта.

Республика Таджикистан придерживается принципов верховенства закона, защиты прав человека и демократических принципов, которые являются основополагающими для правовой системы страны.

Глава 2 Конституции, в которой речь идет о правах и свободах граждан, также содержит общие положения, которые косвенно затрагивают экологические отношения. К ним относится статья 14, которая признает и гарантирует неотъемлемые права и свободы каждого гражданина от рождения, а также право на жизнь, свободу мысли и слова, свободу собраний и медицинское обслуживание, среди прочего.

Вторая группа норм, непосредственно регулирующих основы общественных экологических отношений, закреплена в статье 12 Конституции, устанавливающей различные формы собственности, в том числе частную, коллективную, государственную. Кроме того, статья 38 специально разработана для отражения экологических основ конституционного строя и посвящена использованию и оздоровлению окружающей среды, которая связана непосредственно со здоровьем граждан. Также в статье 13 подробно описаны формы собственности, в которой могут находиться эти ресурсы.

Кроме того, ряд положений главы 2 Конституции гарантирует судебную защиту прав и свобод граждан, в том числе право на возмещение вреда, причиненного незаконными действиями органов государственной власти или их должностных лиц, подчеркивая важность реализации и защиты экологических прав.

Вторая группа конституционных положений относится к регулированию экологических отношений, к которым относятся охрана окружающей среды, обеспечение экологической безопасности человека и иных объектов, рациональное использование и охрана природных ресурсов. Эти положения имеют основополагающее значение для экологического права и часто называются «чисто экологическими» из-за их специализированного характера. Напротив, ко второй группе относятся конституционные нормы, имеющие косвенное отношение к регулированию экологических отношений и носящие общий характер.

Конституция Республики Таджикистан содержит четыре статьи (ст. 13, 30, 38 и 44), которые прямо касаются охраны окружающей среды. Это представляет собой сокращение по сравнению с количеством статей, посвященных охране окружающей среды в предыдущих советских конституциях. Однако содержание

этих положений претерпело существенные качественные изменения в правовых нормах.

Положение о том, что природные ресурсы, в том числе земля, недра, вода, воздушное пространство, флора и фауна, являются исключительной собственностью государства и должны эффективно использоваться в интересах народа (ст. 13), является фундаментальной и центральной конституционной нормой, лежащей в основе всех остальных экологических стандартов.

Конституция Таджикистана признает разнообразие форм собственности, но ограничивает частную собственность на природные ресурсы. В частности, земля и другие природные ресурсы не могут находиться в частной собственности.

Кроме того, Конституция устанавливает, что «каждый имеет право на охрану здоровья. Каждый в рамках, определенных законом, пользуется бесплатной медицинской помощью в государственных учреждениях здравоохранениях. Государство принимает меры по оздоровлению окружающей среды, созданием и развитием массового спорта, физической культуры и туризма» (ст. 38).

Конституция Республики Таджикистан определяет компетенцию страны в регулировании экологических отношений, включая охрану окружающей среды, обеспечение безопасности людей и других субъектов, а также рациональное использование и сохранение природных ресурсов.

Эти экологические отношения регулируются тремя столпами: (1) регулирование и защита прав человека и гражданина в отношении окружающей среды, (2) собственность и управление природными ресурсами со стороны государства, и (3) установление основных принципов экологическое развитие законодательными средствами.

По нашему мнению, направления экологической политики в Республике Таджикистан соответствуют конституционным положениям, а именно охране природы, рациональному использованию и охране природных объектов и ресурсов.

**Список литературы:**

1. Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. 2-е изд. – М.: РЮИД, «Сашко», 2000. – С. 31.
2. Боголюбов С.А. Конституционные проблемы охраны окружающей среды в СССР. Дисс . д-ра юрид наук. – М., 1990. – С. 20.
3. Бринчук М.М. Экологическое право (право окружающей среды). Учебник для высших юридических учебных заведений. – М.: Юрист, 2000. – С. 94.
4. Тимошенко А.С. О понятии и содержании прав окружающей среды // Вест. Москва. ун-та. сер. 11. Право. 1987. – № 5. – С. 47.
5. Шемшученко Ю. С. Правовые проблемы экологии. – Киев, 1989. – С. 64.
6. Коренные О.С. Понятия экологического права. Экологическое право России. Сборник материалов научно-практических конференций. Выпуск второй 1999-2000 гг. Под ред. проф. А.К.Голиченкова. – М., 2001. – С. 62-67
7. Пономарева И.П. Конституционные основы экологической политики. Автореф. дисс… канд. юрид. наук. – Екатеринбург, 2000. – С. 9.
8. Шестерюк А.С. Экологическое право: Вопросы теории методологии анализа. – СПб., Издательство Санкт-Петербургского университета, 2000. – С. 9.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва мазмуни асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақола асосҳои конститутсионии ҳуқуқи экологии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф муқаррароти Конститутсияи Тоҷикистонро вобаста ба самти ҳифзи муҳити зист таҳқиқ намуда, принсипҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои асосии давлат ва шаҳрвандонро дар соҳаи ҳифзи муҳити зист қайд намудааст. Инчунин, андешаҳои олимони гуногун дар бораи аҳамияти

ҳуқуқи экологӣ ва ҳифзи муҳити зист дар Тоҷикистони муосирро мавриди омӯзиш қарор додааст.

**Аннотация**

**Понятие и содержание конституционных основ экологического права в Республике Таджикистан**

В статье проводится подробный анализ конституционных основ экологического права Таджикистана. Автор исследует положения Конституции Таджикистана, касающиеся охраны окружающей среды, выделяя основные принципы, права и обязанности государства и граждан в области охраны окружающей среды. Также, исследуются мнения различных ученых, касающихся значимости экологического права и охраны окружающей среды на современный Таджикистан.

**Annotation**

**The concept and content of the constitutional foundations of ecological law in the Republic of Tajikistan**

The article provides a detailed analysis of the constitutional foundations of environmental law of Tajikistan. The author examines the provisions of the Constitution of Tajikistan concerning environmental protection, highlighting the basic principles, rights and obligations of the state and citizens in the field of environmental protection. Also, the opinions of various scientists concerning the importance of environmental law and environmental protection in modern Tajikistan are being studied.

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО



**УДК: 347.213**
**Абдураҳимов Сиёвуш Қудратуллоевич,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав.*
*E-mail: abdurakhimov1987@bk.ru*
*Тел.: (+992) 937-67-82-92.*

# ДАР БОРАИ БАЪЗЕ МУШКИЛОТ ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ШАКЛҲОИ МОЛИКИЯТИ ТАШКИЛОТҲОИ ТАЪЛИМӢ ДАР МИСОЛИ МУАССИСАҲОИ ТАЪЛИМИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ; ташкилотҳо; ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ; ташкилотҳои таълимӣ; муассисаи таълимӣ; фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ; фаъолияти таълимӣ; зинаҳои таҳсилот; шаклҳои моликият; хусусӣ; давлатӣ; муштарак; муассис (муассисон); молик (моликон).*

***Ключевые слова:*** *организационно-правовые формы; организации; некоммерческие организации; образовательные организации; образовательное учреждение; общественно-полезная деятельность; образовательная деятельность; уровни образования; формы собственности; частный; государственный; совместный; учредитель (учредители); собственник (собственники).*

***Keywords:*** *organizational and legal forms; organizations; non-profit organizations; educational organizations; educational institution; socially useful activities; educational activities; levels of education; forms of ownership; private; state; joint; founder (founders); owner (owners).*

Маълум аст, ки таъсис ва фаъолияти дилхоҳ ташкилотҳоро аз ҷумла, ташкилотҳои таълимиро ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ бидуни шакли моликияти дахлдор, ки ба сифати заминаи асосии ташкил ва фаъолияти онҳо инчунин унсури муайянкунандаи мақоми онҳо дар муносибатҳои зикршуда баромад менамояд, тасаввур кардан номумкин аст. Аз ин лиҳоз, ба назари мо, пас аз падидаи шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳо, масъалаи навбатӣ маҳз падидаи шакли моликияти ташкилотҳо (хусусӣ ва давлатӣ) қарор дорад, ки дар заминаи шаклҳои моликияти ташкилотҳо номгӯи муассиси(муассисони) онҳоро муайян кардан мумкин аст. Агар дар шакли мисол тасаввур намоем, пас ба ақидаи мо, тахти иборaи «муассисаи давлатии таълимии» калимаи «муассисаи» яке аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти ғайритиҷоратӣ, калимаи «давлатии» шакли моликияти ташкилот ва калимаи «таълимии» бошад, намуди асосии фаъолияти ташкилоти мазкур бояд фаҳмида шавад. Зимнан бояд дар назар дошт, ки таълим ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ дар навбати хеш ба соҳаҳои гуногун аз ҷумла мудофиа, таъмини амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, фарҳанг, санъат, кишоварзӣ, саноат, энергетика, техникӣ, технологӣ ва ғайраҳо ҷудо мешаванд. Маҳз, мавҷудияти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа зарурати таъсис ва фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти мувофиқ ба онҳоро бо мақсади омода намудани мутахассисони касбу кори гуногун ба миён овардааст.

Бояд қайд кард, ки фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ бахри таълиму тарбияи насли наврас ва ба камол расонидани онҳо, инчунин омода кардани мутахассисони касбу кори гуногун барои тамоми соҳаҳои ҳаёти

хоҷагии халқи мамлакат равона гардидааст. Ба андешаи мо, амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ на аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ, балки маҳз аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақсади асосии онҳо на ба даст овардани фоида, балки амалӣ намудани фаъолияти гуногуни фоиданоки ҷамъиятӣ мебошанд ба сифати намуди фаъолияти асосӣ ва иловагии онҳо қобили қабул ва мувофиқи мақсад мебошад.

Вале, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» [1] аз 22 июли соли 2013, (минбаъд - қонун дар бораи маориф) бошад, ҳамчун қонуни асосии соҳа танҳо аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимиро муқаррар накардааст. Чунин холигӣ боис гардидааст, ки фаъолияти таълимӣ аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ, низ, ки ҳоло оид ба мавҷудияти фаъолияти онҳо дар сарчашмаҳо таъкид гардидааст [2, с. 458, с. 8] , амалӣ карда шавад. Масалан, ҳоло дар тамоми ҷумҳурӣ 79 адад ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд ҳамчун ташкилоти тиҷоратӣ бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ расман ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, ки онҳо дар баробари ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ расман ба амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ машғул мебошанд» [3, с. 8]. Аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ба табиати ҳуқуқии мақсади асосии фаъолияти онҳо, ки ба даст овардани фоида ва тақсими чунин фоидаи бадастоварда дар байни аъзоёни хеш аст, мухолифат менамояд.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳарчанд ташкилотҳои таълимӣ дар шакли ташкилотҳои тиҷоратӣ таъсис гардида бошанд [4, с. 16] ҳам, вале, онҳо бо мурури замон ба шакли ташкилӣ-ҳуқуқии муассиса ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ табдил дода шудаанд [5, с. 15]. Дар таҳқиқотҳои илмии олимони соҳа низ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ мавриди дастгирӣ қарор гирифтааст. Масалан, Ю.Е. Гартсева ба чунин хулоса омадааст, ки фаъолияти таълимӣ бояд пурра аз тарафи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ карда шавад [6, с. 97].

Т.В. Королева низ ба он ақида аст, ки муассисаи олии таълимӣ набояд, дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилоти тиҷоратӣ таъсис дода шавад [7, с. 8, 34]. Қонуни Федералӣ «Дар бораи маориф дар Федератсияи Россия»[8] аз 29 декабри соли 2012, №273-ФЗ (минбаъд - қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия) низ муқаррар намудааст, ки ташкилотҳои таълимӣ дар шакли муқарраркардаи қонунгузории гражданӣ нисбати ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ таъсис дода мешаванд (қисми 1 моддаи 22).

Бо назардошти андешаҳои баёнгардида пешниҳод мешавад, ки бо мақсади танҳо дар заминаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ва имкон надодан барои амалигардонии фаъолияти таълимӣ аз тарафи ташкилотҳои тиҷоратӣ қисми 1 моддаи 11 қонун дар бораи маориф дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ташкилотҳои таълимӣ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқарраркардаи қонунгузории гражданӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин мақомоти давлатӣ, таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

Масъалаи шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаи таълимӣ, ки мавзуи таҳқиқоти мазкур аст, яке аз масъалаҳои баҳснок ва фарох, инчунин рӯзмарра буда, таҳқиқ ва омӯзиши алоҳидаи он боиси боз ҳам равшантар гардидани табиати ҳуқуқии фаъолияти чунин ташкилотҳо хоҳад гардид. Аз ин рӯ, дар мақолаи мазкур тасмим гирифта шуд, ки оид ба шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ, хусусан муассисаи таълимӣ ҳамчун навъи мустақили ташкилотҳои таълимӣ ва дигар масоили ба шаклҳои моликияти онҳо алоқаманд то қадри имкон изҳори ақида намоем. Савол ба миён меояд, ки шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимиро дар заминаи кадом шаклҳои моликият таъсис додан мумкин аст? Чунонки қайд гардид, яке аз шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии аз ҳама паҳншуда ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ муассисаҳои аз ҷониби молик маблағгузоришаванда мебошанд.

Қонун дар бораи маориф шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимиро дар мафҳуми расмии муассисаи таълимӣ танҳо ба давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷудо

намудааст(моддаи 1). Вале, дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф бошад, муқаррар гардидааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ давлатӣ, ғайридавлатӣ, муштарак ва байналмилалӣ мешаванд. Бояд қайд кард, ки ҳарчанд, дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф оид ба шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ ишора рафта бошад, ҳам, вале дар он ба таври кушод ва равшан падидаи «шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ» - ро ҳамчун шарти муҳими таъсис ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ муқаррар нагардидааст. Аз ин рӯ, ҳоло қонун дар бораи маориф ба саволи он, ки шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ кадомҳоянд, посухи дилхоҳ муқаррар накардааст, ки чунин ҳолат ба андешаи мо, холигӣ дар қонуни мазкур ба ҳисоб меравад.

Нахустин, шакли моликияти муассисаҳои таълимӣ дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф шакли моликияти давлатӣ омадааст, ки дар заминаи он давлат бо мақсади таъмини кафолати ҳуқуқи конститутсионии шахс ба таҳсил дар тамоми зинаҳои таҳсилот муассисаҳои давлатии таълимиро таъсис дода, фаъолияти онҳоро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун маблағгузорӣ менамояд. Субъектҳои шакли моликияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии он (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) мебошанд, ки онҳо ҳуқуқи таъсис додани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии(яке аз онҳо муассисаҳо) шакли моликияти давлатии(танҳо давлатӣ), навъҳо(таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ғ.), намудҳо(литсей, гимназия, коллеҷ, донишгоҳ, донишкада ва ғ.) ва мақоми гуногун(маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) – ро доранд.

Ҳамзамон, ҳангоми аз ҷониби ду ва ё зиёда давлатҳо низ таъсис додани ташкилотҳои таълимӣ масалан, Муассисаи байнидавлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи (Славянии) Тоҷикистону Россия»[9] он низ шакли моликияти давлатиро касб менамояд. Зимнан бояд дар назар дошт, ки танҳо субъектҳои шакли моликияти давлатӣ назар ба субъектҳои шакли моликияти хусусӣ ҳуқуқи таъсис додани ҳама гуна муассисаҳои таълимии соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро масалан, муассисаҳои таълимии соҳаҳои ҳарбӣ, таъмини амнияти давлатӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ғайраҳо, ки онҳоро қонунгузории амалкунанда муайян намудааст, доранд.

Шакли дуюми моликияти муассисаҳои таълимӣ моликияти хусусӣ аст, ки он дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф бо калимаи «ғайридавлатӣ» зикр шудааст. Дар моддаи 12 Конститутсияи кишварамон ва моддаи 236 КГ ҶТ шакли моликияти мазкур на «ғайридавлатӣ», балки «хусусӣ» зикр шудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади таъмини мувофиқати қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф ба Конститутсия ва КГ ҶТ калимаи «ғайридавлатӣ» ба калимаи «хусусӣ» иваз карда шавад. Бино бар ин, пешниҳод мешавад, ки ба ҷои зикри калимаи «ғайридавлатӣ» дар номи ташкилотҳои хусусии таълимӣ ҳамчун ишора ба шакли моликияти онҳо калимаи «хусусӣ» қобили қабул дониста шавад [10, с. 44]. Қонун дар бораи маориф дар қисми 5 моддаи 10 таъсиси муассисаҳои ғайридавлатии таълимиро аз ҷониби муассис (муассисон) ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола кардааст.

Субъектҳои шакли моликияти хусусӣ шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ мебошанд, ки онҳо низ ҳуқуқи таъсис додани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии (яке аз онҳо муассисаҳо), шакли моликияти хусусии(танҳо хусусӣ), навъҳо(таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ғ.), намудҳо(литсей, гимназия, коллеҷ, донишгоҳ, донишкада ва ғ.) ва мақоми гуногун(маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) - ро доранд. Субъектҳои шакли моликияти хусусӣ бошанд, бархилофи субъектҳои шакли моликияти давлатӣ ҳуқуқи таъсис додани на ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ, махсусан муассисаҳои таълимии соҳаҳои ҳарбӣ, таъмини амнияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ғайраҳо, ки онҳоро қонунгузории амалкунанда муайян намудааст, доранд.

Падидаи дигар, ки ба шакли моликияти муассисаҳои таълимӣ мансуб аст ва он дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф омадааст, моликияти муштарак аст. Вале, қонун дар бораи маориф муассисони чунин

шакли моликияти муассисаҳои таълимиро чун шакли моликияти хусусӣ муқаррар накардааст. Маълум аст, ки муассисони он тамоми субъектҳои шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ мебошад. Маҳз дар заминаи муттаҳид намудани шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ субъектҳои шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ ҳуқуқи таъсис додани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии(яке аз онҳо муассисаҳо), шакли моликияти муштараки(танҳо муштарак), навъҳо(таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ғ.) намудҳо (литсей, гимназия, коллеҷ, донишгоҳ, донишкада ғ.), ва мақоми гуногун(маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) - ро доранд. Ба андешаи мо, таъсиси муассисаҳои муштараки таълимӣ, ки дар заминаи муттаҳидсозии ду шакли моликият сурат мегирад, нахуст ба талаботи моддаи 52 КГ ҶТ, ки таъсиси шахсони ҳуқуқиро аз ҷониби на танҳо як муассис, балки якчанд муассисон низ кафолат додааст ва баъдан ба талаботи моддаи 13 қонун дар бораи маориф, ки ба муассис (муассисон) ҳуқуқи таъсис додани муассисаи таълимии муштаракро кафолат додааст, мувофиқат менамояд.

Вобаста ба зикри калимаи «байналмилалӣ» бошад, ки дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф, якҷо бо шаклҳои моликияти давлатӣ, хусусӣ ва муштарак омадааст, ба андешаи мо он на ба шакли моликияти муассисаҳои таълимӣ, балки ба падидаи мақоми муассисаҳои таълимӣ мансуб аст. Пас, дар ин ҷо омехтагии шаклҳои моликияти муассисаи таълимӣ ба падидаи «мақоми муассисаи таълимӣ» мавҷуд аст. Муайян кардани мақоми дилхоҳ ташкилот, пеш аз ҳама ба ваколати муассис(муассисон) мансуб буда, он бо назардошти талаботи низоми иқтисодиёт, хусусан талаботи бозори меҳнати ҳар як кишвар ба мутахассисони рақобатпазир амалӣ карда мешавад. Масалан, маълум аст, ки ҳоло дар ҷаҳони муосир соҳаҳои сайёҳӣ ва соҳибкорӣ соҳаҳои пурдаромади кишварҳои тараққикардаи оламро ташкил медиҳанд. Рушди соҳаҳои мазкурро бидуни дар сатҳи байналмилалӣ омода кардани мутахассисони ин соҳаҳо таъмин кардан ғайриимкон аст.

Бо ин мақсад, 27 январи соли 2022, №17 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат» мақоми муассисаи таълимии байналмилалӣ дода, Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон» номгӯзорӣ карда шуд[11, с. 1]. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки калимаи «байналмилалӣ» аз қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф, ки ба мазмуни шакли моликият омадааст, хориҷ карда шуда, он ҳамчун яке аз намудҳои мақоми муассисаҳои таълимӣ дар қатори мақоми маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ҳисобида шавад. Ба андешаи мо, падидаи мақоми муассисаҳои таълимӣ мавзуи баҳси алоҳида буда, минбаъд бо даст додани имкон мо ба таҳқиқ ва омӯзиши илмии он рӯ хоҳем овард. Бо назардошти андешаҳои баёнгардида, пешниҳод мешавад, ки қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф ҳамчун қисми 2 ба моддаи 11 гузаронида шуда, дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ вобаста ба шакли моликияти худ ба давлатӣ ва хусусӣ ҷудо шуда, дар заминаи онҳо муассисон ҳуқуқ доранд, ташкилотҳои муштараки таълимӣ низ таъсис диҳанд».

Ҳарчанд, ҳоло муассисаҳои таълимӣ дар заминаи шаклҳои моликияти давлатӣ, хусусӣ ва муштарак фаъолият намоянд, ҳам вале, то ҳол қонун дар бораи маориф тавсифи расмии онҳоро, ки барои шинохти муассиси (муассисони) онҳо ва мақсаду вазифаҳои онҳо муҳим мебошанд, пешбинӣ накардааст. Аз ин рӯ, чунин тавсифи расмии онҳо дар қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи 11 қонун дар бораи маориф пешниҳод карда мешавад: «Ташкилотҳои давлатии таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои давлатии таълимӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

«Ташкилотҳои хусусии таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои хусусии таълимӣ бо қарори муассис (муассисон) (шахси воқеӣ ё шахсони воқеӣ ва (ё) шахси ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё иттиҳодияҳои онҳо ба истисноӣ ташкилотҳои

динии хориҷӣ) тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

«Ташкилотҳои муштараки таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои муштараки таълимӣ бо қарори якҷояи муассисон (субъектҳои шакли моликияти давлатӣ ва хусусӣ) дар заминаи ҳамроҳ намудани моликияти давлатӣ ва моликияти хусусӣ (моликияти муштарак) тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

Минбаъд бо падид омадани дигар номгӯи шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимӣ ғайр аз муассисаҳо, ки қонун дар бораи маориф ба онҳо ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти таълимиро дар тамоми зинаҳои таҳсилот муқаррар кардааст, вазифаи навбатӣ дар назди қонун дар бораи маориф, хусусан моддаи 11 муқаррар кардани мансубияти таъсиси онҳо дар заминаи шаклҳои моликият аст.

Бояд қайд кард, ки падидаи «шаклҳои моликият» ҳамчун масъалаи асосӣ ва маркази таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ дар навбати худ ба се падидаи муҳим, нахуст, таъсиси муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои таҳсилот вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо, дуюм, таъсиси муассисаҳои таълимӣ вобаста ба хусусияти мақсад ва намуди асосии фаъолияти онҳо дар зинаҳои таҳсилот ва сеюм, таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои таҳсилот алоқамандии ниҳоят зич ва ногусастанӣ дорад, ки онҳо ба андешаи мо, бояд то қадри имкон муайян ва дар қонунгузории амалкунандаи кишварамон муқаррар карда шаванд.

Падидаи нахустин, ки институти «шаклҳои моликият» ба он пайванди ниҳоят зич ва ногусастанӣ дорад, таъсиси муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо аст. Пас савол аз он иборат аст, ки оё дар тамоми зинаҳои таҳсилот тамоми муассисаҳои таълимиро новобаста аз шакли моликияти онҳо таъсис додан мумкин аст? Қонун дар бораи маориф дар қисми 1 моддаи 10 таъсиси муассисаҳои таълимиро вобаста ба шаклҳои моликият, аз ҷумла давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва байналмилалӣ бидуни ишора ба имкони таъсиси онҳо дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор муқаррар намудааст. Пас, чунин ҳолат нишонаи он аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот муассисаҳои таълимӣ вобаста ба шакли моликияти худ метавонанд, давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва байналмилалӣ бошанд.

Вале, бархилофи ин хулоса, қонунгузор дар қисми 2 моддаи 15 ба таври мушаххас муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабиро вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо ба давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва дар қисми 3 моддаи 19 қонун дар бораи маориф низ ба таври мушаххас, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро ба шаклҳои моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва муштарак муқаррар карда, муассисаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро бошад, вобаста ба шаклҳои моликият комилан муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки қонун дар бораи маориф муассисаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ ва таҳсилоти махсусро вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо низ мутаносибан дар моддаҳои 16, 17, 18, 20, 21 ва 22 чун зинаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти олии касбӣ муқаррар намояд.

Нисбати падидаи дуюм бояд қайд кард, ки мақсади асосии фаъолияти дилхоҳ ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ ҳамчун ташкилоти ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ аст. Фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ дар навбати худ ба намудҳои гуногун, аз ҷумла таълимӣ, тарбиявӣ, фарҳангӣ, хайриявӣ ва ғайраҳо ҷудо мешаванд. Намудҳои фаъолияти мазкур аз ҷумла таълимӣ вобаста ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа аз ҷумла дин, амнияти давлатӣ, мудофиаи мамлакат, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ ва ғайраҳо ҷудо мешаванд. Пас савол аз он иборат аст, ки дар соҳаҳои мазкур кадом субъектҳои шаклҳои моликият ҳуқуқи таъсис додани ташкилотҳои таълимиро бо мақсади амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ доранд?

Ҳарчанд, моддаи 11 қонун дар бораи маориф, падидаи таъсиси муассисаҳои таълимиро танзим намуда бошад ҳам вале, дар он нисбати масъалаи мазкур муқаррарот комилан пешбинӣ накардааст.

Бояд қайд кард, ки дар миёни соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа ва давлат соҳаҳое низ мавҷуд аст, ки барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ муассиси муассисаҳои таълимии соҳаҳои мазкур бояд танҳо ва танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти шакли моликияти давлатӣ баромад намояд. Яке аз чунин соҳаҳои муҳими ҳаёти давлат ва ҷомеа, ки ба андешаи мо, муассиси онҳо бояд танҳо Ҳукумати ҶТ баромад намояд, соҳаи дин мебошад. Қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни асосии соҳа таъсис ва фаъолияти муассисаҳои таълимии диниро комилан муқаррар накардааст, ки чунин ҳолат ба андешаи мо холигӣ дар қонун дар бораи маориф ба назар мерасад. Вале, қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия бошад, дар қисми 2 моддаи 22 худ ба таври кушод ва равшан муқаррар намудааст, ки ташкилоти таълимии динӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунандаи ФР дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ таъсис дода мешаванд. Ба андешаи мо, дар шароити пурпечутоб ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир таъмини амнияти давлат ва ҷомеа аз ҷониби дилхоҳ кишвари ҷаҳон бидуни амалигардонии назорати соҳаи дин ғайриимкон аст. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки масоили таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимиро танзим намудааст, қисми 6 бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ташкилотҳои таълимии динӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии динӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

Дигар соҳаи муҳими ҳаёти давлат ва ҷомеа, ки нисбати он муассиси ҳама намуди муассисаҳои таълимӣ танҳо Ҳукумати ҶТ муқаррар шудааст, соҳаи ҳарбӣ аст(қисми 3 моддаи 13 қонун дар бораи маориф). Вале, дар қисми 8 моддаи 22 Қонуни Федералӣ «Дар бораи маориф дар Федератсияи Россия» аз 29 декабри соли 2012, №273-ФЗ (минбаъд - қонун дар бораи маориф дар Федератсияи Россия) бошад, ба таври мушаххас ва кушод оварда шудааст, ки ташкилотҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти олиро дар соҳаҳои мудофиа ва амнияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ амалӣ менамоянд, танҳо Федератсияи Россия ҳуқуқ дорад, таъсис намояд. Ҳарчанд, қонун дар бораи маориф дар моддаи 11 таъсиси муассисаҳои таълимии соҳаҳои мудофиа ва амнияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро дар заминаи шаклҳои моликият, ки пеш аз ҳама мавзуи танзими он аст, муқаррар накардааст, вале таҷрибаи таъсис ва фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки чунин муассисаҳои таълимӣ танҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаҳои таҳсилоти гуногун, аз ҷумла таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таъсис дода мешаванд. Пас, шакли моликияти онҳо бошад, давлатӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, дар шароити зудтағйирёбанда ва пурпечутоби ҷаҳони муосир, ки ҳаёти давлат ва ҷамъиятро хатари падидаҳои номатлуб аз қабили терроризм, экстремизм ва амсоли инҳо фаро гирифтааст, ҳамчун муассиси муассисаҳои давлатии таълимии таҳсилоти навъҳо ва намудҳои дахлдори соҳаҳои таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ низ баромад намудани танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кафили таъмини амнияти давлат ва ҷамъият аст, дар баробари соҳаи мудофиаи мамлакат ба манифиати кор аст[12, с. 22-23, 218-219].

Бо истифода аз таҷрибаи мавҷуди кишвар оид ба таъсис ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ дар соҳаҳои номбурда, инчунин таҷрибаи мавҷудаи қонун дар бораи маориф дар ФР пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф қисми 7 бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ташкилотҳои таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти дахлдорро дар соҳаҳои мудофиа ва амнияти давлат, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд, танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъсис намудан дорад».

Вобаста ба падидаи сеюм бошад, таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар

зинаҳои таҳсилоти дахлдор вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо аст. Пас савол аз он иборат аст, ки оё дар тамоми зинаҳои таҳсилот тамоми навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимиро новобаста аз шакли моликияти онҳо таъсис додан мумкин аст? Дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки падидаи таъсиси муассисаҳои таълимиро танзим намудааст, нисбати саволи мазкур муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Ба андешаи мо, дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор вобаста ба шакли моликият гуногун аст. Масалан, барои соҳиб гардидани дараҷаи таҳсилоти махсус дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернатро танҳо дар шакли моликияти давлатӣ таъсис додан мумкин аст, халос[13]. Пас, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилот вобаста ба шакли моликияти онҳо гуногун мебошанд. Чунин навъи муассисаҳои таълимӣ асосан ба таҳсилгирандагони худ мувофиқи моддаи 22 қонун дар бораи маориф дараҷаи таҳсилоти махсус медиҳанд, ки он ба зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дохил аст.

Вале, дар моддаи 22 қонун дар бораи маориф танҳо дар шакли моликияти давлатӣ таъсис додани чунин навъҳои муассисаҳои таълимӣ муқаррар нашудааст. Дар моддаи 22 қонун дар бораи маориф дар ФР бошад, ба таври кушод ва равшан танҳо дар заминаи шакли моликияти давлатӣ таъсис додани чунин навъи муассисаҳои таълимӣ муқаррар шудааст. Зарурати муқаррар кардани чунин навъи муассисаҳои таълимӣ дар он аст, ки ҳарчанд ҳуқуқи таъсис додани чунин навъи муассисаҳои таълимӣ танҳо ба

Ҳукумати ҶТ мансуб бошад, ҳам вале чунин ҳолат то ҳол дар қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни асосии соҳа муқаррар нашудааст, ки ба андешаи мо холигии қонуни мазкур мебошад. Аз ин рӯ, бо истифода аз таҷрибаи амалкунандаи кишварамон ва муқаррароти қонун дар бораи маориф дар ФР пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф қисми 8 бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти махсуси тарбия, таълим ва нигоҳубини хонандагони ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷ дошта, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнок бударо амалӣ менамоянд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис медиҳад».

Дар қисми 8 моддаи 11 қонун дар бораи маориф оид ба тартиби барҳамдиҳии муассисаҳои томактабӣ ва муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳрак ва деҳот муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Вале, он ба назари мо, аз якчанд ҷиҳат такмилталаб аст. Нахуст бомаврид аст, ки қабл аз ибораи «муассисаи таълимӣ» ибораи «ташкилоти таълимӣ» илова намоем. Дуюм, қонунгузор ибораи «муассисаи томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ» зикр намудааст, ки он чандон мукаммал намебошад. Дуруст, ки чунин муассисаҳо дар моддаи 15 қонун дар бораи маориф низ муассисаҳои томактабӣ дониста шудаанд, вале, дар Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», аз 28 декабри соли 2013, (минбаъд - қонун дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ) бошад, чунин муассисаҳо баръакс муассисаи таълимии томактабӣ номида шудаанд[14]. Дақиқтараш агар он муассисаи таълиму тарбияи томактабӣ мувофиқ ба номи қонун дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ номида шавад, боз ҳам хубтар аст. Сеюм, шакли моликияти муассисаҳои таълимии мазкур низ мушаххас нест. Чунки, шакли моликияти онҳо низ хусусӣ, давлатӣ ва дар заминаи якҷоя намудани ҳар ду шакли моликияти мазкур аз ҳисоби моликият бошад, муассисаҳои таълимӣ муштарак низ буда метавонанд.

Маҷмӯан, бо мақсади инъикоси шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимӣ ва шакли моликияти онҳо илова намудани ибораи «новобаста шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли моликият» қобили қабул ва мувофиқи мақсад аст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки муқаррароти қисми 8 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳамчун қисми 9 моддаи 11 қонун дар бораи маориф дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ташкилотҳои таълиму тарбияи томактабӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълиму тарбияи томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли моликият дар шаҳраку деҳот танҳо бо розигии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти дахлдор пас

аз ба охир расидани соли хониш барҳам дода мешаванд».

Дар қисми 9 моддаи 11 қонун дар бораи маориф оид ба тартиби гузаронидани таълимгирандагон ба дигар муассисаҳои таълимӣ пас аз барҳамхурии муассисаҳои таълимӣ муқаррарот пешбинӣ гардидааст. Вале, он ба назари мо, аз якчанд ҷиҳат такмилталаб аст. Пешниҳод мешавад, ки муқаррароти қисми 9 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳамчун қисми 10 моддаи 11 қонун дар бораи маориф дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Дар сурати барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ мақомоти дахлдори давлатӣ бо тартиби муқарраргардида гузаронидани таълимгирандагонро мувофиқи хоҳиши онҳо ба дигар муассисаҳои таълимии дахлдор таъмин менамоянд».

Дар қисми 7 моддаи 11 қонун дар бораи маориф муқаррар шудааст, ки

азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаи таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Нахуст, зарур аст, ки қабл аз ибораи «муассисаи таълимӣ» бо назардошти имкони дар оянда ғайр аз муассисаҳои таълимӣ боз дигар шаклҳои ташкилотҳои таълимӣ ба миён омадан ибораи «ташкилоти таълимӣ» илова намоем. Дуюм, чунонки аз номи моддаи 11 қонун дар боари маориф бармеояд, мавзуи танзими моддаи мазкур на танҳо масоили азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ, балки масъалаи тартиби таъсиси ташкилотҳои таълимӣ низ мебошад, ки ҳоло чунин ҳолат дар матни он аз назар дур мондааст. Сеюм, муқаррароти қисми 7 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳарчанд хусусияти хотимавӣ дорад, вале он на дар қисми охирини моддаи 11, балки дар қисми 7 пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи мақсад намебошад. Бо назардошти ин, пешниҳод мешавад, ки қисми 7 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳамчун қисми 11 моддаи 11 қонун дар бораи маориф дониста шавад: «Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад». Пешниҳод мешавад, ки қисмҳои 3, 4 ва 6 моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки ба падидаи мақоми муассисаи таълимӣ ҷудо шудаанд, хориҷ карда шуда, он ҳамчун мавзуи танзими моддаи алоҳидаи қонун дар бораи маориф муқаррар карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти мазкур ҳамчун кӯшиши нахустини муаллиф нисбати шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ дар мисоли муассисаҳои таълимӣ буда, он барои боз ҳам равшантар гардидани паҳлӯҳои назариявӣ ва мукаммалтар гардидани паҳлӯҳои амалии шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ дар мисоли муассисаҳои таълимӣ, ки яке аз заминаҳои муҳим ва асосии таъсис ва фаъолияти чунин ташкилотҳо дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ мебошад, мусоидат хоҳад кард.

Дар натиҷаи таҳқиқоти мазкур муаллиф ба чунин хулоса омад:

1. Маълум аст, ки фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ, ки ба иҷрои як ё якчанд барномаҳои таълимӣ равона гардидааст бояд на аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратӣ, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо ба даст овардани фоида ва тақсими чунин фоидаи ба дастоварда дар байни аъзоёни хеш аст, балки маҳз аз ҷониби ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ки мақсади асосии фаъолияти онҳо иҷрои корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, амалӣ карда шавад. Аз ин рӯ, бо мақсади танҳо дар заминаи ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ ҳамчун намуди алоҳидаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ ва роҳ надодан ба амалигардонии фаъолияти таълимӣ аз тарафи ташкилотҳои тиҷоратӣ пешниҳод мешавад, ки қисми 1 моддаи 11 қонун дар бораи маориф дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ташкилотҳои таълимӣ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқарраркардаи қонунгузории гражданӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин мақомоти давлатӣ, таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

2. Қонун дар бораи маориф шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимиро дар мафҳуми расмии муассисаи таълимӣ (моддаи 1) танҳо ба давлатӣ ва ғайридавлатӣ ҷудо намуда бошад ҳам, вале, дар қисми 1 моддаи 10 бошад, муқаррар менамояд, ки дар Тоҷикистон муассисаҳои таълимӣ давлатӣ, ғайридавлатӣ,

муштарак ва байналмилалӣ мешаванд. Зиёда аз ин, дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф оид ба шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ ишора рафта бошад ҳам, вале, дар он оид ба падидаи «шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ» ба таври мушаххас ҳамчун яке аз шартҳои муҳими таъсис ва фаъолияти муассисаҳои таълимӣ ишора нарафтааст. Пас, ҳоло қонун дар бораи маориф ба саволи он, ки шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ кадомҳоянд, посух муқаррар накардааст, ки чунин ҳолат ба назари мо холигии қонуни мазкур ба ҳисоб меравад.

3. Шакли дуюми моликияти муассисаҳои таълимӣ моликияти хусусӣ аст, ки он дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф бо калимаи «ғайридавлатӣ» зикр шудааст. Вале, дар моддаи 12 Конститутсияи кишварамон ва моддаи 236 КГ ҶТ бошад, шакли моликияти мазкур на «ғайридавлатӣ», балки «хусусӣ» зикр шудааст. Чунин ҳолат боиси он гардидааст, ки як шакли моликият дар муносибатҳои ҳуқуқи граждани бо ду ном зикр шуда истодааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки бо мақсади таъмини мувофиқати қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф ба Конститутсия ва КГ ҶТ, инчунин минбаъд бо ду ном ишора нагардидани як шакли моликият дар муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ калимаи «ғайридавлатӣ» ба калимаи «хусусӣ» иваз карда шавад. Вобаста ба ин, пешниҳод мешавад, ки ба ҷои зикри калимаи «ғайридавлатӣ» дар номи ташкилотҳои хусусии таълимӣ ва умуман муносибатҳои ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун ишора ба шакли моликияти онҳо калимаи «хусусӣ» қобили қабул ва мувофиқи мақсад дониста шавад. Қонун дар бораи маориф дар қисми 5 моддаи 10 таъсиси муассисаҳои ғайридавлатии таълимиро аз ҷониби муассис (муассисон) ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола кардааст, ки чунин ҳолат ба назари мо, маҳз холигии қонун мазкур мебошад.

4. Субъектҳои шакли моликияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудии он (Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ) мебошанд, ки онҳо ҳуқуқи таъсис додани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии(яке аз онҳо муассисаҳо) шакли моликияти давлатии(танҳо давлатӣ), навъҳо(таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ғ.), намудҳо(литсей, гимназия, коллеҷ, донишгоҳ, донишкада ва ғ.) ва мақоми гуногун(маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) – ро доранд. Зимнан бояд дар назар дошт, ки субъектҳои шакли моликияти давлатӣ назар ба субъектҳои шакли моликияти хусусӣ ҳуқуқи таъсис додани ҳама гуна муассисаҳои таълимии соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро масалан, муассисаҳои таълимии соҳаҳои дин, ҳарбӣ, таъмини амнияти давлатӣ, ҳифзи сарҳади давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ғайраҳо, ки онҳоро қонунгузории амалкунанда муайян намудааст, доранд.

5. Субъектҳои шакли моликияти хусусӣ шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ мебошанд, ки онҳо низ ҳуқуқи таъсис додани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии(яке аз онҳо муассисаҳо), шакли моликияти хусусии (танҳо хусусӣ), навъҳо (таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ғ.), намудҳо (литсей, гимназия, коллеҷ, донишгоҳ, донишкада ва ғ.) ва мақоми гуногун(маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) - ро доранд. Субъектҳои шакли моликияти хусусӣ бошанд, бархилофи субъектҳои шакли моликияти давлатӣ ҳуқуқи таъсис додани на ҳама гуна муассисаҳои таълимӣ, махсусан муассисаҳои таълимии соҳаҳои дин, ҳарбӣ, таъмини амнияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва ғайраҳо, ки онҳоро қонунгузории амалкунанда муайян намудааст, доранд.

6. Падидаи дигар, ки ба шакли моликияти муассисаҳои таълимӣ мансуб аст ва он дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф омадааст, моликияти муштарак аст. Вале, қонун дар бораи маориф субъектҳои таъсисдиҳандаи чунин шакли моликияти муассисаҳои таълимиро чун шакли моликияти хусусӣ муқаррар накардааст. Маълум аст, ки субъектҳои он тамоми субъектҳои шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ мебошанд. Маҳз дар заминаи муттаҳид намудани шаклҳои моликияти давлатӣ ва хусусӣ субъектҳои моликиятҳои давлатӣ ва хусусӣ ҳуқуқи таъсис додани шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии ташкилотҳои таълимии(яке аз онҳо муассисаҳо), шакли моликияти

муштараки(танҳо муштарак), навъҳо(таҳсилоти томактабӣ, миёнаи умумӣ ва ғ.), намудҳо (литсей, гимназия, коллеҷ, донишгоҳ, донишкада ғ.) ва мақоми гуногун(маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ) - ро доранд.

7. Дар қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф калимаи «байналмилалӣ» якҷо бо шаклҳои моликияти давлатӣ, хусусӣ ва муштарак омадааст, ки ба андешаи мо он на ба шакли моликияти муассисаҳои таълимӣ, балки ба падидаи мақоми муассисаҳои таълимӣ мансуб аст. Пас, дар ин ҷо омехтагии шаклҳои моликияти муассисаи таълимӣ ба падидаи «мақоми муассисаи таълимӣ» мавҷуд аст. Муайян кардани мақоми дилхоҳ ташкилот, пеш аз ҳама ба ваколати муассис(муассисон) мансуб буда, он бо назардошти талаботи низоми иқтисодиёт, хусусан талаботи бозори меҳнати ҳар як кишвар ба мутахассисони рақобатпазир амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки калимаи «байналмилалӣ» аз қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф, ки ба мазмуни шакли моликият омадааст, хориҷ карда шуда, он ҳамчун яке аз намудҳои мақоми муассисаҳои таълимӣ дар қатори мақоми маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ ҳисобида шавад. Пешниҳод мешавад, ки қисми 1 моддаи 10 қонун дар бораи маориф, ки оид ба шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимӣ ишора намудааст, дар моддаи 11 ҳамчун қисми 2 ҳисобида шуда, он дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ вобаста ба шакли моликияти худ ба давлатӣ ва хусусӣ ҷудо шуда, дар заминаи онҳо муассисон ҳуқуқ доранд, ташкилотҳои муштараки таълимӣ низ таъсис диҳанд».

8. Ҳарчанд, ҳоло муассисаҳои таълимӣ дар шаклҳои моликияти давлатӣ, хусусӣ ва муштарак фаъолият намоянд, ҳам вале, то ҳол қонуни мазкур тавсифи расмии онҳоро, ки барои шинохти номгӯи муассиси (муассисони) онҳо ва мақсаду вазифаҳои онҳо муҳим мебошанд, пешбинӣ накардааст. Аз ин рӯ, чунин тавсифи расмии онҳо дар қисмҳои 3, 4 ва 5 моддаи 11 қонун дар бораи маориф пешниҳод карда мешавад: «Ташкилотҳои давлатии таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои давлатии таълимӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Ташкилотҳои хусусии таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои хусусии таълимӣ бо қарори муассис (муассисон) (шахси воқеӣ ё шахсони воқеӣ ва (ё) шахси ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё иттиҳодияҳои онҳо ба истиснои ташкилотҳои динии хориҷӣ) тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

Ташкилотҳои муштараки таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои муштараки таълимӣ бо қарори якҷояи муассисон (субъектҳои шакли моликияти давлатӣ ва хусусӣ) дар заминаи ҳамроҳ намудани моликияти давлатӣ ва моликияти хусусӣ (моликияти муштарак) тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

9. Қонун дар бораи маориф дар қисми 1 моддаи 10 таъсиси муассисаҳои таълимиро вобаста ба шаклҳои моликият, аз ҷумла давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва байналмилалӣ бидуни ишора ба имкони таъсиси онҳо дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор муқаррар намудааст. Пас, чунин ҳолат нишонаи он аст, ки дар тамоми зинаҳои таҳсилот муассисаҳои таълимӣ вобаста ба шакли моликияти худ метавонанд, давлатӣ, хусусӣ, муштарак ва байналмилалӣ бошанд. Вале, бархилофи ин хулоса, қонун дар бораи маориф дар қисми 2 моддаи 15 ба таври мушаххас муассисаҳои таълимии таҳсилоти томактабиро вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо ба давлатӣ ва ғайридавлатӣ ва дар қисми 3 моддаи 19 қонун дар бораи маориф низ ба таври мушаххас, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбиро ба шаклҳои моликияти давлатӣ ва ғайридавлатӣ, байналмилалӣ ва муштарак муқаррар карда, муассисаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимиро бошад, вобаста ба шаклҳои моликият комилан муқаррар

накардааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки қонун дар бораи маориф шаклҳои моликияти муассисаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоии касбӣ, миёнаи касбӣ, касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ, таҳсилоти иловагӣ ва таҳсилоти махсусро низ мутаносибан дар моддаҳои 16, 17, 18, 20, 21 ва 22 чун зинаҳои таҳсилоти томактабӣ ва таҳсилоти олии касбӣ муқаррар намояд.

10. Бояд қайд кард, ки дар миёни соҳаҳои муҳими ҳаёти ҷомеа ва давлат соҳаҳое низ мавҷуд аст, ки барои амалӣ намудани фаъолияти таълимӣ муассиси муассисаҳои таълимии соҳаҳои мазкур бояд танҳо ва танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти шакли моликияти давлатӣ баромад намояд. Яке аз чунин соҳаҳои муҳими ҳаёти давлат ва ҷомеа, ки ба андешаи мо, муассиси онҳо бояд танҳо Ҳукумати ҶТ баромад намояд, соҳаи дин мебошад. Қонун дар бораи маориф ҳамчун қонуни асосии соҳа таъсис ва фаъолияти муассисаҳои таълимии диниро комилан муқаррар накардааст, ки чунин ҳолат ба андешаи мо холигӣ дар қонун дар бораи маориф ба назар мерасад. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки масоили таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии муассисаҳои таълимиро танзим намудааст, қисми 6 бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ташкилотҳои таълимии динӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии динӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд».

Дигар соҳаҳои муҳими ҳаёти давлат ва ҷомеа, ки нисбати он муассиси ҳама намуди муассисаҳои таълимӣ танҳо Ҳукумати ҶТ бояд баромад намояд, мудофиа ва амнияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аст. Вале, қонун дар бораи маориф дар моддаи 11 муассиси муассисаҳои таълимии соҳаҳои амнияти давлатӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро ба истисноии соҳаи ҳарбӣ, ки пеш аз ҳама мавзуи танзими он аст, муқаррар накардааст, вале таҷрибаи таъсис ва фаъолияти онҳо нишон медиҳад, ки чунин муассисаҳои таълимӣ танҳо аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаҳои таҳсилоти гуногун, аз ҷумла таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ таъсис дода мешаванд. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф қисми 7 бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти дахлдорро дар соҳаҳои мудофиа ва амнияти давлат, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд, танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъсис намудан дорад».

11. Таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор вобаста ба шаклҳои моликияти онҳо низ гуногун аст. Пас савол аз он иборат аст, ки оё тамоми навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимиро дар тамоми зинаҳои таҳсилот новобаста аз шакли моликияти онҳо таъсис додан мумкин аст? Дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки падидаи таъсиси муассисаҳои таълимиро танзим намудааст, нисбати саволи мазкур муқаррарот пешбинӣ нагардидааст. Ба андешаи мо, дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳои таҳсилоти дахлдор вобаста ба шакли моликият гуногун аст. Масалан, барои соҳиб гардидани дараҷаи таҳсилоти махсус дар зинаи таҳсилоти миёнаи умумӣ муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб-интернатро танҳо дар шакли моликияти давлатӣ таъсис додан мумкин аст, халос. Пас, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки таъсиси навъҳо ва намудҳои муассисаҳои таълимӣ дар зинаҳо ва дараҷаҳои таҳсилот вобаста ба шакли моликият гуногун мебошанд. Вале, қонун дар бораи маориф дар моддаи 22 танҳо дар шакли моликияти давлатӣ таъсис додани чунин навъҳои муассисаҳои таълимиро муқаррар накардааст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки дар моддаи 11 қонун дар бораи маориф қисми 8 бо чунин мазмун илова карда шавад: «Ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти махсуси тарбия, таълим ва нигоҳубини хонандагони ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷдошта, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнокбударо амалӣ менамоянд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис медиҳад».

12. Қисми 8 моддаи 11 қонун дар бораи маориф аз якчанд ҷиҳат такмилталаб аст. Дар

он қабл аз ибораи «муассисаи таълимӣ» илова намудани ибораи «ташкилоти таълимӣ» ва ибораи «муассисаҳои томактабӣ ва таҳсилоти умумӣ» - ро ба ибораи «муассисаҳои таълиму тарбияи томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ» иваз намудан қобили қабул аст. Ҳамзамон, бинобар мушаххас набудани шакли моликияти муассисаҳои таълимии мазкур илова намудани ибораи новобаста аз шакли моликиятро қобили қабул донистан мувофиқи мақсад аст. Аз ин рӯ, пешниҳод мешавад, ки муқаррароти қисми 8 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳамчун қисми 9 моддаи 11 қонун дар бораи маориф дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Ташкилотҳои таълиму тарбияи томактабӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълиму тарбияи томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли моликият дар шаҳраку деҳот танҳо бо розигии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти дахлдор пас аз ба охир расидани соли хониш барҳам дода мешаванд».

Қисми 9 моддаи 11 қонун дар бораи маориф бошад, ҳамчун қисми 10 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳисобида шуда, дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Дар сурати барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ мақомоти дахлдори давлатӣ бо тартиби муқаррargardida гузаронидани таълимгирандагонро мувофиқи хоҳиши онҳо ба дигар муассисаҳои таълимии дахлдор таъмин менамоянд».

13. Дар қисми 7 моддаи 11 қонун дар бораи маориф қабл аз ибораи «муассисаи таълимӣ» бо назардошти имкони дар оянда ғайр аз муассисаҳои таълимӣ ба миён омадани боз дигар шаклҳои ташкилотҳои таълимӣ ибораи «ташкилоти таълимӣ» илова карда шуда, номи моддаи 11 қонун дар бораи маориф бошад, «Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ» номгӯзорӣ шуда, он бинобар хусусияти хотимавӣ доштан на ҳамчун қисми 7, балки ҳамчун қисми 11 моддаи 11 қонун дар бораи маориф ҳисобида шуда, дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад».

14. Пешниҳод мешавад, ки қисмҳои 3, 4 ва 6 моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки ба падидаи мақоми муассисаи таълимӣ ҷудо шудаанд, хориҷ карда шуда, он ҳамчун мавзуи танзими моддаи алоҳидаи қонун дар бораи маориф муқаррар карда шавад.

15. Ҳамин тариқ, муқаррароти моддаи 11 қонун дар бораи маориф, ки дар таҳқиқоти мазкур мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шуд, пешниҳод мешавад, ки дар таҳрири зерин баён карда шавад: «Моддаи 11. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ

1. Ташкилотҳои таълимӣ дар шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии барои ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ муқарраркардаи қонунгузории граждани аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин мақомоти давлатӣ, таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

2. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ вобаста ба шакли моликияти худ ба давлатӣ ва хусусӣ ҷудо шуда, дар заминаи онҳо муассисон ҳуқуқ доранд, ташкилотҳои муштараки таълимӣ низ таъсис диҳанд.

3. Ташкилотҳои давлатии таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои давлатии таълимӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

4. Ташкилотҳои хусусии таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои хусусии таълимӣ бо қарори муассис (муассисон) (шахси воқеӣ ё шахсони воқеӣ ва (ё) шахси ҳуқуқӣ, шахсони ҳуқуқӣ ё иттиҳодияҳои онҳо ба истисноӣ ташкилотҳои динии хориҷӣ) тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

5. Ташкилотҳои муштараки таълимӣ аз ҷумла муассисаҳои муштараки таълимӣ бо қарори якҷояи муассисон (субъектҳои шакли моликияти давлатӣ ва хусусӣ) дар заминаи ҳамроҳ намудани моликияти давлатӣ ва моликияти хусусӣ (моликияти муштарак)

тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ҳамчун шахси ҳуқуқии ғайритиҷоратӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

6. Ташкилотҳои таълимии динӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимии динӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуда, ба қайди давлатӣ гирифта мешаванд.

7. Ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии зинаҳои таҳсилоти дахлдорро дар соҳаҳои мудофиа ва амнияти давлат, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ ва дигар соҳаҳои ҳаётан муҳими ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ амалӣ менамоянд, танҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи таъсис намудан дорад.

8. Ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимие, ки барномаҳои таълимии таҳсилоти махсуси тарбия, таълим ва нигоҳубини хонандагони ба табобати тӯлонӣ эҳтиёҷдошта, гирифтори иллати ҷисмонӣ ё равонӣ ва ё рафтори онҳо барои ҷамъият хавфнокбударо амалӣ менамоянд, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис медиҳад.

9. Ташкилотҳои таълиму тарбияи томактабӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълиму тарбияи томактабӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи умумӣ новобаста аз шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва шакли моликият дар шаҳраку деҳот танҳо бо розигии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти дахлдор пас аз ба охир расидани соли хониш барҳам дода мешаванд.

10. Дар сурати барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ мақомоти дахлдори давлатӣ бо тартиби муқарраргардида гузаронидани таълимгирандагонро мувофиқи хоҳиши онҳо ба дигар муассисаҳои таълимии дахлдор таъмин менамояд.

11. Тартиби таъсис, азнавташкилдиҳӣ ва барҳамдиҳии ташкилотҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад».

**Руйхати адабиёт:**


1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» аз 22 июли соли 2013, №1004 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2013, № 7, мод.532; соли 2014, №3, мод.156; №7 қ.2, мод. 422; соли 2016, №3, мод.1148; соли 2016, №7, мод. 624; соли 2017, №7-9, мод.581; соли 2018, №5, мод.278.
2. Исматуллоева Н.А. Коммерциализация системы образования: достоинства и недостатки. // Таджикистанский ежегодник международного публичного и частного права. Душанбе: 2016. – С.458.
3. Инобат Садирова Саволи андозсупоранда ва посухи мутахассис. // Боҷу хироҷ. 22 сентябри соли 2022. – №37 (1341). – С.8.
4. ҶДММ «Коллеҷи тиббӣ-иҷтимоии шаҳри Душанбе» қабули довталабонро барои соли таҳсили 2019-2020 эълон менамояд. // Омӯзгор. 7 марти соли 2019. – № 10 (12183) – С. 16.
5. Муассисаи таълимии ғайридавлатии Донишкадаи тиббӣ-иҷтимоии Тоҷикистон барои ишғоли вазифаҳои зерин дар соли 2022 озмун эълон мекунад: // Омӯзгор. 16 июни соли 2022. – №24 (12352) – С.15.
6. Гарцева Ю.Е. Образовательные организации в системе некоммерческих корпоративных и унитарных организаций // Ежегодник российского образовательного законодательства. – Том. 10. – 2015 (декабрь) – С. 97.
7. Королева Т.В. Гражданско-правовой статус государственного образовательного учреждения высшего профессионального образования (государственного вуза) и его структурных подразделений: дис. ... канд. юрид. наук. – Ростов-на-Дону. 2007. – С.8 - 34.
8. Федеральный закон Российской Федерации «Об образовании в Российской Федерации» от 29. 12. 2012 №273-ФЗ. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http: // www. consultant.ru/document/cons_doc_LAW_140174/ (санаи муроҷиат: 7.07.2022).
9. Межгосударственное образовательное учреждение высшего образования Российско-Таджикский (Славянский) Университет. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://www.rtsu.tj/ru/ (санаи муроҷиат 20.07.2022).

10. Абдураҳимов С.Қ. Муассисаи таълимӣ ҳамчун субъекти ҳуқуқи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Рисолаи илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. Душанбе: 2020 – С. 44.

11. Мақоми нави донишкада. // Омӯзгор 10 феврали соли 2022, №6 (12334). – С.1.

12. Абдураҳимов С.Қ. Муассиси (муассисони) муассисаи таълимӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон Маводҳои Форуми дуюми ҳуқуқшиносони ҷавон // Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: 2018. - С.22-23. Абдурахимов С. К. Учредитель (учредители) образовательного учреждения по законодательству Республики Таджикистан. Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2018. №6. Ч.II. – С. 218-219.

13. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Низомномаи намунавии муассисаҳои давлатии таълимии навъи мактаб - интернат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз 29 августи соли 2017, № 411. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ:http://maorif.tj/storage/Dokument's-/af2fe7556c29ca2e686d4420561b9cb3.pdf. (санаи муроҷиат 1.09.2022).

14. Қонуни ҶТ «Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ», аз 28 декабри соли 2013, №1056 Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ, соли 2013. – № 12. – мод. 900; соли 2021, №12, қ.2, мод.707.

**Аннотатсия**

**Дар бораи баъзе мушкилот ва дурнамои рушди шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ дар мисоли муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Муаллиф дар мақолаи мазкур асосан дар бораи баъзе мушкилот ва дурнамои рушди шаклҳои моликияти ташкилотҳои таълимӣ дар мисоли муассисаҳои таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори ақида намудааст. Муаллиф дар мақолаи мазкур асосан, муқаррароти моддаи 11 қонун дар бораи маорифро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода, дар ин замина як зумра мушкилоти қонунгузориро оид ба мавзуи таҳқиқот муайян карда, дурнамои рушди онро дар мисоли таҳрири нави моддаи 11 қонун дар бораи маориф пешниҳод намудааст.

**Аннотация**

**О некторых проблемах и перспективах развития форм собственности образовательных организаций на примере образовательных учреждений Республики Таджикистан**

В данной статье автор в основном высказал свое мнение о некоторых проблемах и перспективах развития форм собственности образовательных организаций на примере образовательных учреждений Республики Таджикистан. В данной статье автор в основном анализирует и изучает положения статьи 11 Закона об образовании, и в этом контексте выявляет ряд законодательных проблем по теме исследования, а также представляет перспективы ее развития на примере новой редакции статьи 11 Закона об образовании.

**Annotation**

**On some problems and prospects of development of property forms of educational organizations on the example of educational institutions of the Republic of Tajikistan**

In this article, the author mainly expressed his opinion on some problems and prospects for the development of forms of ownership of educational organizations on the example of educational institutions of the Republic of Tajikistan. In this article, the author mainly analyzes and studies the provisions of Article 11 of the Law on Education, and in this context identifies a number of legislative problems on the topic of research, and also presents the prospects for its development using the example of the new version of Article 11 of the Law on Education.



**УДК: 347.78.01**

**Исмоилова Мадина Исмоиловна,**
*начальник отдела гражданского, предпринимательского и семейного законодательства Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: madina-ismoilzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 915-41-22-22.*

# ПРОБЛЕМЫ МЕЖДУНАРОДНОЙ И НАЦИОНАЛЬНО- ПРАВОВОЙ ОХРАНЫ СМЕЖНЫХ ПРАВ

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи муаллифӣ; моликияти зеҳнӣ; ҳамкории байналмилалӣ; ҳимоя; принсипҳои ҳимояи ҳуқуқи муаллифӣ.*

***Ключевые слова:*** *авторское право, интеллектуальная собственность, международное сотрудничество, защита, принципы защиты авторских прав.*

***Keywords****: copyright, intellectual property, international cooperation, protection, copyright protection principles.*

Проблема охраны смежных прав остро встает (во всяком случае на международном уровне) после второй мировой войны. Поэтому уже к 60-м годам возникла необходимость заключения международного соглашения об охране прав артистов-исполнителей, изготовителей фонограмм и организаций радиовещания. Первым универсальным международным договором в этой области явилась Римская конвенция 1961 г. об охране интересов авторов-исполнителей, изготовителей фонограмм и вещательных организаций, вступившая в силу 18 мая 1964 г., которая признала существование смежных (относящихся к категории производных от авторских) прав. Сравнение текстов Римской и Бернской конвенций обнаруживает, насколько различаются культура подхода к авторскому праву и концепция смежных прав, а именно прав артистов-исполнителей. Это был совершенно новый подход к интеллектуальной собственности. В Римской конвенции мы впервые находим определение того, что такое артист-исполнитель. Впервые было определено, что такое фонограмма. В этом было ее главное историческое значение.

Римская конвенция, сыграв свою историческую роль, к сожалению, не получила такого широкого распространения, как Бернская и Всемирная конвенция об охране авторских прав. Очевидно наличие пробелов и серьезные недостатки Римской конвенции порождают разговоры о ее ревизии. Так дискуссия, проходившая в Женеве в рамках Всемирной Организации Интеллектуальной Собственности, которая, прекрасно зная недостатки Римской конвенции, старается выработать новый универсальный международный инструмент регулирования смежных прав.

Между тем, начавшиеся в стране коренные изменения в политической системе, обусловленные отказом от административно-плановой экономики и переходом к рыночным отношениям, вызвали необходимость принятия нового законодательства в сфере интеллектуальной собственности и в частности, в вопросах охраны смежных прав, отвечающего существующим международным требованиям и стандартам.

В Республике Таджикистан смежные права не охранялись до 13 ноября 1998 г. (дата принятия Закона РТ «О авторском праве и смежных правах» [1] и Гражданский кодекс РТ часть третей [2], который включал в Раздел V Интеллектуальная собственность, главу 57. Общие положения об интеллектуальной собственности. Хотя реальной охраны смежных прав они не гарантировали.

В 1971 г. была заключена Конвенция об охране интересов производителей фонограмм от незаконного воспроизводства их фонограмм.

Указанная конвенция в определенной степени развивает положения Римской конвенции, которая недостаточно полно регулировала вопросы прав производителей фонограмм.

Субъектом прав, которые предоставляет Конвенция об охране производителей фонограмм от незаконного воспроизводства их фонограмм является производитель фонограмм – физическое или юридическое лицо, которое первым сделало запись звуков на фонограмме.

Конвенция определяет фонограмму как любую исключительную запись звуков (ст. 1 (а). Она не имеет обратной силы и поэтому не распространяется на фонограммы, которые были сделаны на территории данного государства до вступления в силу данной конвенции на территории этого государства.

Конвенция отказалась от принципа национального режима, а применяется право государства, гражданином которого является изготовитель фонограммы.

Также в 1974 г. была принята Брюссельская конвенция о распространении несущих программы сигналов, передаваемых через спутники. Страны участницы конвенции приняли на себя обязательство принять меры по предотвращению на своей или со своей территории любого несущего программы сигнала любым распространяющим органом, для которого сигнал, переданный на спутник или проходящий через него не предназначается. При этом страны участницы сами выбирают способы исполнения указанного обязательства.

Брюссельская конвенция одновременно представляет интересы авторов, артистов-исполнителей, производителей фонограмм и вещательных организаций в процессе распространения сигналов через спутники. В конвенции не содержатся специальные правила по предупреждению актов интеллектуального пиратства: решение этого вопроса оставлено на усмотрение стран-участниц. Указанная конвенция открыта для всех стран-членов ООН.

Эта конвенция практически не содержит норм материального характера, а только обязывает стран-участниц принять адекватные меры, обеспечивающие как на законодательном, так и правоприменительном уровнях охрану интересов производителей фонограмм от производства копий фонограмм без согласия производителя, от ввоза таких копий из-за границы и от их распространения среди публики. Специфической особенностью Конвенции является отказ от принципа национального режима.

В 1996 г. В Женеве был заключен Договор ВОИС по исполнениям и фонограммам. Этот договор открыт для присоединения только государствам-членам ВОИС. Он не затрагивает права авторов произведений и распространяется только на исполнителей и производителей фонограмм.

В соответствии с указанным договором исполнители наделяются исключительными правами в отношении своих исполнений: запрещать или разрешать эфирное вещание и сообщение для всеобщего сведения незаписанных исполнений, запись своих незаписанных исполнений, прямое или косвенное воспроизведение своих исполнений, записанных на фонограммы, доведение до всеобщего сведения оригинала и экземпляров своих фонограмм посредством продажи или иной передачи права собственности и др.

Производители фонограмм пользуются исключительным правом разрешать прямое или косвенное воспроизведение своих фонограмм любым способом и в любой форме, доведение до всеобщего сведения оригинала и экземпляров своих фонограмм посредством продажи или иной передачи права собственности, а также по проводам или средствам беспроволочной связи, коммерческий прокат оригинала и экземпляров своей фонограммы для публики даже после их распространения, осуществленного производителем или по его разрешению.

Нормы Закона РТ «О авторском праве и смежных правах» и главы 57 ГК РТ закрепляют пять видов смежных прав:

- права на результаты исполнительской деятельности (исполнения),
- права на фонограммы,
- права на сообщения в эфир или по кабелю радио- и телепередач (вещание организаций эфирного и кабельного вещания),
- права на содержание баз данных,
- права на произведения науки, литературы и искусства, обнародованные после их перехода в общественное достояние.

У них разные объекты и субъекты, различаются они также по объему и содержанию самих прав. Общим у них является то, что они производны от авторских прав. Смежные права могут переходить другим лицам по договорам, в порядке правопреемства другим лицам. Смежные права охраняются и защищаются теми же способами, что и авторские права на произведения науки, литературы и искусства.

С развитием рыночных отношений между государствами, а также появлением в Республике Таджикистан интеллектуальной собственности как объекта гражданских прав возникла потребность в ее защите, поскольку в повседневной практике интеллектуальные права авторов нередко нарушаются.

Авторское право как объект интеллектуальной собственности получило признание относительно недавно по сравнению с другими институтами гражданского права.

Это произошло в основном благодаря изобретению книгопечатания, так как еще несколько столетий назад распространение книжных изделий было весьма трудоемким и недешевым процессом, а о контрафактной продукции и речи быть не могло. Однако, развитие и совершенствование научно-технического прогресса, а также укрепление международных связей поставило вопрос о международно-правовой охране авторских прав.

В XVIII в. вопросы, касающиеся авторских прав, не рассматривались на межгосударственном уровне, так как технические средства распространения произведений существовали только в рамках территории государства.

В настоящее время вопросами интеллектуальной собственности в международном праве в основном занимаются две международные межправительственные организации: Всемирная организация интеллектуальной собственности (далее-ВОИС) [3] и Всемирная торговая организация (далее - ВТО), в рамках соглашения по торговым аспектам прав интеллектуальной собственности.

Кроме них существуют и другие программы международного сотрудничества в области интеллектуальной собственности, в частности, программы в рамках ЮНЕСКО.

ВОИС была создана в 1970 г. в целях образования единого общемирового центра организации международного сотрудничества в области охраны интеллектуальной собственности во всех ее разновидностях. ВОИС имеет статус специализированного учреждения ООН.

Важнейшими задачами и функциями ВОИС являются: функция выполнения административно-секретариатских, управленческих мер; сотрудничество по отдельным секторам и направлениям международной охраны прав интеллектуальной собственности.

ВОИС проводит значительную исследовательскую работу, сбор и распространение информации, оказание технической помощи развивающимся странам. Под эгидой ВОИС ведутся работы по подготовке и заключению многосторонних договоров и т.п.

В ВОИС участвует около 150 государств, в том числе Республика Таджикистан. Структура ВОИС включает [4]: Генеральную ассамблею, в которую входят страны-члены ВОИС, одновременно участвующие также в Парижском и Бернском союзах; Конференцию – объединяет всех членов ВОИС, независимо от их участия в названных союзах; Комитет по координации в составе 51 государства – выполняет административно-финансовые функции; Постоянный комитет ВОИС по информации о промышленной собственности в составе государств-участников РСТ, Союза международной патентной классификации и, при желании, стран-членов Парижского союза; Международное бюро – является Секретариатом ВОИС во главе с Генеральным директором [5].

ВОИС определяет авторское право как юридический термин, используемый для описания прав, которыми обладают авторы на свои литературные и художественные произведения.

Авторское право охватывает целый диапазон произведений – от книг, музыки, картин, скульптуры и фильмов до компьютерных программ, баз данных, рекламы, карт и технических чертежей [6]. С

авторским правом человек сталкивается каждый день, читая книги, журналы, прослушивая аудиозаписи, просматривая видеозаписи. И именно поэтому авторское право требует все большей защиты от незаконного использования и нарушения прав граждан.

Международно-правовая охрана авторских прав носит двойственный характер, так как учитываются не только общепризнанные принципы и нормы международного права, но и нормы внутригосударственного права. Ч. 3 ст. 40 Конституции РТ гарантирует защиту интеллектуальной собственности.

Международно-правовую основу охраны составляет принятая в 1886 г. Бернская конвенция по охране литературных и художественных произведений (действует в редакции 1971 г.).

Государства – участники основали Бернский союз для охраны прав авторов литературных и художественных произведений. Его административные функции выполняет ВОИС.

Правовую основу также составляет Всемирная конвенция об авторском праве (Женева, 6 сентября 1952 г.; пересмотрена в Париже 24 июля 1971 г.; вступила в силу для СССР 27 мая 1973 г.) и Соглашения о сотрудничестве в области охраны авторского права и смежных прав, заключенные в Москве 24 сентября 1993 г.

Запрет на свободное использование объектов авторского права, который установлен в интересах авторов, правообладателей, сдерживает развитие науки, новых технологий, образования, культуры. Чтобы избежать подобных последствий, государства в своих национальных законодательствах определяют так называемые пределы авторского права.

В последнее время в литературе встречаются случаи необоснованного смешения принципов исчерпания права и пределов права. При этом, безусловно, институт исчерпания прав – один из наиболее важных ограничителей исключительных прав, широко проявляющий себя в разных аспектах [7]. Чтобы разобраться в особенностях указанных принципов, необходимо обратиться к европейскому опыту совершенствования правового регулирования в области интеллектуальной собственности.

Директивы Европейского союза способствуют унификации права во всех присоединившихся странах, а также служат фундаментом для дальнейшего правотворчества на международном уровне.

Общие тенденции развития правового регулирования в данной области особенно заметны на примере Директивы ЕС от 22 мая 2001 г. № 2001/29/ЕС «О гармонизации некоторых аспектов авторского права и смежных прав в информационном обществе» [8] (далее - Директива ЕС от 22 мая 2001 г.), закладывающей основы для создания общей гибкой правовой системы.

Особое внимание в Директиве ЕС от 22 мая 2001 г. уделяется вопросам исчерпания прав [9]. В частности, предусматривается, что ни при каких условиях представление произведений широкой публике (путем эфирного или кабельного вещания либо посредством интерактивных цифровых сетей) не должно рассматриваться как основание для дальнейшего их использования в гражданском обороте без согласия правообладателя.

Для случаев распространения экземпляров произведений путем их продажи или иной передачи специально оговаривается, что правила об исчерпании прав (т.е. возможности дальнейшего распространения введенных в гражданский оборот экземпляров без согласия правообладателя и без выплаты ему вознаграждения) применяются только в отношении тех экземпляров, первая продажа или иная передача права собственности на которые с согласия правообладателя имела место в пределах Европейского союза (ст. 4 Директивы ЕС от 22 мая 2001 г.).

Аналогичный принцип заложен в ст. 30 Закона РТ «Об авторском праве и смежных правах». Действие указанного принципа, как и в Европе, подвергается территориальному ограничению, исчерпание прав наступает только в том случае, если оригинал или экземпляр произведения вводится в гражданский оборот на территории РТ.

В международных договорах акцент делается на исчерпание права на

распространение, так как право на воспроизведение исчерпанию не подлежит.

Собственник материального носителя может его продать, подарить или иным образом передать третьим лицам; при этом согласия правообладателя на объект авторского права или смежных прав, воплощенный в товаре, не требуется.

Действие этого принципа абсолютно справедливо, так как в ином случае для любой перепродажи товара следовало бы получать разрешение правообладателя. Получается, что материальный носитель можно распространять как угодно, но никто не имеет права его воспроизводить, копировать.

Несомненно, институт международно-правовой охраны авторских прав строится на определенных принципах, которые образуют его руководящие начала, являясь первоосновой для их охраны. Такими принципами являются:

- принцип гражданства автора - присоединением государства к соответствующим конвенциям территориальные ограничения отпадают.

Согласно п. «а» ст. 3 Бернской конвенции [10], охрана предоставляется произведениям как выпущенным, так и не выпущенным в свет, авторы которых либо являются гражданами государств-участников соответствующих конвенций, либо постоянно проживают на их территории. Тем самым реализуется принцип гражданства автора;

- территориальный принцип предоставления охраны – этот принцип применяется только для произведений авторов, не являющихся гражданами стран-участниц конвенций, т.е. принцип гражданства автора и территориальный принцип не могут применяться одновременно. Охрана осуществляется в рамках реализации территориального принципа в том случае, если произведение впервые было выпущено в свет в одной из стран - участниц соответствующего договора или одновременно в стране - участнице и третьем государстве (п. «Ь» ст. 3 Бернской конвенции);

- принцип национального режима охраны (иногда называется принципом ассимиляции) - этот принцип установлен в ст. 2 Всемирной конвенции и означает, что произведения граждан любого государства-участника Конвенции, а равно произведения, впервые выпущенные на территории такого государства, пользуются на территории другого государства-участника той охраной, которую они предоставляют произведениям своих авторов, впервые выпущенным в свет на их собственной территории. Произведения иностранных авторов (имеются в виду граждане государств-участников), не выпущенные в свет, также пользуются охраной, которую государство предоставляет не выпущенным в свет произведениям своих авторов [11];

- принцип предоставления охраны вне зависимости от соблюдения формальностей – в законодательстве Таджикистана данный принцип заключается в том, что авторское право на произведение науки, литературы и искусства возникает в силу факта его создания.

Для возникновения и осуществления авторского права не требуется регистрация произведения, иного специального оформления произведения или соблюдения каких-либо формальностей.

В некоторых странах для признания произведения охраняемым необходима его регистрация, нотариальное удостоверение, оговорка о сохранении авторского права или соблюдение иных обязательных процедур.

Всемирная конвенция устанавливает правило, согласно которому в случае, если по внутреннему законодательству государства-участника соблюдение формальностей является обязательным, то формальности считаются соблюденными в отношении произведений граждан других государств-участников либо произведений, впервые выпущенных в свет вне территории данного государства, при условии, что все экземпляры таких произведений, начиная с первого выпуска в свет, будут носить знак охраны авторского права-©;

- принцип срочного характера охраны – данный принцип обусловлен необходимостью сочетания частных и публичных интересов при использовании продуктов интеллектуальной деятельности, а также их исключительной важностью для экономического и культурного развития общества;

- принцип осуществления охраны в пользу автора и его правопреемников – данное

положение является ключевым для толкования и применения всех правил, направленных на охрану авторских прав. Иными словами, если в отношении положений конвенции возможны различные толкования, должен выбираться вариант, наиболее благоприятный для автора и его правопреемников [12].

Следование данным принципам является одним из показателей состояния нормативного регулирования охраны авторских прав в стране. Национальное законодательство каждой из стран-участниц международных соглашений должно соответствовать вышеозначенным принципам формально, а также создавать действенные механизмы по исполнению их на практике.

**Список литературы:**

1. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1998 г., №23-24, ст. 348; 2003 г., №8, ст. 450; 2006 г., №3, ст. 153; 2009 г., №12, ст. 825; 2014 г., №12, ст. 826; Закон РТ от 02.01.2018 г., №1488.

2. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2005 г., №3, ст. 124; 2012 г., №7, ст. 690.

3. Конвенция, учреждающая Всемирную организацию интеллектуальной собственности (Стокгольм, 14 июля 1967 г.) (изменена 2 октября 1979 г) // Сборник международных актов об интеллектуальной собственности. – М.: Норма. 2003. – С. 280.

4. Вельяминов Г.М. Международное экономическое право и процесс (Академический курс): Учебник. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – С.245.

5. Официальный сайт Всемирной организации интеллектуальной собственности http://www.wipo.int/copyright/ru.

6. Комментарий к части четвертой Гражданского кодекса РФ / Под ред. А.Л. Маковского. – М., 2008. – С. 299.

7. В статье использованы тексты документов, представленные в СПС «Гарант».

8. Учение об исчерпании прав было разработано немецким цивилистом Йозефом Колером (см.: Kohler. Deutsches Patentrecht. Mancheim, 1878). См. об этом: Пирогова В.В. Исчерпание исключительных прав и параллельный импорт. - М., 2008. – С.47.

9. Бернская конвенция по охране литературных и художественных произведений от 9 сентября 1886 г. (дополненная в Париже 4 мая 1896 г., пересмотренная в Берлине 13 ноября 1908 г., дополненная в Берне 20 марта 1914 г. и пересмотренная в Риме 2 июня 1928 г., в Брюсселе 26 июня 1948 г., в Стокгольме 14 июля 1967 г. и в Париже 24 июля 1971 г., измененная 2 октября 1979 г) // Бюллетень международных договоров. 2003г. – № 9. – С. 3.

10. Силенок М.А. Авторское право: учебно-методическое пособие для вузов. – М., Юстицинформ, 2006 г. – С. 90.

11. Барановский П.Д. О принципах международной охраны авторских прав // Журнал российского права, 2011. – № 8. – С. 180.

**Аннотатсия**

**Проблемаҳои байналмилалӣ ва ҳуқуқӣ-миллии ҳимояи ҳуқуқҳои вобаста**

Дар мақола муаллиф моҳияти ҳимояи ҳуқуқии байналмилалии ҳуқуқи муаллиф, танзими ҳуқуқии барномаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи моликияти зеҳниро нишон медиҳад. Бо принсипҳои ҳифзи ҳуқуқи муаллиф тавсиф карда мешавад.

**Аннотация**

**Пролемы международной и национально- правовой охраны смежных прав**

В статье автор раскрывает сущность международно-правовой защиты авторских прав, правового регулирования программ международного сотрудничества в области защиты интеллектуальной собственности. Характеризуется принципами защиты авторских прав.

**Annotation**

**Problems of international and national legal protection of related rights**

In this article the author reveals the essence of international legal protection of copyright, the legal regulation of international cooperation programs in the field of intellectual property protection. Characterized by the principles of copyright protection.



УДК: 347.2/.3
**Шамсиддин Шоҳин,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети дипломатия ва сиёсати Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: shokhinsh@mail.ru*
*Тел.:(+992) 904-91-28-45.*

# БАЪЗЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚИИ ХАРИДИ САРВАТҲОИ ТАЪРИХИЮ ФАРҲАНГӢ

***Калидвожа:*** *моликият; ҳуқуқи моликият; сарватҳои фарҳангӣ; мероси таърихию фарҳангӣ; молики сарватҳои фарҳангӣ; нигоҳбонии бенизом; санадҳои судӣ; савдои оммавӣ; арзиши таърихию фарҳангӣ; истифодаи сарватҳои фарҳангӣ; асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият.*

***Ключевые слова:*** *собственность; право собственности; культурные блага; историко-культурное наследие; собственник культурных благ; бесхозяйственное содержане; судебные акты; пуюличная торговля; историко-културные ценности; использование культурных благ; основание прекращения права собственности.*

***Keywords:*** *property; property right; cultural values; historical and cultural heritage; owner of cultural property; mismanaged content; judicial act; historical and cultural values; use of cultural property; grounds for termination of property.*

Дар тӯли ҳазорсолаҳо одамон сарватҳои зиёд офаридаанд. Бархе аз ин сарватҳо, ки наслҳои гузашта офаридаанд ба имтиҳони замон тоб оварда, ба наслҳои баъдӣ ҳамчун як ашёи арзишманд ва арҷгузор боқӣ мондаанд. Ин сарватҳо (моддӣ ва маънавӣ) дар илм «мероси фарҳангӣ» номида шудаанд. Ҳамин тариқ, мероси фарҳангии миллӣ, этникӣ, халқӣ, инчунин мероси фарҳангии ҷаҳонӣ аз ҳамдигар фарқ карда мешаванд. Мероси фарҳангӣ омили муҳимми ваҳдати миллату башарият, василаи ваҳдат дар замони буҳрон ва лаҳзаҳои фалокат аст [1, с. 19].

Мероси фарҳангии миллиро, ки дар ашёи моддӣ таҷассум ёфтааст, арзишҳои моддии фарҳангӣ тавсиф кардан мумкин аст. Арзиш тибқи мафҳуми луғати энсиклопедӣ «ин ва ё он хусусияти ашё, ки барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷот, хоҳиш, манфиатҳои субъекти иҷтимоӣ (шахс, гурӯҳи одамон, ҷомеа) мебошад» [6, с. 426]. Бо ёрии мафҳуми «арзиш» объектҳои алоҳидаи олами атроф бо маънои шахсӣ (барои шахс) ва мазмуни иҷтимоию таърихӣ (барои ҷамъият) тавсиф карда мешаванд [1, с. 20].

Сарватҳои фарҳангӣ асоси бунёдии ҳар як фарҳанг мебошанд. Онҳо метавонанд ҳам дар шакли моддӣ ва ҳам ғайримоддӣ бошанд, ки ба паҳлӯҳои гуногуни ҳаёти фарҳангии халқу давлатҳо, ба давраҳои гуногуни таърихи миллӣ, ба рӯйдодҳои муайяни таърихӣ мансуб бошанд.

Сарватҳои фарҳангӣ далелҳои беназир, ивазнашаванда ва барқарорнашавандаи рушди таърихии халқ, ҷомеа ва давлат, осори эҷодиёти моддӣ ва маънавӣ мебошанд, ки арзиши таърихӣ, илмӣ, бадеӣ ва дигар арзишҳои фарҳангиро ифода мекунанд. Онҳо қисми ҷудонашавандаи сарвати миллӣ ва мероси халқҳои ҳар як кишвар, як қисми мероси фарҳангии ҷаҳонӣ буда, ба манфиати наслҳои ҳозира ва ояндаи халқҳои сокини ҳар як кишвар таҳти ҳимояи давлатӣ мебошанд [3, с. 133].

Дар шароити феълӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) дорои сарватҳои воқеан бешумори фарҳангӣ мебошад, ки ба ҳифзи боэътимод ниёз дорад. Аҳамияти сарватҳои фарҳангӣ воқеан беназир ва гуногунҷанба аст. Сарватҳои фарҳангӣ дар тарбияи ватандӯстӣ ва шаҳрвандӣ аз бисёр ҷиҳат нақши ҳалкунанда мебозанд; ба мо имкон медиҳанд, ки таърихи ҳазорсолаи Тоҷикистонро омӯзем ва дарк намоем; онҳо

одамонро бо фаҳмиши комёбиҳои барҷастаи санъати ҷаҳонӣ ва ватанӣ шинос мекунанд; ба ҳолати рӯҳии шахс таъсири мусбӣ мерасонанд; ба муколамаи дӯстонаи маданиятҳои халқҳо ва мамлакатҳои гуногун мусоидат мекунанд; барои инкишофи чунин соҳаи иқтисодиёти миллӣ ва байналхалқӣ, монанди сайёҳӣ аҳамияти калон доранд.

Дар ҶТ ҳифзи мероси фарҳангӣ ба манфиати наслҳои ҳозира ва ояндаи шаҳрвандони он кафолат дода мешавад. Ба ҳар як шаҳрванд дастрасӣ ба арзишҳои фарҳангӣ кафолат дода мешавад.

Танзими ҳуқуқии муомилоти сарватҳои фарҳангӣ ва низоми ҳуқуқии онҳо ба маҷмӯи масъалаҳои муосири ҳуқуқи гражданӣ дохил карда шудааст. Проблемаи танзими ҳуқуқии муомилоти граждании сарватҳои фарҳангӣ як қисми мушкилоти сатҳи олӣ мебошад. Якум, ин проблемаи танзими муомилоти молумулкӣ аст. Дуюм, ин проблемаи ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ мебошад.

Соҳаи муомилоти молумулкии сарватҳои фарҳангӣ бо усули хоси диспозитивии ҳуқуқи гражданӣ танзим мегардад. Ҳол он ки масъалаҳои ҳифзи сарватҳои фарҳангӣ асосан бо ҳуқуқи маъмурӣ бо бартарии усули императивии танзими ҳуқуқӣ амалӣ мегардад. Ҳамин тавр, соҳаи танзими муомилоти сарватҳои фарҳангӣ он қисми ҳуқуқи гражданӣ мебошад, ки дар он унсурҳо ва мақсадҳои хоси ҳуқуқи оммавӣ комилан равшан ифода ёфтаанд.

Мавзуи маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба арзишҳои фарҳангӣ барои ҳуқуқ, назария ва амалияи татбиқи ҳуқуқ хеле муҳим аст. Ин аз он сабаб аст, ки меъёрҳои муносибатҳои мавриди назар хусусияти системавӣ надоранд, дар онҳо камбудию зиддиятҳо мавҷуданд.

Муносибатҳои моликиятӣ ба сарватҳои фарҳангӣ асосан бо меъёрҳои КГ ҶТ (қисми якум) аз 30 июни соли 1999, №802 [2], Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516; Қонуни ҶТ «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» аз 1 августи соли 2003, №32; Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178; Қонуни ҶТ «Дар бораи осорхонаҳо ва Фонди осорхонаҳо» аз 3 июли соли 2012, №838; Қонуни ҶТ «Дар бораи берун баровардан ва ворид намудани сарватҳои таърихию фарҳангӣ» аз 4 апрели соли 2019, №1593 танзим карда мешавад.

Пеш аз оне ки вобаста ба қатъ гардидани ҳуқуқи моликият нисбат ба сарватҳои фарҳангӣ сухан ронем, сараввал муайян намудани ҳуқуқи моликиятро ба сарватҳои фарҳангӣ зарур арзёбӣ менамоем.

Ҳуқуқи шаҳрвандони ҶТ, гурӯҳҳои миллӣ ва этникӣ, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар соҳаи фарҳанг дар м.м. 5-7 Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516 муқаррар карда шудааст. Масалан, моддаи 5 Қонуни мазкур ҳуқуқи шаҳрвандони ҶТ-ро дар қаламрави он қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, маълумот, эътиқоди динӣ, вазъи иҷтимоӣ, молу мулк, хусусияти касбу кор дар соҳаи фарҳанг муқаррар менамояд. Аз ҷумла, мутобиқи сархати ҳаштуми м. 5 Қонуни болозикр шаҳрвандони ҶТ ҳуқуқ доранд молики молу мулки дорои аҳамияти таърихиву фарҳангӣ, коллексияҳо, биноҳо, иншоот, ташкилот, муассисаҳо, корхона ва объектҳои дигари фарҳангӣ бошанд.

Тартиби ба даст овардан ва қатъ намудани ҳуқуқи моликиятро ба объектҳои мероси таърихӣ ва фарҳангӣ КГ ҶТ танзим намуда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои соҳибмулк, хусусиятҳои амалигардонии ин ҳуқуқ дар боби 5 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 муқаррар гардидааст.

Мутобиқи м. 25 Қонуни мазкур соҳибони объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ вазифадоранд, ки аз мақомоти давлатӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳо шиносномаи шакли муқарраршуда гиранд, ки дар он уҳдадориҳои соҳибмулк бояд қайд карда шаванд:

1) таъмини ҳифзи пурраи ёдгориҳо;

2) тармими ёдгориҳо аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ: ёдгориҳои манқул - дар ҷойи зисти молик, ёдгориҳои ғайриманқул - дар макони ҷойгиршавии онҳо;

3) сари вақт огоҳонидани мақоми ваколатдори давлатӣ;

4) эҳтимоли ворид гардидани тағйирот дар ҳуқуқи молик, аз ҷумла дар шароити нигаҳдорӣ ва истифодаи ёдгориҳо;

5) анҷом додани корҳо дар бозсозии ёдгориҳо.

Қонуни дар боло зикршуда ҳуқуқи моликиятро ба объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ маҳдуд мекунад. Ҳамин тариқ, тибқи м. 26 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 шарти истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ метавонад аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ (Вазорати фарҳанги ҶТ) ба ҳамон андозае маҳдуд карда шавад, ки он барои таъмини ҳифз, нигаҳдорӣ, тарғиб ва истифодаи объекти мазкур, муҳити табиӣ, риояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ҳамчунин давлат зарур бошад.

Ҳуқуқи истифодаи объекти мероси таърихию фарҳангӣ, ки дар моликияти хусусӣ қарор дорад, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ва қарори суд маҳдуд карда мешавад. Аммо дар амал ин гуна ҳодисаҳо кам дида мешаванд.

Дар сурати бартараф намудани вазъият ё шароите, ки сабаби маҳдудияти истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ гардидааст, ҳуқуқи пурраи истифодаи объекти мазкур барқарор карда мешавад [5, с. 627].

Вобаста ба ҳуқуқи моликият дар ин самт мухолифат дар он зоҳир мегардад, ки дар м. 8 Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997, №516 муайян шудааст, арзишҳои фарҳангии миллии ҶТ метавонанд дар моликияти давлатӣ, кооперативӣ, омехта, муштарак, шахсӣ ва хусусӣ бошанд.

Аммо дар м. 24 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 муқаррар гардидааст, ки объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ метавонанд дар моликияти давлатӣ ва хусусӣ бошанд. Ин меъёр ба талаботи Конститутсияи ҶТ ва м. 236 КГ ҶТ мувофиқат мекунад.

Мутобиқи м. 237 КГ ҶТ моликияти хусусӣ ҳамчун моликияти шаҳрвандон ё шахсони ҳуқуқии ғайридавлатӣ ва иттиҳодияҳои онҳо амал мекунад. Ҳамчун намуди махсуси моликияти хусусӣ моликияти ҷамъиятӣ, аз ҷумла иттиҳодияҳои динӣ мебошад. Моликияти давлатӣ дар ҶТ дар шакли моликияти ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ баромад мекунад.

Мувофики м. 238 КГ ҶТ моликияти ҷумҳуриявӣ аз хазинаи ҷумҳуриявӣ ва молу мулке, ки мутобиқи санади қонунӣ ба шахси ҳуқуқии давлатии ҷумҳуриявӣ вобаста карда шудаанд, иборат мебошад. Моликияти коммуналӣ аз хазинаи маҳаллӣ ва молу мулке, ки тибқи санади қонунгузорӣ ба шахси ҳуқуқии коммуналӣ вобаста карда шудаанд, иборат мебошад.

Ҳамин тавр, қонунгузории миллӣ ҳуқуқи моликият ба сарватҳои фарҳангиро дар намуди давлатӣ ва хусусӣ кафолат медиҳад. Ҳамзамон вобаста ба истифодабарии онҳо аз ҷониби моликони ин ашёҳо талаботи муайянро низ муқаррар менамояд.

Истифодаи объектҳои мероси фарҳангӣ ба мақсад ва тарзҳое, ки хилофи Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ» аз 3 марти соли 2006, №178 мебошанд, манъ аст.

Объектҳои мероси фарҳангӣ, ки ба Феҳрист дохил карда шудаанд, бо риояи ҳатмии талаботи зерин истифода мешаванд:

1) нигаҳдории симои беруна ва дохилии объекти мероси фарҳангӣ тибқи маълумоти ба сифати предмети ҳифз дар шиносномаи объекти мероси фарҳангӣ дохилшуда;

2) анҷом додани корҳо оид ба ҳифзи объектҳои мероси фарҳангӣ ҳангоми заминсозӣ, корҳои заминканӣ, сохтмон, мелиоративӣ, хоҷагӣ ва дигар корҳо дар ҳудуди объекти мероси фарҳангӣ дар мувофиқа ба мақомоти дахлдори давлатӣ амалӣ карда шавад;

3) мувофиқа намудани сохтмон ва дигар намуди корҳо ва фаъолияти хоҷагӣ дар минтақаҳои муҳофизат;

4) дастрасии оммавии объекти мероси фарҳангӣ, ки шартҳои онро молики объекти мероси фарҳангӣ дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори ҳифзи объектҳои мероси фарҳангӣ муқаррар менамояд.

Объектҳои мероси фарҳангии муайяншуда дар сурати риояи ҳатмии талаботи зерин истифода мешаванд:

1) нигаҳдории намуди берунӣ ва дохилии объекти мероси фарҳангӣ муайяншуда тибқи маълумоти дар шиносномаи объекти мероси фарҳангӣ дохилшуда;

2) дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори давлатӣ оид ба ҳифзи мероси фарҳангӣ анҷом додани корҳои заминсозӣ, корҳои заминканӣ, сохтмону мелиоративӣ, хоҷагӣ ва дигар корҳо

дар ҳудуди объекти мероси фарҳангӣ [4, с. 92-93].

Дахолати мақомоти давлатӣ ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ оид ба истифодаи объектҳои мероси фарҳангӣ иҷозат дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонунгузории миллӣ ва талаботе, ки дар шартномаи ҳифз бо истифодабаранда махсус муқаррар шудаанд, пешбинӣ карда шудааст.

Албатта, вобаста ба фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми истифода ва нигоҳдории бенизоми сарватҳои фарҳангӣ, мақомоти давлатӣ метавонад чораҳо андешад, ки он ҳатто боиси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ба ин сарватҳо мегардад. Яъне, масъулият барои нигоҳ доштан ва ҳифзи объектҳои мероси фарҳангии миллӣ ба дӯши моликон ва истеъмолкунандагони (истифодабарандагони) онҳо гузошта мешавад. Иҷро накардани ин уҳдадорӣ боиси қатъ гардидани ҳуқуқи додашуда мегардад.

Маҷбуран қатъ гардидани ҳуқуқи моликият ҳангоми харидани сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишаванда метавонад ба амал ояд. Муқаррароти мазкур меъёри конститутсиониеро инкишоф медиҳад, ки тибқи он ғамхорӣ ва ҳифзи мероси таърихию фарҳангӣ вазифаи ҳар як шахс мебошад [7, с. 61]. Мақсади хариди сарватҳои фарҳангии бенизом нигоҳбонишуда аз таъмини ҳифзи мероси таърихию фарҳангии ҷомеа иборат мебошад [8, с. 6].

Истифодаи оқилона ва аз ҷиҳати назариявӣ асосноки меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ барои танзими қатъи маҷбурии ҳуқуқи моликият ба сарватҳои фарҳангӣ ба ташаккул ва рушди бозори ҳуқуқӣ ва мутамаддини сарватҳои фарҳангӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Джамбатов А.А. Гражданско-правовой режим объектов культурного наследия: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.03 / Джамбатов Александр Александрович. – Ставрополь, 2005. – 199 с.

2. Кодекси граждании ҶТ (қисми якум) аз 30 июни соли 1999, №802 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. / [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http: www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 1.10.2022).

3. Кондратьев В.П. Приватизация государственного и муниципального имущества: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2005. – 182 с.

4. Мартыненко И.Э. Право и формы собственности на культурные ценности в Республике Таджикистан // Юридическая наука. – 2012. – № 4. – С. 91-98.

5. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Ҳ., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (қисми якум). – Душанбе: «ЭР-граф», 2010. – 1000 с.

6. Энциклопедический словарь по культурологи / Под ред. А.А. Радугина. – М., 1997. – 480 с.

7. Крысанов А.А. Принудительное прекращение права собственности: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Крысанов Андрей Андреевич. – Рязань, 2002. – 176 с.

8. Челышева Н.Ю. Принудительный выкуп имущества граждан для государственных и муниципальных нужд: конфликт частных и публичных интересов // Российская юстиция. – 2008. – №12. – С. 5-8.

**Аннотатсия**

**Баъзе аз масъалаҳои танзими гражданӣ-ҳуқуқии хариди сарватҳои таърихию фарҳангӣ**

Дар мақолаи мазкур баъзе аз масъалаҳои танзими гражданӣ ҳуқуқии хариди сарватҳои таърихию фарҳангӣ ҳамчун асоси қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо истифода аз адабиёти ватанию хориҷӣ ва таҳлили қонунгузорӣ, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы гражданско-правового регулирования приобретения историко-культурных благ**

В данной статье с использованием отечественной и зарубежной литературы и анализа законодательства исследуются и обсуждаются некоторые вопросы гражданско-правового регулирования приобретения объектов историко-культурного блага как основание прекращения права собственности.

**Annotation**

**Some issues of civil law regulation of the redemption of historical and cultural values**

In this article, using domestic and foreign literature and analysis of legislation, some issues of civil law regulation of the acquisition of objects of historical and cultural heritage as a basis for termination of ownership are investigated and discussed.



УДК: 347.211
**Қодиров Шухрат Бобомуродович,**
*унвонҷӯи шуъбаи қонунгузории граждании, соҳибкорӣ ва оилавии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: shuhrat_q@mail.ru*
*Тел.: (+992) 901-22-04-89.*

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ СЕРВИТУТ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚҲОИ МАҲДУДИ АШЁ

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории гражданӣ; қонунгузории замин; қонунгузории кишоварзӣ; табиати ҳуқуқӣ; сервитут; мафҳум; хусусият; ҳуқуқи моликият; ҳуқуқи маҳдуди молумулкӣ; ҳуқуқи ашё; қитъаи замин; аломат.*

***Ключевые слова:*** *гражданское законодательство; земельное законодательство; сельскохозяйственное законодательство; правовая природа; сервитут; понятие; особенность; право собственности; ограниченные имущественные права; вещное право; земельный участок; признак.*

***Keywords****: civil legislation; land legislation; agricultural legislation; legal nature; easement; concept; peculiarity; property rights; limited property rights; real right; land plot; sign.*

Барои қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – ҶТ) сервитутҳо як институти нав мебошанд, аз ин рӯ онҳо аз ҷиҳати назариявӣ ба таври кофӣ мавриди таҳқиқ қарор дода нашудаанд. Якчанд таҳқиқоти назариявӣ дар самти сервитут дар шакли мақолаҳо коркард шудаанд, ки дар аксари мавридҳо хусусияти умумӣ-тавсифӣ доранд. Дар раванди гузариш ба муносибатҳои иқтисодӣ дар қонунгузорӣ зарурати танзими ҳуқуқии масъалаи сервитут ба миён меояд. Аммо дар қонунгузории ҶТ ин масъала танҳо бо кодексҳои замин ва шаҳрсозӣ танзим мешавад.

Ба тартиби муқаррар намудани сервитутҳо дар ҶТ м.м. 12, 5, 7, 101 ва 19 Кодекси замини ҶТ ва м.м. 2 ва 10 Кодекси шаҳрсозии ҶТ бахшида шудааст. Дар ин моддаҳо мафҳуми сервитут, намудҳои он, тартиби муқаррар намудан ва қатъ намудани он оварда шудаанд. Қобили зикр аст, ки бори аввал дар қонунгузории ҶТ мафҳуми сервитут дар Кодекси шаҳрсозии ҶТ пайдо шудааст, ки тибқи он сервитут - маҳдудияти (гаронии) ҳуқуқи истифодаи молу мулки шахси дигар ё қисман маҳдуд кардани ҳуқуқи соҳибмулк дар муносибатҳои муайяни тибқи қонун муқарраршуда, мебошад [1, с. 67].

Дар низоми ҳуқуқи муосири Федератсияи Россия (минбаъд - ФР) низ сервитут чанде пештар ба вуҷуд омадааст, аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ доир ба табиати ҳуқуқии он шумораи зиёди андешаҳо баён карда шудаанд. Бевосита дар бораи мафҳуми сервитут андешаҳо бисёр мебошанд. Сарфи назар аз гуногунии андешаҳои муаллифони сершумор, бисёриҳо то ҳол таърифи қонунгузории сервитутро асоснок мекунанд ва ба роҳбарӣ мегиранд [2, с. 27].

Сервитут – ҳуқуқи ашхос барои истифодаи замин ё дигар амволи ғайриманқул ба муҳлати номуайян ё ба муҳлати муайян дар доираи бо шартнома ё санади меъёрии ҳуқуқӣ маҳдудшуда мебошад. Истилоҳи сервитут аз калимаи лотинии «servitus» гирифта шуда, маънояш «хизматрасонӣ» мебошад. Сервитут тибқи созишномаи байни шахсе, ки муқаррар намудани сервитутро талаб мекунад ва соҳиби қитъаи ҳамсоя муқаррар карда мешавад ва бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонун ба қайди давлатӣ гирифта шавад.

Дар баъзе мавридҳо, инчунин метавонад ба манфиат ва хоҳиши шахсе, ки қитъаи замин ба ӯ дар асоси ҳуқуқи моликияти якумраи меросӣ ё ҳуқуқи истифодаи доимӣ (бемаҳдуд) дода шудааст ва шахсони дигар дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ муқаррар карда мешавад. Шахсе, ки ба манфиати ӯ сервитут муқаррар шудааст, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад,

бояд ба соҳиби қитъаи замин барои истифодаи он ҳақ пардозад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки гаронии сервитутҳо соҳиби қитъаи заминро аз ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории ин қитъа маҳрум намекунад [3, с. 105-106].

К.Д. Гайбатова, М.М. Айгумова мафҳуми зерини сервитутро дурусттар мешуморанд: «сервитут хуқуқи маҳдуди ашёии шахс бо мақсади истифодаи қитъаи замини бевосита ҳамсарҳад ё дигар қитъаи замини ҳамсоя мебошад» [4, с. 76]. Бо назардошти хусусияти сервитут онро метавон ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди молумулкӣ, ки ҳуқуқ ба ашёи шахси дигар буда, аз тарафи дигар шахс аз худ карда шудааст, фаҳмидан мумкин аст. Дар маркази табиати ҳуқуқии сервитут, ки хусусияти онро ифода мекунад, идеяи дуализм қарор дорад ва онро ифода менамояд, ки аз як тараф, сервитут ҳуқуқ (хуб) мебошад, ки имкон медиҳад ашёи шахси дигар ба таври маҳдуд истифода бурда шавад ва аз тарафи дигар, он маҳдудияти ҳуқуқи моликият мебошад, яъне ба таври муайян маҳдуд гардидани имкониятҳои дар ихтиёри моликон мавҷудбударо ифода менамояд [4, с. 77].

В.В. Метелская низоми зерини аломатҳои ҳуқуқи сервитутро тавсиф мекунад:

1. Хусусиятҳои умумии ҳуқуқи моликият: ҳокимияти мустақим, бартарияти шахс бар ашё, ҳуқуқи пайравӣ, мутлақӣ, ки ифодаи қувваи ҳуқуқии ҳуқуқи моликият мебошанд;

2. Аломатҳои махсуси сервитут:

- объект – амволи (аломати ҳуқуқии) хамсояи (аломати ҷисмонии) шахси дигар;

- муҳтавое, ки дар навбати аввал аз ҳуқуқи хизматгузор барои истифодаи амволи ғайриманқули ҳамсояи дигар бо мақсади фароҳам овардани роҳати бештар дар истифодаи амволи ғайриманқули худ иборат аст; дуюм, дар уҳдадории пассивии соҳиби молу мулки ғайриманқули расмӣ оид ба анҷом додани амалҳои муайян аз ҷониби соҳиби молу мулки ғайриманқули бартаридошта ё худдорӣ кардан аз иҷрои амалҳое, ки дар сурати набудани сервитут қонунӣ мебуд [5, с. 40].

Гуфтаҳои дар боло зикршуда ба мо имкон медиҳанд ба хулосае оем, ки сервитут бояд ҳуқуқи маҳдуди воқеии истифодаи амволи ғайриманқул (молу мулки расмӣ)-и ҳамсояи каси дигарро бо мақсади фароҳам овардани бароҳатии бештар дар истифодаи амволи ғайриманқули худ (молу мулки бартаридошта), ки аз уҳдадории соҳиби молу мулки хизматӣ оид ба анҷом додани амалҳои муайян аз ҷониби соҳиби молу мулки бартарӣ, молу мулки ғайриманқул нисбат ба амволи ғайриманқули хизматӣ ё худдорӣ кардан аз коре, ки дар сурати мавҷуд набудани сервитут қонунӣ мебуд [6, с. 36].

Қонуни моделӣ «Дар бораи ҳуқуқҳои маҳдуди ашёӣ» дар банди 2 м. 23 муқаррар кардааст, ки сервитут аз ҳуқуқи маҳдуди моликият ба қитъаи замин (қитъаи хизматрасонӣ) ба фоидаи қитъаи замини дигар (қитъаи бартаридошта) иборат аст [7] .

Ба андешаи А.А. Богустов ин мафҳум фаҳмиши маҳдуди институти сервитутро ифода менамояд, чунки он имкони мавҷудияти танҳо сервитутҳои заминро пешбинӣ мекунад. Ба андешаи муаллиф барои амалисозии мақсадҳои институти мазкур зарур аст, ки фаҳмиши васеътари сервитут, яъне ҳам қитъаи замин ва ҳам навъҳои шахсии он дар мафҳум фаро гирифта шаванд [8, с. 24]. Дар доктринаи ҳуқуқи хусусӣ сервитутҳо ҳамчун «ҳуқуқи воқеӣ ба ашёи каси дигар, ки ба манфиати истисноии шахси муайян ё минтақаи муайян нигаронида шудааст ва ба шарофати он шахси ваколатдор метавонад ашёро бо тарзи муайян истифода барад ва ё истифодаи муайяни дигаронро (ҳатто соҳиби онро) манъ намояд» [9, с. 85], «ҳуқуқ ба ашёи шахси дигар, ки аз истифодаи он иборат буда, ба субъекти инфиродии муайян мансуб аст: шахсон - сервитути шахсӣ..., ё ашё - сервитути замин» [10, с. 461].

Д.В. Василева қайд менамояд, ки «сервитут як институти муҳим ва дар айни замон мураккаби ҳуқуқӣ буда, баҳсҳо оид ба ҳуқуқ ба қитъаи замин ҳамеша дар таҷрибаи судӣ ҷой доранд ва қонунгузорро зарур аст, ки бояд ба самаранокии мутлақи танзими ҳуқуқии муносибатҳои сервитут ба такмили қонунгузории гражданӣ таваҷҷуҳи бевосита равона намояд» [11, с. 26].

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки аз соли 1994 инҷониб равиши ягонаи дарки институти сервитут таҳия нашудааст. Аз нуқтаи назари Ю.Н. Слепенок дар зери мафҳуми сервитут ҳуқуқ ба функсияи мушаххаси амволи каси дигар, аммо на ҳуқуқ ба ин молу мулк фаҳмида

мешавад. Ин мавқеъро муаллиф Ю.Н. Слепенок ба он асоснок менамояд, ки сервитут ҳуқуқи соҳибӣ ва ихтиёрдории молу мулки таъиншударо истисно мекунад [12, с. 11, 82].

Д.А. Монахов мансубияти ашёи хизматрасониро ба соҳиби муайян инкор мекунад, асоси чунин мавқеъ дарк намудани сервитут ҳамчун ҳуқуқи мустақил дар ҳаҷмҳои дақиқ муқарраршуда мебошад [13, с. 105].

О.А. Поротикова ва А.Г. Анаев сервитутро ҳамчун уҳдадорӣ муайян мекунанд, зеро зикр менамоянд, ки сервитут дар натиҷаи муносибатҳои шартномавӣ ба вуҷуд меояд [14, с. 152; 15, с. 15].

Ба ақидаи баъзе олимони ҳуқуқшинос дар натиҷаи сервитут шахси муайян ашёи каси дигарро (бо назардошти хосиятҳои ин ашё) истифода мебарад - чунин муносибат дарки ҳуқуқи моликиятро ҳамчун бартарият бар ашёи додашуда вайрон мекунад. Тавре ба мо маълум аст, сервитут бо ҳуқуқ ба ашёе муайян карда мешавад, ки ба соҳиби он дар ҳолатҳои муайян ин ашё таалluқ дорад ва дар маҳдудияти истифодаи чунин ашё ифода меёбад [16, с. 17].

Сервитут ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ ба ашёи шахси дигар буда, аз истифодаи маҳдуди он иборат мебошад [17, с. 369].

Дар баробари ин, хусусиятҳои зерини ба сервитут хосро ҷудо кардан мумкин аст:

1) амволи ғайриманқулӣ бояд ба соҳиби молу мулки бартаридошта нафъ расонад;

2) ашёи ғайриманқул дар ҳудуди ҳамсоягӣ ҷойгир шуда бошад;

3) сервитут бояд доимӣ фоидаовар бошад, на барои муддати маҳдуд;

4) сервитут метавонад танҳо аз гузаштани чизе ё иҷро кардани кор иборат бошад;

5) имконнопазир будани муқаррар намудани сервитут ба ашёи ғайриманқули шахсии соҳиби он [18, с. 23].

Сервитут ин ба даст овардани имконият барои истифодаи маҳдуди амволи ғайриманқул, ашё ё замине мебошад, ки дар моликияти шахси дигар қарор дорад [19, с. 79].

А.В. Исаева ва Е.В. Ерохина ба он нуқтаи назар ишора менамоянд, ки «мо доир ба мафҳуми сервитут ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ мавқеи классикиро ҷонибдорӣ менамоем, ки он ҳуқуқ ба ашёи ашхоси дигарро, ки аз ҷониби шахсони дигар (моликдорон) аллакай аз худ карда шудааст, ифода мекунад» [20, с. 226].

Муаллифон чунин хусусиятҳои асосии сервитутро ҷудо менамоянд:

- сервитутҳо дорои хусусияти истисноӣ (якка) мебошанд, яъне онҳо танҳо дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ ва танҳо дар шаклҳои муайян муқаррар карда мешаванд, аз ин рӯ, азбаски номгӯи навъҳои сервитут кушода аст, талаб кардани ягон хусусияти истисноии сервитут шарт нест;

- эҳтиёҷот оид ба дастрасӣ ба сервитут бояд асоситарин бошад, ки аз ҷониби шахси муайян барои амалӣ намудани ҳуқуқи моликият нисбат ба қитъаи замин ба ӯ тааллуқдошта муқаррар карда мешавад [20, с. 227].

Айнан ба чунин нуқтаи назар ва таснифи хусусиятҳои сервитут Н.В. Ротко низ ишора менамояд, ки «дар таҳқиқоти худ мо мавқеи классикиро ба он маъно риоя мекунем, ки сервитут ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ ҳуқуқ ба ашёи каси дигар аст, ки аз ҷониби шахси дигар (молик) аллакай аз худ карда шудааст. Аз нуқтаи назари муаллиф, сервитут ҳуқуқ ба ашё мебошад, ки ба соҳиби он танҳо дар ҳолатҳои муайян ба ашё бартарият дода мешавад, ки дар истифодаи маҳдуди ин ашё ифода меёбад» [21, с. 297].

Фаҳмиши норавшани сервитутҳо натиҷаи баҳсҳои давомдор дар илм дар бораи имкони тафовути дақиқи байни ҳуқуқҳои моддӣ ва ҳуқуқи уҳдадориҳо мебошад, ҳамчунин ба мақсад мувофиқ будани чунин тафовут аз сабаби дар як конструксия ба ҳам пайвастани унсурҳои ҳуқуқи ашёӣ ва ҳуқуқи уҳдадорӣ ифода меёбад [22, с. 24].

Бояд қайд намуд, ки танзими ҳуқуқии падидаи сервитут дар қонунгузории давлатҳои аврупоӣ асосан ба ҳам монанд аст. Намунаи классикии қонунгузории миллӣ, ки мафҳум ва моҳияти сервитутро фаро мегирад ин қонунгузории Фаронса мебошад. Мувофиқи м. 637 Кодекси граждании Фаронса, сервитут ин ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ мебошад, ки гаронӣ барои соҳибӣ барои истифода ва фоида аз соҳибӣ ба молики дигар гузошта шудааст [23].

Дар асоси қонунгузории граждании Олмон, махсусан тибқи моддаи 1018 Кодекси граждании Олмон, сервитутҳои замин “ҳуқуқи маҳдуди истифодаи қитъаи замин мебошанд, ки

моҳияташ дар он ифода меёбад, ки онҳо ба соҳиби ҳуқуқ имкони ба даст овардани истифода ва имтиёзҳои инфиродиро фароҳам меоранд» [24, с. 33].

Ҳамчунин, муносибатҳо вобаста ба сервитут дар м.м. 274-277 Кодекси граждании ФР, м. 23, инчунин боби VIII Кодекси замини Федератсияи Русия ба танзим даровarда шудаанд. Дар м. 274 Кодекси граждании ФР омадааст: «Сервитут метавонад барои таъмини убур ва гузаштан аз қитъаи замини ҳамсоя, сохтмон, азнавсозӣ ва (ё) истифодабарии иншооти хатӣ, ки ба истифодаи замин халал намерасонанд, муқаррар карда шавад, инчунин дигар эҳтиёҷоти соҳиби молу мулки ғайриманқул, ки бе муқаррар намудани сервитут таъмин карда намешавад» [25, с. 279; 26; 27].

Ҳамин тариқ, мазмун ва моҳияти сервитутро ваколатҳои истифодаи маҳдуди қитъаи замини бегона ташкил медиҳад. Чунин сервитутҳоро дар илми ҳуқуқи граждании «мусбат» меноманд. Хусусиятҳои фарққунандаи сервитут имкони истифодаи онро барои беҳбуди қитъаи замини корманд дар сурати мавҷуд набудани зарурати объективӣ ба қитъаи замини бартаридошта истисно мекунанд. Дар ин маврид, муқаррар намудани дигар ҳуқуқҳои моддӣ, аз ҷумла, ҳуқуқҳое, ки аз рӯйи типи эмфитеузӣ ва рӯякӣ сохта шудаанд, ба мақсад мувофиқ мебошад [28, с. 145-146].

Л.В. Щенникова иброз медорад, ки хусусиятҳои ҳуқуқии сервитут, ки дар Рими қадим маълум буданд, инҳо мебошанд: тақсимнашаванда; хусусияти мутлақ доштан; номумкин будани барои худ муқаррар кардани ашёи худ; ҳуқуқи пайравӣ кардан; бемуҳлат; хусусияти шартномавӣ доштан [29, с. 35].

Сервитут дар қонунгузории гражданӣ бо аломатҳои ҳуқуқи ашёӣ муқаррар карда шудааст. Тартиби пайдоиши сервитутҳо ва мавҷудияти уҳдадориҳои муқобил аломатҳое мебошанд, ки ҳуқуқи ашёиро бо уҳдадориҳо мепайвандад. Сервитут тибқи созишномаи байни шахсе, ки муқаррар намудани сервитутро талаб мекунад ва соҳиби қитъаи ҳамсоя ё бо тартиби судӣ муқаррар карда мешавад [30, с. 89].

Бо дарназардошти хусусияти ҳуқуқии сервитут онро метавон ҳамчун ҳуқуқи маҳдуди ашёӣ фаҳмид, ки он ҳуқуқ ба ашёи каси дигар мебошад, ки аллакай аз ҷониби шахси дигар азхуд карда шудааст. Хусусияти ҳуқуқии сервитут аз он иборат аст, ки ба шахсон ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ё дигар молу мулки ғайриманқули бегонаро ба муҳлати номуайян ё ба муҳлати муайян дар доираи муқаррарнамудаи шартнома ё санади меъёрии ҳуқуқӣ дода мешавад [31, с. 79].

Ба андешаи А.Н. Лужина мақсади асосии муқаррар намудани сервитут аз он иборат аст, ки ба шахсони сеюм имкони истифодаи як қисми молу мулки ғайриманқули ба шахси дигар тааллуқдошта танҳо дар ҳолатҳои зарурӣ барои соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдории молу мулки ғайриманқули худ дар ҳаҷми пурра мебошад. Сервитут ҳамчун ҳуқуқи воқеӣ ба бино, иншоот, масоҳати муайян метавонад бидуни иртибот бо истифодаи қитъаи замин вуҷуд дошта бошад. Ҳамчунин муаллиф доир ба сервитут андешаҳои зеринро иброз медорад.

1) аввалан, сервитут метавонад ҳам бо истифодаи маҳдуди замини бегона (дигар молу мулки ғайриманқул) ва ҳам бо истифодаи ройгони баъзе объектҳо, масалан, объектҳои обии ҷамъиятӣ, ҷангал алоқаманд бошад;

2) дуюм, сервитут метавонад ҳам ба манфиати шахси мушаххас, масалан, ҳамсоя – соҳиби молу мулки ғайриманқули ҳамсоя, ки ба эҳтимоли зиёд бо молу мулки ғайриманқули расмӣ сарҳади умумӣ дорад – ё ба манфиати шахсе муқаррар карда шавад, ки ҳуқуқ дорад, масалан, шаҳрванд – истифодабарандаи фондҳои ҷангал;

3) ниҳоят, мақсадҳои муқаррар намудани сервитутҳо чунон гуногунанд, ки дар ягон санади қонунгузорӣ номгӯи мукаммали онҳо мавҷуд нест. Аз ин рӯ, ҳама гуна сервитутҳое, ки ба талаботи қонунгузории ҷорӣ мухолиф нестанд, вуҷуд дошта метавонанд [32, с. 153].

Дар асоси таҳлили адабиёт ва назарияву андешаҳои дар асарҳои болозикр пешбинигардида чунин хусусиятҳои сервитутро ҷудо намудан мумкин аст:

– мутлақияти сервитут;

– тақсимнашаванда будани он;

– бемуҳлат ва ё муҳлатнок муқаррар намудани он;

– ба қайди давлатӣ гирифтани он;

– дар асоси қонун ва ё шартнома муқаррар намудани он.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Каримова Н.Н. К вопросу о понятии и природе сервитута в законодательстве Республики Таджикистан // Қонунгузорӣ. – 2016. – №1 (21). – С. 66-70.
2. Крупейников К.В. Сервитут в древнем риме и его рецепция в законодательство России // Права и практика. – 2018. – №4. – С. 27-30.
3. Чеснокова Ю.В. Сущность сервитута // Наука сегодня: опыт, традиции, инновации Материалы международной научно-практической конференции. 2017. – Вологда: ООО «Маркер», 2017. – С. 105-108.
4. Гайбатова К.Д., Айгумова М.М. Сервитуты в российском гражданском праве // Государственная служба и кадры. – 2019. – №1. – С. 76. [Захираи электронӣ] / Манбаи дасрасӣ: URL: https://cyberleninka.ru/article/n/servituty-v-rossiyskom-grazhdanskom-prave. (санаи муроҷиат: 24.01.2023). – С. 76-80.
5. Метельская В.В. Понятие и признаки сервитутов по испанскому законодательству // Хозяйство и право. – 2008. – № 6. – С. 40-44.
6. Батурин В.А. Сервитуты в современном гражданском праве // Пробелы в российском законодательстве. – 2009. – № 3. – С. 36-39.
7. Модель: рек. законодат. акт Содружества Независимых Государств «Об ограниченных вещных правах: принят на 43-м пленар. заседании Межпарламент. Ассамблеи государств – участников СНГ, постановление – № 43-9, 27 нояб. 2015 г. // Информ. бюл. Межпарламент. Ассамблеи государств – участников СНГ. – 2016. – № 64. – ч. 1. – С. 467.
8. Богустов А.А. Правовая природа индустриального публичного сервитута в модельном законодательстве для государств – участников СНГ // Современные проблемы права и управления: сборник докладов 7 Международной научой конференции, Тула, 22-23 ноября 2017 г. Вып. 7 / гл. ред. И.Б. Богородицкий. – Тула: ООО «Суворовская типография», 2017. – С. 23-26.
9. Барон Ю. Система римского гражданского права. Вып. второй. Кн. 2. Владение; Кн. 3. Вещные права. – М.: Издание Московского юридического магазина А.Ф. Скорова, 1898. – 174 с.
10. Пухта Г.Ф. Курс Римского Гражданского Права. Том 1. – М.: Типогр. «Соврем. Изв.», 1874. – 549 с.
11. Васильева Д.В. О теории и практике применения сервитута в Российской Федерации // Актуальные проблемы права, экономики и управления: сборник материалов студенческой научной конференции. В 2-х частях. Том Часть 2. Отв. редактор Н.М. Ладнушкина. – Саратов: Издательство «Саратовский источник», 2021. – С. 25-28.
12. Слепенок Ю.Н. Сервитутное право: основания возникновения и проблемы защиты: диссертация на соискание ученой степени кандидата юридических наук / Ю.Н. Слепенок. – Москва: РПА Минюста России, 2015. – 244 с.
13. Монахов Д.А. Сервитуты и их судебная защита: дисс… на соискание ученой степени канд. юрид. наук / Д.А. Монахов. – Санкт-Петербург, 2010. – 299 с.
14. Поротикова О.А. Проблема злоупотребления субъективным гражданским правом. – Москва: Волтерс Клувер, 2007. – 256 с. [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: http://lawlibrary.ru/izdanie59821.html. (сана муроҷиат: 24.01.2023).
15. Ананьев А.Г. Недействительность и незаключенность соглашения о сервитуте. – М.: «Юрист». – 2014. – №1. – С. 14-17.
16. Ахметьянова З.А. Вещное право: учебное пособие / З.А. Ахметьянова. – Казань: Казанский университет, 2014. – 76 с.
17. Гражданское право: учебник. В 2 т. // Под ред. Б. М. Гонгало. Т. 1. 2-е изд. перераб. и доп. – М.: Статут, 2017. – 511 с.
18. Монахов Д.А., Тиммерманс В. Плата за сервитут // Вестник гражданского права. – 2016. – №4. – С. 9-40.
19. Неклёнова А.С. Сервитут на публичные земли // «Научно-практический электронный журнал Аллея Науки». – 2018. – №10 (26). [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: Alley-science.ru. (санаи муроҷиат: 24.01.2023).

20. Исаева А.В., Ерохина Е.В. Правовая природа сервитута // Научно-информационный издательский центр «Институт стратегических исследований» Modern science. – 2019. – №12-3. – С. 226-230.

21. Ротко Н.В. К вопросу о правовой природе сервитута // Science time. – 2017. – № 2 (38). – С. 297-301.

22. Брагинский М.И. К вопросу о соотношении вещных и обязательственных правоотношений // Гражданский кодекс России: Проблемы. Теория. Практика / Отв. ред. А.Л. Маковский. – М., 1998. – 224 с.

23. Французский гражданский кодекс 1804 г. / Пер. с франц. – М., 1941. – С. 21. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: https://pravo.hse.ru/intprilaw/doc/041401. (санаи муроҷиат: 24.01.2023).

24. Гражданское уложение Германии. Пер.с нем. / Науч. ред. В. Бергман и др. – М.: Волтерс Клувер, 2008. – 330 с.

25. Болтанова Е. С. Земельное право: Учебник / Е.С. Болтанова. 2 - еизд. – М.: ИНФРА-М., 2014. – 420 с.

26. Гражданский кодекс Российской Федерации (часть первая) от 30.11.1994 N 51-ФЗ (ред. от 18.07.2019) (с изм. и доп., вступ. в силу с 01.10.2019) // СПС «Консультант Плюс». [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru (санаи муроҷиат: 24.01.2023).

27. Земельный кодекс Российской Федерации от 25.10.2001 № 136-ФЗ (ред. от 02.08.2019) // СПС «Консультант Плюс». [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: http://consultant.ru (санаи муроҷиат: 24.01.2023).

28. Семенова Е.Г. Сервитут: правовая природа и содержание // Общество и право. – 2018. – № 2 (64). – С. 143-147.

29. Щенникова Л.В. Сервитуты: история и современная судебно-арбитражная практика // Юридические науки. Вестник Пермского университета. – 2009. – 2 (4). – С. 35–36.

30. Слепенок Ю.Н., Анучкина А.Д. Современный взгляд на сервитутное право в гражданском законодательстве // Юридический вестник ДГУ. – Т. 14. – 2015. – № 2. – С. 88-91.

31. Федоров А.Г., Савина Д.А. Теоретические основы цивилистического исследования сервитута: понятие и правовая природа // Электронный научный журнал «Дневник науки». – 2021. – №12. [Захираи электронӣ] / Манбаи дастрасӣ: www.dnevniknauki.ru | СМИ ЭЛ № ФС 77-68405 ISSN 2541-8327. (санаи муроҷиат: 24.01.2023).

32. Лужина А.Н. Ограничения (обременения) и сервитут как институты современного гражданского права России // Недвижимость в России: правовое регулирование и судебная практика. – 2005. – С. 148-175.

**Аннотатсия**

**Табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сервитут дар низоми ҳуқуқҳои маҳдуди ашё**

Дар мақолаи мазкур табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сервитут дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар низоми қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон танзими ҳуқуқии падидаи сервитут мубрамияти хоси худро дошта, бо дарназардошти рушди муносибатҳо дар самти мазкур он мавриди танзим қарор дода шудааст. Табиати ҳуқуқии сервитутро муносибатҳое фаро мегиранд, ки дар асос ва бо дарназардошти онҳо сервитут муқаррар карда мешавад. Дар мақолаи мазкур ин падида бо дарназардошти назарияҳои илмӣ, муқаррароти қонунгузории кишвар ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии он мавриди таҳлил қарор дода шуда, таклифҳои мушаххас доир ба табиати ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сервитут пешниҳод карда шудааст.

**Аннотация**

**Правовая природа и особенности сервитута в системе ограниченных имущественных прав**

В данной статье анализируются правовая природа и особенности сервитута в системе законодательства Республики Таджикистан. В современной законодательной системе Республики Таджикистан правовое регулирование института сервитута имеет свое значение и регулируется с учетом развития отношений в этом направлении. Правовая природа сервитута определяется отношениями, на основании которых устанавливается сервитут. В данной статье анализируется данный институт с учетом научных теорий, правовых норм страны и его сравнительно-правового анализа, а также представлены конкретные предложения о правовой природе и особенностях сервитута.

**Annotation**

**Legal nature and features of easement in the system of limited property rights**

This article analyzes the legal nature and features of easement in the system of legislation of the Republic of Tajikistan. In the modern legislative system of the Republic of Tajikistan, the legal regulation of the servitude phenomenon has its own meaning and is regulated taking into account the development of relations in this direction. The legal nature of the servitude is determined by the relations on the basis of which the servitude is established. This article analyzes this phenomenon, taking into account scientific theories, the legal norms of the country and its comparative legal analysis, and also presents specific proposals on the legal nature and features of easement.



**УДК: 347.735**
**Шухратпур Мухаммадюсуф,**
*аспирант кафедры гражданского права и процесса и международного частного права юридического института Российского университета дружбы народов.*
*E-mail: mshukhratpur@list.ru*
*Тел.: +7 (967) 273 84-90.*

# О НЕКОТОРЫХ ВОПРОСАХ ДЕЕСПОСОБНОСТИ КРЕДИТНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ (ЮРИДИЧЕСКИХ ЛИЦ)

***Ключевые слова:*** *кредитная организация; дееспособность; правоспособность; лицензия; правосубъектность.*

***Калидвожаҳо***: *ташкилоти кредитӣ; қобилияти амалкунӣ; қобилияти ҳуқуқдорӣ; иҷозатнома; қобилияти ҳуқуқи субъективӣ.*

***Keywords:*** *credit institution; legal capacity; active legal capacity; license; legal personality.*

Основатель мира и национального единства – Лидер нации, Президент Республики Таджикистан уважаемый Эмомали Рахмон на встрече с работниками финансового, налогового, таможенного и банковского секторов страны отметил, что в связи с относительным несовершенством гражданского законодательства по правовому регулированию банковского кредита, за последние пять лет четыре банка в Республике Таджикистан обанкротились [1].

Следует начать с того, что в Гражданском кодексе Республики Таджикистан (далее - ГК РТ) [2] нет формулировки «дееспособность юридического лица», которая в свою очередь могла бы быть применена и к кредитным организациям. В нем установлена только правоспособность юридических лиц, но и тут ситуация небезупречна. Проблема заключается в том, что в ГК РТ нет даже ответа на вопрос: что представляет собой правоспособность юридического лица?

В ст. 49 ГК РТ установлена норма, в которой говорится о моменте её возникновения и прекращения и о видах правоспособности юридических лиц. В силу того, что отечественными авторами данный вопрос широко не изучен, а также в силу определённого сходства таджикского законодательства с российским, мы в основном будем опираться на мнения российских авторов. Как справедливо отмечают М. Г. Хомкалова, А. Я. Курбатов, Е. С. Пирогова и К. С. Жылкичиева, до сих пор во всех работах авторы, разъясняя, что такое правоспособность и дееспособность кредитных организаций (юридических лиц, далее – кредитных организаций), прибегают к методу аналогии закона и разъясняют правоспособность и дееспособность кредитных организаций так, как законодатель установил их для физических лиц [18, с. 74; 10, с. 32; 5, с. 30]. Настоящее положение подводит нас к вопросу: насколько в данном случае уместно, обоснованно и объективно применение аналогии закона?

Как известно, для приобретения дееспособности физическим лицом ему нужно достичь определённого возраста и быть психически здоровым. Теперь зададимся вопросом: есть ли у кредитных организаций возраст и психическое состояние? Однозначно, нет! Несомненно, даже постановка такого вопроса некорректна.

Тогда возникает закономерный вопрос: как кредитные организации приобретают дееспособность (если, конечно, она у них есть)? Ведь, если применить аналогию закона (как это подчёркивают большинство авторов), кредитные организации должны приобретать дееспособность так же (хотя бы относительно так же), как и физические лица. В этом и кроется применение аналогии закона.

На данный момент в доктрине существуют три гипотезы о наличии дееспособности у кредитных организаций.

Первая гипотеза гласит, что юридические лица приобретают правоспособность и дееспособность (праводееспобность) одновременно с момента создания [18, с. 74; 3, с. 21; 14. с. 201; 10, с. 33; 15, с. 27; 8, с. 137; 11, с. 153; 13, с. 36; 6, с. 238; 5, с. 33]. Ряд авторов отмечают, что эта гипотеза относится к тем юридическим лицам, деятельность которых не подлежит лицензированию.

Согласно второй гипотезе, дееспособность (авторы в большинстве случаев просто называют этот элемент правоспособностью, поскольку у юридических лиц легально отсутствует дееспособность) юридических лиц, деятельность которых подлежит лицензированию, наступает после получения этой лицензии.

Согласно этой гипотезе, такие юридические лица с момента их создания приобретают правоспособность (общую правоспособность), а с момента приобретения лицензии – дееспособность (специальную правоспособность) [12, с. 120; 16, с. 21-22; 13, с. 37; 17, с. 195-196]. Именно эту гипотезу некоторые авторы относят к кредитным организациям, поскольку их деятельность подлежит обязательному лицензированию.

Последняя гипотеза, которая отстаивает идею о дееспособности кредитных организаций, связана с процессом их банкротства, когда органы кредитных организаций лишаются полномочий, а их полномочия в установленном объёме переходят к администратору или к специальному администратору [3, с. 60; 10, с. 34; 9, с. 35; 7, с. 97].

Итак, в силу их относительного сходства, рассмотрим первую и вторую гипотезу одновременно. Во-первых, нелицензируемые юридические лица с момента их создания могут заниматься своей деятельностью в полном объёме, т.е. их праводееспособность с этого момента формируется полностью.

Это говорит о том, что в данном случае нет деления на правоспособность и дееспособность, поскольку они возникли в один момент. Во-вторых, лицензируемым юридическим лицам для полного формирования их праводееспособности недостаточно только факта создания, поскольку без получения лицензии они ещё не вправе заниматься профессиональной деятельностью. Однако можно ли на этом основании говорить, что у кредитной организации как лицензируемой организации до получения лицензии нет дееспособности?

Сначала следует отметить, что слово «дееспособность» в отношении кредитных организации в этой статье употребляется условно, поскольку у нас нет достаточных аргументов, чтобы утверждать, что у кредитных организаций она есть. Следует лишь установить момент, с которого кредитная организация существует как самостоятельный субъект и вправе своими действиями приобретать для себя гражданские права и обязанности и своими действиями реализовывать их.

Нет сомнения в том, что кредитная организация с момента создания (с момента государственной регистрации и внесения соответствующих сведений в Единый государственный реестр юридических лиц и индивидуальных предпринимателей – ЕГРЮЛ и ИП) уже существует как отдельный, самостоятельный и полноправный субъект, и с этого момента она вправе своими действиями приобретать для себя гражданские права и обязанности и самостоятельно реализовывать их.

Данную идею весьма рационально подчеркнула Е.Е. Фролова, отмечая, что кредитным организациям достаточно прохождения государственной регистрации, чтобы они могли заключать сделки, кроме той, на совершение которой необходима лицензия [4, с. 126, 152].

Приобретение лицензии расширяет права и возможности кредитных организаций. Однако это никак не является основанием для приобретения ими дееспособности или какого-либо вида правоспособности (особенного, специального, ограниченного, исключительного и т.д.).

Теперь рассмотрим последнюю гипотезу, отстаивающую то, что у кредитных организаций есть дееспособность. В процессе нормального функционирования кредитная организация приобретает права и обязанности посредством действий своих органов и должностных лиц, и это считается действиями самой кредитной организации. В процессе

ликвидации кредитных организаций, несомненно, происходят изменения в объёме её прав и обязанностей. С начала процедуры банкротства полномочия её органов переходят к администратору, а затем – к специальному администратору.

Этот факт, очевидно, свидетельствует о том, что впредь кредитная организация лишается возможности своими действиями приобретать для себя гражданские права и обязанности и своими действиями исполнять их. Соответственно, гражданские права и обязанности кредитной организации приобретаются и реализуются посредством действий администратора и специального администратора.

Можно было бы рассматривать это как очевидную демонстрацию наличия у кредитных организаций дееспособности. Однако, как уже было неоднократно подчёркнуто, наличие у кредитных организаций дееспособности сталкивается со многими опровергающими аргументами:

1. Дееспособность законом установлено только для физических лиц;
2. Для кредитных организаций закон устанавливает только правоспособность;
3. Основными элементами приобретения дееспособности – это возраст и психическое состояние физического лица, чем абсолютно не владеют и не могут владеть кредитные организации;
4. Применении аналогии закона в данном вопросе не является возможным;
5. Наличие только одной правоспособности, установленной законом для кредитных организаций недостаточно для их участия в гражданско-правовых отношениях как самостоятельный и полноправный субъект.

Таким образом, все отмеченные факты безусловно иллюстрируют, что у такого искусственно созданного субъекта, как кредитная организация, не имеющего физического бытия, а существующего лишь в законе и в нашем воображении, не может быть дееспособности.

В качестве соответствующей правовой категории, позволяющей кредитным организациям иметь гражданские права и обязанности, а также иметь способность своими действиями приобретать для себя эти права и обязанности и своими действиями исполнять их, может выступать давно продвигаемая в науке «*правосубъектность*».

Кредитные организации с момента создания приобретают правосубъектность. Правосубъектность сопутствует им на всём протяжении периода их существования и в зависимости от правовых обстоятельств может претерпевать изменения, т.е. ограничиваться или расширяться.

Правосубъектность кредитных организаций нельзя разделять на правоспособность и дееспособность, как это имеет место в отношении физических лиц. Она всецело наступает в один момент, а именно с момента их создания и прекращается с момента завершения ликвидации. Исходя из этого, данная разработка правовой доктрины должна получить законодательное оформление. Следует юридически закрепить понятие правосубъектности кредитной организации, ее возникновения, изменения и прекращения.

**Список литературы:**

1. Речь Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона на встрече с работниками финансовой, налоговой, таможенной и банковской сфер страны [Электронный ресурс] // http://www.president.tj/node/20101#aini (дата обращения: 24.11.2019г.).
2. Гражданский кодекс Республики Таджикистан (часть 1) от 30 июня 1999 года, № 802; [Электронный ресурс]. URL: http://ncz.tj/legislation (дата обращения: 08.09.2021г.).
3. Курбатов А. Я. Правосубъектность кредитных организаций: теоретические основы формирования и проблемы реализации: дис. … докт. юрид. наук. - М., 2009. 422 с.
4. Фролова Е. Е. Лицензирование банковских операций как форма государственного регулирования банковской деятельности (теория, практика, проблемы): дис. … канд. юрид. наук. - М., 2004. 189 с.

5. Жылкичиева К. С. Дееспособность и правоспособность юридического лица (вопросы теории и практики) // Актуальные научные исследования в современном мире. – 2020. – № 9-6(65). – С. 29-34.

6. Зайнидинов Ф. А. Қобилияти ҳуқуқдории шахсони ҳуқуқӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – № 7. – С. 238-242.

7. Камонина Р. В. Особенности ограничения правосубъектности юридического лица, не способного удовлетворить требования кредиторов // Актуальные проблемы экономики и права. – 2008. – № 1. – С. 95-97.

8. Кирсанова А. В. Понятия «правосубъектность», «правоспособность», «дееспособность» юридических лиц // Юридический вестник СамГУ. – 2015. – Т. 1, № 2. – С. 134-140.

9. Ковыляева А. И. Ограничение правосубъектности юридических лиц в процессе банкротства // Молодежь. наука. современность. IV Всероссийская научно-практическая конференция с международным участием. Воткинск, 10 апреля 2017 года. С. 33-35.

10. Курбатов А. Я., Пирогова Е. С. Роль арбитражных управляющих в ограничении правоспособности и дееспособности юридических лиц – должников // Хозяйство и право. – 2010. – № 9(404). – С. 32-41.

11. Ломаев О. Ю. Гражданская правоспособность и дееспособность юридических лиц // Международный научный журнал «Инновационная наука». – 2016. – № 6. – С. 152-154.

12. Малахова М. Н. Правоспособность юридических лиц в гражданском праве России // Известия Пензенского государственного педагогического университета им. В. Г. Белинского. – 2012. – № 28. – С. 119-120.

13. Муль А. В. Момент возникновения правоспособности и дееспособности юридических лиц // Вопросы современной юриспруденции. – 2017. – № 7(68). – С. 33-38.

14. Пирогова Е. С. Ограничения правосубъектности юридического лица в процессе несостоятельности // Актуальные проблемы гуманитарных и естественных наук. – 2009. – № 12. – С. 201-209.

15. Прошин С. Н. Дееспособность юридического лица - одна из составляющих его правоспособности // Нотариус. – 2012. – № 2. – С. 26-29.

16. Рылко Е. И. Лицензирование и правоспособность юридических лиц // Наука и молодёжь: новые идеи и решения. Материалы X международной научно-практической конференции молодых исследователей. Волгоград, 15–17 марта 2016 года. С. 20-22.

17. Упоров И. В. Взаимосвязь лицензирования и правоспособности юридических лиц (теоретико-практический аспект) // Экономика и бизнес: теория и практика. – 2021. – № 3-2(73). – С. 193-198.

18. Хомкалова М. Г. К вопросу об ограничении дееспособности юридического лица-должника на стадии наблюдения в процессе банкротства // Известия Иркутской государственной экономической академии. – 2006. – № 6. – С. 74-77.

**Аннотатсия**

**Оид ба баъзе масъалаҳои қобилияти амалкунии ташкилотҳои кредитӣ (шахсони ҳуқуқӣ)**

Масъалаи омӯзиши қобилияти ҳуқуқӣ бо омӯзиши «субъекти ҳуқуқ» вобаста аст, зеро тавсифи вазъи ҳуқуқии «субъекти ҳуқуқ» бидуни ошкор намудани ин категория ғайриимкон аст. Дар қонунгузории маданӣ қобилияти амалкунии шахсони воқеӣ ба таври муфассал танзим карда шудааст, вале чунин танзими ҳуқуқӣ нисбат ба шахсони ҳуқуқӣ вуҷуд надорад, ки дар навбати худ онро нисбат ба ташкилотҳои кредитӣ истифода бурдан мумкин буд. Азбаски қобилияти амалкунии ташкилотҳои кредитӣ ин як навъ қобилияти амалкунии шахсони ҳуқуқӣ мебошад, онҳо дар мақолаи мазкур мутаносибан баррасӣ шудаанд, ки дар навбати худ номгузории мақола низ аз ҳамин мазмун бармеояд.

**Анотация**

**О некоторых вопросах дееспособности кредитных организаций (юридических лиц)**

Изучение вопроса дееспособности сопутствует изучению «субъекта права», поскольку, оценка правового положения «субъекта права» не представляется возможной, без раскрытия названной категорий. В гражданском законодательстве довольно подробно урегулирован дееспособность физических лиц, однако о юридических лиц не существует такого подробного установления, которое, в свою очередь могло бы быть применено и в отношении кредитных организаций. Поскольку, вопрос дееспособности кредитных организаций является частным вопросом дееспособности юридических лиц, в данной работе они рассмотрены во взаимном соотношении, что в свою очередь, обуславливает название статьи.

**Annotation**

**On some issues of the capacity of credit institutions (legal entities)**

The study of the issues of legal capacity and legal capacity accompanies the study of the “subject of law”, since the assessment of the legal status of the “subject of law” is not possible without disclosing the named categories. In civil law, the legal capacity of individuals is regulated in some detail, however, there is no such detailed establishment of legal entities, which, in turn, could be applied to credit organizations. Since the question of the capacity of credit institutions is a particular issue of the capacity of legal entities in this paper, they are considered in mutual proportion, which in turn determines the title of the article.



УДК: 341.9.019
**Давлатов Насимҷон Маҳмадҷонович,**
*унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: nasimjon.19941994@mail.ru*
*Тел.: (+992) 933-88-88-44.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВӢ - ҲУҚУҚИИ ШАРТНОМАИ ХАРИДУ ФУРӮШИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ МОЛ

**Калидвожаҳо:** *шакли шартнома; нарх; мазмуни шартнома; бастани шартнома; фаъолияти соҳибкорӣ; мӯҳлат; санадҳои байналмилалӣ; қонунгузорӣ; принсипҳо; тарафҳо; уҳдадорӣ.*

**Ключевые слова:** *форма договора; цена; содержание договора; заключение договора; предпринимательская деятельность; срок; международные документы; законодательство; принципы; стороны; обязательство.*

**Keywords:** *form of the contract; price; content of the contract; conclusion of the contract; entrepreneurial activity; term; international documents; legislation; principles; parties; obligation.*

Хариду фурӯш яке аз муносибатҳои васеъ паҳншуда дар ҷаҳони имрӯза ба ҳисоб меравад. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ ва миллии баъзе давлатҳо танзими ҳуқуқии худро ёфтааст. Муносибатҳои шартномавие, ки дар байни тарафҳо ба вуҷуд меоянд дар конвенсияҳои байналмилалӣ аз қабили Конвенсияи Вена, Конвенсияҳои Гаага муқаррар шудаанд. Дар санадҳои байналмилалии болозикр тартиби бастан, шакл, мӯҳлат, пардохт, нарх – асъор, забон, оқибатҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳо ва дигар масъалаҳои мубрами шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол муқаррар шудааст. Дар ҷараёни бастан, иҷрою бекор намудани шартнома манфиатҳои тарафҳо, озодона бастани шартнома, бовиҷдонона иҷро намудани уҳдадориҳо, макони бастани шартнома, забони бастани шартнома, ҳуқуқи татбиқшаванда, принсипи баробарии тарафҳо ҳатман ба инобат гирифта мешаванд [7, с. 149].

Яке аз санади байналмилалие, ки муносибатҳоро дар соҳаи фурӯши байналмилалии мол ба танзим медарорад, ин Конвенсияи Вена оид ба шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол аз соли 1980 мебошад.

Тибқи талаботи моддаи якуми Конвенсияи Вена доираи ин конвенсия ба шартномаҳои фурӯши молҳо байни тарафҳое татбиқ мегардад, ки корхонаҳои тиҷоратии онҳо дар кишварҳои мухталиф ҷойгиранд [2]. Маҳз, бо ҳамин хусусияташ аз дигар намуди аҳдҳои иқтисоди хориҷӣ ва шартномаҳое, ки дар қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд фарқ мекунад.

Дар ин ҷо ҳар ду тараф барои якдигар суъбекти хориҷӣ дониста мешаванд. Бо ибораи дигар тарафҳо барои якдигар бегона мебошанд. Дар шартномаи мазкур аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ баръало мушоҳида мешавад [7, с. 150].

Дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ консепсияе таҳия шудааст, ки мутобиқи он корхонаи тиҷоратӣ бояд на танҳо ҳамчун маҷмӯи амволе, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад, балки инчунин ҷойгиршавии мақомоти шахси ҳуқуқӣ, филиал ё намояндагии онро дарк кунад [10, с. 19-25].

Дар ҳар як шартнома, аз ҷумла дар шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол лаҳзаи бастан марҳилаи аввал ва ё оғози шартномаро ифода мекунад. Маҳз аз ин лаҳза, дар байни тарафҳо ҳуқуқ ва уҳдадориҳои тарафайн ба вуҷуд меоянд. Дар кишварҳои низоми ҳуқуқиашон англосаксонӣ лаҳзаи бастани шартномаро ба лаҳзаи фиристодани аксепт басташуда медонанд. Дар кишварҳои низоми ҳуқуқиашон романо-олмонӣ баракс дар вақти гирифтани аксепт аз ҷониби тарафи дигар басташуда ба ҳисоб меравад.

Дар шартномаҳои хариду фурӯши байналмилалии мол нарх ҳамчун қоидаи умумӣ бо асъори хориҷӣ муайян карда мешавад. Дар асоси созишномаҳои байниҳукуматӣ кишварҳои алоҳида метавонанд имкони истифодаи ҳам пули миллӣ ва ҳам дигар усулҳои пардохтро барои хеш муқаррар кунанд.

Аммо нархи моли овардашударо бо ҳар асъори хориҷӣ муқаррар кардан мумкин аст. Дар матни шартнома банди асъор дар бораи шартҳои пардохт (масалан, пардохти арзиши моли фурӯхташуда аз рӯи ин шартнома бо сомонӣ бо қурби доллари ИМА ҳангоми таҳвил анҷом дода мешавад) ҷойгир карда мешавад. Дар ин ҳолат тавсия дода мешавад, ки бонки мушаххас ва маҳалли ҷойгиршавии он нишон дода шавад, яъне ки пардохти мол ба он интиқол дода мешавад, зеро қурби асъори миллӣ дар ҳар бонк ва шаҳр гуногун аст.

Дар айни замон масъалаи он, ки оё нарх шарти асосии шартнома аст, то ҳол дар байни олимони ҳуқуқшинос баҳсу мунозираҳо мавҷуд аст.

Гурӯҳе аз олимон ба он андешаанд, ки нарх шарти асосии шартнома нест (О. Н. Содиков, Т. П. Лазарева, В. Бублик). Гурӯҳи дигари олимон бар он андешаанд, ки дар шартномаи хариду фурӯш нарх танҳо дар ҳолате шарти муҳим аст, ки дар қонун ё шартнома бевосита пешбинӣ шуда бошад. (Ю. К., Толстой, А. П., Сергеев).

Профессор В.В. Витрянский мавқеъи худро оиди ин масъала чунин баён намудааст, ки нарх дар шартнома яке аз шартҳои муҳим ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳамчунин қайд менамояд, ки «дар шартномаи басташуда, барои ҷонибҳои он ҳеҷ гуна шарти муқаррарӣ ё тасодуфӣ, асосӣ ё дуюмдараҷа вуҷуд надорад. Ҳамаи шартҳо бояд ба таври бояду шояд иҷро карда шаванд, вайрон кардани як шарти шартнома боиси татбиқи ҷавобгарии дахлдор мегардад» [5, с. 5].

Конвенсияи Вена ва Принсипҳои UNIDROIT ягона санадҳои ҳуқуқие нестанд, ки тартиби бастани созишномаи байналмилалии хариду фурӯшро танзим мекунанд. Ин масъаларо ҳамзамон Конвенсияи Гаага оид ба Қонуни ягона дар бораи бастани шартномаҳои фурӯши байналмилалии мол низ ба танзим медарорад.

Бояд иброз намуд, ки як қатор санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ дар байни давлатҳо вобаста ба хариду фурӯши байналмилалии мол қабул гардидааст, ки ба рушди минбаъдаи ин шакли шартнома, мустаҳкам гардидани меъёрҳои он асоси воқеъӣ-ҳуқуқӣ гузоштаанд, аз ҷумла: Созишнома дар бораи шартҳои умумии таҳвили мол байни ташкилотҳои ИҶШС ва SFRY (Москва, 16 июни соли 1977), Шартҳои умумии таҳвили молҳо дар байни СССР ба Ҷумҳурии Халқии Чин (Пекин, 13 марти 1990), Шартҳои умумии таҳвили мол байни ташкилотҳои тиҷорати хориҷии Иттифоқи Советӣ ва ташкилотҳои тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея (ГУП СССР - КХДР 1981), Протокол дар бораи шартҳои умумии таҳвили мол байни ташкилотҳои тиҷорати хориҷии Иттифоқи Советии Сотсиалистӣ ва ташкилотҳои тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Халқии Демократии Корея (Пхенян, 27 июли соли 1981), Шартҳои умумии таҳвили молҳо аз кишварҳо - аъзои Шӯрои ёрии ҳамкориҳои иқтисодӣ ба Ҷумҳурии Финляндия ва аз Финляндия ба давлатҳои - аъзои Шӯрои ёрии ҳамкориҳои иқтисодӣ (РМО СМЕА - Финляндия, ноябри соли 1978), Принсипҳои созишномаи тиҷорати байналмилалӣ (Принсипҳои ЮНИДРОИД) аз соли 1994 [8, с. 28].

Тибқи таснифоте, ки дар кодексҳои граждании кишварҳои ЕврАзЭС қабул шудааст, шартномаи молрасонӣ намуди мустақили шартнома нест, балки ба шартномаи хариду фурӯш мансуб аст ва яке аз навъҳои он мебошад. Моддаи 506-и Кодекси граждании - Федератсияи Русия, моддаи 541-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 469-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Қирғизистон, моддаи 476 Кодекси граждании Ҷумҳурии Беларус, моддаи 458-и Кодекси граждании Ҷумҳурии Қазоқистон хусусиятҳои асосиеро ҷудо мекунад, ки имкон медиҳад шартномаи молрасонӣ аз дигар намудҳои шартномаҳои хариду фурӯш ҷудо карда шавад.

Тартиби бастани шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар асоси банди 2 моддаи 1209 Кодекси граждании Федератсияи Россия, шартномаи хариду фурӯши байналмилалие, ки яке аз тарафҳои он шаҳрванди Россия мебошад, новобаста аз

маҳалли бастани он бояд хаттӣ баста шавад. Шакли шифоии шартнома беэътибор дониста мешавад. Ҳатто агар муомила аллакай иҷро шуда бошад ҳам, он беэътибор хоҳад буд. Тағйирот ба шарту шартҳои шартнома инчунин бояд хаттӣ бошад. Дар муқоиса ба кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ва тартиби бастани он меъёри танзимкунандаи ин муносибат вуҷуд надорад. Бо ин назардошт, пешниҳод менамоям, ки мафҳуми шартномаи мазкур дар шакли зерин дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шавад. Шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол гуфта, як намуди муомилоти савдои хориҷиро меноманд, ки бо созиши субъектҳое, ки дар кишварҳои гуногун ҷойгиранд асос ёфта, барои муқаррар кардан, тағйир додан ё қатъ намудани ҳуқуқу ухдадориҳои байналмилалии шартномавӣ ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷоратӣ (содирот ва воридот)-и мол нигаронида шудааст. Ё ин ки мутобиқи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол як тараф (фурӯшанда, ки шаҳрванди давлати муқобили харидор мебошад ва ё шахси ҳуқуқии дар кишвари муқобили харидор ҷойгир аст) ухдадор мешавад, ки молро ба моликият (ҳуқуқи пешбурди хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ)-и тарафи дигар (харидор, ки шаҳрванди давлати муқобили фурӯшанда мебошад ва ё шахси ҳуқуқии дар кишвари муқобили фурӯшанда ҷойгир аст) диҳад ва харидор ухдадор мешавад ин молро қабул карда, бар ивазаш маблағи муайяни пулӣ (арзиши он)-ро, ки бо созиши тарафҳо муқаррар гардидааст, ба фурӯшанда супорад [6, с. 141].

Шакли хаттӣ тартиб додани ҳуҷҷатҳои аз ҷониби тарафҳо имзошуда, инчунин мубодилаи ҳуҷҷатҳо тавассути почта, телеграф, телетайп, телефон ё алоқаи дигар, ки имкон медиҳад боэътимод муайян карда шавад, ки ҳуҷҷат аз ҷониби тарафҳо мувофиқи шартнома омадааст. Шакл ва мазмуни шартномаро Конвенсияи Вена ва қонунҳои амалкунанда муайян мекунанд. Ҳуқуқи татбиқшаванда қоидаҳое мебошад, ки муносибатҳоеро танзим мекунанд, ки аз шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол бармеоянд. Тарафҳо дар шартнома мувофиқат мекунанд, ки кадом қонун татбиқ мешавад. Дар акси ҳол, дар шартнома қонуни фурӯшанда татбиқ мешавад.

Муайян намудани қонуни амалкунанда аҳамияти калони амалӣ дорад. Масалан, эътибори шартнома аз он вобаста аст, ки оё меъёрҳои қонуни амалкунанда риоя мешаванд ё не. Масалан, агар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда шавад, пас шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол бояд ҳатман шартҳои сифат, муҳлат, нарх ва миқдори молро дар бар гирад, зеро инро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон талаб мекунад.

Хусусияти муҳими Конвенсия Вена дар бораи шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар он аст, ки он ба давлате ки мехоҳад узви он шавад ва муқаррароти онро ба қонунгузории миллии худ ворид кунад, иҷозат намедиҳад, ки Конвенсия танҳо дар сурате татбиқ хоҳад шуд, ки агар тарафҳои муомилоти хариду фурӯш ба он розӣ шаванд. Яъне, муқаррароти дар он - зикргардида меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки хусусияти диспозитивӣ доранд. Ин маънои онро дорад, ки тарафҳои шартнома метавонанд аз ҳама гуна муқаррароти Конвенсия даст кашанд ё таъсири онро тағйир диҳанд ё таъсири онро истисно кунанд (моддаи 6). М.Г. Розенберг қайд менамояд, ки “истисно метавонад ҳам ошкоро ва ҳам дар назар дошта бошад” ва “ин ба мақомоти иҷроия вобаста аст, ки оё чунин муҳлат дар шартнома мавҷуд аст ё на”.

Конвенсияи Вена метавонад бо хоҳиши тарафҳо пурра ё қисман татбиқ карда шавад ва ба ин васила доираи дахлдори масъалаҳоеро, ки ин санади меъёрӣ танзим мекунад, муайян кунад. Бо васеъ ё маҳдуд кардани доираи Конвенсия тарафҳо бо созиши худ доираи муносибатҳои ҳуқуқие, ки бо ҳуқуқи моддии давлати худ танзим мешаванд, муайян мекунанд. Меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ таъсири шартномаҳои байналмилалиро мукаммал мегардонанд, эҳтимолияти норасоиҳо дар танзими муносибатҳои ҳуқуқии байналмилалиро кам мекунанд [9].

Аҳамият диҳед, ки на дар ҳама ҳолатҳое, ки Конвенсия татбиқшаванда эътироф карда мешавад, муносибатҳои тарафҳо дар асоси шартномаи таҳвил тибқи муқаррароти Конвенсияи Вена танзим карда мешаванд. Бо

дарназардошти моддаи 90-и Конвенсия, он ба амали дигар созишномаҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳое, ки мавзуи танзими он мебошанд, таъсир намерасонад, агар тарафҳо дар давлатҳои иштироккунандаи чунин созишнома ҷои тиҷорат дошта бошанд. Ба ин гуна созишномаҳо, аз ҷумла, Созишномаи соли 1992 дар бораи шартҳои умумии таҳвили мол байни ташкилотҳои давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дохил мешаванд.

Созишнома ба фароҳам овардани шароити мусоид барои нигохдорӣ ва рушди муносибатҳои иқтисодӣ байни субъектҳои соҳибкорӣ дар доираи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ва мутаносибан дар доираи ЕврАзЭС) бо назардошти созишномаҳои ҳамкории иқтисодӣ, ки байни онҳо баста шудаанд, нигаронида шудааст, ки масъулияти баробари ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ бахри иҷрои уҳдадориҳои шартномавӣ дар фазои иқтисодӣ дар маҷмӯъ таъмин карда шавад.

Хусусияти ин шартномаи байналмилалӣ, чунон ки гуфта шуд, дар он аст, ки вай муносибатҳои таъминоти байни субъектҳои хоҷагиро танҳо аз руи муносибатҳои байнидавлатии иқтисодӣ бо назардошти шартномаҳои ҳамкории иқтисодии байни иштирокчиёни он ба танзим медарорад. Муносибатҳои муомилоти озод ба доираи амали он дохил намешаванд. Дар Шартнома (қисми 1) танҳо нишондоди умумӣ мавҷуд аст, ки ташкилотҳо дар интихоби предмети шартнома, муайян кардани ҳуқуқу уҳдадориҳо, ҳама гуна шартҳои дигари муносибатҳои иқтисодӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои таҳвили мол тибқи шартномаҳои байнидавлатӣ (банди 3) озоданд. Шартҳои дигар аз интихоби қонунӣ ё ҳуқуқи татбиқшаванда вобаста аст, ки аз ҷониби тарафҳои шартнома муайян карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ин санади меъёрӣ аз мустақилияти иродаи тарафҳо танҳо нисбат ба муносибатҳое бармеояд, ки ба созишномаҳои байнидавлатӣ асос наёфтаанд. Аксари муқаррароти ин ҳуҷҷат қатъиян ҳатмӣ мебошанд. Дар баробари ин, он шумораи муайяни равишҳои алтернативии ҳалли масъалаҳои мушаххасро дар бар мегирад, ки ба ҷониби дахлдор имкон медиҳад, ки усули иҷроишро интихоб кунад ё пурра ё қисман аз иҷроиши он даст кашад.

Барои татбиқи Созишнома дар давлатҳои Иттиҳод мақомоти махсус таъсис дода шудааст, то сари вақт баста шудани шартномаҳои молрасонӣ тибқи созишномаҳои байнидавлатӣ ва назорати иҷрои онҳо бароҳ монда шавад (банди 5). Созишнома муқарраротро дарбар мегирад, ки муносибатҳои байни мақомоти дахлдори давлатро, ки барои саривақт ташаккул додани ҳаҷми таъминот ва муқаррар намудани меъёри муайяни истеъмолкунандагони мушаххас бо додани огоҳнома дар бораи ба ташкилотҳои молрасон вобаста кардани онҳо масъуланд (бандҳои 7-10).

Дар асоси вижагиҳои муносибатҳои доираи шартнома онҳо баъзан ҳамчун «қарордодҳои молрасоние, ки дар асоси огоҳинома баста шудаанд» тавсиф карда мешаванд [1, с. 121-123], ки дар қонунгузории миллӣ ба мафҳуми «таҳвили мол» мувофиқат мекунад.

Шартҳои асосии шартномаи мазкур аз панҷ шарти муҳим (шартҳо оид ба миқдор, ассортимент - навъи мол, сифат, муҳлат ва нарх) иборат аст. Дар сурати мавҷуд набудани ин шартҳо дар матни шартнома, шартнома бастанашуда ҳисобида мешавад. Агар шартномаи дарозмуддат баста шавад, пас ин шартҳо бояд барои соли аввали таҳвил муайян карда шаванд. Барои солҳои минбаъда онҳо бояд на дертар аз 45 рӯз пеш аз оғози давраи таҳвил мувофиқа карда шаванд.

Созишномаи мазкур аз рӯи мундариҷаи худ на танҳо аз муқаррароти Конвенсияи Вена дар соли 1980, балки аз кодексҳои шаҳрвандии кишварҳои ЕврАзЭС низ ба таври назаррас фарқ мекунанд.

Дар банди 3 созишнома ба таври возеҳ пешбинӣ шудааст, ки субъектҳо дар интихоби предмети шартнома, муайян кардани уҳдадориҳо ва дигар шартҳои муносибатҳои иқтисодӣ, ба истисноӣ ҳолатҳои таҳвили мол тибқи шартномаҳои байнидавлатӣ озоданд. Ҳамин тариқ, ин ҳуҷҷат, пеш аз ҳама, аз мустақилияти иродаи тарафҳо танҳо дар робита ба муносибатҳое бармеояд, ки ба созишномаҳои байнидавлатӣ асос наёфтаанд.

Шартнома бо роҳи тартиб додани ҳуҷҷати ягона бо имзои тарафҳо ё қабули фармоиши харидор барои иҷро аз ҷониби фурӯшанда «агар дар фармоиш ҳамаи шароит

барои таҳвили мол мавҷуд бошад» баста мешавад. Муносибатҳои шартномавиро инчунин бо роҳи мубодилаи мактубҳо, телеграммаҳо, телетайпҳо ё ба воситаи факс муқаррар кардан мумкин аст (банди 16).

Лоиҳаи шартнома дар шакли хаттӣ аз ҷониби фурӯшанда (истеҳсолкунанда) ба харидор (истеъмолкунанда) дар давоми 20 рӯз аз рӯзи гирифтани огоҳинома дар ду нусха фиристода мешавад.

Илова ба муқаррароти умумӣ, инчунин талаботи махсус барои шакли чунин шартнома вуҷуд дорад. Аввалан, он бояд аз ҷониби роҳбари субъекти хоҷагидорӣ ё шахсони ваколатдори ӯ бо имзо ва муҳр тасдиқ карда шавад (қисми 1 моддаи 18). Сониян, ҳангоми бастани шартнома бо роҳи мубодилаи мактубҳо, телеграммаҳо, телетайпҳо ё тавассути телекоммуникасия ҳар яке аз тарафҳо бояд далелҳое дошта бошанд, ки ба тарафи дигар фиристодани (интиқоли) пешниҳоди дахлдор ва ҷавобҳо ба онҳо дошта бошанд (қисми 2, банди 2, моддаи 18). Тағйир додан, қатъ кардан ё тамдиди муҳлати шартнома бо созиши иловагии тарафҳо ба расмият даровarда мешавад (банди 19).

Одатан, тағйир додан, қатъ кардани шартнома бояд бо созиши тарафҳо сурат гирад. Дар айни замон, дар баъзе мавридҳо яктарафа қатъ намудани шартнома иҷозат дода мешавад (банди 21 Шартнома). Аз ҷумла, яктарафа рад кардани иҷрои шартнома метавонад дар ҳолатҳои зерин сурат гирад: ҳангоми додани моли пастсифат; ҳангоме ки маҳсулотсупор бе созишномаи пешакӣ бо харидор нархи молро зиёд нишон медиҳад; ҳангоми муфлис эълон шудани яке аз тарафҳо. Дар сурати бо асосҳои зикргардида қатъ гардидани шартнома, тарафи манфиатдор бояд дар ин бора тарафи дигарро на дертар аз як моҳ пештар огоҳ намояд.

Илова бар ин, харидор ҳуқуқ дорад аз моли пешбининамудаи шартнома дар ҳама ҳолатҳо даст кашад, ба шарте ки ба тарафи дигар товони зарари расонидаашро пардохт намояд [4].

Нарх ва тартиби пардохт, сифат ва мукаммалии моли додашаванда, миқдор, ассортимент, муҳлат ва тартиби таҳвили мол ва масъулияти молу мулкии тарафҳо дар шартномаҳои таҳвили мол бо созиши байни молрасон ва истеъмолкунанда муайян карда мешаванд.

Чунон ки дида мешавад, ин муқаррарот аз нуқтаҳои конвенсияи Вена хеле фарқ мекунанд. Вобаста ба ин масъаларо равшан кардан лозим аст, ки субъектҳои хоҷагидорие, ки иштирокчиёни шартномаи хариду фурӯши байналмиллалӣ мебошанд, бояд кадом қоидаҳоро риоя кунанд, агар давлатҳое, ки ба онҳо тааллуқ доранд, ҳам дар Конвенсияи Вена ва ҳам дар Созишномаи мазкур ҳамроҳ бошанд, шартҳои таҳвил ва худи шартнома дар асоси созишномаи байнидавлатӣ баста мешавад.

Бо дарназардошти моддаи 90 Конвенсияи Вена, ҳангоми баррасии ин масъала афзалияти дигар созишномаҳои байналмилалиро (бисёрҷониба ва дуҷониба) қайд мекунад, ки “ҳамин ки чунин созишномаҳои байналмилалии дигар аз ҷониби мақомоти пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баста мешаванд” давлатҳои иштироккунанда ва дар шакле, ки ба талаботи қонунҳои ин давлатҳо мувофиқ бошад [3, с. 202]. Дар шарҳҳои ин мақола аҳамияти хосаи он барои кишварҳои узви ИДМ зикр шудааст, зеро вобаста ба хусусиятҳои рушди иқтисодӣ ва таърихии ин кишварҳо муносибатҳо дар муомилоти фурӯши молҳое, ки аз ҷониби ташкилотҳои тиҷоратии ин давлатҳо анҷом дода мешаванд, бешубҳа танзими махсус ва нисбатан мушаххасро талаб мекунад, ки аз бисёр ҷиҳатҳо аз меъёрҳои Конвенсияи Вена фарқ мекунад. Ин нуқтаи назарро М. Розенберг, А. Комарова [11, с. 246] ва дигарон ҷонибдорӣ намудаанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, қайд намудан ба маврид аст, ки шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол ба соҳибкорони ватанӣ имконият медиҳад, ки содирот ва воридоти молҳоро бо дигар соҳибкорони хориҷӣ баҳри ба даст овардани фоида бароҳ монда, дар пешрафти иқтисодиёти кишвар саҳмгузор бошанд. Ҳамзамон, ин шакли шартнома ба рушди қонунгузории кишвар мусоидат намуда, имконияти хуб ҷиҳати амалӣ гардонидани ҳадафҳои стратегии давлат мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Брагинский И.М., Витрянский В.В. Договорное право. Книга вторая: Контракты на передачу собственности. М. 2000 (автор главы В.В. Витрянский), с. 121-123.
2. Венская конвенция о международной купле-продаже товаров от 1980. – Ст.1.
3. Венская конвенция о договорах международной купли-продажи товаров. Объяснение. С. 202.
4. Витрянский В.В. Договор купли-продажи и его отдельные виды. Москва. 1999 г.
5. Витрянский, В.В. Существенные условия договора // Хозяйство и право. №7. 1998.- С.5.
6. Давлатов Н.М.Мафҳуми шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол [Матн] / Н.М.Давлатов // Қонунгузорӣ №2 апрел - июн (46) 2022. С –141.
7. Давлатов Н.М. Танзими ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ [Матн] / Н.М.Давлатов // Маҷаллаи илмӣ-амалӣ Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон №3 (23) 2021. С – 149.
8. Инновационное развитие современной науки: теория, методология, практика: сборник статей IV Всероссийской научно-практической конференции (14 марта 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 163 с.: ил. – Коллектив авторов. Некоторые аспекты истории международного договора купли-продажи товаров Давлатов Насимджон Махмаджонович с – 28.
9. Маркова Н.М. Основы внешнеэкономической деятельности. Ухта. 1995 г.
10. Николюкин С.В. Внешнеторговый контракт международной купли-продажи: особенности правового регулирования и арбитражная практика // Законодательство и экономика. – 2009, № 6. – С. 19-25.
11. Розенберг М.Г. Покупка и продажа международных товаров. Комментарий к правовому регулированию и практике разрешения споров. С. 6; Розенберг М.Г. Актуальные вопросы практики разрешения споров в Международном коммерческом арбитраже при Торгово-промышленной палате Российской Федерации // Экономика и право. № 12. 2003; Правовое регулирование внешнеэкономической деятельности / под ред. проф. Комарова А.С. М., с. 246.

**Аннотатсия**

**Таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол**

Дар доираи ин мақола, масъалаҳои марбут ба таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқии шартномаи хариду фурӯши байналмилалии мол дар санадҳои байналмилалӣ-ҳуқуқӣ ва доираи қонунгузории давлатҳои ИДМ баррасӣ карда шудааст. Ҳамзамон, дар мақола аз ҷониби муаллиф хусусият, шакл ва аҳамияти он ба рушди қонунгузорӣ пешниҳод шудааст.

**Аннотация**

**Сравнительно-правовой анализ договора международной купли-продажи товаров**

В данной статье рассматриваются вопросы, связанные со сравнительно-правовым анализом договора международной купли-продажи товаров в международно-правовых документах и в сфере действия законодательства стран СНГ. В то же время в статье автор представляет его сущность, форму и значение для развития законодательства.

**Annotation**

**Comparative legal analysis of the contract for the international sale of goods**

This article deals with issues related to the comparative legal analysis of the contract for the international sale of goods in international legal documents and in the scope of the legislation of the CIS countries. At the same time, in the article the author presents its essence, form and significance for the development of legislation.



**УДК: 347.736.3**
**Исмаилов Сарвар Шавкатович,**
*соискатель кафедры предпринимательского права юридического факультета Российско-Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: ismailov_sarvar@mail.ru*
*Тел.: (+992)-918-98-00-10.*

# ОСНОВНЫЕ НАПРАВЛЕНИЯ МОДЕРНИЗАЦИИ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА О БАНКРОТСТВЕ

***Калидвожаҳо***: *муфлисшавӣ; субъекти муфлисшавӣ; аломатҳои муфлисшавӣ; пайдарҳамии пардохти қарз; мақоми ваколатдори махсус.*

***Ключевые слова***: *несостоятельность (банкротство); субъект банкротства; признаки банкротства; очередность погашения задолженности; специальный уполномоченный орган.*

***Keywords***: *insolvency; bankruptcy; subject of bankruptcy; signs of bankruptcy; sequence of debt repayment; special authorized body.*

В Послании Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики», переданном 23 декабря 2022 г. значительное место уделено улучшению атмосферы инвестирования и поддержки предпринимательства. В частности, Глава Государства поручил руководителям министерств, ведомств и исполнительных органов государственной власти всесторонне поддерживать созидательные инициативы предпринимателей и инвесторов, и принимать неотложные меры по решению вопросов, связанных с их деятельностью и устранением имеющихся проблем и препятствий.

Одной из проблем, связанных с деятельностью индивидуальных предпринимателей (далее – ИП), как отметил Ф.А. Махмадшоев, является внедрение корректных судебных процедур их несостоятельности и банкротства с учетом соблюдения интересов самого ИП, его кредиторов и государства [4, 87]. Кроме того, отмечается, что «благодаря институту несостоятельности (банкротства) отстраняются неэффективные участники рыночных отношений, и их место занимают другие, более устойчивые» [10, с.184].

Изучение законодательства о несостоятельности (банкротстве) развитых, а также развивающихся стран, наглядно свидетельствует, что использование института несостоятельности (банкротства) в рыночных условиях ими рассматривается как необходимый инструмент оздоровления экономики и развития конкуренции. Поэтому значение данного института, соответственно, законодательства о регулировании несостоятельности хозяйствующих субъектов особенно велико для развивающихся экономик, к числу которых относится экономика Таджикистана.

Исходя из этого, рассмотрим некоторые основные направления правовой модернизации в сфере правоотношений несостоятельности (банкротства), предусматривающие изменение норм действующего закона.

1) Как правило, в специальном законодательстве о несостоятельности большинства иностранных государств устанавливается его концепция или цель, что по нашему мнению, можно было бы учесть в процессе модернизации национального законодательства.

Согласно рекомендациям ООН, эффективные и действенные режимы несостоятельности должны быть направлены на достижение следующих ключевых целей [7, с.10-15]:

- обеспечение определенности на рынке для содействия достижения экономической стабильности и роста (законодательство и институты о несостоятельности должны способствовать реструктуризации жизнеспособных хозяйствующих субъектов, эффективной ликвидации и передаче средств

разорившихся хозяйствующих субъектов, облегчать предоставление финансирования для запуска и реорганизации субъектов);

- максимальное увеличение стоимости активов (участники производства по делу несостоятельности должны иметь сильные стимулы для увеличения стоимости активов, т.к. это будет способствовать распределению между кредиторами больших сумм и уменьшению бремени несостоятельности);

- обеспечение сбалансированности между ликвидацией и реорганизацией (законодательство о несостоятельности должно обеспечивать баланс между преимуществами скорейшего взыскания задолженности посредством ликвидации должника (что предпочитают обеспеченные кредиторы) и сохранением деятельности хозяйствующего субъекта с помощью реорганизации или поддержки (что направлено на интересы необеспеченных кредиторов, а также для развития предпринимательства и сохранения занятости);

- обеспечение справедливого режима в отношении кредиторов, находящихся в аналогичном положении (все кредиторы, обладающие аналогичными правами, должны находиться в равном положении, а удовлетворение их интересов – в относительной очередности);

- установление порядка для своевременного, эффективного и беспристрастного урегулирования дел о несостоятельности (необходимо избегать излишнего нарушения деловых операций должника, содействовать минимизации издержек, связанных с судебным производством, а также законодательно установить ясные и объективные критерии несостоятельности, установить структуру для осуществления государственного надзора за производством о несостоятельности);

- сохранение имущественной массы для обеспечения справедливого распределения между кредиторами (посредством объявления судом моратория на действия кредиторов должно быть предотвращено преждевременное расчленение активов должника в результате действий отдельных кредиторов, направленных на взыскание долгов);

- обеспечение прозрачного и предсказуемого законодательства о несостоятельности, стимулирующего сбор и распространение информации (это позволит потенциальным кредиторам оценить возможные риски, наличие полной информации о должнике позволит всем участникам дела о несостоятельности оценить финансовое положение должника и найти наиболее целесообразное решение);

- признание прав кредиторов и установление ясной очередности удовлетворения их требований (имеет важное значение для планирования деятельности займодателей, для оценки рисков кредиторами);

- установление рамок для трансграничной несостоятельности (для координации между различными правовыми системами при открытии дела о несостоятельности в другой стране).

В связи с этим на современной стадии развития национального права предлагается изменить действующую в Таджикистане однозначную «прокредиторскую» концепцию несостоятельности (банкротства), переориентировав ее на одновременное достижение следующих двух равноправных целей:

- учет интересов всех кредиторов, возможно наиболее полное возмещение должником задолженности перед ними;

- учет экономических интересов государства в целом, отраслей национальной экономики и каждого региона посредством применения реабилитирующих процедур для восстановления деятельности добросовестных хозяйствующих субъектов, обеспечивающих в определенные сроки погашение ими задолженности перед кредиторами.

Цели законодательства о несостоятельности по разному отражены в национальных законах. Так, в ст.1 Закона Грузии от 18.09.2020, №7165-Ièb «О реабилитации и коллективном удовлетворении кредиторов» установлено: «Целью настоящего Закона является коллективное удовлетворение требований кредиторов путем достижения реабилитации, а в случае невозможности реабилитации – путем распределения сумм,

полученных от реализации массы неплатежеспособности».

В ст.1 Закона Японии «О банкротстве» (Act No. 75 of June 2, 2004) определено: «Целью настоящего Закона является определение процедуры прекращения прав на имущество должников, которые неспособны уплатить свои долги, несостоятельны и т.д., надлежащая координация интересов кредиторов и иных заинтересованных лиц, с целью обеспечения надлежащей справедливой ликвидации имущества должников и т.д. и обеспечения возможности восстановления их экономической деятельности».

В ст. 1 Модельного закона СНГ «О несостоятельности (банкротстве)» (1997) определено, что данный Закон устанавливает основания и порядок признания банкротами юридических лиц и физических лиц (граждан), регулирует взаимоотношения продолжающей деятельности неплатежеспособного должника и его кредиторов, определяет способы восстановления платежеспособности должника, а при невозможности или отсутствии оснований продолжения деятельности регулирует порядок удовлетворения требований кредиторов, ликвидации юридического лица – банкрота, освобождения физического лица от долгов.

Однако в ст. 1 соответствующего закона Таджикистана (2003) отмечается, что целью Закона о банкротстве не является защита интересов должников и кредиторов, справедливое возмещение посредством суда потерь кредиторов или восстановление (сохранение) деятельности должника.

Исходя из этого, в целях рыночного развития национальной экономики ст. 1 Закона РТ «О несостоятельности (банкротстве)» (далее – Базовый закон) предлагается изложить в следующей редакции: «Целью настоящего Закона является удовлетворение посредством суда требований кредиторов путем реабилитации (восстановления деятельности) должников – индивидуальных предпринимателей (далее – ИП) и юридических лиц, а в случае невозможности реабилитации – путем распределения сумм, полученных от реализации конкурсной массы должника». В связи с этим название Базового закона может быть изменено на Закон РТ «О несостоятельности и банкротстве», которое определяет и регулирует два кризисных состояния должника.

Это позволит сохранить деятельность добросовестных ИП и юридических лиц, в первую очередь тех ИП, которые имеют официально задекларированное (выделенное из семейного имущества) производственное имущество. Одновременно из рыночного оборота будут исключены нежизнеспособные ИП и юридические лица, которые получили недостаточно прибыли от своей хозяйственной деятельности, их реабилитация в приемлемые сроки не может удовлетворить государство и кредиторов, при этом производственное имущество и имущественные права таких ИП могут быть (в счет погашения определенной задолженности) переданы (выкуплены) другими, более успешными ИП.

2) Предлагается разделить установленное законодательством Таджикистана понятие «несостоятельность (банкротство)»: несостоятельность понимать как текущую недостаточность ликвидности, временную (например, в течение 1-3 месяцев) невозможность должника платить по счетам и возмещать задолженность; банкротством должника считать его полную неспособность погасить имеющиеся долги, в том числе в краткосрочный (например, 1-2 года) период времени в случае реструктуризации долгов и реорганизации бизнеса должника на основании мирового соглашения с кредиторами, превышение суммы задолженности перед текущей рыночной стоимостью имущества должника.

Такой вывод можно сделать, основываясь на следующих принимаемых определениях [8, с.26-27]: несостоятельность – это такое финансово-экономическое состояние хозяйствующего субъекта, при котором в момент возбуждения судом дела у данного субъекта отсутствует возможность в полном объеме удовлетворить требования кредиторов по денежным обязательствам, однако имеются реальные активы и материальные возможности, а также способность восстановить платежеспособность и погасить имеющие задолженности после процедуры финансового оздоровления; банкротство – это степень несостоятельности должника,

подтвержденная судебным актом (решением) о введении процедуры конкурсного производства, при которой восстановление способности по полному удовлетворению требований кредиторов по денежным обязательствам становится объективно невозможным.

Одновременно будет исправлена правовая коллизия: несостоятельность (банкротство) будет признана только решением суда, а не самостоятельным объявлением должника (в том числе ИП) о своем банкротстве.

3) Особое внимание в иностранном законодательстве обращено к ключевому субъекту несостоятельности (банкротства) – должнику. В качестве должника, в отношение которого могут применяться механизмы реабилитации и банкротства, включаются дееспособные граждане, любые виды учреждений и государственных предприятий, общественных организаций, а также органы государственного управления, которые не смогли или не имели возможности своевременно и в полном объеме погасить свои денежные обязательства перед кредиторами [5, с.809-814].

Считаем, что только в отношении конкурсоспособных (обладающих самостоятельной собственностью или вещными правами) ИП целесообразно применить механизм несостоятельности (банкротства), поскольку деятельность только таких ИП целесообразно восстанавливать. Для оздоровления рыночной среды и перераспределения производственного имущества деятельность других ИП – несостоятельных должников, не обладающих выделенным производственным имуществом и вещными правами, можно прекратить в ином порядке, без применения восстанавливающих процедур. Подобное мнение предложено Дж.С. Муртазакуловым [4, с.110].

В связи с этим, к ИП, на которые возможно распространение механизмов несостоятельности (банкротства), следует отнести:

- ИП (включая личные и семейные ИП), функционирующие на основе свидетельства и обладающие выделенным имуществом;

- простые товарищества, представляющие добровольное объединение ИП (без участия юридических лиц), функционирующие на основе договора о совместной деятельности.

Выделенное и официально оформленное имущество ИП, используемое в предпринимательских целях, дает основания для установления для таких ИП ограниченной ответственности (в размере суммы такого имущества), как и для других субъектов предпринимательства – юридических лиц, исключив для таких ИП установленную ГК РТ неограниченную ответственность

Для каждого вида ИП (как и других хозяйствующих субъектов) в новой редакции Базового закона следует предусмотреть специфику применения реабилитационных (восстановительных) и конкурсных банкротных процедур.

4) Для распространения на какой-либо субъект предпринимательства механизмов несостоятельности (банкротства) первоочередное значение имеют положения, определяющие соответствующие признаки состояний несостоятельности и банкротства. Отмечается, что «методика анализа финансового положения неплатежеспособных организаций имеет характерные особенности, поскольку цель такого анализа – выявление конкретных причин финансового кризиса и обоснование политики финансового оздоровления» [2, с.80].

Ст. 5 Базового закона для любых должников определяет следующие признаки банкротства – ИП и юридических лиц: а) соответствующие обязательства не исполнены ими в течение трех месяцев с момента вступления их в силу; и б) общая сумма обязательств превышает стоимость принадлежащего им имущества.

Однако, для возбуждения судом дела о банкротстве в ст. 25 Базового закона определены несколько иные условия. Установлено, что дело о банкротстве может быть возбуждено судом, если требования к должникам – субъектам малого и среднего предпринимательства и иным юридическим лицам (некоммерческие организации), в совокупности составляют не менее 500 показателей для расчетов, а к субъектам

крупного предпринимательства – 2000 показателей для расчетов.

Считаем, что здесь законодателем в свое время была несколько завышена важность судебной процедуры, в частности: а) суду должны быть представлены материалы об отношении должника к одной из категорий предпринимательства, а также о сумме задолженности; б) размер задолженности для возбуждения дела отличается от размера, определенного в ст.5; в) судом дело может быть открыто без связи с признаками банкротства (ст.5 Базового закона), в частности в связи с предельным сроком сохранения задолженности.

Признаки банкротства для ИП в Базовом законе явно не отражены, однако отношение ИП к субъектам малого предпринимательства является основанием для возбуждения в отношение их дела о банкротстве. Большая часть ИП, возможно, имеет выделенную собственность меньше предельной задолженности (500 показателей для расчетов), что исключает для них судебное разбирательство (размер предельной задолженности ИП в качестве признака несостоятельности может быть уменьшен для предварительной реализации реабилитационных процедур и избежания банкротства согласно американской концепции).

В связи с этим, возможно, в признаках банкротства следует несколько снизить сроки несостоятельности и размеры задолженности хозяйствующих субъектов – должников в целях срочного, предварительного исполнения восстановительных мер, в первую очередь для должников с длительными сроками производства, в частности, для сельскохозяйственных производителей и др.

5) Как правильно отмечается, существование судебных процедур банкротства, во-первых, обеспечивает равенство прав кредиторов (поскольку исключается ситуация, когда при обращении в суд о взыскании задолженности первый кредитор имеет больше возможностей удовлетворить свои требования), во-вторых, дает должнику шанс сохранить (вернуть) платежеспособность [11, с.32].

Коллективная природа банкротства проявляется в том, что для него типично стечение множества кредиторов, причем зачастую достаточно разнородных. В некоторых случаях такая разнородность дает основания для дифференциации кредиторов, неодинакового к ним отношения. Это отношение выражается как в определении воли кредиторов, так и при распределении имущества должника в рамках банкротных ликвидационных процедур [5, с.814].

В соответствие со ст. 78 Базового закона определяется очередность погашения задолженности перед кредиторами за счет имущества должника в случае судебного признания его банкротом и осуществления конкурсного производства. Кредиторы 1, 2 и 3 очереди могут быть отнесены к категории привилегированных кредиторов; кредиторы 4-ой очереди обладают равными правами. Однако в порядке очередности не определено право суда, банкротных управляющих на внеочередное погашение задолженности перед ними, а также не определена очередность погашения задолженности перед лицами, долги перед которыми возникли после принятия судом заявления о несостоятельности.

Считаем, что выделение в Базовом законе конкурсных кредиторов, как и создание комитета кредиторов должно предусматриваться при наличии конкретных обстоятельств (например, большое количество кредиторов, передачи обеспеченным кредиторам преобладающей части имущества должника и пр.). Необходимо также включить представителя работников должника в комитет кредиторов с правом голоса.

Поскольку уплата задолженности перед обеспеченными кредиторами осуществляется в первоочередном порядке, для учета интересов иных кредиторов (включая налоговые органы и представителей работников должника) этим иным кредиторам должны быть предоставлены большие полномочия по принятию решения о восстановлении и продолжении деятельности должника.

6) В Базовом законе предусмотрено участие государственных органов, включая прокурора, при судебном рассмотрении дела о банкротстве. Однако экономический суд лишь обеспечивает контроль осуществления

процедур, установленных законом. Специальный государственный орган, предназначенный для регулирования политики несостоятельности и банкротства, законом в Таджикистане не определен.

Как известно, государство является составной частью, элементом рыночной экономики. Государственное регулирование направлено на ликвидацию сбоев функционирования рыночного механизма, создание условий на преодоление кризисных явлений в деятельности хозяйствующих субъектов [1, с.9].

Поэтому для эффективного государственного регулирования отношений о несостоятельности (банкротства) в целом и непосредственного участия представителей государства в судебном производстве о несостоятельности (банкротстве) считаем необходимым законодательно установить уполномоченный государственный орган по делам банкротства со следующими основными полномочиями:

- разработка предложений о модернизации законодательства о банкротстве с учетом сложившейся экономической ситуации;

- разработка предложений по досудебной санации должника с учетом возможной его финансовой поддержки и принятия должником дополнительных обязательств перед лицами, оказавшими такую финансовую поддержку;

- в случае экономической и/или социальной целесообразности разработка предложений по восстановлению деятельности должника с учетом возможностей поэтапного погашения им возникшей задолженности;

- выдача лицензии на осуществление деятельности банкротного управляющего;

- представление для назначения судом кандидатуры лицензированного банкротного управляющего и пр.

Учитывая ограниченность судебных процедур в отношении должников – ИП (финансовое оздоровление на основе мирового соглашения и конкурсное производство при реализации имущества ИП для погашения задолженности перед кредиторами), уполномоченный государственный орган мог бы выдавать лицензии только тем управляющим, которые действительно имеют не только юридические знания и опыт по указанным процедурам, но и являются экономически эффективными бизнес-менеджерами (в законодательстве РТ получения лицензии не требуется, порядок отбора управляющих не определен). В Таджикистане серьезные исследования в отношение антикризисных управляющих проведены А.Р. Носировым [6, с.1-42].

Следует иметь в виду, что отдельные исследователи считают необходимым установить специальную судебную процедуру для сельскохозяйственных производителей – должников: «… главным вариантом оздоровления аграрного сектора может стать перевод сельскохозяйственных предприятий на особый режим хозяйствования» [9, с.59].

Приведенные и иные рекомендации по модернизации механизма несостоятельности в Таджикистане считаем необходимым реализовать не в форме изменений действующего Базового закона, а в форме разработки полномасштабного нового законопроекта о несостоятельности, базирующегося на принципах, рекомендованных ООН с учетом опыта других стран и специфики экономико-правового состояния Таджикистана.

**Список литературы:**

1. Иванова С.П., Земляков Д.Н., Баранников А.Л. Несостоятельность (банкротство) юридических и физических лиц – М.: Юстиция, 2018. – 132 с.

2. Калемуллоев М.В. Критерии оценки неплатежеспособности и вероятности банкротства организаций //Вестник Таджикского национального университета. Сер. социально-экономических и общественных наук. – 2013. – №2/7. – С. 80-84.

3. Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. – Душанбе: «ЭР-граф», 2012. – 196 с.

4. Муртазакулов Дж. С. К вопросу о банкротстве индивидуальных предпринимателей // Вестник высшего экономического суда Республики Таджикистан. – 2003. – №4. – С.110.

5. Несостоятельность (банкротство): Учебный курс. В 2 т. / Под ред. д.ю.н., проф. С.А. Карелиной. Т. 2. − М.: Статут, 2019. − 848 с.

6. Носиров А.Р. Научно-практическое пособие. «Антикризисные управляющие: права, полномочия, обязанности». – Душанбе, 2004. – 42 с.

7. Руководство ЮНСИТРАЛ для законодательных органов по вопросам законодательства о несостоятельности – Нью-Йорк: ООН, 2005. – 467 с.

8. Свириденко О.М. Концепция несостоятельности (банкротства в Российской Федерации: методология и реализация // Автореф… д-ра юр.наук. – М., 2010. – 53 с.

9. Пираков Р.М., Собиров Н.М., Одинаев Ш.Т., Барфиев К.Х. Реформирование экономического положения и переход к системе гибкого государственного регулирования – главная задача продовольственной независимости // Вестник Таджикского национального университета. Сер.социально-экономических и общественных наук. – 2012. – №2/2. – С. 57-62.

10. Ризоев С., Шарифов Т. Институт несостоятельности (банкротства) в Таджикистане: современное состояние и перспективы развития // Вестник Таджикского национального университета. Сер.социально-экономических и общественных наук. – 2012. – №2/3. – С. 184-191.

11. Чернова М.В. Роль правовых процедур банкротства в разрешении противоречий между должником и кредиторами // Экономический анализ: теория и практика. – 2011. – №18 (225). – С. 30-33.

**Аннотатсия**

**Самтҳои асосии навсозии қонунгузорӣ дар бораи муфлисшавӣ**

Дар мақола дар асоси таҷрибаи кишварҳои пешрафта ва таҳлили қонунгузории ҷории Тоҷикистон дар бораи муфлисшавӣ баъзе самтҳои тағйир додани он, аз ҷумла самтҳои марбут ба навсозии танзими давлатии муфлисшавии соҳибкорони инфиродӣ пешниҳод шудааст.

**Аннотация**

**Основные направления модернизации законодательства о банкротстве**

В статье на основе опыта развитых стран и анализа действующего законодательства Таджикистана о несостоятельности (банкротстве) предложены некоторые направления его изменения, в частности, связанные с модернизацией государственного регулирования несостоятельности (банкротства) индивидуальных предпринимателей.

**Annotation**

**Main directions of modernization Insolvency laws**

Based on the experience of developed countries and the analysis of the current legislation of Tajikistan on insolvency (bankruptcy), the article proposes some directions for its change, in particular, those related to the modernization of state regulation of insolvency (bankruptcy) of individual entrepreneurs.

## 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ



**УДК: 349.23/24**

**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
*н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: bgoib@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-94-87-73.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТИИ ГУРӮҲИ АЛОҲИДАИ КОРМАНДОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ оид ба меҳнат; тарбияи ҷисмонӣ; варзиш; хусусиятҳои танзими муносибатҳои меҳнатии варзишгарон; кормандони (мураббиёни) корфармо-муассисаи тайёрии варзишӣ; такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *законодательство о труде; физическая культура; спорт; особенности регулирования трудовых отношений спортсменов; работники (тренеры) работодателя-физкультурного учреждения; совершенствование правового регулирования.*

***Keyword:*** *legislation on labor; physical culture; sports; peculiarities of regulation of labor relations of athletes; employees (coaches) of the employer-sports institution; improvement of legal regulation.*

**«То кадом сатҳу дараҷа ҳуқуқбунёд будани давлат аз сатҳу сифати қонунҳои он сахт вобаста аст»**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Ин суханони Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат чунин тавзеҳоти худро ёфтаанд - баланд бардоштани сатҳи ташаккули ҷомеа аксаран аз қабули қонунҳо ва танзими ҳуқуқии дурусту одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, хусусан муносибатҳои меҳнатӣ вобастагии калон дошта, барои инкишоф ва ташаккули муносибатҳои озодонаи фоидаовари ҷамъиятии меҳнатӣ дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, барпо намудани давлати ҳуқуқбунёд равона гардидаанд. Аз ин ҷост ҳолати қонунгузории миллӣ ва ҳолати воқеии кор дар самти амалишавии ҳуқуқ ба меҳнат натанҳо нишондиҳандаи баланди маърифати фарҳангию маънавии ҷомеа мебошад, балки ин иқдом бевосита ба равандҳои сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсии давлат низ таъсири худро расонид, ҳамчун кафолати муҳими амалишавии ҳуқуқи шахс ба меҳнат баромад менамояд.

Дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба меҳнат ва дар танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои ба онҳо алоқаманд Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи марказиро ишғол намуда, манбаи муҳимтарини таъминоти ҳуқуқии соҳаи меҳнат ба ҳисоб меравад.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқамандро ба танзим даровада, барои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои тарафҳои муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои камтарини ҳуқуқ ва озодиҳо дар соҳаи меҳнат равона карда шудааст.

Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ) манбаи кодификатсияшудаи

ҳуқуқи меҳнат буда, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро муқаррар менамояд ва ба таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст.

КМ ҶТ феълан амалкунанда 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст.[1] Кодекси мазкур аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун аз Кодекси қаблӣ тафовути назаррас дорад. Он аз 6 фасл, 41 боб ва 366 модда иборат буда, назар ба Кодекси меҳнати соли 1997 аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун хеле васеъ мебошад.

Дар КМ ҶТ бори нахуст 76 мафҳуми вобаста ба муносибатҳои меҳнатӣ ва дигар муносибатҳои бевосита ба онҳо алоқаманд оварда шудааст ва 6 фасл ворид карда шудааст, ки ин муносибатҳоро мушаххас мегардонад. Аз ҷумла, фасли I «Муқаррароти умумӣ» ном гирифта, аз боби 1 (моддаҳои 1 то 14), фасли II «Муносибатҳои меҳнатӣ», аз бобҳои 2-14 (моддаҳои 15 – 206), фасли III «Хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон» аз бобҳои 15-28 (моддаҳои 207 – 288), фасли IV «Шарикии иҷтимоӣ ва муносибатҳои коллективӣ дар соҳаи меҳнат», бобҳои 29 – 33 (моддаҳои 289 – 326), фасли V «Бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат», бобҳои 34 – 38 (моддаҳои 327 – 358) ва фасли VI «Муқаррароти хотимавӣ» номгузорӣ шуда, аз бобҳои 39 – 41 (моддаҳои 359 – 366) иборат мебошанд.

Дар КМ ҶТ дар баробари бобу моддаҳои анъанавӣ, фасл, бобу моддаҳои нав ворид шудаанд, ки ҷавобгӯи талаботҳои иқтисоди бозоргонӣ мебошанд. Қабл аз ҳама, чунин тафовутро дар густариш додани доираи амали меъёрҳои Кодекси нави меҳнат, баланд бардоштани нақши танзими шартномавии муносибатҳои меҳнатӣ, муқаррар намудани кафолатҳои иловагӣ бахри амалӣ намудани қобилияти шаҳрвандон ба меҳнат, таҳкими нақши шарикии иҷтимоӣ байни корфармо ва кормандон, пурзӯр намудани мавқеъ ва нақши расмиётҳои оштидиҳӣ дар доираи ҳалли баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва коллективӣ, эътирофи ҳуқуқи кормандон ба корпартоӣ ҳамчун чораи ниҳоӣ бахри ҳаллу фасли баҳсҳои меҳнатии коллективӣ ва дигар ҷанбаҳо, баръало дидан мумкин аст.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки Кодекси меҳнат ҳаллу фасл намудааст, масъала оид ба хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон мебошад. Хусусан масъалаи мазкур дар фасли III, ки «Хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон» номгузорӣ шуда, аз бобҳои 15-28 иборат мебошад, ки моддаҳои 207-288-ро дар бар мегиранд, ҳаллу фасли худро ёфтаанд.

Дар боби 15 КМ ҶТ сухан дар бораи хусусияти танзими меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида меравад, ки дар он ҳуқуқи кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида дар муносибатҳои меҳнатӣ, корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида манъ мебошанд, қатъи шартномаи меҳнатӣ бо талаби падару модар, васӣ (парастор) ё мақомоти ваколатдор, муоинаи ҳатмии тиббии кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, давомнокии вақти корӣ барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, пардохти музди меҳнат ва меъёрҳои коркард барои кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, хусусияти реҷаи меҳнат ва истироҳати кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида, маҳдудияти ҷавобгарии моддии кормандони ба синни ҳаждаҳ нарасида муқаррар шудааст.

Дар боби 16 КМ ҶТ меъёрҳое сабт шудаанд, ки хусусиятҳои танзими меҳнати занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавидоштаро муқаррар менамоянд, аз ҷумла маҳдудияти қатъи шартномаи меҳнатӣ бо занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, корҳое, ки дар онҳо истифодаи меҳнати занон манъ аст, хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак, муқаррар кардани вақти нопурраи корӣ барои занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, маҳдудияти истифодаи ҷамъи баҳисобгирии вақти корӣ барои занони ҳомила, муваққатан ба кори дигар гузаронидани зани ҳомила ва заноне, ки кӯдаки то як солу шашмоҳа доранд, кафолат нисбати занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак, кафолатҳо барои занони ҳомила ва фарзанддор ҳангоми ба кор қабул кардани онҳо, рухсатии кормандоне, ки кӯдакони навзодро фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд, кафолат ва имтиёзҳо ба шахсоне, ки кӯдаконро бе модар тарбия мекунанд, муқаррар шудаанд.

Боби 17 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати кормандони дар ду (якчанд) ҷой коркунандаро

пешбинӣ менамояд, ки дар он муқаррароти умумӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, маҳдудиятҳои дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, ҳуҷҷатҳои иловагие, ки барои бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан заруранд, давомнокии вақти кории дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, рухсатиҳои меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда барои дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, маҳдудияти бастани шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан, асосҳои иловагии қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ оид ба дар ду (якчанд) ҷой кор кардан бо ташаббуси корфарморо ҷой дода шудааст.

Боби 18 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати кормандоне, ки ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок машғуланд, номгузорӣ шудааст, ки он давомнокии вақти корӣ ва рухсатии меҳнатии иловагии ҳарсолаи пардохтшавандаи кормандоне, ки ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок машғуланд, музди меҳнати кормандоне, ки ба корҳои вазнин, зеризаминӣ ва ё шароити меҳнаташон зарарнок машғуланд ва таъмини сиҳатии корманд ва бехатарии шароити меҳнатро пешбинӣ менамояд, дар бар мегирад.

Дар боби 19 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати кормандоне, ки бо корҳои мавсимӣ машғуланд муқаррар шудааст. Дар меъёрҳои боби мазкур мафҳум, хусусияти бастани шартномаи меҳнатӣ бо кормандони мавсимӣ, асосҳои иловагии бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси корфармо бо кормандоне, ки ба корҳои мавсимӣ машғуланд, хусусияти бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо корманди мавсимӣ сабт шудаанд.

Дар боби 20 КМ ҶТ сухан дар бораи хусусияти танзими меҳнати кормандони бо усули вахтавӣ коркунанда меравад, ки моддаҳои 243-246-ро дар бар мегирад. Моддаҳои муқарраршуда, хусусиятҳо ва давомнокии кори вахтавӣ, маҳдудият ва ҳисоби вақти корӣ ва вақти дамгирӣ ҳангоми кор бо усули вахтавиро танзим менамоянд.

Боби 21 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати кормандони хонагӣ ном гирифта, моддаҳои 247- 251 - ро фаро мегирад. Боби мазкур хусусиятҳои бастан ва бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо кормандони хонагӣ, вақти корӣ ва вақти дамгирии онҳо, тартиби додан ва бекор кардани ҷазои интизомӣ, ҳалли баҳсҳои меҳнатии фардӣ ва қатъ кардани шартномаи меҳнатиро бо корманди хонагӣ ба танзим медарорад, ки гузариши нави масъала аст.

Ба хусусияти танзими меҳнати кормандони хонакор боби 22 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати кормандони хонакор бахшида шудааст, ки иборат аз моддаҳои 252 - 254 мебошад. Дар боби мазкур кормандони хонакор, шартҳои меҳнат, реҷаи вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати кормандони хонакор муайян карда шудаанд.

Дар боби 23 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда, ки моддаҳои 255 - 257 - ро фаро мегирад, хусусиятҳои меҳнати кормандони бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғулбуда танзим ёфта, кори фосилавӣ (дистансионӣ), шароити меҳнат, тартиби баҳисобгирии вақти корӣ ва вақти истироҳат, шартҳои таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнати кормандоне, ки бо кори фосилавӣ (дистансионӣ) машғуланд, муайян карда шудаанд.

Боби 25 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомоти давлатӣ иборат аз моддаҳои 264 - 272 буда, хусусиятҳои меҳнати ҳайати техникӣ ва хизматрасонии мақомоти давлатиро танзим намуда, тартиби қабул намудан ба ҳайати техникӣ ва хизматрасони мақомоти давлатӣ, махдудият дар хизмати гражданӣ, ба кор ба дигар мақомоти давлатӣ гузаронидани хизматчии гражданӣ ва аттестатсияи он, пешравӣ дар хизмати гражданӣ, такмили ихтисос, азнавтайёркунӣ, ҳавасмандкунӣ, кафолат, ҷубронҳо ва пардохти музди меҳнати хизматчии граждаиро муқаррар менамояд.

Дар боби 26 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати соҳибкорони инфиродӣ, ки моддаҳои 273 - 279 - ро фаро мегирад хусусиятҳои меҳнати соҳибкорони инфиродӣ, мухлати шартномаи меҳнатӣ байни соҳибкорони инфиродӣ ва кормандон, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатии соҳибкорони инфиродӣ, реҷаи кор, шартҳои пардохти музди меҳнат, иштироки соҳибкорони инфиродӣ дар шарикии иҷтимоӣ, хусусияти ташкили бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ танзим мегарданд.

Боби 27 КМ ҶТ хусусияти танзими меҳнати роҳбар ва аъзои мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ ва кормандони ба кор таъйин (интихоб) намудаи соҳибмулки шахси ҳуқуқӣ, шахси аз ҷониби он ваколатдоркардашуда (ваколатдоркардашуда (мақомот) ва ё мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ, аз моддаҳои 280 - 285 иборат буда, асосҳои ҳуқуқии меҳнати роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ ва бастани шартномаи меҳнатӣ бо он,

роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ ҳамчун ҳамкор, пеш аз мухлат бекор кардани шартномаи меҳнатӣ бо ташаббуси роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ, асосҳои иловагии қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо роҳбари мақомоти иҷроияи шахси ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои меҳнати аъзои мақомоти иҷроияи колегиалии шахси ҳуқуқӣ ва кормандони аз ҷониби соҳибмулки шахси ҳуқуқӣ ё шахси (мақомоти) аз ҷониби ӯ ваколатдоркардашуда ё мақомоти ваколатдори шахси ҳуқуқӣ таъиншуда (интихобшуда) - ро танзим менамояд.

Ба хусусияти танзими меҳнати вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судяҳо, хизматчиёни давлатӣ, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дипломатӣ, инчунин дигар кормандони ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ боби 28 КМ ҶТ бахшида шудааст, ки иборат аз моддаҳои 286 - 288 мебошад.

Имрӯз варзиш дар ҷаҳони муосир яке аз маъмултарин соҳаҳое дониста мешавад, ки ҳар нафари ба он машғул ҳамеша тандуруст, неруманд, чусту чолок ва рӯҳану ҷисман солим мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии соли 2017 ёдрас шуда буданд, ки «Мо бояд ба оммавигардонии варзиш, таблиғи тарзи ҳаёти солим ва рушди бемайлони варзиш дар мамлакат таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоем. Варзиш ҳамчун қосиди сулҳ воситаи беҳтарини муаррифии давлату миллат дар арсаи байналмилалӣ ба шумор меравад.»[2]. Ин аст, ки сол то сол соҳаи варзиш новобаста аз баъзе мушкилоти ҷойдошта рушд карда истодааст.

Дар ҳақиқат, сиёсати муосири ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ҳамчун воситаи муҳими беҳдошти саломатӣ ва ташаккули ҷисмониву маънавӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, варзиш дар баробари ташвиқу таблиғи тарзи ҳаёти солим, инчунин, яке аз воситаҳои беҳтарини таҳкими дӯстии миёни инсонҳо ва кишварҳои ҷаҳон аст. Маҳз бо роҳи амалигардонии варзиш омили муҳими ҷаҳоншиносии инсон, ба ҳамдигар муаррифӣ ва наздик гардидани халқу миллатҳо ва кишварҳои мухталифи ҷаҳон шароити мусоид фароҳам оварда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки рушди устувор ва босуръати мамлакат дар соҳаи варзиш, махсусан, амалӣ намудани қонунҳо, стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар дар ин соҳа тақозо менамояд, ки заминаҳои ҳуқуқии онҳо сари вақт ва босифат таъмин карда шаванд.

Вобаста ба ин, дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул ва мавриди амал қарор дода шуданд, ки то имрӯз муносибатҳои мазкурро танзим менамоянд, аз ҷумлаи онҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш»[3] махсуб меёбад, ки бо мақсади ба танзим даровардани фаъолият дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, аз ҷумла фаъолияти федератсияҳои варзишӣ, клубҳои касбии варзишӣ, лигаҳои касбии варзишӣ, ташкилотҳои дигари тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ ё шахсони воқеӣ оид ба расонидани хизматрасонии варзишӣ, ҳамзамон, бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ, ҳамчун василаи ҳалли масъалаҳои мубрами соҳавӣ ва заминаи устувори ҳуқуқӣ барои рушду инкишофи варзиш, бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуда, 23 декабри соли 2021, №1831 мавриди амал қарор дода шудааст.

Қонуни мазкур, аз 10 боб ва 68 модда иборат буда, дар он ваколатҳо, вазифаҳо, мақом, ҳайат ва сохтори ташкилӣ, имтиёзҳо, самтҳои фаъолияти Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мушаххас гардидаанд. Инчунин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз моддаи 38 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маншаъ гирифта, ба меъёрҳои пешбининамудаи он мутобиқ мебошад.

Моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» ба фаъолияти меҳнатӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бахшида шуд, тибқи меъёри муқаррарнамудаи он муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешаванд. Моддаи мазкур хусусияти ҳаволакунанда дошта, ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ

ишора мекунад. Яъне, моддаи 58 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» меъёри ҳаволакунанда (бланкетӣ), ки тибқи он танзими муносибатҳои меҳнатии кормандон ва варзишгарон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шуданашон мумкин аст.

Инчунин, 30 декабри соли 2021 "Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026" қабул шудааст, ки тибқи банди 19 он давлат ба рушди самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш тавассути ташаккули сиёсати давлатӣ, таъминоти мувофиқи молиявӣ, моддӣ-техникӣ, кадрӣ, илмӣ-методӣ, тиббӣ, иттилоотӣ, меъёрии ҳуқуқии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, зиёд намудани муассисаҳои тайёрии варзишӣ, клубҳо, махсусан, дар деҳот, гурӯҳҳои тахассусии маъюбон, диспансерҳои тиббӣ-варзишӣ ва таҳкими заминаи моддию техникии онҳо мусоидат менамояд.

Дар меъёрҳои болозикр хусусиятҳои танзими муносибатҳои меҳнатии варзишгарон ва кормандони (мураббиёни) корфармо-муассисаи тайёрии варзишӣ муқарар нашуда ва дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ нашудааст.

Чи тавре дар боло зикр намудем, меъёрҳои муқаррарнамудаи фасли III, ки сухан дар бораи «Хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандон» меравад, хусусиятҳои танзими муносибатҳои меҳнатии варзишгарон ва кормандони (мураббиёни) корфармо-муассисаи тайёрии варзишӣ пешбинӣ нагардидааст, танҳо моддаи 288 КМ ҶТ, ки дар он сухан дар бораи хусусияти танзими меҳнати кормандони дигар ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ меравад, аз меъёри ҳаволакунанда (бланкетӣ) иборат буда, ба КМ ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавола менамояд.

Боиси шубҳа нест, ки бо дастовардҳои аён ва хеле муваффақ бисёр масъалаҳо дар фаъолияти қонунгузорӣ оид ба меҳнат роҳи ҳалли худро ёфтаанд. Аммо ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки бо мурури замон ва пешрафти ҳаёти ҷомеа дар соҳаи мазкур муносибатҳои нав ба вуҷуд омаданд, ки онҳо танзими худро талаб менамоянд. Ҳанӯз ҳам дар қонунгузории соҳаи мазкур ҳолатҳоеро вохӯрдан мумкин аст, ки такмили онҳо фаъолияти пурсамар ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд.

Боиси зикр аст, ки тибқи муқаррароти банди 1 Нақшаи чорабиниҳои амалигардонии "Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026" аз 30 декабри соли 2021, №568 дар бораи такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо мақсади мутобиқ намудани онҳо ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ва таҷрибаи пешқадами дигар давлатҳо чорабиниҳо пешбинӣ гардидаанд [4]. Дар ин самт зарур аст, ки КМ ҶТ такмил дода шавад.

Ба андешаи мо маҳз чунин нуқтаи назар ҷоиз ва қобили қабул мебуд, ки агар дар фасли III КМ ҶТ боби нав **«БОБИ 28$^{1}$ ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТИИ ВАРЗИШГАРОН ВА КОРМАНДОНИ (МУРАББИЁНИ) КОРФАРМО-МУАССИСАИ ТАЙЁРИИ ВАРЗИШӢ»** илова карда шавад.

Вобаста ба ин, ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар боби мазкур баҳри дорои муқаррароти меъёрии мукаммал шудан, мазмуну моҳияти онро ифода намудан ва муносибатҳои муҳими соҳаро ба танзим даровардан, модда, қисм, банд ва сархатҳо, ки қисми ҳатмии таркибии санади қонунгузорӣ маҳсуб меёбад, муқаррар ва илова намудан лозим меояд. Масалан, Моддаи 288(1). Муқаррароти умумӣ; Моддаи 288(2). Хусусиятҳои бастани шартномаи меҳнатӣ бо варзишгарон ва кормандон (мураббиён); Моддаи 288(3). Муоинаи тиббии варзишгарон; Моддаи 288(4). Муваққатан гузаронидани варзишгар ба дигар корфармо-муассисаи тайёрии варзишӣ; Моддаи 288(5). Бартараф кардани варзишгар аз иштирок дар мусобиқаҳои варзишӣ; Моддаи 288(6). Фиристодани варзишгарон, инчунин мураббиёни онҳо, табибон ва дигар мутахассисони соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ба дастаи мунтахаби Ҷумҳурии Тоҷикистон; Моддаи 288(7). Хусусиятҳои муносибатҳои меҳнатии варзишгар, кормандоне (мураббиёне), ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд; Моддаи 288(8). Хусусиятҳои танзими меҳнатии варзишгарони ба синни

ҳаждаҳ нарасида; Моддаи 288(9). Хусусиятҳои танзими меҳнати варзишгарзанон; Моддаи 288(10). Кафолатҳо ва ҷубронпулиҳои иловагӣ ба варзишгарон, кормандон (мураббиён); Моддаи 288(11). Асосҳои иловагии қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо варзишгар; Моддаи 288(11-1). Асосҳои иловагӣ барои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо мураббӣ; Моддаи 288(12). Хусусиятҳои қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо варзишгар ва бо мураббӣ; Моддаи 288(13). Хусусиятҳои баррасии баҳсҳои меҳнатии фардии варзишгарон, мураббиёни варзиши касбӣ ва дорои маҳорати олӣ ва ғайра.

Вобаста ба ин бояд ҳаминро тазаккур дод, ки таҷрибаҳои ҳамаҷонибаи қонунгузории давлатҳои ИДМ дар фаъолияти қонунэҷодкуни и ҳам давлати мо ва ҳам дигар давлатҳои собиқ шӯравӣ, метавонад моҳият ва сифати қонунгузорӣ оид ба меҳнат, хусусан хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандонро мукаммал гардонанд. Аз он ҷумла, Кодекси меҳнати Федератсияи Россия, ки дар он тағйироту иловаҳо бо Қонуни федералии №13-ФЗ аз 28 феврали соли 2008 ворид гардидааст, ки бо номи «Боби 54.1. Хусусиятҳои танзими кори варзишгарон ва мураббиён»-ро [5] пешбинӣ намудааст.

Бояд тазаккур дод, ки қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба талаботи муносибатҳои имрӯзаи ҷамъиятӣ ҳамеша рӯ ба беҳбудӣ майл намуда ва инчунин ҳамавақт тағйирпазиранд.

Инчунин, қонунҳоро агар назар андозем, ҳамеша дар рушду такомул ва инкишофу пешравӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз дар қонунгузорӣ хоҳ нохоҳ пайваста муносибатҳои нав ба нав ба вуҷуд меоянд.

Дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои зиёди ҳуқуқиеро истифода мебаранд, ки ҳамеша бо меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаашон барои дар амал дуруст татбиқ намудани онҳо дар муносибатҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд.

Хулоса, муайян кардан мумкин аст, ки меҳнати мураббӣ дар варзиш ҳам аломатҳои иштироки ӯро бо ихтисосҳои педагогӣ дар як саф мегузорад ва ҳам мушаххасе, ки ӯро дар байни онҳо дар раванди ҷудогонаи таълим, тарбия ва ҳифзи насли наврас, захираи варзишӣ, варзишгарони баландпоя, ки тамоми азхудкуниро дар раванди меҳнат ва фидокории пурра талаб мекунанд, аксар вақт берун аз меъерҳои муқаррарнамудаи қонунгузории вақти корӣ, ки барои он маҷмӯи сифатҳо шарти зарурии муваффақ шудан ба натиҷа мебошанд. Ҳамаи гуфтаҳои боло, бешубҳа, метавонанд дар ҳалли мушкилот дар ташаккули заминаи самараноки меъерҳои баҳодиҳии меҳнати мутахассисон дар соҳаи варзиш ва муассисаҳои тайёрии варзишӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кумак расонанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар давоми солҳои охир хусусияти хоси тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар он мебошад, ки ба сохтмони иншоотҳои нави тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш диққати махсус дода шуда истодааст, навоварии базаи моддӣ-техникӣ гузаронида шуда, номутаносибӣ дар ҷойгиршавӣ ва рушди иншоотҳо ва базаҳои варзишӣ дар минтақаҳо барҳам дода шуда истодаанд, ҳамзамон ҷудо намудани захираҳои назарраси сармоягузорӣ амалӣ гардида, истифодабарии механизми бозаргонии мавҷудият ва идораи соҳа амалӣ мегардад, инчунин, коркарди барномаҳои рушд бо баҳисобгирии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ, варзиши оммавӣ, варзиши дастовардҳои олӣ ва варзиши касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудааст.

Ворид намудан ба Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон Боби $28^1$ «Хусусиятҳои танзими муносибатҳои меҳнатии варзишгарон ва кормандони (мураббиёни) корфармо-муассисаи тайёрии варзишӣ» метавонад моҳият ва сифати қонунгузорӣ оид ба меҳнат, хусусан хусусияти танзими меҳнати гурӯҳи алоҳидаи кормандонро мукаммал гардонанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 2016 года, №7, ст.604. – С. 214-300; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» от 28 июля 2016 года, №146-149 (22968-971).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 22.12.2017 13:21, шаҳри Душанбе. Маводи электронӣ.

Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/16771 (санаи муроҷиат 20.02.2023).
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 23 декабри соли 2021, №1831// [Маводи электронӣ]. Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Манбаи дастрасӣ: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат 21.02.2023).
4. Барномаи рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022 – 2026" аз 30 декабри соли 2021, №568 // Махзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2020. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM) (санаи муроҷиат 21.02.2023).
5. Трудовой кодекс Российской Федерации. Глава 54.1. Особенности регулирования труда спортсменов и тренеров (в ред. Федерального закона от 28.02.2008 N 13-ФЗ) [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: https://normativ.kontur.ru/document?moduleId=1&documentId=439459 (санаи муроҷиат 31.01.2023).

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии гурӯҳи алоҳидаи кормандон**

Таваҷҷуҳи ҳамаҷонибаи давлат ва ҷамъият ба масъалаҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солим, таҳлили маводи назариявӣ ва амалӣ оид ба ин масъалаҳо муаллифро водор намуд, ки ба омӯзишу баррасии онҳо даст занад. Муҳимияти рушди усулҳо, механизмҳо ва фишангҳои идоракунии ҳифзи саломатии аҳолӣ, инчунин танзими давлатӣ ва дастгирии варзишгарон ва кормандони (мураббиёни) корфармо-муассисаи тайёрии варзишӣ дар як қатор корҳои илмии олимон ва муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ таҳти омӯзиш қарор гирифтаанд. Дар мақола масоили танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии гурӯҳи алоҳидаи кормандон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы правового регулирования трудовых отношений отдельной группы работников**

Всестороннее внимание государства и общества к вопросам охраны здоровья населения и формирования здорового образа жизни, анализ теоретических и практических материалов по этим вопросам побудили автора к их изучению и обсуждению. Актуальность разработки методов, механизмов и инструментов управления охраной здоровья населения, а также государственного регулирования и системы обеспечения спортсменов и работников (тренеров) учреждений спортивной подготовки исследованы в ряде научных работ отечественных и зарубежных ученых и исследователей. В статье исследуются вопросы правового регулирования трудовых отношений отдельной группы работников.

**Annotation**

**Some issues of legal regulation of labor relations of a separate group of workers**

The general attention of the state and society to the issues of public health protection and the formation of a healthy lifestyle, the analysis of theoretical and practical materials on these issues prompted the author to study and discuss them. The relevance of the development of methods, mechanisms and tools for managing public health, as well as state regulation and the system for providing athletes and employees (coaches) of the employer of sports training have been studied in a number of scientific papers by domestic and foreign scientists and researchers. The article examines the issues of legal regulation of labor relations of a separate group of workers.



УДК: 349.23/24

**Бобокалонова Саодат Ғоибовна,**
*мудири кафедраи фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ-риёзии Колеҷи фарҳанги ҷумҳуриявии ба номи П.Ҷ. Буйдоқов, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: ayubi@internet.ru*
*Тел.: (+992) 904-52-59-38.*

# ХУСУСИЯТҲОИ ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ КАФОЛАТҲОИ ВАҚТИ ИСТИРОҲАТ БАРОИ ЗАНОН ВА ШАХСОНИ УҲДАДОРИҲОИ ОИЛАВИДОШТА

***Калидвожаҳо:*** *танаффус барои ғизодиҳии кӯдак; рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд; муносибатҳои меҳнатӣ; меҳнати занон, қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда.*

***Ключевые слова:*** *перерыв для кормления ребенка; отпуск по беременности и родам; трудовые отношения; женский труд; законодательство Республики Таджикистан; Трудовой кодекс Республики Таджикистан; ежегодный оплачиваемый отпуск.*

***Keywords:*** *breastfeeding break; maternity leave; labor relations; women's labor; legislation of the Republic of Tajikistan; Labor code of the Republic of Tajikistan; annual paid leave.*

Масъалаҳои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар Ватани азизамон ва дар ин замина фароҳам овардани шароити мусоид барои таъмини зиндагии арзанда барои ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон яке аз масъалаҳои муҳим ва асосии сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад. Дар партави иҷрои сиёсати мазкур Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои хифзи иҷтимоии аҳолӣ, ба хусус занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавидоштаро аз афзалиятҳои барномавии давлатӣ махсуб дониста, вазифаи аввалиндараҷаи ҳар як мақомоти давлатӣ медонад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми шодбошӣ ба муносибати Рӯзи модар таъкид намуданд: «Мо ҳамеша ба масъалаи беҳбудии вазъи занону бонувон таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, ташаббусҳои созандаашонро пайваста дастгирӣ менамоем ва барои амалӣ гардидани иқдомҳои неку натиҷаби онҳо заминаву имкониятҳои мусоид фароҳам меоварем.

Аз ҷумла ба хотири ҳимояи ҳуқуқи занон ҳоло тамоми заминаву имкониятҳои муосири қонунӣ фароҳам оварда шудаанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ беш аз 60 санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуд, ки амалисозии онҳо боиси бамаротиб беҳтар шудани вазъи иҷтимоии занону духтарон гардид.

Илова бар ин, тибқи супоришҳои дар паёмҳои қаблии Роҳбари давлат гузошташуда танҳо дар ду соли охир ду ҳуҷҷати муҳим – Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2030 ва Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунанда аз ҳисоби занону духтарони болаёқат барои солҳои 2023 – 2030 қабул карда шуд» [1].

Дар қатори санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар замони соҳибистиқлолӣ қабул кардашуда, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ ҶТ), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кафолатҳои давлатии баробарҳуқуқии мардону занон ва имкониятҳои баробари амалигардонии онҳо» аз 1 марти соли 2005, №89 ва ғайра махсуб меёбанд, ки дар танзими муносибатҳои меҳнатии занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои

оилавидошта мавқеи муҳимро ишғол менамоянд.

Чи тавре Раҳмон Озода Эмомалӣ қайд менамоянд, сиёсати иҷтимоие, ки дар Тоҷикистони муосир пеш бурда мешавад ба принсипи давлати иҷтимоӣ асос ёфта, фаъолияти он ба фароҳам овардани шароити зиндагии шоиста ва рушди озоди инсон нигаронида шудааст. Рушди инсонӣ ва равандҳои марбут ба он – ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои одамон, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти дастрас дар мактабу донишгоҳҳо, дастгирии иҷтимоии табақаҳои аҳолии осебпазир ва сатҳи камбизоатии аҳолӣ омилҳои муайянкунандаи рушди иқтисодӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва афзоиши сатҳи некуаҳволии аҳолии ҷумҳурӣ ба ҳисоб меравад [2, с. 18-19].

Яке аз сиёсати иҷтимоие, ки дар Тоҷикистони муосир пеш бурда мешавад, ин муносибатҳои меҳнатии занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавидошта маҳсуб меёбад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои меҳнатии занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавидошта бо дигар кормандон ҳуқуқҳои баробар доранд. Ҳамзамон, занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавидошта дар ҳолатҳои муқарраркардаи қонун, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дорои имтиёзҳо ва кафолатҳои иловагӣ мебошанд, хусусан дар бахши рухсатиҳо.

Ба занон ва шахсони уҳдадориҳои оилавидошта дар мавриди додани рухсатӣ меъёрҳои умумии қонунгузорӣ оид ба меҳнат риоя карда мешаванд.

Моддаи 37 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар шаҳрванд ҳуқуқ ба истироҳатро пешбинӣ намудааст. Ин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар намудани ҳафта ва рӯзи корӣ, рухсатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рӯзҳои ҳарҳафтаинаи истироҳат ва шароитҳои дигаре таъмин мегардад, ки бо қонун муайян шудаанд [3, с. 20].

Ҳуқуқ ба истироҳат яке аз принсипҳои ҳуқуқи меҳнатӣ буда, барои ҳар корманд вақти дамгирӣ ва намудҳои алоҳидаи онро ба таври расмӣ кафолат медиҳад. Корманд барои он меҳнат менамояд, ки пеш аз ҳама музди меҳнат ба даст оварад ва баъдан бофароғат истироҳат кунад. Меҳнат сарфи қувваи ҷисмонӣ ва рӯҳиро талаб намуда, имконияти барқароркунии он барои корманд танҳо дар вақти истироҳат ба даст меояд. Амалӣ намудани чунин ҳуқуқ бо роҳи муқаррар намудани танаффусҳо дар давоми рӯзи корӣ (дамгирӣ, хӯрокхӯрӣ, дохилибастӣ ва махсус), танаффусҳо байни рӯзҳои (басти) корӣ, рӯзҳои истироҳат (истироҳати бефосилаи ҳарҳафтаина), рӯзҳои иди ғайрикорӣ, рухсатиҳо ва шароитҳои дигаре таъмин мегардад, ки дар қонунунгузорӣ оид ба меҳнат ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар боби 16 КМ ҶТ меъёрҳое сабт шудаанд, ки хусусиятҳои танзими меҳнати занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавидоштаро муқаррар менамоянд, аз ҷумлаи онҳо хусусияти низоми меҳнат ва истироҳат барои занон ва дигар шахсони уҳдадориҳои оилавидошта, танаффус барои ғизодиҳии кӯдак, кафолат нисбати занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд, ҳангоми муқаррар намудани навбати пешниҳоди рухсатии меҳнатии ҳарсолаи пардохтшаванда, рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак, рухсатии кормандоне, ки кӯдакони навзодро фарзандхонд кардаанд ё васии онҳо мебошанд.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 218 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи танаффус барои ғизодиҳии кӯдак меравад, ба ғайр аз танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок, танаффусҳои байнибастӣ ва махсус, ба занон, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳа доранд, падар ё дигар намояндаи қонунии кӯдак, ки кӯдаки то яксолу шашмоҳаро бе модар тарбия мекунанд, барои ғизо додани кӯдак баъди ҳар се соати кор бо давомнокии барои як кӯдак-ҳар як танаффус на кам аз сӣ дақиқа, барои ду ё зиёда кӯдак-ҳар як танаффус на кам аз як соат танаффус дода мешавад. Вобаста ба ин, миқдори танаффус барои ғизодиҳии кӯдак аз давомнокии рӯзи корӣ вобаста буда, ду маротиба дода шудани он мумкин аст.

Танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) дар асоси аризаи кормандони дар қисми 1 моддаи 218 КМ ҶТ нишон додашуда, ба танаффус барои истироҳат ва истеъмоли хӯрок ҳамроҳ карда мешавад ё ин ки дар шакли ҷамъшуда дар аввал ё дар охири рӯзи (басти) корӣ бо ихтисори дахлдори вақти корӣ дода мешавад (қ. 2. м.218 КМ ҶТ).

Аз танаффусҳои барои ғизодиҳӣ ба кӯдак на танҳо занони кӯдаки то якунимсоладошта, инчунин падар ё дигар намояндаи қонуние, ки

кӯдаки то якунимсоларо бе модар тарбия мекунанд, истифода бурда метавонанд.

Танаффусҳо барои дамгирӣ ва хурокхӯрӣ ба вақти корӣ дохил нашуда, барои онҳо музд дода намешавад, танаффусҳо ҷиҳати ғизодиҳӣ ба кӯдак бошад, ба вақти корӣ дохил буда, барои онҳо музди миёнаи меҳнат дода мешавад (қ. 3. м.218 КМ ҶТ).

Қонунгузор тартиби истифодаи танаффус ҳо ҷиҳати ғизодиҳӣ ба кӯдакро, ба салоҳдиди зан вобаста намудааст. Корфармо метавонад танаффусҳои мазкурро бо хоҳиши ӯ (зан) ба танаффусҳои ба мақсади дамгирӣ ва хурокхӯрӣ таъйиншуда ҳамроҳ намояд ё онҳоро ба аввал ё охири рӯзи корӣ гузаронад.

Бояд тазаккур дод, ҳарчанд, ки корманд дар давоми танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон) мувофиқи меъёри муқаррарнамудаи қисми 1 моддаи 218 КМ ҶТ аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ озод мебошад ва аз ин вақти озод мувофиқи хоҳиши худ истифода мебарад. Аз ин рӯ, аммо наметавонем чунин вақтро, вақти истироҳат номид.

Зеро, агарчи корманд аз иҷрои вазифаҳои меҳнатӣ озод буда, вале вақти озод аз иҷрои вазифаҳои меҳнатиро бо хоҳиши худ истифода бурда натавонад, чунин вақт, вақти дамгирӣ ҳисобида намешавад.

Эҳтиёҷот ба танзими ҳуқуқии меҳнат чуноне, ки маълум аст бо шароити объективии инкишофи ҷомеа муайян карда мешавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамаи кормандон, ки дар асоси шартномаи меҳнатӣ фаъолият менамоянд аз намудҳои алоҳидаи вақти истироҳат, аз ҷумла рухсатиҳо истифода мекунанд. Аз як тараф ин масъала фарогирандаи шумораи зиёди одамон аст. Аз ҷониби дигар солҳои охир дар қонунгузорӣ оид ба меҳнат навгониҳои гуногун оид ба рухсатиҳо ворид карда шуд, ки талабот ба баррасии пурраро дорад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 93 КМ ҶТ, давомнокии рухсатии асосии ҳарсолаи камтарин ба 24 рӯзи тақвимӣ баробар буда, татбиқ намудани он барои ҳамаи кормандон ҳатмӣ мебошад.

Тибқи муқаррароти қисми 1моддаи 104 КМ ҶТ, ки сухан дар бораи шартҳои пешниҳоди рухсатии меҳнатӣ барои соли аввали корӣ меравад, танҳо дар сурати баъд аз 11 моҳи фаъолияти меҳнатии корманд татбиқ мегардад. Аммо қонунгузор ҳолатҳоеро пешбинӣ менамояд, ки барвақттар аз 11 моҳи корӣ аз ҷониби корфармо дода мешавад. Чунин ҳолат ба занон пеш аз рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ё баъд аз он татбиқ мегардад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 1моддаи 104 КМ ҶТ, то ба итмом расидани 11 моҳи корӣ корфармо ӯҳдадор аст бо хоҳиши зан-корманд ба ӯ дар ҳолати пеш аз рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ё баъд аз он, рухсатии меҳнатӣ пешниҳод намояд.

Мувофиқи меъёрҳои муқарраргардида, ба занон бо хоҳиши ӯ рухсатии харсолаи пардохтшаванда дода мешавад. Вай метавонад аз ҳуқуқҳои зерин истифода барад: якум, рухсатӣ барои ҳомиладорӣ пеш аз таваллуд, дуюм, баъд аз таваллуд ва сеюм, барои нигоҳубини кӯдак.

Қонунгузор дар асоси варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби муассисаи тиббӣ додашуда, ба занони ҳомила пешниҳод намудани рухсатии пеш аз таваллуд ба муддати ҳафтод рӯзи тақвимиро пешбинӣ намудааст.

Давомнокии рухсатии баъди таваллуд дар мавриди таваллуди муътадил, ба ҳафтод, дар мавриди таваллуди мушкил ба ҳаштоду шаш ва мавриди таваллуди ду ва зиёда тифл бошад, ба яксаду даҳ рӯзи тақвимӣ баробар аст.

Чунин меъёр на танҳо дар қонунгузорӣ оид ба меҳнати давраи Шӯравӣ, инчунин, аз ҷониби олимони шинохтаи соҳаи ҳуқуқи меҳнат зикр гардидаанд. Чи тавре Л.Я. Гинтсбург қайд менамоянд, агар дар давраи рухсатии ҳарсола муҳлати рухсатии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд фаро расад, пас ба корманд варақаи корношоямии пеш аз таваллуд дода мешавад [4, с. 35].

Вобаста ба ин ҳаминро қайд карданӣ ҳастем, ки барои рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд чи дар қонунгузорӣ ва чи дар адабиётҳои ба соҳа алоқаманд, асос варақаи корношоямии бо тартиби муқарраргардида аз ҷониби муассисаи тиббӣ додашударо ном мебаранд.

Ба андешаи мо маҳз чунин нуқтаи назар, яъне истифода намудани калимаҳои «варақаи корношоямии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд» барои рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд ҷойиз намебошад.

Аз ин рӯ, ба ҷойи калимаҳои «варақаи корношоямии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд» истифодаи калимаҳои «хулосаи тиббии давраи ҳомиладорӣ ва таваллуд»-ро ҷойизтар ва бештар қобили қабул мешуморем.

Дар тамоми давраи дар рухсатиҳои зикргардида будани занҳо, барояшон аз рӯи суғуртаи иҷтимоии давлатӣ, кумакпулӣ пардохта мешавад (қ.1.м. 223 КМ ҶТ).

Чи тавре М.А. Маҳмудзода ва М.З. Раҳимзода қайд менамоянд, аз ҷумлаи чораҳои ҳуқуқии бевосита ба ҳимояи модарӣ ва кӯдакӣ нигаронида шудаанд, рухсатии вобаста ба ҳомиладорӣ ва таваллуди кӯдак барои занони бо фаъолияти меҳнатӣ машғулбуда мебошад, ки аз ҷониби қонунгузорӣ оид ба меҳнат пешбинӣ гардидааст. Ин рухсатиҳо на танҳо мақсади ҳифзи манфиатҳои модар ва кӯдакро дар назар доранд, балки инчунин то дараҷаи муайян ҳамчун ҷуброни паст шудани даромади оила бо сабаби ҳомиладорӣ ва таваллуд низ мебошанд [5, с. 67-68].

Мутобиқи муқаррароти қисми 2 моддаи 223 КМ ҶТ, ба занон рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд, новобаста аз рӯзҳои истифодаи воқеӣ то таваллуд ва давомияти кор дар ташкилот дар маҷмӯъ пурра ҳисоб карда дода мешавад.

Дар байни ҳамаи ҳолатҳои озод кардани кормандон аз иҷрои уҳдадориҳои меҳнатӣ бо нигоҳ доштани ҷойи кор (вазифа) рухсатии ҳомиладорӣ ва таваллуд, инчунин рухсатӣ барои нигоҳубини кӯдак мавқеи махсусро ишғол менамояд.

КМ ҶТ ҳолатҳои гуногунеро номбар кардааст, ки боиси нигоҳ доштани ҷойи кори корманд мебошанд. Масалан, моддаҳои 223, 224 КМ ҶТ муқаррар намудаанд, ки дар давраи рухсатии ҳомиладорӣ ва нигоҳубини тифл, ҷойи кори (вазифаи) корманд нигоҳ дошта мешавад.

Мутобиқи муқаррароти қисми 5 моддаи 224 КМ ҶТ, дар вақти рухсатии бе нигоҳ доштани музди меҳнат барои нигоҳубини кӯдак то расидани ӯ ба сесолагӣ ба корманд ҷойи кор (мансаб) нигоҳ дошта мешавад.

Чунин ҳолатро сархати сеюми қисми 1 моддаи 25 КМ ҶТ низ, ки сухан дар бораи муҳлати шартномаи меҳнатӣ меравад, барои иҷрои уҳдадориҳои корманди ҳозирнабуда, ки мутобиқи КМ ҶТ ҷойи кораш нигоҳ дошта мешавад, муқаррар намудааст.

Вобаста ба ин, агар дар давраи дар кор ҳозир набудани чунин корманд, ба ҷойи ӯ дигар шахс ба кор қабул шуда бошад, он гоҳ аз рӯзи ба кор баргаштани корманди дар чунин рухсатибуда, шартномаи муҳлатноки меҳнатӣ ба корманди ба ҷойи ӯ ба кор қабулшуда, қатъ мегардад.

Н. Шонасридинов моддаи 226 КМ ҶТ-ро тафсир намуда, чунин тавзеҳот додаанд, моддаи 226 КМ ҶТ имконияти татбиқ намудани қоидаҳои моддаҳои 223, 224 КМ ҶТ-ро нисбати шахсоне, ки кӯдаки навзодро фарзандхонд кардаанд ва васии онҳо шудаанд, пешбинӣ намудааст, ба шарте, ки кӯдаки навзодро бевосита аз таваллудхона гирифта фарзандхон карда бошанд ё бо тартиби муқарраргардида васии он таъйин шуда бошанд.

Ба ғайр аз рухсатӣ барои шахсони зикргардида, баробар ба ҳафтод (агар ду кӯдаки навзод ба фарзандӣ қабул шуда бошад – яксаду даҳ) рӯзи тақвимӣ аз рӯзи таваллуди кӯдак, барои онҳо кумакпулӣ аз рӯи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ низ дода мешавад. Барои пардохти кумакпулӣ варақаи корношоямӣ, ки муассисаи тиббӣ медиҳад, асос мешавад.

Дар мавриди мавҷуд набудани варақаи корношоямӣ, корфармо вазифадор аст, ки дар асоси аризаи шахсони дар моддаи тафсиршаванда зикршуда, дар хусуси ба онҳо додани рухсатӣ фармоиш ба тасвиб расонад [2, с. 474].

Бояд тазаккур дод, ки ҳадафи асосии ин рухсатиҳои ҳомиладорӣ ва таваллуд баҳри истироҳати кормандон ва барқарор намудани қобилияти кории онҳо алоқамандӣ надорад.

Вобаста ба ин, О.С. Хохрякова қайд менамояд, ки давраҳои пешбининамудаи чунин рухсатиҳоро дар маҷмӯъ танҳо шартан номидан мумкин аст, зеро дар асл онҳо маънои тағйир додани намуди фаъолияти кормандро дар муҳлати муайян доранд [2, с. 7].

Хулоса, мо дар он ақидаем, ки рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ба занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд барои истироҳат қабл аз ҳама шароит фароҳам оварда намешавад ва баъдан дар баъзе мавридҳо амалӣ намудани ҳуқуқ ба истироҳат ба таври бояду шояд тадбиқ намегардад.

**Руйхати адабиёт**


1. Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар. 07.03.2023 08:00, шаҳри Душанбе. [Хазинаи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/30154 (санаи муроҷиат 18.03.2023).
2. Рахмонова Озода Эмомалиевна. Развитие законодательства о правах и свободах женщин вТаджикистане (1917-2011 гг.) Автореф. дисс. ... к.ю.н. – Душанбе, 2012. – 23 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: “Нашриёти Ганҷ” 2016. – 136 с.
4. Гинцбург Л.Я. Трудовые отпуска рабочих и служащих. – М., 1957. – 131 с.
5. Маҳмудов М.А,, Раҳимов М.З. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ барои хонандагони синфи 9-уми мактабҳои таҳсилоти умумӣ. – Душанбе: «Офсет», 2009. – 256 с.
6. Шонасридинов Н., Бобокалонов Ғ. М., Маҳмадуллозода Н.Р. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Нашри чоруми тасҳеҳ ва иловашуда /Муҳаррири масъул, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Н. Шонасридинов. – Душанбе: Нашриёти ҶДММ «Мастер Принт», 2022. – 876 с.
7. Хохрякова О.С. Правовое регулирование отпусков: история, теория, перспективы совершенствования: дис.... д-ра юрид. наук. – М., 1992. – 356 с.



**Аннотатсия**

**Хусусиятҳои танзими ҳуқуқии кафолатҳо оид ба вақти истироҳат барои занон ва шахсони уҳдадории оилавдошта**

Дар мақолаи мазкур баъзе аз хусусиятҳои танзими ҳуқуқии вақти истироҳат барои занон ва шахсони уҳдадории оилавидошта мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор дода шудааст. Диққати асосӣ ба меъёрҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муносибатҳои кафолатии танаффус барои ғизодиҳии кӯдак (кӯдакон), рухсатӣ барои ҳомиладорӣ ва таваллуд ба занон ва дигар шахсоне, ки уҳдадориҳои оилавӣ доранд ва имкониятҳои амалигардонии онҳо дар муносибатҳои меҳнатӣ ва таҳлилҳои гуногун дода шудааст.

**Аннотация**

**Особенности правового регулирования гарантий времени отдыха женщин и лиц с семейными обязанностями**

В данной статье некоторые особенности правового регулирования времени отдыха женщин и иных лиц с семейными обязанностями подвергнуты научному исследованию. Основное внимание уделено нормам, установленным законодательством Республики Таджикистан о труде, гарантирующими перерывы для кормления ребенка (детей), отпуска по беременности и родам, возможности их реализации в трудовых отношениях, разнообразию его толкования.

**Annotation:**

**Features of the legal regulation of guarantees of time off for women and persons with family responsibilities**

In this article, some features of the legal regulation of the time of rest for women and other persons with family responsibilities are subjected to scientific research. The main attention is paid to the norms established by the legislation of the Republic of Tajikistan on labor, guaranteeing breaks for feeding the child (children), maternity leave, the possibility of their implementation in labor relations and its various understanding.



**УДК: 349.2**

**Давлатов Парвиз Раҳмоналиевич,**
*унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: dparviz@mail.ru*
*Тел.: (+992) 939-22-80-08.*

# ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРӢ ОИД БА ҲИФЗИ МЕҲНАТ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунҳо; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; бехатарии меҳнат; ҳифзи меҳнат; ҳифзи саломатӣ; муносибатҳои меҳнатӣ; қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон; манфиатҳои миллӣ.*

***Ключевые слова:*** *законы; нормативные правовые акты; безопасность труда; охрана труда; охрана здоровья; трудовые отношения; законодательство Республики Таджикистан; Трудовой кодекс Республики Таджикистан; национальные интересы.*

***Keywords:*** *laws; regulating legal acts; labor safety; labor protection; health protection; labor relations; legislation of the Republic of Tajikistan; Labor code of the Republic of Tajikistan; national interests.*

Дар тамоми давлатҳои демократии ҷаҳон Конститутсия ҳуҷҷати муътабару муътамади тақдирсози ҳар як миллат бaромад мекунад.

Қонунгузории муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфтааст, ки дорои қувваи олии ҳуқуқӣ буда, меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд.

Тамоми қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асос ва дар мутобиқат бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда мешаванд ва дар сурати хилофи он буданашон, эътибори ҳуқуқӣ надошта, меъёру муқарраротиь онҳо татбиқ намешаванд.

Конситутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танзимгару роҳбаладу пешрафту тараққиёти тамоми соҳаҳои ҳаёт дар ҷомеаи имрӯзаи мо буда, дар рушди устувору инкишофи сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа саҳми аразанда мегузорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи Конститутсия қайд намуданд: «Арзиши олӣ эътироф шудани инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ ҳамчун меҳвари асосии Конститутсияи кишвар ифодагари мазмуну моҳияти ҷомеаи демократӣ ва асоси фаъолияти сохторҳои давлатӣ ба шумор меравад.» [1].

Мутобиқи меъёри муқаррарнамудаи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошад. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд" [2]. Ин маънои онро дорад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари ҳамаи давлатҳои демократии ҷаҳон ғояҳои ҳуқуқи инсонро дастгирӣ намуда, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар Конститутсия ва қонунгузории миллии худ кафолат додааст.

Калонтарин боби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боби дуюм ба ҳисоб меравад ба "Ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд" бахшида шудааст, ки аз 34 модда иборат мебошад.

Мавҷудияти муносибатҳои меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама аз Конститутсия сарчашма мегирад, ки тибқи моддаи 35-и он, ба ҳар кас ҳуқуқ ба меҳнат, интихоби озодонаи касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, ба музд ба андозаи на камтар аз ҳадди ақали музди меҳнат ҳуқуқ дорад. Моддаи мазкур манъ будани ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ, ҳуқуқ ба музди баробар барои иҷрои

кори якхела, манъ будани меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароиташон зарарнокро эълон доштааст.

Дар меъёри мазкур дар баробари ҳуқуқ ба меҳнат, яке аз ҳуқуқҳои асосии инсон ин ҳуқуқ ба меҳнати бехатар ифода шудааст.

Ҳифзи меҳнат ин низоми чорабинӣ ва воситаҳои иҷтимой-иқтисодӣ, ташкилӣ, техникӣ, гигиенӣ, муоличавӣ ва пешгирикунандаеро меноманд, ки бехатарӣ, ҳифзи саломатӣ ва қобилияти кории инсонро дар ҷараёни меҳнат таъмин менамоянд.

Ҳаминро бояд таъкид намуд, ки масъалаи таъмини бехатарии меҳнат зери назорати доимии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Масъалаи ҳифзи меҳнат зимни мулоқоти Пешвои миллат бо роҳбарону фаъолони Федератсияи Иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон бардошта шуда буд.

Вобаста ба мавзуи мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр намуданд: «Масъалаҳои ҳифзи меҳнат ва ҳуқуқи меҳнатии кормандон яке аз вазифаҳои қонунӣ ва оинномавии иттифоқҳои касаба мебошанд ва ин корро нозирони дахлдори иттифоқҳои касаба амалӣ менамоянд.

Зарур аст, ки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меҳнат дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот, аз ҷумла прокуратура назорати масъалаи мазкурро ба таври ҷиддӣ ба роҳ монад.

Рӯй додани ҳодисаҳои нохӯш дар истеҳсолот сабабгори осеб бардоштан ва ҳатто марги кормандон мегардад, ки ҳар яке аз ин ҳолатҳо боиси таассуф ва нигаронӣ мебошад.

Таҳлили вазъ дар ин самт дар ду соли охир нишон медиҳад, ки дар кишвар 196 ҳодисаи нохӯши истеҳсолӣ рух дода, дар натиҷа 47 нафар кормандон фавтидаанд.

Ҳодисаҳои нохӯш аксаран бо сабаби риоя накардан ё таъмин набудани шароити бехатари корӣ рӯй медиҳанд. Пешгирӣ ва таъмин намудани шароити бехатари меҳнат нисбат ба ҷуброни зарар дар истеҳсолот ба корфармо якчанд баробар камхарҷ меафтад.

Иттифоқҳои касаба бояд кӯшиши худро ба он равона намоянд, ки дар ҳар як ташкилоту корхона тибқи талаботи Кодекси меҳнат ва шартномаи коллективӣ барои ҳифзи меҳнат ва муоинаи тиббии кормандон дар ҳаҷми муайянгардида маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шаванд.

Инчунин, иттифоқҳои касабаро зарур аст, ки дар фаъолияти ҳамарӯзаашон назорати ҷамъиятиро ҷиҳати риояи ҳуқуқҳои меҳнатӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, чорабиниҳои ҳифзи меҳнат ва риояи қоидаҳои санитариву гигиенӣ дар корхонаву муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, амалӣ намоянд» [3].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии то қабули Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 июли соли 2016, ки меъёрҳои онҳо ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои ҳифзи меҳнат баромад менамуданд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 24 декабри соли 1991, №460 [4] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи меҳнат” аз 19 майи соли 2009, №517 [5], маҳсуб меёфтанд.

Аввалин санади меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар он меъёру муқаррарот оид ба муносибатҳои ҳифзи меҳнат пешбинӣ шуда буд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991, №460 “Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” маҳсуб меёфт. Ба қонуни мазкур то давраи амалкуниаш се маротиба тағйиру иловаҳо ворид карда шудааст, ин ҳам бошад, Қонуни ҶТ аз 15.05.1997, №421, аз 22.05.1998, №622, аз 5.03.2007, №231.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №517 "Дар бораи ҳифзи меҳнат" лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991, № 460 “Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” тафовути назаррас дошт. Он аз 6 боб ва 32 модда иборат буд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991, № 460 “Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” бошад аз 6 фасл ва 37 моддаро дар бар мегирифт.

Яке аз фарқият ва ҷузъиёти бартаридоштаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №517 “Дар бораи ҳифзи меҳнат” аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 1991, №460 “Дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” истилоҳот ва мафҳумҳои асосии соҳаи мазкур

пурра ва мушаххас оварда шуда буданд. Аз ҷумла, ҳифзи меҳнат, шароити бехатари меҳнат, омили хатарноки истеҳсолӣ, омили зараровари истеҳсолӣ, кафолатҳои ҳуқуқи кормандон ба ҳифзи меҳнат, ҷойҳои корӣ, воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва коллективии кормандон, бемории касбӣ, фаъолияти истеҳсолӣ, аттестатсияи ҷойҳои кор оид ба шароити меҳнат, қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва ғайра.

Ба ақидаи А.Ғ. Холиқзода истилоҳ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ қисми таркибии муҳимтарини он ба ҳисоб рафта, бо мақсаде истифода бурда мешавад, ки ин ё он мафҳум дар тамоми матни санади меъёрии ҳуқуқӣ мазмуни ягона дошта бошад [6].

Ғ.М. Бобокалонов қайд менамоянд: дар қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти зиёди ҳуқуқиеро истифода мебаранд, ки ҳамеша бо мазмуну мундариҷаашон аз ҳамдигар фарқ мекунанд ва барои дар амал дуруст татбиқ намудани онҳо дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мусоидат намуда, барои рушди истилоҳотофарӣ замина муҳайё менамоянд. Ҳар як соҳаи илм дар алоҳидагӣ аз дигар соҳаҳои илмҳо бо заминаҳои истилоҳоти худ тафовути назаррас дошта, онҳо чун қоида дар натиҷаи таҳлилу таҳқиқи донишҳои ба дастовардашудаи соҳаи муайян, дар мавриди омӯзиш қарор додани онҳо ва зимни натиҷабардорӣ аз таҷрибаи андӯхташуда ба даст оварда мешаванд [7].

Ҳамзамон бояд тазаккур дод, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 майи соли 2009, №517 "Дар бораи ҳифзи меҳнат" пурра ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ба талаботи Созмони Милали Муттаҳид ва Ташкилоти байналмилалии меҳнат, ки Тоҷикистон узви он эътироф гардидааст, мутобиқ буд.

Қонунҳои зикргардида, чи тавре дар боло зикр гардид, то қабули Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КМ ҶТ) 23 июли соли 2016, мавриди амал қарор дошта, таҳти 1329 аз 23 июли соли 2016 аз эътибор соқит дониста шуданд.

Яке аз санадҳои асосии танзимкунандаи муносибатҳои ҳифзи меҳнат КМ ҶТ баромад менамояд, ки 23 июли соли 2016 қабул ва 28 июли соли 2016 мавриди амал қарор дода шудааст. Кодекси мазкур аз лиҳози сохт, ҳаҷм ва мазмун аз Кодекси қаблӣ тафовути назаррас дорад. Он аз 6 фасл, 41 боб ва 366 модда иборат аст. Аз ҷумла, фасли V, ки «Бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат» номгузорӣ шудааст, панҷ боб, бобҳои 34-38 (моддаҳои 327 – 358)-ро фаро мегирад.

Чи тавре зикр гардид, дар КМ ҶТ, дар қатори бобҳои нав ҷой додашуда боби 34 идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат, боби 35 бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, боби 36 кафолати ҳуқуқи корманд ва корфармо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, боби 37 ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманд ва корфармо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат ва боби 38 таъмини ҳифзи меҳнат ишғол менамоянд.

Дар бобҳои 34-38 КМ ҶТ моддаҳои 327 – 358 фарогир мебошанд, ки аз меъёрҳои зерин иборатанд: идоракунии давлатии ҳифзи меҳнат (м. 327), салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳифзи меҳнат (м. 328), ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат (м. 329), ваколатҳои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҳифзи меҳнат (м. 330), талаботи ҳифзи меҳнат (м. 331), ҳуқуҳи корманд ба гирифтани маълумот дар бораи ҳифзи меҳнат (м. 332), муоинаи тиббии баъзе гурӯҳҳои кормандон (м. 333), имтиёзҳо ва ҷубронҳо барои кормандоне, ки шароити корашон зарарнок аст (м. 334), Таъмин намудан бо либоси махсус ва дигар воситаҳои муҳофизати инфиродӣ ва гигиенӣ (м. 335), Додани дастур ба кормандон оид ба қоидаҳои ҳифзи меҳнат ва усулҳои бехатарии кор (м. 336), корро қатъ кардани корманд дар ҳолати ба ҳаёт ва саломатии ӯ таҳдид намудани хатар (м. 337), бо сабаби вазъи саломатӣ ба кори сабуктар гузаронидан (м. 338), чораҳои иловагии ҳифзи меҳнати маъюбон (м. 339), хизматрасонии санитарию маишӣ ва тиббии корманд (м. 340), ҳуқуқи кормандон ба суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ (м. 341), баҳисобгирӣ ва санҷиши ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот (м. 342), кафолати ҷуброни зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд (м. 343), кафолатҳои давлатии таъмини ҳуқуқи корманд ба ҳифзи меҳнат (м. 344), ҳуқуқи корманд ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат (м. 345), уҳдадориҳои корманд дар соҳаи ҳифзи меҳнат (м. 346), ҳуқуқи корфармо ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат (м. 347), уҳдадориҳои корфармо оид ба таъмини бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат (м.

348), талаботи меъёрии давлатии ҳифзи меҳнат (м. 349), тайёрии ҳатмии махсус ва касбӣ оид ба ҳифзи меҳнат (м. 350), ҳифзи меҳнати ноболиғон, занон ва маъюбон (м. 351), мутобиқати иншоотҳои истеҳсолӣ, таҷҳизот, равандҳои технологӣ ва маҳсулот ба талаботи ҳифзи меҳнат (м. 352), сарчашмаҳои маблағгузории ҳифзи меҳнат (м. 353), ташхиси давлатии шароити меҳнат (м. 354), ҳифзи меҳнат дар ташкилот (м. 355), Кумитаҳо (комиссияҳо) оид ба ҳифзи меҳнат (м. 356), назорати ҷамъиятии риояи талаботи ҳифзи меҳнат (м. 357), ҳуқуқҳои нозирони ҷамъиятӣ оид ба ҳифзи меҳнат (м. 358).

Аз меъёрҳои зикргардида ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки меъёрҳои пешбининамудаи КМ ҶТ манбаи асосии кодификатсияшудаи соҳаи ҳифзи меҳнат маҳсуб шуда, мутобиқи Конститутсияи ҶТ, асосҳои сиёсати давлатиро дар бахши ҳифзи меҳнат муайян намуда, кафолатҳои давлатии ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандонро оид ба ҳифзи меҳнат муқаррар менамояд ва баҳри таъмини риояи манфиатҳои қонунии кормандон, корфармоён ва давлат нигаронида шудааст.

Дар фарҷом ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзи истиқлолияти ба дастовардааш 9 сентябри соли 1991 ҳамчун давлати тозабунёди тоҷикон дар рушди қонунгузорӣ садҳо қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳия, қабул, интишор ва мавриди амал қарор дода шудаанд, ки онҳо воситаи асосии танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ ва ҷавобгӯи талаботҳои имрӯзаи инкишофи ҷомеа ва манфиатҳои миллӣ мебошанд, ки аз ҷумлаи онҳо рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Конститутсия. 06.11.2022 08:00, шаҳри Душанбе. [Маводи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/29523
2. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. –Душанбе: "Нашриёти Ганҷ" 2016. – С.16-20.
3. Бобокалонов Ғ.М. Мавқеъ ва нақши Пешвои миллат дар таҳкими қонунгузорӣ оид ба меҳнат ва фаъолияти Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Ҷумҳурии Тоҷикистон. Давлатшиносӣ ва Ҳуқуқи инсон. Маҷаллаи илмӣ амалӣ. №1 (17) 2020. ISSN 2414 9217.– Душанбе: 2020. – С. 6 -15.
4. Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1992, № 4, мод. 43; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1997, № 9, мод. 117, s. XXV; с. 1998, № 10, мод. 119, s. XI; с. 2007, № 3, мод. 163
5. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2009, №5, мод.324; с.2012, №8, мод.819
6. Холиқзода А.Ғ., Ҳоҷиев М. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" – Душанбе, 2017. – С. 284.
7. Бобокалонова С.Ғ., Назридинзода А. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи меҳнат. Пешгуфтор. – Душанбе: 2022. – С. 4.



**Аннотатсия**

**Ташаккул ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақолаи мазкур ба таҳқиқи илмии ташаккул ва рушди қонунгузорӣ оид ба ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Муаллиф диққати асосиро ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҳифзи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди таҳқиқ қарор дода, таҳлилҳои гуногун додааст.

**Аннотация**

**Становление и развитие законодательства об охране труда в Республике Таджикистан**

Данная статья посвящена научному исследованию становления и развития законодательства об охране труда в Республике Таджикистан. Автор сосредоточился на правовых нормах, исследующих отношения охраны труда в Республике Таджикистан, и дал различные анализы.

**Annotation**

**Formation and development of labor protection legislation in the Republic of Tajikistan**

This article is devoted to the scientific study of the formation and development of labor protection legislation in the Republic of Tajikistan. The author focused on the legal norms investigating labor protection relations in the Republic of Tajikistan and gave various analyses.

# 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
# 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО



**УДК: 347.214.2**
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-41-50-50.*

## МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ ДАР ҲУҚУҚИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории граждантӣ; молу мулк; ашёи манқул; ашёи ғайриманқул; қитъаи замин; иншоот ва бино; киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ; бақайдгирии давлатӣ; категорияи ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *гражданское законодательство; имущество; движимое имущество; недвижимое имущество; земельный участок; сооружение и здание; воздушные и морские суда; государственная регистрация; юридическая категория.*

***Keywords:*** *civil law; property; movable things; immovable things; land plot; structures and buildings; air and sea vessels; state registration; legal category.*

Молу мулки ғайриманқул ҳамчун унсури муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба категорияи объектҳои ҳуқуқи маданӣ дохил мешавад. Дар робита ба молу мулки ғайриманқул доираи васеи муносибатҳои ҳуқуқии молумулкӣ инкишоф ёфта, мавзуи як қатор уҳдадориҳо мебошад. Дар баробари ин, мафҳуми молу мулки ғайриманқул мафҳуми маҷмӯии мураккабест, ки бо равишҳои гуногун муайян карда мешавад. Дар қонунгузории мадании ҶТ молу мулк ба манқул ва ғайриманқул тасниф мегардад.

Дар асоси моддаи 138 Кодекси мадании ҶТ «ба ашёи ғайриманқул (молу мулки ғайриманқул, ғайриманқула) инҳо дохил мешаванд: қитъаи замин, бино (истиқоматӣ ва ғайриистиқоматӣ), иншоот ва объектҳои сохтмонашон нотамом, дарахтҳои бисёрсола ва молу мулки дигар, ки бо замин алоқамандии мустаҳкам доранд, яъне объектҳое, ки ҷойивазкуниашон бе расондани хисороти воқеии номутаносиб ба таъиноташон имконнопазир аст».

Ҳамзамон ба ашёи ғайриманқул киштиҳои ҳавоӣ ва баҳрӣ, киштиҳои дар дохили кишвар шинокунанда, киштиҳои кайҳонӣ, истгоҳҳои кайҳонӣ, радифҳои маснуъ ва объектҳои дигари кайҳонӣ, ки бояд ба қайди давлатӣ гирифта шаванд, баробар эътироф карда мешаванд. Мувофиқи қонун ашёи дигарро низ ба ҷумлаи молу мулки ғайриманқул нисбат додан мумкин аст.

Қабули Кодекси мадании ҶТ аз 24 декабри соли 2022 дар самти молу мулки ғайриманқул баъзе тағйиротҳоро ба вуҷуд овард. Дар қ. 1, м. 138 Кодекси мадании ҶТ ба номгӯйи молу мулки ғайриманқул қитъаи замин ворид карда шуд. Бояд зикр намуд, ки қитъаи замин объекти асосии молу мулки ғайриманқул буда, табиатан ғайриманқул ҳисобида мешавад ва дигар объектҳо маҳз бо сабаби ба қитъаи замин алоқаи зич доштан, ҳамчун молу мулки ғайриманқул бандубаст карда мешаванд. Новобаста аз он ки қитъаи замин дар Кодекси граждании ҶТ аз 30 июни соли 1999 ҳамчун молу мулки ғайриманқул муайян нагардида буд, аммо дар дигар санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ гардида буд.

Аз ҷумла Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» қитъаи замин дар номгӯйи молу мулки ғайриманқул

пешбинӣ гардидааст. Ҳамзамон, дар Кодекси мадании ҶТ масъалаи маҷмӯаи томи ғайриманқул мавриди танзим қарор дода шудааст. Дар асоси м. 141 Кодеки мазкур ашёи ғайриманқуле, ки дар муомилот ҳамчун объекти том истифода мешавад, мумкин аст маҷмӯаи томи ғайриманқул бошад – маҷмӯи бино, иншоот ва ашёи дигари бо таъиноти ягона муттаҳидшуда, ки ҷисман ва ё аз лиҳози технологӣ ба ҳам робитаи ногусастанӣ доранд, аз ҷумла объектҳои хаттӣ (роҳи оҳан, хатти интиқоли барқ, хатти қубур ва ғайра) ё дар ҳудуди як қитъаи замин ҷойгиршуда, агар маҷмӯи объектҳои мазкур дар шакли том ҳамчун як ашёи ғайриманқул ба қайд гирифта шуда бошад.

Муайян намудани мафҳум ва хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул дар ҳуқуқи мадании муосир муҳим ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузории мадании мамлакатҳои замони муосир ва назарияи ҳуқуқи маданӣ мафҳуми ягона ва ё умумии молу мулки ғайриманқул вуҷуд надорад.

Истилоҳи «молу мулки ғайриманқул» мафҳуми мураккаб буда, дорои ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошад. Дар назария хосиятҳо ва аломатҳои гуногуни молу мулки ғайриманқул қайд карда мешаванд, ки имкон медиҳанд муносибатҳо вобаста ба молу мулки ғайриманқул ҳам алоҳида ва ҳам бо ҳам алоқаманд таҳлил карда шаванд [7, с. 11]. Молу мулки ғайриманқулро ҳамчун объекти муносибатҳои ҷамъиятӣ метавон аз нуқтаи назари гуногун (ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) баррасӣ кард, ки дар он ҳар мавқеъ метавонад танҳо ҷабҳаи тамоми дониши муайян бошад.

Мафҳуми молу мулки ғайриманқул, ки дар қонунгузорӣ пешбинӣ гардидааст, тамоми хусусиятҳои молу мулки ғайриманқулро фарогир намебошад. Зеро меъёри дар қ. 1, м. 138 Кодекси мадании ҶТ пешбинигардида на мафҳуми молу мулки ғайриманқул, балки объектҳои молу мулки ғайриманқул ба ҳисоб меравад.

Масъалаи дар қонунгузорӣ ба таври пурра муайян нашудани хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул дар адабиёти илмӣ ба таври гуногун арзёбӣ мешавад. Ба андешаи баъзе муҳаққиқон мазмуни меъёрҳои мазкур муайянкунии универсалӣ мебошанд [14, с. 95], гурӯҳи дигар, ин хусусиятро ба талаботи муосир ҷавобгӯ намедонанд [24, с. 6-16] ва ба андешаи дигар олимон меъёрҳои қонунгузорӣ номгӯйи пурраи хусусиятҳои молу мулки ғайриманқулро дар бар намегиранд [22, с. 52]. Аз таҳлили адабиёти илмӣ бармеояд, ки вобаста ба сатҳи меъёрҳои танзимкунандаи молу мулки ғайриманқул нуқтаҳои назари мухталиф ҷой дорад.

Дар қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мафҳуми молу мулки ғайриманқул ба таври пурра ва ҳаматарафа пешбинӣ карда нашудааст. Дар қонунгузории маданӣ масъалаи ба таври дахлдор муайян кардани мафҳуми молу мулки ғайриманқул чандон самаранок ба роҳ монда нашудааст, чунки мафҳуми расман пешбинишуда (м. 142 КГ ҶТ) тамоми хусусиятҳои молу мулки ғайриманқулро муайян накарда, балки танҳо номгӯйи объектҳои молу мулки ғайриманқулро муқаррар намудааст.

Муқарраროти дар қ. 1, м. 138 Кодекси мадании ҶТ муқарраршударо таърифи мафҳуми молу мулки ғайриманқул эътироф кардан ғайриимкон аст, зеро на хусусиятҳои умумӣ ва махсуси мафҳуми молу мулки ғайриманқул, балки танҳо номгӯйи объектҳоеро муайян намудааст, ки онҳо ғайриманқул эътироф шудаанд.

Дар фарқият аз қонунгузории мадании баъзе аз мамлакатҳои хориҷӣ (масалан, Фаронса, Олмон) Кодекси мадании ҶТ на маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул, балки низоми объектҳои молу мулки ғайриманқулро муқаррар намудааст, ки чунин равиши муайяннамоӣ чандон дуруст ва устувор нест. Чунин тарзи муайян намудани мафҳуми молу мулки ғайриманқул ба қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ хос аст.

Бояд қайд кард, ки дар қонунгузорӣ набояд низоми муайяни объектҳои молу мулки ғайриманқул истифода шавад, зеро он мавҷудияти дигар молу мулкро ба сифати ғайриманқул истисно менамояд ва хусусияти статикӣ дорад. Дар қонунгузории аксарияти мамлакатҳои хориҷӣ бошад, ҳангоми муайян кардани мафҳуми молу мулки ғайриманқул на номгӯйи бевоситаи ин молу мулк, балки маҳакҳои алоҳида доир ба мансубияти объект ба молу мулки ғайриманқул истифода карда мешавад. Масалан, дар м. 517 Кодекси

граждании Фаронса муқаррар шудааст, ки «молу мулк вобаста ба табиати худ ё тибқи таъинот ва ё аз рӯи предмете, ки онҳо ташкил мешаванд, ғайриманқул мебошанд».

Аз ин рӯ, мақсаднок аст, ки дар қонунгузорӣ маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул истифода карда шавад, зеро маҳакҳои мазкур имкон медиҳанд, ки дилхоҳ молу мулке ба талаботи ин маҳакҳо ҷавобгӯй аст, ҳамчунин ин ё он объекте, ки дар оянда ба вуҷуд меояд, бе ягон мушкилӣ тавассути маҳакҳои дар қонунгузорӣ муқарраргардида реҷаи ҳуқуқии он (яъне манқул ё ғайриманқул будани он) муайян карда шавад.

Баъзе олимон вобаста ба моҳияти молу мулки ғайриманқул нуқтаҳои назари дигарро низ манзур менамоянд. Е.А. Дорожинская қайд менамояд, ки мафҳуми «ғайриманқул» на хусусиятҳои худи ашё, балки қоидаҳо барои ташкил ва муомилоти мадании он (реҷаи ғайриманқул)-ро муайян менамояд [10, с. 12]. Андешаи муҳаққиқ аз як ҷиҳат дуруст аст, чунки молу мулки ғайриманқул ин реҷаи махсуси ҳуқуқи мадании ин объектҳо аст ва дар қонунгузорӣ нисбат ба объектҳои молу мулки ғайриманқул меъёрҳо ва қоидаҳои махсус муқаррар карда мешавад.

Дар баъзе адабиёти ҳуқуқӣ аломатҳои молу мулки ғайриманқул пешниҳод менамоянд, ки моҳияти ин объектҳоро ифода менамоянд. Масалан, З.К. Мустафина қайд мекунад, ки молу мулки ғайриманқул дорои аломатҳои зерин мебошад: 1) молу мулкро бидуни алоқа ба замин тибқи таъинот истифода намудан ғайриимкон аст; 2) молу мулки ба таври фардӣ муайян мебошанд, зеро ба таври фардӣ ба қитъаи замини мушаххас алоқаманд мебошанд; 3) молу мулк ғайриистеъмолӣ мебошад [17, с. 243].

Масъалаҳои вобаста ба молу мулки ғайриманқул на танҳо аз тарафи олимони ҳуқуқшинос, балки аз тарафи муҳаққиқони дигар соҳаҳои илм низ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад. Масалан, ба андешаи И.Т. Балабанов молу мулки ғайриманқул категорияи молиявӣ аст ва қитъаи ҳудудие мебошад, ки дар он захираҳои табиӣ (хок, об ва ғайра), инчунин бино ва иншоот ҷойгир шудааст [2, с. 14].

В.А. Горемкин қайд мекунад, ки молу мулки ғайриманқул ин мол аст ва хусусиятҳои хоси он дар статсионарӣ, моддӣ, фоиданокӣ, дарозмуҳлат, гуногунӣ, беназир ва такрорнашаванда будани он зоҳир мегардад [6, с. 150].

Д.И. Илин мафҳуми зерини молу мулки ғайриманқулро пешниҳод менамояд: молу мулки ғайриманқул ин предметҳои фардии муайяни аз ҷиҳати ҷисмонӣ ба замин алоқаманд мебошанд, ки вобаста ба онҳо муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ ба вуҷуд меоянд, ки шарти таъиноти мақсадноки онҳо ин алоқамандии ҷисмонӣ ва ҳуқуқии он ба замин аст [12, с. 145]. Муҳаққиқ мафҳуми молу мулки ғайриманқулро бо назардошти объекти муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ будан мавриди баррасӣ қарор додааст, ки он хусусиятҳои умумии молу мулки ғайриманқул маҳсуб меёбад.

Бештари муҳаққиқони муосир аломатҳои зерини молу мулки ғайриманқулро фарқ мекунанд: ин молу мулк объекти олами моддӣ (молу мулки аз ҷиҳати ҷисмонӣ алоқаманд) аст [12, с. 146], хусусияти ба таври алоҳида муайяншуда, хусусияти ивазнашаванда бо робитаи мустаҳкам бо замин доранд, ки ҳаракати он бе расондани зарари номутаносиб ба таъиноти он ғайриимкон аст ё бо санади қонунгузорӣ чунин ном бурда мешавад.

Ин хусусиятро ҳатто муҳаққиқони пеш аз инқилоб низ зикр намуда, тавзеҳоти зеринро пешниҳод намудаанд: «ҳеҷ зарурате нест, ки таснифоти ҳуқуқии молу мулк ба ғайриманқул ва манқул бо беҳаракатии ҷисмонӣ ё ҳаракатнокии ашё мувофиқ бошад. Дар ҳуқуқи маданӣ таснифоти мазкур чунин маъно дорад, ки баъзе объект ба молу мулки ғайриманқул алоқамананд, дигар ба молу мулки манқул, аммо молу мулке, ки тибқи қонунгузорӣ молу мулки ғайриманқул эътироф гардидааст, аз рӯйи табиати худ метавонад ғайриманқул ё манқул бошад, ки онҳо моҳияти ягона доранд. Масалан, агар қонунгузорӣ татбиқи ҳама гуна қоидаҳои марбут ба молу мулки ғайриманқулро ба молу мулки манқул зарур шуморад, пас ин қоидаҳо нисбат ба молу мулки манқул низ татбиқ мегардад ва баръакс» [16, с. 17].

Вобаста ба муайян кардани мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар адабиёти илмӣ

андешаҳои муҳаққиқон ба ду нуқтаи назар ҷудо карда мешавад:

а) эътирофи мафҳуми молу мулки ғайриманқул ҳамчун категорияи «ҳуқуқӣ»;

б) молу мулки ғайриманқул ҳамчун категорияи «ҷисмонӣ».

Ба ақидаи тарафдорони категорияи «ҳуқуқӣ» [13, с. 276], [15, с. 103], [25, с. 45] молу мулки ғайриманқул «танҳо молу мулке, ки ба он мумкин аст ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ муқаррар гардад», эътироф карда мешавад [25, с. 45]. Бо ҳамин назардошт, алоқаи объект ба замин ҳамчун алоқаи ҳуқуқии объект бо қитъаи замин, ки дар он объект ҷойгир шудааст, баррасӣ карда мешавад [23, с. 304]. Тарафдорони категорияи «ҳуқуқӣ» алоқаи устувор ба қитъаи заминро эътироф накарда, дилхоҳ объектеро, ки ба он ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқи ашёӣ муқаррар кардан имконпазир аст, ҳамчун молу мулки ғайриманқул эътироф менамоянд.

Дар шароити муосир тарафдорони назарияи мазкур зиёд шуда истодааст, зеро дар асоси инкишофи техникаву технологияи муосир имконияти ҷойивазкунии объектҳои молу мулки ғайриманқул ба вуҷуд омадааст. Аз тарафи дигар, тибқи қонун баъзе объектҳое молу мулки ғайриманқул эътироф гардидаанд, ки умуман ба замин алоқаи устувор надоранд (ба монанди киштиҳои ҳавоӣ, баҳрӣ, объектҳои кайҳонӣ ва ғайра).

Тарафдорони назарияи «ҷисмонӣ» [3, с. 238-242], [5, с. 5-6], [26, с. 40-41] ба он андеша ҳастанд, ки ҳолати асосӣ нисбат ба молу мулки ғайриманқул ин робитаи ҷисмонии ҷудонашавандаи объект бо замин, новобаста аз расмиёти бақайдгирии давлатӣ мебошад. Ба андешаи тарафдорони «назарияи ҷисмонии молу мулки ғайриманқул» [1, с. 24], [4], [18, с. 16], [8], [21, с. 29] ва ғайра) барои эътироф намудани ашё ҳамчун ғайриманқул, танҳо робитаи мустаҳками он ба замин, имконнопазирии ҳаракат, вайрон кардани номутаносибии таъиноти он зарур аст.

Ба андешаи О.Ю. Скворцов хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул дар қонун муайян шудааст ва молу мулки ғайриманқул дар асоси бақайдгирии ҳуқуқ ба вуҷуд наомада, бақайдгирӣ тартиботи дуюмдараҷа аст, ки реҷаи молу мулкро на қатъ ва на тағйир медиҳад, балки танҳо ҳуқуқ ба онро исбот менамояд [19, с. 129].

С.П. Гришаева қайд менамояд, ки маҳаки таснифи молу мулк ба манқул ва ғайриманқул алоқаи ҷисмонӣ (алоқаи зич бо замин) мебошад [9, с. 153]. Муҳаққиқ тарафдори назарияи «ҷисмонӣ»-и муайян кардани молу мулки ғайриманқул буда, маҳаки мансубияти молу мулкро ба ғайриманқул алоқаи зич доштан ба қитъаи замин ҳисоб менамояд.

Дар қонунгузории амалкунандаи кишвар танҳо як маҳаки мансубияти молу мулк ба ғайриманқул – алоқаи зич доштан ба қитъаи замин ва ғайриимкон будани аз як ҷой ба ҷойи дигар интиқол додани молу мулк бе расондани зарари воқеии беҳисоб ба таъиноти молу мулк муқаррар шудааст. Ҳамзамон, дигар молу мулке, ки вобаста ба табиати воқеияшон манқул мебошанд, қонунгузорӣ онҳоро ғайриманқул эътироф намудааст (киштиҳои ҳавоӣ, баҳрӣ ва ғайра).

Аз ин рӯ, дар Кодекси мадании ҶТ равиши ягонаи муайян намудани объектҳои молу мулки ғайриманқул вуҷуд надорад. Дар баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқии мамлакат, бахусус дар қонунгузории андоз (Кодекси андоз, созишномаҳои байнидавлатӣ) объектҳое молу мулки ғайриманқул эътироф шудаанд, ки хилофи меъёрҳои қонунгузории мадании дар самти молу мулки ғайриманқул мебошанд. Ҳангоми муайян намудан ба объектҳои андозбандии андоз аз молу мулки ғайриманқул бояд молу мулке ворид карда шавад, ки тибқи Кодекси мадании ҶТ онҳо объектҳои молу мулки ғайриманқул муқаррар гардидаанд.

Аммо, ин ҳолат дар баъзе санадҳои ҳуқуқӣ ба инобат гирифта нашудааст. Масалан, тибқи қ. 2, м. 6 Созишномаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург «Оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург», қ. 2, м. 6 Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон «Оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя», ки бо қарори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 майи соли 2018, №1072 [20] тасдиқ шудааст, "истилоҳи

«амволи ғайриманқул», ҳамон маъноеро дорад, ки мувофиқи қонунгузории давлати аҳдкунандаи амволи мавриди баррасӣ дар қаламрави он ҷойгирбуда дорад.

Ин истилоҳ дар ҳама ҳолат амволи нисбати амволи ғайриманқул ёрирасон, чорво ва таҷҳизоти дар кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал истифодашаванда, ҳуқуқҳое, ки нисбати онҳо муқаррароти ҳуқуқи умумӣ дар мавриди моликияти замин истифода мешаванд, узуфрукти (ҳуқуқи истифода бурдани моликияти бегона бе расонидани зарар) амволи ғайриманқул ва ҳуқуқ ба пардохтҳои тағйирёбанда ва танзимшавандаи ба сифати ҷубронпулӣ барои коркард ё ҳуқуқи коркарди захираҳои табиӣ, манбаъҳо ва дигар канданиҳои табиӣ пардохтшавандаро дар бар мегирад; киштиҳои баҳрӣ ва тайёраҳо ба сифати амволи ғайриманқул дониста намешаванд”.

Меъёри мазкур пурра ба муқаррароти м. 138 Кодекси мадании ҶТ мутобиқат наменамояд, зеро аввалан дар ин созишномаҳо объектҳое дарҷ гардидаанд, ки онҳо объектҳои молу мулки ғайриманқул нестанд (чорво, таҷҳизоти дар кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал истифодашаванда, узуфрукти молу мулки ғайриманқул ва дигар), дуюм, киштиҳои баҳрӣ ва ҳавоиро ба низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул шомил накардааст, дар ҳоле, ки дар асоси қонунгузории миллӣ онҳо объектҳои ғайриманқул мебошанд. Бояд зикр кард, ки молу мулки ғайриманқул падидаи ҳуқуқи маданӣ буда, дар қонунгузорӣ (махсусан қонунгузории соҳаи оммавӣ) бояд ҳангоми танзими муносибатҳое, ки мавзуи онҳо молу мулки ғайриманқул аст, муқаррароти Кодекси мадании ҶТ ба роҳбарӣ гирифта шавад.

Дар назарияи ҳуқуқи маданӣ вобаста ба нопурра ва мукаммал набудани маҳаки расондани зарари воқеии беҳисоб ба таъинот як қатор муҳаққиқон андешаронӣ намудаанд. Маҳаки алоқаи устувори объект ба қитъаи замин пурра ва ҳаматарафа моҳияти молу мулки ғайриманқулро ифода карда наметавонад. Ба ақидаи И.А. Емелкина ҳама гуна объектҳои фардии муайян бояд ҳамчун молу мулки ғайриманқул ба қайди давлатӣ гирифта шаванд [11, с. 24]. Қайд кардан бамаврид аст, ки бақайдгирии давлатӣ маҳаки эътирофи мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул набуда, балки ҳуқуқ, муомилот, маҳдудият ва гаронИҳои ҳуқуқ ба молу мулки ғайриманқулро тасдиқ менамояд.

Мафҳуми молу мулки манқул дар қонунгузории мадании ҶТ мавҷуд нест. Ин мафҳум ҳамчун истисно ё «боқимонда»-и объектҳои молу мулки ғайриманқул муқаррар карда шудааст. Мувофиқи қ. 3, м. 138 Кодекси мадании ҶТ «ашёе, ки ба молу мулки ғайриманқул дохил намешавад, аз ҷумла пул ва коғазҳои қиматнок, манқул дониста мешавад». Ин муқаррарот мафҳуми молу мулки манқул набуда, танҳо қоидаеро муайян менамояд, ки тибқи он «тамоми молу мулке, ки ғайриманқул нест, пас он манқул аст».

Аммо, чунин тарз муайян гардидани мафҳуми молу мулки манқул чандон дуруст намебошад. Дар қонунгузорӣ бояд бевосита мафҳуми молу мулки манқул муайян карда шавад, ки хусусиятҳои онро фарогир бошад. Танҳо дар сурате объектҳои молу мулки ғайриманқул дуруст муайян шуда метавонад, ки агар мафҳумҳои расмии молу мулки манқул қонунан мустаҳкам карда шавад.

Ҳамин тавриқ, дар Кодекси маданӣ ворид намудани қитъаи замин ҳамчун молу мулки ғайриманқул дуруст ва мақсаднок буда, барои пурра ва дуруст муайян намудани низоми объектҳои молу мулки ғайриманқул расман дар қонунгузорӣ муқаррар намудани маҳакҳои мансубияти молу мулк ба манқул ва ғайриманқул зарур аст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Алексеев В.А. Недвижимое имущество: государственная регистрация и проблемы правового регулирования. – М., 2007. – 491 с.
2. Балабанов И.Т. Операции с недвижимостью в России. – *М.*: Финансы и статистика, *1996*. – 192 с.
3. Витрянский В.В. Договор купли-продажи и его отдельные виды. – М., 1999. – 284 с.
4. Витрянский В.В. Реформа российского гражданского законодательства: промежуточные итоги. – М., 2017. – 431 с.

5. Гонгало Б.М. Понятие недвижимого имущества // Правовое регулирование оборота недвижимого имущества. – Екатеринбург, 2002. – С. 5-6.

6. Горемыкин В.А. Рынок недвижимости. – *М*.: МЭГУ, *1994*. – 165 с.

7. Горемыкин В.А. Экономика недвижимости: учебное пособие. – М., 2003. – 277 с.

8. Гражданское право: учебник: В 3 т. / [Абрамова Е.Н., Аверченко Н.Н., Арсланов К.М. и др.]; под ред. А.П. Сергеева. – М., 2010, Т. 2. – 880 с.

9. Гришаев С.П. Правовой режим недвижимого имущества. – С.153.

10. Дорожинская Е.А. Правовое регулирование сделок с недвжимым имуществом: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2000. – 23 с.

11. Емелькина И.А. К вопросу о понятии и признаках недвижимого имущества // Гражданское право. – 2005. – №2. – С. 23-27.

12. Ильин Д.И. Законодательство о недвижимости: проблемы содержания употребляемых понятий // Журнал российского права. – 2005. – №8. – С. 144-152.

13. Козырь О.М. Недвижимость в новом Гражданском кодексе России // Гражданский кодекс России. Проблемы. Теория. Практика: Сборник памяти С.А. Хохлова. – М.: Изд-во Междунар. центра финансово-эконом. развития, 1998. – С. 271-298.

14. Концепция развития гражданского законодательства о недвижимом имуществе / под общ. ред. В.В. Витрянского, О.М. Козырь, А.А. Маковской. – М.: Статут, 2004. – 95 с.

15. Кротов М.В. Вопросы государственной регистрации прав на морские суда // Юридическая практика: Информационный бюллетень центра права специального юридического факультета СПбГУ. – 1999. – №4 (19). – С. 103.

16. Мейер Д.И. Русское гражданское право. – Петроград, 1914. – 661 с.

17. Мустафина З.К. Недвижимость в российском и зарубежном гражданском законодательстве // Марийский юридический вестник. – 2013. – №10. – С. 243-248.

18. Постатейный комментарий к Федеральному закону «О государственной регистрации прав на недвижимое имущество и сделок с ним» / под обш. ред. П.В. Крашенинникова. 2-е. изд. – М., 1999. – 239 с.

19. Скворцов О.Ю. Сделки с недвижимостью в коммерческом обороте: учебное пособие. – М.: Волтерс Клувер, 2006. – 350 с.

20. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 05.04.2023).

21. Степанов С.А. Недвижимое имущество в гражданском праве. – М., 2004. – 223 с.

22. Степанов С.А. Система объектов недвижимого имущества в гражданском праве: теоретические проблемы: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Екатеринбург, 2004. – 52 с.

23. Суханов Е.А. Гражданское право: учеб. для вузов. – М., 1998. – С. 304.

24. Суханов Е.А. О понятии недвижимости и его влиянии на иные гражданско-правовые категории // Вестник гражданского права. – 2008. – №4. – С. 6-16.

25. Суханов Е.А. Право собственности и иные вещные права. Способы их защиты (Комментарии к новому ГК РФ). – М.: Центр деловой информации еженедельника «Экономика и жизнь», 1996. – 131 с.

26. Хаскельберг Б.Л., Ровный В.В. Индивидуальное и родовое в гражданском праве. – Иркутск, 2001. – 254 с.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои молу мулки ғайриманқул бо истифода аз адабиёти илмӣ ва қонунгузории ҷорӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Зимни таҳлили мавзуи мазкур маълум гардид, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми ҳам молу молки ғайриманқул ва ҳам молу мулки манқул дода нашудааст. Дар муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон

бошад номгӯи якчанд молу мулке пешбинӣ гардидааст, ки шомили ашёи ғайриманқул буда, чунин тарзи байни мафҳум ба андешаи муаллиф мураккабиро ба бор меорад. Аз ин лиҳоз пешниҳод мегардад, ки мафҳуми молу мулки ғайриманқул дар қонунгузорӣ муайян карда шавад, то ин ки низоми объектҳои ғайриманқул ба осонӣ аниқ гардад.

**Аннотация**

**Понятия и специфика недвижимые имущества**

В данной статье с использованием научной литературы и действующего законодательства анализируются понятие и признаки недвижимого имущества. В ходе анализа данной темы выяснилось, что определение как недвижимого, так и движимого имущества в законодательстве не дано. В положениях ГК РТ имеется перечень нескольких видов имущества, входящих в состав недвижимых объектов, и такой способ определения понятия вызывает, по мнению автора, сложности. С этой точки зрения предлагается определить понятие недвижимого имущества в законодательстве, чтобы система недвижимых объектов стала понятной.

**Annotation**

**Concepts and specifics of real estate**

In this article, using scientific literature and current legislation, the concept and features of real estate are analyzed. During the analysis of this topic, it turned out that the definition of both immovable and movable property in the legislation is not given. The provisions of the Civil Code of the Republic of Tajikistan contain a list of several types of property that are part of immovable objects, and this way of defining the concept causes, according to the author, difficulties. From this point of view, it is proposed to define the concept of real estate in the legislation so that the system of real estate objects becomes clear.



**УДК: 346.1**

**Одиназода Шоҳрух Хисрав,**
*муовини сардори шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: shohrukh_odinazoda@bk.ru*
*Тел.: (+992) 931-10-04-40.*

# АСОСҲОИ ҚАТЪ ГАРДИДАНИ ФАЪОЛИЯТИ ХОҶАГИИ ЁРИРАСОНИ ШАХСӢ ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузории кишоварзӣ; қонунгузории замин; асосҳо; тартиб; қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ; асосҳои ихтиёрӣ; асосҳои маҷбурӣ; аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ; қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ.*

***Ключевые слова:*** *сельскохозяйственное законодательство; земельное законодательство; основы; порядок; прекращение деятельности личного подсобного хозяйства; добровольные основания; принудительные основания; член личного подсобного хозяйства; земельный участок личного подсобного хозяйства.*

***Keywords****: agricultural legislation; land legislation; basics; agreement; termination of the activity of personal subsidiary plots; optional grounds; grounds for coercion; member of a personal subsidiary farm; land for private farming.*

Муайян намудани асосҳо ва тартиби қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз ҷумлаи масъалаҳои муҳими соҳаи илмӣ ва қонунгузории гражданӣ, кишоварзӣ ва замин маҳсуб мегардад. Чунки дар раванди қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ унсурҳое бояд ба инобат гирифта шаванд, ки дар баробарии ҳолати ҳуқуқии аъзои хоҷагӣ, тақсимоти дурусти молулмулки он ва вазъи ҳуқуқии қитъаи замин асос ёфта бошад.

Бояд зикр намуд, ки дар қонунгузории амалкунанда доир ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ пурра асосҳо ва тартиби қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дарҷ нагардидааст, ки ин ҳолат метавонад дар амалия мушкилиҳоро ба вуҷуд орад.

Дар асоси м. 14 Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" аз 19 июли соли 2022, № 1891 [1] ба сифати тартиби қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ унсурҳои зерин пешбинӣ гардидааст: фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ пас аз қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси замини ҶТ [2] қатъ мегардад.

Яъне, муқаррароти қонуни мазкур ба он далолат менамояд, ки танҳо қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва (ё) қитъаи замини хоҷагии иловагии ёрирасони шахсӣ дар заминаи тартиби муқарраркардаи Кодекси замин ба сифати асоси қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ баромад менамояд, ки чунин талабот ба назари мо пурра асоси қатъи фаъолияти хоҷагиро дар бар гирифта наметавонад, чунки Кодекси замин муқаррароти умумиро доир ба қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин пешбинӣ менамояд.

Агар қонуни қаблан амалкунандаро доир ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ таҳлил намоем, дар он боби алоҳида вобаста ба қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ гардида, масъалаҳои асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва тартиби қатъи фаъолияти он дар моддаҳои алоҳида баррасӣ шуда буданд.

Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин фактҳои ҳуқуқие мебошанд, ки дар қонун пешбинӣ шуда, тибқи онҳо фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ қатъ карда мешавад. Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: а) асосҳои ихтиёрии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ; б) асосҳои маҷбурии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ [3, с. 156-157].

Асосҳои ихтиёрии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин асосҳое мебошанд, ки бо хоҳишу иродаи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ фаъолияти хоҷагӣ қатъ карда мешавад ва ба ин асосҳо метавон инҳоро шомил намуд:

– дар мавриди қарор қабул кардани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ оид ба қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ;

– дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад;

– бо сабаби доштани дигар қитъаи замин аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ.

Асосҳои маҷбурии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин асосҳое мебошанд, ки новобаста аз хоҳишу иродаи аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ фаъолияти он қатъ карда мешавад ва ба сифати асоси маҷбурии қатъ гардидани фаъолияти хоҷагӣ қатъ ёфтани ҳуқуқ ба қитъаи замин бо сабаби гирифтани қитъаи замин мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ баромад карда метавонад.

Ба андешаи баъзе муаллифони адабиёти ватанӣ асосҳои қатъ гардидани хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо ду роҳ ифода карда мешавад: роҳи ихтиёрӣ ва роҳи маҷбурӣ [4, с. 123]. Роҳи маҷбурӣ қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар ҳолатҳои зайл татбиқ мегардад: истифода набурдани қитъаи ҷудонамудаи замин ба мақсадҳои кишоварзӣ дар зарфи се сол; истифодаи замини бо тарзе, ки боиси косташавӣ, ифлосшавии химиявӣ, радиоактивии хок ва бад шудани вазъи экологӣ мегардад; мусодираи замин мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барои эҳтиёҷоти давлатию ҷамъиятӣ [5, с. 190].

Бояд қайд намуд, ки дар қонунгузории баъзе мамлакатҳои хориҷӣ қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ вобаста карда мешавад. Аз ҷумла, дар м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсии шаҳрвандон» аз 11 ноябри соли 2002, №149-З [6] зикр гардидааст, ки пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо қатъгардии ҳуқуқ ба қитъаи замин, ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Беларус оид ба ҳифз ва истифодаи замин бо ин мақсад дода шудааст, қатъ мегардад.

Дар бобари ин, мувофиқи м. 11 Қонуни Ҷумҳурии Украина «Дар бораи хоҷагии деҳқонии шахсӣ» аз 15 майи соли 2003, №742-IV [7] пешбурди хоҷагии деҳқонии шахсӣ дар ҳолатҳои зерин: қарорҳои аъзоёни хоҷагии деҳқонии шахсӣ дар бораи қатъи фаъолияти он; дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад; қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин мутобиқи Кодекси замини Украина қатъ мегардад.

Дар асоси м. 10 Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 7 июли соли 2003, № 112-ФЗ [8] пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар сурати қатъ шудани ҳуқуқ ба қитъаи замине, ки дар он хоҷагии ёрирасони шахсӣ нигоҳ дошта мешавад, қатъ мегардад.

Бояд қайд намуд, ки фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар асоси қарори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ қатъ мегардад ва он ҳолат ва асосҳои муайяни барои қатъи фаъолият марбутаро дар бар мегирад. Аз моҳияти муқаррароти қонунгузорӣ дар самти мазкур бармеояд, ки дар мавридҳои зерин фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар асоси қарори мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ қатъ мегардад: а) дар мавриди қарор қабул кардани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ оид ба қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ; б) дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад; в) қатъ ёфтани ҳуқуқ ба қитъаи замин бо сабаби гирифтани қитъаи замин мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ.

Асоси якуми пешбинигардида, ҳамчун асоси ихтиёрии қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ буда, тибқи он аъзои хоҷагӣ бо созиши тарафайн метавонанд, ки пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро қатъ намоянд. Қобили зикр аст, ки қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо ризоияти кулли аъзои хоҷагӣ амалӣ карда мешавад. Дар сурате,

ки агар барои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ қисме аз аъзои он ба созиш омада бошанд, дар ин маврид фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ қатъ нагардида, тибқи муқаррароти Қонуни ҶТ "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ" [1] ва қонунгузории граждании молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ тақсим карда шуда, аъзоёне, ки хоҳиши пеш бурдани хоҷагии ёрирасони шахсиро дар асоси молу мулк ва қитъаи замини ба онҳо вобастакардашуда, фаъолияти хоҷагидориро давом медиҳанд.

Ихтиёран даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо роҳи додани ариза аз ҷониби заминистифодабаранда дар бораи даст кашидан аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ амалӣ карда мешавад. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ қарори қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро дар мӯҳлати як моҳ аз рӯзи додани ариза аз ҷониби заминистифодабаранда қабул менамояд.

Қарори қабулшуда оид ба қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ба аризадиҳанда ва ба мақомоти ваколатдори давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар мӯҳлати се рӯз барои бақайдгирии давлатӣ фиристонида мешавад.

Агар ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини зикргардида бо ҳуқуқи бегона намудани он дода шуда бошад, ба заминистифодабаранда дар мӯҳлати як моҳ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо нархи бозорӣ ҷуброн карда мешавад.

Вобаста ба асоси дуюм бошад, дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ, ки хоҳиши пеш бурдани хоҷагиро дошта бошад, аъзоён метавонанд ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) оид ба қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ муроҷиат намоянд. Агар яке аз аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ хоҳиши пеш бурдани фаъолияти хоҷагиро дошта бошад, молу мулки аъзои дигар тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ тақсим карда мешавад ва аъзое, ки хоҳиши пешбурди хоҷагиро дорад, корҳои хоҷагии ёрирасони шахсиро пеш мебарад.

Асоси дигари қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин мавҷуд набудани ягон ворис, на тибқи қонун ва на тибқи васиятнома мебошад. Дар сурати аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани ҳамаи меросхӯрон молу мулки хоҷагӣ бо розигии меросхӯрон тақсим карда мешавад ё худ онҳо ин молу мулкро якҷоя ба мақсадҳои дигар истифода мекунанд. Истифодаи қитъаи замин дар ин маврид бояд тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи замин муайян карда шавад.

Дар сурати набудани ворис тибқи қонун ё тибқи васиятнома масъалаи тақсими молу мулки хоҷагии ёрирасони шахсӣ мутобиқи қонунгузорӣ ҳал карда мешавад. Баъди молу мулк ва қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсиро ба мерос қабул кардани ворисон, ки онҳо хоҳиши пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро надоранд, тибқи тартиби муқарраргардида фаъолияти хоҷагӣ қатъ мегардад.

Доир ба асоси сеюм бошад, бояд иброз дошт, ки дар қонунгузории замин гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ яке аз асосҳои қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин муқаррар гардидааст. Мувофиқи м. 38 Кодекси замини ҶТ [2] гирифтани замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои истисно ҳангоми мавҷуд набудани роҳҳои дигари ҷойгиронии иншоотҳо, дар ҳолатҳои зерин ба амал бароварда мешавад:

1) иҷро кардани ӯҳдадориҳои байналмилалии ҶТ, ки тибқи тартиби муқарраршуда эътироф шудаанд;

2) таъсиси маҳалҳои нави аҳолинишин, васеъ кардани шаҳр ва маҳалҳои аҳолинишин;

3) ҷойгиркунии иншоотҳои зерин: иншоотҳои мудофиа ва амният; иншоотҳои инфрасохтори нақлиётӣ: роҳҳои мошингард, кӯчаҳо, пулҳо, нақбҳо, эстакадаҳо ва дигар сохтмонҳои муҳандисию нақлиётӣ, иншоотҳои алоқа; иншоотҳои таъминоти барқ, газ, гармӣ ва об, инчунин иншоотҳои равона кардани обҳои корезӣ; мактаб, китобхона, беморхона, қабристон, боғҳои истироҳатӣ, майдончаҳои бозӣ ва варзишӣ ва дигар эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ва инчунин биноҳои давлатие, ки ба мақсадҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ хизмат мекунанд;

4) кашф шудани канданиҳои фоиданок;

5) ҳифзи иншоотҳо ва ёдгориҳое, ки арзиши археологӣ, таърихӣ ва илмӣ доранд, дар ҳолатҳое, ки онҳо хавфи нобудшавӣ доранд ё гирифтори харобшавӣ мебошанд.

Қитъаҳои замини наздиҳавлигии барои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҷудошудаи шаҳрвандон барои эҳтиёҷоти давлатӣ танҳо баъди ба онҳо барои пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо шартҳои пешакӣ ҷудо намудани қитъаҳои баробарарзиши замини дорои хонаҳои ободи истиқоматӣ, биноҳои истеҳсолӣ, иморату иншооти таъиноташон монанди иншооти гирифташаванда ва пурра ҷуброн намудани тамоми хароҷоти вобаста ба ободонӣ ва дар ҷои нав, агар дар созишномаи тарафҳо тартиби дигар муқаррар нашуда бошад ё бо салоҳдиди соҳибмулк баъди пурра ба он ҷуброн кардани арзиши молу мулки гирифташаванда ва молу мулки дигар, аз ҷумла манфиати аз дастрафтаи онҳо гирифта мешаванд.

Қарорро дар бораи гирифтани қитъаҳои замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳияҳо, шаҳрҳо, вилоятҳо ва Ҳукумати ҶТ қабул мекунанд. Дар сурати бо қарор дар бораи гирифтани қитъаи замин розӣ набудани заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба қитъаи замин, вай ҳуқуқ дорад ба суд бо даъво муроҷиат намояд.

Асос барои қабул намудани қарор дар бораи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ ҳуҷҷатҳои шаҳрсозии бо тартиби муқарраргардида тасдиқшуда, дигар лоиҳаҳое, ки зарурат ва ҳисоботи техникӣ-иктисодии гирифтани қитъаи заминро асоснок мекунанд, ба ҳисоб меравад. Қарор дар бораи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ баъд аз тасдиқи лоиҳаҳои мувофиқ қабул карда мешавад.

Заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин бояд на дертар аз як сол то гирифтани қитъаи замин дар бораи он аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба таври хаттӣ огоҳ карда шавад. Заминистифодабаранда ва ё истифодабарандаи дигар ҳуқуқҳои бақайдгирифташудаи вобаста ба замин, ки дар бораи гирифтани қитъаи заминаш барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ қарор қабул карда шудааст, то аз тарафи суд қабул шудани қарор аз рӯйи даъво ҳуқуқи ба замин доштаашро амалӣ менамояд, истифодабарии қитъаро мувофиқи таъиноташ таъмин менамояд.

Раванди гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ шаффоф мебошад. Тамоми қарорҳо дар бораи гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ ба забонҳои давлатӣ ва русӣ дар давоми панҷ рӯзи корӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки қарор қабул намудааст, интишор карда мешаванд.

Лоиҳаҳои дорои хусусияти меъморӣ-шаҳрсозидошта, аз ҷумла нақшаҳои генералии сохтмон барои шиносоии умум озод буда, дар шакли макетҳои алоҳида дар ҷойҳои дастраси мардум, ки мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ муайян кардааст, дар тамоми давраи амалишавии онҳо гузошта мешаванд. Ин макетҳо барои шиносоӣ дар давоми 10 рӯз баъди тасдиқ шудан то рӯзи охирони амалӣ шудани онҳо пешниҳод карда мешаванд (м. 40 Кодекси замини ҶТ).

Бояд иброз намуд, ки яке аз асосҳои ихтиёрии қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро ин бо сабаби доштани дигар қитъаи замин аз пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ташкил медиҳад. Дар давраи пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ агар аъзои он ҳуқуқи истифодаи дигар қитъаи заминро пайдо намоянд, метавонанд аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини барои пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҷудошуда, даст кашанд.

Дар қонунгузорӣ ба даст овардани қитъаи замини дигар аз тарафи аъзои хоҷагӣ ҳамчун асоси ба таври ҳатмӣ даст кашидани аъзоён аз ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешбинӣ нагардидааст, аз ҳамин сабаб дар баробари истифодаи қитъаи замини бадастовардашуда ҳуқуқи пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро низ доранд, яъне бо сабаби доштани дигар қитъаи замин аз пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии

ёрирасони шахсӣ ин ҳуқуқи онҳо мебошад, на ӯҳдадорӣ. Масалан, ба аъзои оила тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қитъаи замине, ки барои ташкили хоҷагии деҳқонӣ ҷудо карда мешавад, онҳо метавонанд дар баробари хоҷагии деҳқонӣ, хоҷагии ёрирасони шахсии худро низ пеш баранд;

Қобили зикр аст, ки асосҳои қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар м. 37 Кодекси замини ҶТ муқаррар гардидааст, ки ин асосҳо ба истиснои гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ва ҷамъиятӣ (банди ж) танҳо ба сифати асоси қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ баромад менамояд, на ин ки асоси қатъи пешбурди фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ. Мувофиқи м. 37 Кодекси замини ҶТ ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

а) даст кашидан аз қитъаи замин ба таври хаттӣ, ки аз тарафи заминистифодабарандагон имзо шудааст;

б) қатъ гардидани фаъолияти заминистифодабарандагон;

в) истифода набурдани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ дар давоми ду сол ва шурӯъ накардан ба сохтмон дар замини барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ додашуда, дар давоми се сол;

г) ғайритаъиноти мақсаднок истифода бурдани қитъаи замин, ки дар ҳуҷҷати тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин нишон дода шудааст;

д) истифодаи қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии замин, заҳролудшавии он бо моводи кимиёвӣ, радиоактивӣ ва дигар мавод ва боиси бад шудани вазъи экологӣ мегардад;

е) ба охир расидани муҳлати истифодаи қитъаи замин;

ж) гирифтани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси замини ҶТ;

з) аз узвияти хоҷагии деҳқонӣ баровардан бо асосҳое, ки қонунгузорӣ пешбинӣ менамояд;

и) пеш аз муҳлат қатъ гардидан ва ё ба анҷом расидани муҳлати амали созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ.

Асосҳое, ки дар бандҳои «е», «з» ва «и»- Кодекси замин зикр гардидаанд, ба сифати асоси қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ баромад карда наметавонанд, чунки нисбати яке аз субъекти махсус – хоҷагии деҳқонӣ татбиқ мешавад (банди з), дигар нисбат ба қитъаҳои замини барои истифодаи муҳлатнок гирифташуда (банди е) ва охирон бошад, дар доираи созишномаи шарикии давлат ва бахши хусусӣ (банди и) татбиқ карда мешавад.

Асосҳои қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин, ки дар қонунгузории замин пешбинӣ гардидаанд, ҳамаи онҳо дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ татбиқ карда намешаванд. Дар асоси м. 39 Кодекси замини ҶТ қарор дар бораи қатъ гардонидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо асосҳои пешбининамудаи бандҳои «а», «б», «е» ва «ж» м. 37 Кодекси замини ҶТ (асосҳои дар боло зикршуда) аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) қабул карда мешавад. Маҷбурӣ қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо асосҳои дар бандҳои «в», «г» ва «д» м. 37 Кодекси замини ҶТ пешбинишуда, танҳо дар асоси қарори суд амалӣ карда мешавад.

Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин ҳуқуқ доранд ба суд бо аризаи даъвогӣ дар бораи маҷбурӣ қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин танҳо баъд аз андешидани чораҳои ҷавобгарии маъмурӣ ва огоҳкунии хаттии заминистифодабаранда оид ба бартараф намудани камбудиҳо дар муҳлати на камтар аз се моҳ мурочиат намоянд. Бақайдгирии давлатии бегонакунии ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин ҳангоми маҷбурӣ қатъ гардидани ин ҳуқуқ дар асоси қарори суд бо ҷуброн намудани нархи бозории ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳама гуна мавридҳои дигар қарори қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсиро мақомоти худидоракунии маҳалли ҷойгиршавии хоҷагии ёрирасони шахсӣ қабул мекунанд.

Ба ҳолатҳои дигаре, ки қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар асоси қарори мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ карда мешаванд, инҳо дохил мешаванд: а) дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои

хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад; б) бо сабаби доштани дигар қитъаи замин аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ.

Дар амалия имрӯзҳо яке аз шаклҳои паҳнгаштаи қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ ин бекор кардани қарори ғайриқонунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) мебошад. Дар ҳолати қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо ин асос бояд муайян карда шавад, ки сабаби қабули қарори ғайриқонунӣ гуноҳи кадоме аз субъектон – мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё заминистифодабаранда гардидааст [3, с.166].

Агар сабаби қабули қарори ғайриқонунии мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замин гуноҳи заминистифодабаранда бошад, дар ин маврид ҳангоми бекор кардани ин қарори ғайриқонунӣ қитъаи замини ҷудокардашуда бидуни додани қитъаи замини дигар ё пардохти арзиши он гирифта мешавад.

Масалан, шаҳрванд барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ маълумоти бардурӯғ оид ба эҳтиёҷманд будан пешниҳод менамояд ва баъдан маълум мегардад, ки ин шаҳрванд дар асл барои гирифтани қитъаи замини наздиҳавлигӣ эҳтиёҷманд нест. Агар сабаби қабули қарори ғайриқонунӣ хунукназарӣ, беамалӣ ё беаҳамиятии худи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ё дигар мақомоти ваколатдор гардида бошад, ба шаҳрванде, ки тибқи қарори ғайриқонунӣ қитъаи замин гирифтааст, мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ қитъаи замини дигар дода мешавад ё агар қитъаи замини бо ҳуқуқи бегона намудани он дода шуда бошад, арзиши бозории он бояд ҷуброн карда шавад.

Ҳамчунин, дар амалия ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки бидуни асосҳои дахлдор ва кофӣ қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ оид ба ҷудо кардани қитъаи замини наздиҳавлигии шаҳрвандон ғайриқонунӣ ҳисобида шуда, онҳо аз қитъаи замин маҳрум карда мешаванд. Шаҳрвандон бошанд, дар ин маврид бо ариза оид ба ғайриқонунӣ бекор кардани чунин қарорҳо ба суд муроҷиат намуда, дар асоси таҳлилу таҳқиқ ва омӯзиши ҳолати мавҷуда, даъвояшон қонеъ карда мешавад.

Дар баробари асосҳои мавҷуда доир ба қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ, механизми амалисозии асосҳои мазкур бо тартиби қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ анҷом дода мешавад. Яъне дар ин замина, раванд (протссес)-и амалӣ намудани қатъи фаъолияти хоҷагӣ тартиби қатъи фаъолияти онро ифода менамояд.

Чуноне ки дар қисмати андешаҳои болозикр қайд гардид, дар қонуни амалкунанда доир ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ бевосита тартиби қатъи фаъолияти хоҷагӣ пешбинӣ нагардидааст. Агар ба меъёрҳои қонуни қаблӣ доир ба хоҷагии ёрирасони шахсӣ назар афканем дар он  моддаи алоҳида оид ба тартиби қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ муқаррар гардида буд, ки он тартиби қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва субъектҳои ба қайдгирандаи қатъи пешбурди хоҷагиро муқаррар менамуд.

Қобили зикр аст, ки қабул кардани қарор аз ҷониби аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ оид ба қатъи пешбурди хоҷагӣ яке аз асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ маҳсуб мегардад. Аъзои хоҷагӣ метавонанд бо ариза оид ба қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ ба мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) муроҷиат намоянд. Тибқи аризаи аъзоён дар асоси қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ фаъолияти мазкур қатъ карда шуда, ариза барои дар дафтари хоҷагӣ сабт намудани қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар мавриди дигар, ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар асоси ҳалномаи суд ва қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) амалӣ карда мешавад. Қарор дар бораи қатъ гардонидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар ҳолатҳои зерин аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии ноҳия (шаҳр) қабул карда мешавад:

а) даст кашидан аз қитъаи замин ба таври хаттӣ, ки аз тарафи заминистифодабарандагон имзо шудааст;

б) гирифтани замин барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси замини ҶТ.

Маҷбурӣ қатъ гардидани ҳуқуқи истифодаи қитъаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ дар ҳолатҳои зерин танҳо дар асоси қарори суд амалӣ карда мешавад:

а) истифода набурдани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ дар давоми ду сол ва шурӯъ накардан ба сохтмон дар замини барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ додашуда, дар давоми се сол;

б) ғайри таъиноти мақсаднок истифода бурдани қитъаи замин, ки дар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин нишон дода шудааст;

в) истифодаи қитъаи замин бо усулҳое, ки боиси паст шудани ҳосилхезии замин, заҳролудшавии он бо маводи кимиёвӣ, радиоактивӣ ва дигар мавод ва боиси бад шудани вазъи экологӣ мегардад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи тартиби судӣ танҳо ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагии ёрирасони шахсӣ қатъ карда мешавад, қарор оид ба қатъи пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ танҳо аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) қабул карда мешавад.

Масалан, агар ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин бо асоси истифода набурдани қитъаи замин барои эҳтиёҷоти кишоварзӣ дар давоми ду сол ва шурӯъ накардан ба сохтмон дар замини барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ додашуда, дар давоми се сол қатъ карда шавад, дар ин маврид тибқи тартиби судӣ танҳо ҳуқуқи истифодаи қитъаи замине, ки барои пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ ҷудокардашуда қатъ мегардад, чунки дар ин ҳолат ҳоло хоҷагии ёрирасони шахсӣ ташкил карда нашудааст, танҳо барои пешбурди он қитъаи замин ҷудо карда шудааст.

Дар сурати қатъи ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин дар асоси санади судӣ ё қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳр (ноҳия) онҳо уҳдадоранд, ки чунин санади судӣ ё қарорро ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳоти маҳалли ҷойгиршавии хоҷагии ёрирасони шахсӣ фиристонанд.

Қобили зикр аст, ки фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ аз рӯзи ба дафтари хоҷагӣ даровардани навиштаҷоти дахлдор, инчунин сабт дар китоби қайди сохтори ноҳиявии (шаҳрии) мақомоти ваколатдори батанзимдарории муносибатҳо вобаста ба замин қатъ мегардад.

Бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, назарияҳои олимони ватаниву хориҷӣ, муқоисаи меъёрҳои қонуни амалкунунда бо қонуни пештар қабулгардидаи хоҷагии ёрирасони шахсӣ ва таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии падидаи мазкур бо қонунгузории давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил метавон чунин мафҳум ва хусусиятҳои асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсиро пешниҳод намуд:

Асосҳои қатъи фаъолияти ҳоҷагии ёрирасони шахсӣ фактҳои ҳуқуқие маҳсуб мегарданд, бо дарназардошти иҷрои онҳо тибқи талаботи қонунгузории ҶТ фаъолияти хоҷагӣ қатъ карда мешавад.

Ба сифати асосҳои қатъи фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ метавон инҳоро шомил намуд:

– ҳангоми қабул гардидани қарор аз ҷониби аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ оид ба қатъи пешбурди фаъолияти хоҷагӣ;

– дар сурати мавҷуд набудани ягон аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ ё меросхӯре, ки майлу хоҳиши пешбурди ин хоҷагиро дошта бошад;

– қатъ гардидани ҳуқуқ ба қитъаи замин бо сабаби гирифтани қитъаи замин мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ ё ҷамъиятӣ;

– бо сабаби доштани дигар қитъаи замин аз пешбурди хоҷагии ёрирасони шахсӣ даст кашидани аъзои хоҷагии ёрирасони шахсӣ;

– дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузории ҶТ дар бораи замин.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ” аз 19 июли соли 2022, № 1891 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 26.08.2022).

2. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996, №23 // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.02.2022).

3. Соҳибзода М.М., Шарифзода Ф.Ш., Асрорзода З., Қодирзода М.А., Шерзода Б.С., Одиназода Ш.Х. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ": нашри аввал (тафсири оммавию илмӣ ва амалӣ) // Зери таҳрири Саидзода И.Ҳ., директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: "ЭР-граф", 2022. – 240 с.

4. Исмоилова Ш.М., Шонасридинов Н., Нодиров Ф.М. Ҳуқуқи кишоварзӣ: Китоби дарасӣ. – Душанбе: "Қонуният", 2000. – 360 с.

5. Исмоилов Ш.М., Шонасридинов Н.Ш, Нодиров Ф.М., Ғафуров А.Д. Ҳуқуқи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ. – Душанбе: "Бухоро", 2013. – 416 с.

6. Закон Республики Беларус О личных подсобных хозяйствах граждан от 11 ноября 2002 года, №149-з (по состоянию на 28 декабря 2009 года) [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=3129 (санаи муроҷиат: 28.02.2023).

7. В редакции Законов Украины от 17.11.2005. – №3108–IV, от 25.12. 2008. – №799–VI, 16.10.2012. – №5462–VI, 12.02.2015. – №191–VIII. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://uazakon.ru/zakon/zakon-o-lichnom-krestyanskom-hozyaistve.html. (санаи муроҷиат: 28.02.2023).

8. Қонуни Федератсияи Россия «Дар бораи хоҷагии ёрирасони шахсӣ» аз 7 июли соли 2003, № 112-ФЗ [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.consultant.ru/document /cons_doc_LAW_43127. (санаи муроҷиат: 28.02.2023).

**Аннотатсия**

**Асосҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо дарназардошти асосҳо ва тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар соҳаи замин ва хоҷагии ёрирасони шахсӣ мавриди таҳлили илмӣ-назариявӣ қарор дода шудааст. Инчунин, муқаррароти қонунгузории ҶТ доир ба муайянсозии асосҳо ва тартиби қатъ гардидани фаъолияти хоҷагии ёрирасони шахсӣ бо қонунгузории ИДМ мавриди таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ қарор гирифтааст.

**Аннотация**

**Основания прекращения деятельности личного подсобного хозяйства в соответствии с законодательством Республики Таджикистан**

В данной статье вопросы прекращения деятельности личных подсобных хозяйств с учетом принципов и процедур, установленных законодательством в области земельных и личных подсобных хозяйств, подлежат научно-теоретическому анализу. Также сравнительно-правовому анализу подвергнуты положения законодательства Республики Таджикистан об определении оснований и порядка прекращения деятельности личного подсобного хозяйства с законодательством СНГ.

**Annotation**

**Grounds for termination of the activity of personal subsidiary farming in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan**

In this article, the issues of termination of the activity of personal subsidiary farms, taking into account the principles and procedures established by the legislation in the field of land and personal subsidiary plots, are subject to scientific and theoretical analysis. Also, the provisions of the legislation of the Republic of Tajikistan on determining the grounds and procedure for terminating the activity of a personal subsidiary plot with the legislation of the CIS were subjected to a comparative legal analysis.



**УДК: 349.6**

**Тоҷидинов Маҳмароиб Абдулвоҳидович,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: tojidinov_9898@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-25-26-30.*

# ИНЪИКОСИ ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ ЭКОЛОГӢ ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *тағйирёбии иқлим; пайомадҳои манфӣ; гармшавии иқлим; обшавии пиряххо; норасоии оби нӯшокӣ; бӯҳронҳои иқтисодӣ; қатъномаи СММ; ташаббусҳои созанда; ҳифзи пиряххо аз обшавӣ; таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ.*

***Ключевые слова:*** *изменение климата; негативные последствия; потепление климата; таяние ледников; отсутствие питьевой воды; экономические кризисы; резолюция ООН; конструктивные инициативы; защита ледников от таяния; обеспечение населения питьевой водой.*

***Keywords:*** *changing of the climate; negative consequences; climate warming; melting glaciers; lack of drinking water; economic crises; UN resolution; constructive initiatives; protection of glaciers from melting; providing the population with drinking water.*

Инсоният дар шароити кунунӣ дар марҳилаи ниҳоят ҳассос ва душвори таърихи худ қарор дорад. Зеро таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ, низоъҳои тиҷоратӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва ба замми ин пайомадҳои тағйирёбии иқлим ба иқтисоди кишварҳои ҷаҳон шиддат ёфта, боиси ба вуқӯъ омадани бӯҳрони ҷаҳонии иқтисодӣ гардида истодааст.

Дар радифи ин ҳама мушкилоти мавҷудаи глобалӣ тағйирёбии иқлими сайёра ва пайомадҳои он мавқеи ниҳоят калонро ишғол менамояд. Зеро солҳои охир таъсири манфии ин мушкилоти ҷаҳониро на танҳо кишвари мо, балки тамоми халқу миллатҳои дунё эҳсос намуда истодаанд.

Фаъолияти инсонӣ собит намудааст, ки тағйирёбии иқлими сайёраи мо бори аввал нест, вале тағйирёбии кунунии иқлим асосан бинобар фаъолияти худи инсон ба миён омадааст ва оқибатҳои ҷиддии манфии он ба тамоми кишварҳо ва ҳуқуқу манфиатҳои ҳар як сокини сайёраи мо таҳдид мекунад.

Дар ҳаёти рӯзмарраи миллионҳо одамон таъсири оқибатҳои гармшавӣ ба чашм мерасад. Гармшавии ҷаҳонӣ боиси дар курраи замин сар задани хушкӣ, обхезӣ, хунукиҳои шадид гардида, дар ин замина оқибатҳои зиёди харобиоварро ба миён хоҳад овард [10, с. 8].

Яке аз вазифаҳои асосии давлат дар замони муосир аз ҳифз ва барқарор намудани муҳити зисти инсон, истифодаи оқилонаи табиат, пешгирии хатарҳои экологӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин шароит масъалаи экология на танҳо дар мадди аввали мамлакати алоҳида мебарояд, балки ба муаммои бузурги наҷот додани Замин, муҳофизати инсон табдил меёбад. Ҳифзи муҳити зист бошад яке аз масъалаҳои умдаи инсоният мебошад, ки танҳо бо кӯшиши якҷояи давлатҳо ҳал шуда метавонад.

Масъалаи тағйирёбии глобалии иқлим ва зарурати талошҳои муштарак барои рафъи оқибатҳои он ҳамчун мушкилоти ҷиддии замони муосир мавриди таваҷҷуҳи кишвари мо қарор гирифтааст. Бешак яке аз масъалаҳои меҳварии паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро асосан мушкилоти тағйирёбии иқлим, норасоии оби нӯшокӣ, обшавии пиряххо ва таъмини амнияти экологии инсоният ташкил медиҳад.

Ҳанӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ зарурати

чораандешӣ намудани ин мушкилоти глобалиро пештар таъкид намудаанд. Аз ҷумла, зимни ироаи паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2003 чунин қайд намуда буданд: «Эҳтимол дар натиҷаи гармшавии иқлим дар бисёр минтақаҳо ғайричашмдошт бо суръати таҳдидкунанда обшавии пиряххо, ки манбаи оби нӯшокианд, ба назар мерасад. Аз рӯйи мушоҳидаҳои мо дар давоми панҷоҳ соли охир дар кӯҳҳои Помир, ки ганҷинаи табиии оби тоза мебошанд, захираи пиряххо ду баробар кам шудааст. Агар ин ҳолат бетағйир боқӣ монад, оқибатҳои онро тасаввур кардан мушкил нест» [11].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ташаббускор дар арсаи ҷаҳонӣ бештар дар ҳалли масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва пешгирии гармшавии ҳарорати иқлим, ки ба обшавии босуръати пиряххо ҳамчун манбаи асосии оби ширин оварда мерасонад, пазируфта шудааст. Вобаста ба ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон барои кушодани роҳ ба сӯйи ояндаи дурахшон ва нақш гузоштан дар ҳалли проблемаҳои муҳими ҷаҳонӣ сиёсати хориҷиро таҳия ва роҳандозӣ намуд, ки айни замон дар амал татбиқ шуда истодааст.

Э.С. Насриддинзода қайд менамоянд, ки барои тарҳрезӣ намудани сиёсати хориҷии Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми муҳим гузоштааст, ки ин талошҳо дар баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалӣ ниҳоят бузург ва саривақтӣ маҳсуб меёбанд [8, с. 19].

М.З. Баҳромзода бошад дар таҳқиқоти худ зикр менамояд, ки яке аз равандҳои муҳим ва меҳварии иқдомоти байналмилалии Пешвои миллатро дар сатҳи ҷаҳонӣ ин густурда ва ҳамоҳанг сохтани сиёсати кишварҳои минтақа ва ҷаҳон дар самти ҳалли масъалаҳои истифода ва ҳифзи манбаъҳои об барои мавҷудияти бардавоми насли инсоният ташкил медиҳад [2, с. 4].

Дар воқеъ масъалаҳои дар боло ишорагардида бевосита зери таваҷҷуҳи махсуси Пешвои миллат қарор дошта, зимни суханрониҳои худ дар конфронсу минбарҳои созмонҳои сатҳи ҷаҳонӣ садо медиҳанд. Ин бори дигар аз сиёсати хирадмандона ва инсонпарваронаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сатҳи ҷаҳон дарак медиҳад. Аз ин ҷост, ки ба масъалаи муносибати оқилонаю сарфакорона ба об ҳамчун неъмати бебаҳо ва бо чизе ивазнашавандаи табиат Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд. Кишвари мо тайи 20 соли охир ташаббускори фаъоли масъалаҳои марбут ба об дар сатҳи глобалӣ маҳсуб мешавад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ аъзои як қатор ташкилотҳои бонуфуз, аз ҷумла СММ мебошад. СММ ҳамчун ташкилоти бонуфузи байналмилалӣ мебошад, ки дар ҳалли масъалаҳои экологии ҷаҳон саҳми назаррас дорад. Метавон бе муболиға гуфт, ки имрӯз СММ маркази асосии ҳама гуна шаклҳои ҳамкории давлатҳо оид ба ҳифзи муҳити зист ба ҳисоб меравад [6, с. 79].

Дилхоҳ мушкилоти экологӣ танҳо мумкин аст бо кӯшиши якҷояи кишварҳо ҳаллу фасл гардида, он ҳамкории байналхалқӣ ва фаъолияти муштараки давлатҳо, инчунин ташкилотҳои байналхалқиро дар сатҳи маҳаллӣ, минтақавӣ ва универсалӣ талаб менамояд.

Тайи солҳои охир масъалаҳои таъминоти оби нӯшокӣ ва пешгирии гармшавии ҳарорати кураи замин ба мушкилоти экологии глобалии сатҳи аввалиндараҷа табдил ёфта истодааст. Ҳамаи ин дар маҷмӯъ ба тағйирёбии глобалии иқлим тавъам буда, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш ва ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ намуда истодааст.

Бештар масъалаи оби тозаи ошомиданӣ имрӯзҳо дар миқёси сайёра мушкилотро ба бор овардааст, ки Тоҷикистон дар ҳалли ин масъалаи мубрам бетараф нест. Далели ин гуфтаҳоро метавон дар паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004 мушоҳида намуд: «Масъалаи об - масъалаи муҳими глобалӣ ва миллӣ аст, ки паҳлӯҳои зиёд дорад. Ҳарчанд Тоҷикистон дар саргаҳи оби минтақаи Осиёи Марказӣ қарор дорад, вазъияти сол аз сол мураккаб шудани проблемаи таъмини аҳолӣ бо оби тоза ва нақши бузурги захираҳои обӣ дар рушди устувори иқтисоди миллӣ, инчунин манфиатҳои миллӣ моро водор мекунанд, ки дар ҳалли чунин масъалаҳои

муҳими минтақавию глобалӣ фаъолона саҳм гузорем. Бо ин роҳ мо мехоҳем воситаву имкониятҳои ҷомеаи ҷаҳониро барои ҳалли мушкилоте, ки аз ҷумла Тоҷикистон ва минтақаамон бо он рӯ ба рӯ аст, сафарбар намоем» [12].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар масири рафъи мушкилоти глобалии марбут ба об воқеан кишвари ташаббускор муаррифӣ гардидааст. Дар болоравии нуфузи сиёсии кишварамон дар сатҳи байналмилалӣ Пешвои миллат бевосита нақши муассир доранд. Зеро чунин ташаббусҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тасдиқи андешаҳои болост:

– Соли байналмилалии оби тоза (2003);

– Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт» (2005-2015);

– Соли ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи об (2013);

– Даҳсолаи байналмилалии «Амал об барои рушди устувор» (2018-2028).

Дар ҳақиқат ҳаётро бидуни об, аз ҷумла оби ширину ошомиданӣ тасаввур намудан ғайриимкон аст. Маҳз ҳамин хусусиятҳои ин неъмати бебаҳост, ки мавриди таҳқиқ қарор гирифта, роҷеъ ба он муҳаққиқон андешаҳои худро иброз намудаанд.

Масалан, аз нуқтаи назари олими ватанӣ Э.С. Насриддинзода об дар ҷаҳон, махсусан дар Осиёи Марказӣ неъмати бебаҳо, муҳимтарин унсури миллӣ ва амнияти минтақавист. Он дар баробари неъмати истеъмолии зарурии ҳаётӣ будан, асосан дар хоҷагии халқ бо мақсади обёрии замин ва тавлиди энергия истифода бурда мешавад [9, с. 5].

Ба андешаи М.М. Соҳибзода об яке аз сарватҳои табиии беҳамто ва нодир мебошад, зеро қисми зиёди паҳлӯҳои ҳаёти шахс ва ҷомеа (бахусус тандурустӣ, ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ҳифзи муҳити зист ва ғайра) аз истифодаи самараноку оқилонаи об вобаста мебошад. Об худ қисми муҳимми муҳити зист ба ҳисоб рафта, дар таъмини ташаккул ва инкишофи муътадили ҷамъияти инсонӣ нақши аввалиндараҷа дорад. Об ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти одамон ҳифз карда мешавад [13, с. 66].

Инчунин масъалаи аҳаммияти об ҳамчун унсури муҳимми муҳити зист аз нуқтаи назари олимони хориҷӣ низ баҳогузорӣ гардидааст. Олим ва муҳаққиқи рус В.И. Вернадский чунин иброз медорад, ки «об дар таърихи сайёраи мо мавқеи хоссаеро ишғол мекунад. Ягон ҷисми табиӣ ба об баробар шуда наметавонад, чунки об дар тамоми ҷараёнҳои асосии ҳаётӣ, геологӣ, геокимиёвӣ вазифаи асосиро иҷро мекунад» [5, с. 45]. В.Л. Карпинский қайд менамояд, ки «об ин хуни зинда буда, дар он ҷое ҳаёт нест, онро эҳё мекунад». Маҳз ҳамин хусусиятҳои зикршуда аст, ки об ҳамчун яке аз сарватҳои муҳими табиӣ ба ҳифз ва истифодаи оқилона ниёз дорад.

Воқеан ташаббусҳои созандаи Пешвои миллат буд, ки дар зарфи 20 соли охир кишвари азизамон ба яке аз аввалин давлатҳои ҳамоҳангсози рафъкунандаи мушкилоти глобалии оби ошомиданӣ дар миқёси ҷаҳон пазируфта шуд.

Масъалаи дигари нигаронкунандае, ки бар асари тағйирёбии иқлим, яъне гармшавии ҳарорати кураи Замин ба амал омада истодааст, ин обшавии босуръати пиряххо дар тамоми минтақаи олам мебошад.

Тавре ки О. Амирзода таъкид менамояд: «Тоҷикистон кишвари кӯҳсор буда, зуҳуроти тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба захираҳои об ба таври назаррас эҳсоскунанда мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон махзани асосии захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал маҳсуб меёбад ва қисми зиёди ин захираҳо аз пиряххои кишвари мо сарчашма мегиранд. Масъалаи ҳифзи пиряххо ҳамчун унсури ба раванди тағйирёбии иқлим ҳассосу осебпазир муҳимтарин масъала дар назди давлатҳо ва созмонҳои ҷаҳонӣ, алалхусус кишварҳои дорои захираҳои глятсиологӣ ба шумор меравад [1, с. 8].

Э.С. Насриддинзода бошад чунин иброз медорад, ки мушкилоти ҳифзи муҳити зист, аз ҷумла омӯзиш ва ҳифзи пиряххо дар меҳвари таҳқиқоти илмии олимон ва таваҷҷуҳи сиёсати давлативу ҳуқуқии кишварҳои алоҳида, минтақа ва ҷаҳон қарор гирифтааст. Маълум аст, ки об захираи ивазнашаванда, дорои аҳаммияти асосӣ ҷиҳати рушди устувор, нигаҳдории ҳаёт дар сайёра, таъмини саломатӣ ва некуаҳволии мардуми дунё мебошад. Аз ин лиҳоз, бояд масъалаи робитаҳои берунӣ оид ба беҳсозии вазъи мавҷудаи захираи пиряххои ҳудуди мамлакат ва омӯзиш, нигоҳдорӣ ва

ҳифзи онҳо боз ҳам ҷоннок карда шавад [7, с. 15-16].

Дар Тоҷикистон беш аз 8 ҳазор пирях мавҷуд аст, ки қариб 8 фоизи тамоми масоҳати мамлакатро ташкил медиҳанд. Дар пиряхҳо қариб 550 км. мукааб оби ширин ҷамъ шудааст, ки қариб нисфи оби ҷории дарёҳои Тоҷикистонро ташкил медиҳад [3]. Обшавии идомадор ва коҳиш ёфтани пиряхҳо, ки ба тағйирёбии иқлим алоқаманд аст, барои Тоҷикистон боиси нигаронӣ аст, зеро пиряхҳо ва захираҳои барф дар Тоҷикистон манбаи асосии оби ирригатсионӣ мебошанд [14].

Воқеан бори дигар лозим ба зикр аст, ки обшавии бузургтарин пиряхи хушкии ҷаҳонӣ – Федченко намунаи возеҳи ин гуфтаҳо мебошад. Зеро пажӯҳишҳо нишон медиҳанд, ки фақат тӯли 70-80 соли охир ин пирях зиёда аз як километр ақиб рафта, майдони он то 44 километри мураббаъ кам шудааст. Зиёда аз ин, ҳаҷми он 15 километри мукааб коҳиш ёфта, суръати миёнаи таназзули забони пиряхи мазкур соле 16 метрро ташкил медиҳад. Дар шароити имрӯза боз ҳам ташвишовар аст, ки вазъи мавҷуда тамоюли густариш дорад. Чунки тибқи пешгӯиҳои олимону коршиносон, дар ду даҳсолаи оянда ҳарорати миёнаи ҳаво тақрибан 0,2°С баланд мешавад.

Ҳамчунин мисоли дигар овардан мумкин аст. Мутахассисони Маркази яхшиносии Агентии обуҳавошиносӣ соли 2022 зимни таҳқиқот муайян карданд, ки пиряхи Хирсон, воқеъ дар саргаҳи ҳавзаи дарёи Ванҷоб ба масофаи 3 метр ақибнишинӣ кардааст, ки ин аз босуръат об шудани пирях гувоҳӣ медиҳад. Ба ин монанд пиряхҳо дар ҳудуди кишвар хеле зиёданд, ки дар ҳолати обшавӣ қарор доранд [4, с. 2]. Инчунин обшавии пиряхҳо дар Антарктида – қутби ҷанубии Замин ба назар мерасад, ки обшавии он ба афзоиши боз ҳам бештари сатҳи об дар укёнусҳо таҳдид мекунад.

Маҳз ҳамин ҳолат аст, ки Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси 27-уми тарафҳои Конвенсияи қолабии СММ оид ба тағйирёбии иқлим, ки 7-уми ноябри соли 2022 дар Миср баргузор шуд, чунин иброз намуданд: «Мусаллам аст, ки тағйирёбии иқлим ба равандҳои иқтисодиву иҷтимоии экологии кишварҳо дар манотиқи гуногуни олам таъсири бевосита дорад. Аз дидгоҳи мо, яке аз нишондиҳандаҳои асосии ин падида обшавии босуръати пиряхҳо дар натиҷаи гармшавии глобалӣ мебошад. То имрӯз аз 13 ҳазор пиряхи Тоҷикистон як ҳазораш комилан об шуда, ҳаҷми бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ – Федченко ба таври назаррас коҳиш ёфтааст».

Маҳз бо дарназардошти мушкилоти болозикр ва дигар бухронҳои глобалӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон чун кишвари ташаббускор дар раванди тағйирёбии иқлим, мушкилоти экологӣ ва ҳифзи захираҳои обӣ ташаббуси навбатии худро таҳти унвони Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо эълон намудани соли 2025 ва муайян намудани Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряхҳоро пешниҳод намуд.

Дар натиҷаи кӯшишҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 14 декабри соли 2022 зимни иҷлосияи 77-уми Маҷмааи Умумии СММ қатъномае қабул гардид, ки яке аз қатъномаҳои нодир маҳсуб мешавад, зеро дар он ҳам эълони Рӯзи байналмилалӣ ва ҳам Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо дарҷ гардидааст. Ҳамин тавр, ибтикори панҷуми мамлакати мо бо ҷонибдории 153 кишвари узви СММ бо якдилӣ пазируфта шуда, «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» ва санаи «21-уми март – Рӯзи байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» эълон карда шуд.

Бо дарназардошти ин, аз ҷониби СММ пазируфта шудани ибтикори панҷуми кишвари мо дар масоили обу иқлим худ аз сиёсати некбинона ваояндасози экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон зери сиёсати хирадмандона ва дурбинонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гувоҳӣ медиҳад.

Дар робита ба масъалаҳои экологӣ дар мамлакат аз соли 2000 инҷониб ҳуҷҷатҳои банақшагирии ҳадафманд, аз ҷумла 4 стратегия, 8 барномаҳои давлатӣ, 1 консепсия, 4 нақшаҳои миллӣ ва 1 эъломияи нахустини миллӣ қабул ва дар амал татбиқ шуда истодаанд. Аз ин ҳуҷҷатҳо, махсусан ба масъалаи обшавии пиряхҳо то кунун як барнома бевосита ва ду стратегия бавосита қабул ва татбиқ гардида истодаанд [7, с. 17].

Аз тарафи дигар бо мақсади омӯзиш ва ба роҳ мондани мониторинги доимии пиряхҳо ва сарчашмаҳои дигари обии Тоҷикистон бо

қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 марти соли 2018, №162 дар назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон» таъсис дода шуд.

Бояд тазаккур дод, ки роҳандозии ҳамаи ин тадбирҳои муҳим аз қабили таҳия ва қабули барнома, консепсия, стратегия, дурнамо ва таъсиси муассисаи болозикр бо мақсади пешгирӣ ва ҳифзи пиряхҳо аз обшавӣ, аз сиёсати экологии дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳанд.

Албатта тамоми ташаббусҳои пешниҳодгардидаи сатҳи ҷаҳонӣ дар масъалаи тағйирёбии иқлим ва роҳҳои пешгирии пайомадҳои манфии он аз ҷониби мамлакати мо аз як тараф ба нафъи сокинони сайёра буда, аз тарафи дигар ба афзудани мақому нуфузи сиёсии кишварамон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат менамоянд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Амирзода О. Аҳамияти ташаббусҳои ҷаҳонии Тоҷикистон дар соҳаи об // Мароми пойтахт. – №21 [705], чоршанбе, 1.06.2022. – С. 8.
2. Баҳромзода М.З. Нақши матбуоти даврии тоҷик дар инъикоси ташаббусҳои глобалии Тоҷикистон марбут ба об: дис. … номзади илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – 191 с.
3. Барномаи давлатӣ оид ба омӯзиш ва нигаҳдории пиряхҳои Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 майи соли 2010, №209 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).
4. Вафобек О. Муттаҳидӣ ба хотири ҳифзи пиряхҳо // Ҷумҳурият. – №37 [24648], панҷшанбе, 16.02.2023. – С. 2.
5. Вернадский В.И. Живое вещество и биосфера. – М., 1994. – 669 с.
6. Қодирзода М.А. Ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи муҳити зист // Қонунгузорӣ. – 2021. – №1(41). – С. 90-96.
7. Насриддинзода Э.С. Заминаҳои ҳуқуқӣ-стратегии омӯзиш, нигаҳдорӣ ва ҳифзи пиряхҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун омили таъминкунандаи ҳифзи муҳити зист // Маҷаллаи академии ҳуқуқ. – 2022. – №2. – С. 14-19.
8. Насриддинзода Э.С. Ташаббусҳои байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи меҳварӣ дар ҳалли масоили об // Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. – 2022. – №1. – С. 19-23.
9. Насриддинзода Э.С. Ташаббусҳои Тоҷикистон – далели нуфузи ҷаҳонии Эмомалӣ Раҳмон // Мароми пойтахт. – №47 [731], чоршанбе, 21.12.2022. – С. 5-6.
10. Насриддинзода Э.С. Таъсири тағйирёбии иқлим ба вазъи кунунии экологӣ: мушкилот ва роҳҳои ҳалли онҳо // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2019. – №3. – С. 6-14.
11. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 апрели соли 2003. – [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).
12. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2004. – [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).
13. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло – директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 400 с.
14. Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 октябри соли 2019, №482 тасдиқ шудааст // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.03.2023).

**Аннотатсия**

**Инъикоси ҳалли мушкилоти экологӣ дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мақолаи мазкур дар хусуси масоили тағйирёбии иқлим ва оқибатҳои манфии он дар партави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти амнияти экологӣ таҳия гардидааст. Тавре ки маълум аст, тағйирёбии иқлим ва пайомадҳои манфии он аз қабили гармшавии ҳарорати кураи Замин ва обшавии пиряххо тайи чанд соли охир ба маротиб афзоиш ёфта истодааст. Аз ин рӯ, кӯшиш ба он равона гардидааст, ки роҷеъ ба муҳиммияти ҳифзи муҳити зист ва таъмини амнияти экологии сайёра, инчунин ташаббус ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт чанд андешае иброз намоем.

**Аннотация**

**Отражение решения экологических проблем во внешней политике Республики Таджикистан**

В данной статье рассматриваются вопросы изменения климата и его негативных последствий в свете внешней политики Республики Таджикистан в направлении экологической безопасности. Как известно, изменение климата и его негативные последствия, такие как потепление температуры Земли и таяние ледников, за последние годы многократно усилились. Поэтому усилия направлены на выражение некоторых мыслей о важности охраны окружающей среды и обеспечения экологической безопасности планеты, а также об инициативах и достижениях Республики Таджикистан в этой области.

**Annotation**

**Reflection of the solution of environmental problems in the foreign policy of the Republic of Tajikistan**

This article discusses the issues of climate change and its negative consequences in the light of the foreign policy of the Republic of Tajikistan in the direction of environmental security. As you know, climate change and its negative consequences, such as global warming and the melting of glaciers, have intensified many times in recent years. Therefore, efforts are aimed at expressing some thoughts about the importance of protecting the environment and ensuring the ecological safety of the planet, as well as about the initiatives and achievements of the Republic of Tajikistan in this area.



**УДК: 336.221.4**
**Буриева Дилафруз Толибовна,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com*
*Тел.: (+992) 934-11-11-61.*

# МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ АНДОЗИ ЗАМИН

***Калидвожаҳо:*** *андозсупоранда; қонунгузории андоз; пардохтҳо; андоз; замин; қитъаи замин; андози замин; объект; меъёри андози замин; қонунгузории замин; заминистифодабаранда.*

***Ключевые слова:*** *налогоплательщик; налоговое законодательство; платежи; налог; земля; земельный участок; земельный налог; объект; ставка земельного налога; земельное законодательство; землепользователь.*

***Keywords:*** *taxpayer; tax law; payments; tax; Earth; land plot; land tax; an object; land tax rate; land legislation; land user.*

Ҳар як давлат низоми андозу пардохтҳои худро дорад, зеро ситонидани андозҳо яке аз шартҳои мавҷудияти он дар тамоми марҳилаҳои пайдоиш ва рушди давлатдорӣ мебошад. Онҳо барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ва қонеъ гардондани талаботи ҷамъият заруранд.

Вобаста ба ин, чи тавре, ки А. Аминов қайд мекунад «давлат бе андоз амал карда наметавонад, андоз низ дар ҷамъияти муташаккили ғайридавлатӣ вуҷуд надорад» [15, с. 7].

Н.Е. Петухова менависад, ки «зарурияти андоз аз лаҳзаи ташкил ёфтани давлат ба миён меояд, зеро бе таъминоти молиявӣ он амал карда наметавонад» [16, с. 3].

Андоз сарчашмаи муҳими даромади давлат ба ҳисоб рафта, ба буҷети давлат ба андозаи муайян ворид гардида, хусусияти ҳатмӣ, бебозгашт ва беподош дорад. Супоридани андоз ва пардохтҳои дигаре, ки қонун муайян кардааст вазифаи ҳар як шахс ба ҳисоб меравад. Чуноне, ки дар моддаи 45 Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст супоридани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муайян кардааст, ҳатмӣ аст [1, м. 45].

Тибқи Кодекси андози ҶТ андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет мебошад, ки ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад (ба истиснои андози иҷтимоӣ). Андозҳо бо воҳиди пулӣ ҳисоб ва бо пули миллӣ пардохт карда мешаванд, агар Кодекси мазкур тартиби дигареро пешбинӣ накарда бошад [2, с. 23].

И.И. Янжул дар зери мафҳуми андоз «хайрхоҳии яктарафаи иқтисодии шаҳрвандон ё субъектҳо, ки давлат ё дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба сабаби намояндаи ҷамъият буданашон аз моликияти шахсии худ бо роҳи қонунӣ ва ба таври легалӣ ситонида, барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти зарурии иҷтимоӣ ва хароҷоти онҳо»-ро мефаҳмад [17, с. 244].

А.А. Исаев бар ин назар аст, ки андозҳо пардохтҳои ҳатмии пулии хоҷагиҳои хусусӣ мебошанд, ки барои пӯшонидани хароҷоти умумии давлат ва воҳидҳои худидоракунӣ хизмат мекунанд [18, с. 25].

Кодекси андози ҶТ ду намуди андозро муайян намудааст: андозҳои умумидавлатӣ ва маҳаллӣ. Яке аз андозҳои муҳими маҳаллӣ андози замин ба ҳисоб меравад. Дар қонунгузории ҶТ истилоҳи «андози замин» истифода гардидааст, аммо бо дарназардошти таҳлили қонунгузорӣ ва амалияи низоми андозбандии ҶТ истифода намудани истилоҳи «андоз аз қитъаи замин» дар қонунгузорӣ қобили қабул аст.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии асосие, ки муносибатҳо вобаста ба андоз аз қитъаи заминро ба танзим медароранд Кодекси андози ҶТ, Кодекси замини ҶТ, Қарори Ҳукумати ҶТ

аз 30 апрели соли 2021, № 178 «Дар бораи меъёрҳои андози замин ва андорзи ягона барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ» барои солҳои 2020-2024 ва дигар санандҳои муъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Мувофиқи Кодекси андози ҶТ қитъаҳои замин заминҳое мебошанд, ки тибқи қонунгузорӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда ё бе онҳо барои истифода дода шудаанд ё амалан истифода мешаванд. Мафҳуми болозикр собит менамояд, ки ба заминистифодабарандагон қитъаҳои замини муайян барои истифода дода мешавад, бинобар ин истифода намудани истилоҳи «андоз аз қитъаи замин»-ро мувофиқи мақсад мешуморем.

Дар назарияи андозҳо ба андози замин ҳамеша аҳамияти калон дода мешуд. Дар нимаи дуюми асри XVIII физиократҳо Анне Роберт Жак Тюрго ва Франсуа Кенэ ба тарафдории бекор кардани ҳамаи андозҳои мавҷуда, ҷорӣ намудани режими савдои комилан озод ва ҷорӣ намудани андози ягона аз замин даъват карданд [9].

Андоз аз қитъаи замин бо истифодаи замин ҳамчун воситаҳои асосии истеҳсолот дар хоҷагии қишлоқ зич алоқаманд аст. Мақсад аз ҷорӣ намудани андози замин таъмини истифодаи оқилонаи замин ва ташаккули даромади буҷет барои эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақаҳо мебошад. Маблағи андоз барои заминсозӣ, азхудкунии ҳудудҳои нав, барои ҳавасмандгардонии иқтисодии заминистифода-барандагон истифода мешавад.

Захираҳои маҳдуди замин барои истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ таҳияи системаи андозбандиро талаб мекунад, ки истифодаи оқилона ва ҳифзи замин, баланд бардоштани ҳосилхезии хок ва баробар кардани шароити иҷтимоию иқтисодии заминҳои сифаташон гуногунро таъмин намояд.

Андоз аз қитъаи замин бояд барои маблағгузории заминсозӣ, мониторинг ва кадастри замин, ҳифзи замин ва беҳтар намудани сифати замин, азхудкунии заминҳои нав, ҷуброни хароҷоти худи заминистифодабарандагон ва барои баланд бардоштани ҳосилхезӣ; баргардонидани қарзҳои барои ин фаъолият додашуда ва пардохтҳои муқарраршуда ба истифодабарандагон, заминистифодабаранда-гоне, ки дар заминҳои ҳосилхезиашон паст бо истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ машғуланд, истифода шавад [11, с. 8].

Замин ҳамчун объекти андозбандӣ ҳам барои давлат дар маҷмӯъ ва ҳам барои минтақаи алоҳида муҳим аст. Аз сабаби маҳдуд будани захираҳои замин ва имконияти истифодаи бисёрфунксионалии замин, яъне ҳамчун асоси ҳудудӣ, захираҳои табиӣ ва воситаҳои асосии истеҳсолот андозбандии замин дар системаҳои андози ҷаҳон ба самти афзалиятнок ва муҳим табдил ёфтааст.

Сарфи назар аз он, ки дар давлатҳои хориҷа замин асосан дар баробари биною иншооти дар он воқеъгардида андозбандӣ карда мешавад, чунин низоми андозбандӣ на танҳо ба буҷетҳои маҳаллӣ ба таври доимӣ ворид шудани маблағҳо, балки тақсимоти одилонаи бори андозро таъмин намуда, инчунин ба дарки ҷомеа ҷиҳати андозбандии молу мулки ғайриманқул таъсири мусбат мерасонад [6, с. 38].

Дар давлатҳое, ки андозбандии замин ҳамчун як қисми андози молу мулки ғайриманқул амалӣ карда мешавад (аз қабили Олмон, Италия, Финляндия, Фаронса, Швейтсария, Шветсия, Латвия, Полша, Аргентина, Чили) барои тақсими одилонаи андоз, бо дарназардошти хусусияти иҷтимоии меъёри ягонаи андозро истифода мебаранд [7, с. 35-36].

Гузашта аз ин, дар хориҷа андози замин на танҳо як пардохти ҳатмӣ, балки, баръакс, пардохти комилан ихтиёрӣ барои хизматҳои давлатӣ, ки аз ҷониби шаҳрдорӣ пешниҳод карда мешавад, ба ҳисоб меравад. Масалан, дар Олмон даромади андоз аз замин ҳамчун ҷузъи андози молу мулки ғайриманқул дар маблағгузории корҳои маҳаллӣ, аз қабили сохтмони роҳ, пешгирии сӯхтор, таъмини мактабу боғчаҳо нақши калон мебозад [8, с. 6].

Дар даромади буҷетҳои маҳаллӣ андози замин, ки метавонад ҳамчун андози мустақил ё ҳамчун қисми андози молу мулки ғайриманқул ситонида шавад, саҳми зиёдро ишғол мекунад. Чунончи, дар ИМА ҳиссаи андози замин дар даромади умумии буҷетҳои маҳаллӣ тақрибан 40-45 %, дар Канада - 40 %, дар Фаронса, Олмон ва Руминия - аз 19 то 25 %, дар Полша

14 %, дар Англия ва Литва - 13 %-ро ташкил медиҳад.

Ба андешаи мо барои пурра дарк намудани мазмун ва моҳияти андоз аз қитъаи замин ба мо муайян намудани худи мафҳуми андоз аз қитъаи заминро зарур мешуморем. Чунон, ки И.Б. Лагутин дуруст қайд кардааст, «ҳар як илм, аз ҷумла илми ҳуқуқшиносӣ, системаи категорияҳо, мафҳумҳо ва истилоҳоти худро дорад ва мафҳумҳо аз ҷиҳати аҳамият, дараҷаи муҳимияти таъсиррасонӣ ба он ва аз рӯйи нақши худ дар шинохти равандҳое, ки дар ин илм ба амал меоянд, аҳамияти нобаробар доранд [14, с. 11].

Параграфи 2 боби 48 Кодекси андози ҶТ андоз аз молу мулк, аз ҷумла андоз аз қитъаи заминро муқаррар кардааст. Тибқи муқаррароти мазкур андоз аз қитъаи заминро заминистифодабарандагоне, ки ба онҳо қитъаҳои замин барои истифодаи бемуҳлат, муҳлатнок ва меросии якумра дода шудаанд, заминистифодабарандагоне, ки воқеан қитъаҳои заминро истифода мебаранд, ба истиснои ифодабарандагони низоми ягонаи кишоварзӣ, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият мекунанд, пардохт менамоянд [4, с. 148].

Ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ, тибқи шартномаи иҷора қитъаи замин ба онҳо дода шудаанд, андозсупоранда эътироф карда намешаванд. Дар ин сурат иҷорадиҳанда супорандаи андоз аз қитъаи замин дониста мешавад.

Пулакӣ будани истифодаи қитъаи замин дар Кодекси замини ҶТ низ муайян гардидааст. Истифодаи замин дар ҶТ пулакӣ мебошад. Пули замин ҳар сол дар шакли андози замин, иҷорапулӣ дар муҳлатҳои муқарраргардида ситонида мешавад [3, м. 32].

Маблағи андози замин ба натиҷаи фаъолити хоҷагидории истифодабарандаи замин вобаста набуда, дар шакли пардохтҳои устувор барои воҳиди масоҳати замин ба ҳисоби як сол муқаррар карда мешавад [4, с. 149].

Асосҳо барои муайян намудани андози замин бо дарназардошти муқаррароти банди 10 Дастурамал оид ба ҳисоб ва пардохт намудани андозҳо аз молу мулки ғайриманқул аз 25 июни соли 2013, ҳуҷҷатои тасдиққунандаи истифодаи замини (ҳуҷҷатои кадастри замин) заминистифодабаранда ё истифодабарии воқеии замин мебошад.

Агар масоҳати замини амалан истифодашаванда, назар ба масоҳати замини мутобиқи ҳуҷҷатҳои кадастри замини андозсупоранда зиёд бошад, бо мақсади андозбандӣ масоҳати замини амалан истифодашаванда қабул карда мешавад.

Ба масоҳати андозбандишаванда ҳамаи заминҳои вобасташуда, аз ҷумла, заминҳои зери биноҳо, иншоот, қитъаҳои замине, ки барои нигаҳдории онҳо заруранд, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд [5, с. 215].

Ба андешаи С.И. Калинин андози маҳаллӣ - пардохти ҳатмӣ ва инфиродӣ дар ҳудуди шаҳрҳо ва маҳаллҳо ба ҳисоб рафта, аз ташкилотҳо ва шахсони воқеӣ дар шакли бегона кардани маблағҳои дар моликият, идораи хоҷагидорӣ ё идораи оперативӣ ба онҳо тааллуқдошта, ки якҷоя аз тарафи давлат ва мақомоти дахлдор муқаррар, амалӣ ва ба буҷети мақомотҳои дахлдор ворид карда мешаванд [10, с. 16].

Вобаста ба мафҳуми андоз аз қитъаи замин дар миёни олимон ва ҳуқуқшиносон мавқеъ андешаҳои гуногун вуҷуд доранд.

Тибқи мавқеи аввал, андоз аз қитъаи замин яке аз шаклҳои пардохт барои истифодаи замин дар баробари иҷора ва нархи меъёрии замин мебошад. Аз худи номи ин категорияҳо маълум мешавад, ки пардохт барои истифодаи замин танҳо иҷора мебошад, ки яке аз шаклҳои муносибатҳои молумулкии гражданӣ мебошад. Андоз аз қитъаи замин категорияи муносибатҳои фискалӣ (андозӣ) байни давлат ва заминистифодабарандагон мебошад.

Мавқеъи дуюм (намояндагон В. П. Безобразов, И. М. Кулишер ва дигарон) чунин мешуморад, ки шакли ситонидани андоз аз қитъаи замин вобаста аз соҳиби замини кишоварзӣ – давлат ё шахси дигар муайян карда мешавад. Тарафдорони ин равиш ду намуди муносибатро миёни «давлат - соҳиби замин» ва «давлат (соҳиби замин) - соҳибмулк ва истифодабарандагони қитъаи замин», баррасӣ менамоянд. Андоз аз қитъаи замин ва пардохти замин ҳамчун ду пардохти гуногун

баррасӣ карда мешаванд: якум ҳангоми дар моликияти давлат қарор надоштани қитъаи замин, дуюм - дар моликияти давлат қарор доштани қитъаи замин ситонида мешавад.

Мавқеъи сеюм (Н.Н. Корнева, О.И. Бундина, Р.Р. Ярулли ва дигарон) тарафдорони ин равиш андоз аз қитъаи заминро ҳачун шакли мушаххаси ситонидан ва азнатақсимкунии рентаи замин мешуморанд. Ин равиш, ба андешаи мо, аз ҷиҳати назариявӣ дуруст ба назар мерасад, зеро он ба фаҳмиши рентаи замин ҳамчун манбаи андоз асос ёфтааст, ки дар амалия дар натиҷаи ба моликияти давлатӣ ба таври қонунӣ мустаҳкам намудани он ҳамчун пардохти ҳатмӣ мансуб мегардад.

Ба андешаи Р.Р. Яхина андоз аз қитъаи замин шакли муносибатҳои молиявии байни давлат ва соҳибмулки (соҳиби замин, истифодабаранда) замин оид ба ситонидани рентаи замин ба буҷет мебошад, ки андозаи он аз ҳосилхезӣ, ҳолати экологии хок, ҷойгиршавии қитъаи замин ва ҳосилнокии маблағҳои иловагии асосӣ, ки бо мақсади васеъ намудани такрористеҳсолкунии замин ҳамчун системаи таркибии омилҳои рентаташкилкунанда ба амал бароварда мешаванд, вобаста аст [12, с. 7-9].

М.Н. Миляков андозҳоро ба молумулкӣ (андози нақлиёт), андоз аз даромад (андоз аз даромади ташкилот), андозҳои истеъмолӣ (андоз аз арзиши иловашуда) ва андоз аз истифодаи захираҳо (андоз аз қитъаи замин) тақсим мекунад [13, с. 18]. Тибқи ин таснифот андоз аз қитъаи замин ба андозҳои аз молу мулк татбиқ намегардад, зеро мақсади ситонидани он ба истифодаи замин ҳамчун сарвати табиӣ алоқаманд аст.

Ба андешаи мо, мансубияти андоз аз қитъаи замин ба андоз аз истифодаи сарватҳо баҳсбарангез аст, зеро ситонидани андоз аз қитъаи замин дар айни замон бо истифодаи замин ҳамчун сарвати табиӣ алоқаманд нест (масалан, қитъаи замин метавонад аз ҷониби андозсупоранда истифода нашавад, аммо ӯ уҳдадор аст, ки андоз аз қитъаи заминро пардохт кунад).

Ба андешаи И.В. Ярдякова андоз аз қитъаи замин - як шакли мутамарказкунии рентаи замин буда, бо истифодаи замин ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар ҳоҷагии деҳқонӣ зич алоқаманд аст. Мақсади он гирифтан ва аз нав тақсим кардани он қисми рентаи дифференсиалии ба давлат тааллуқдошта ва таъмини имкониятҳои баробар барои такрористеҳсолкунӣ ва ҳавасмандгардонии истифодаи оқилонаи замин дар соҳаи кишоварзӣ мебошад.

Вазифаи асосии андоз аз қитъаи замин - ситонидан ва аз нав тақсим кардани рента ба ҳисоб меравад. Андоз аз қитъаи замин бо рентаи замин, нархе, ки барои истифодаи миқдори маҳдуди замин пардохта мешавад, зич алоқаманд аст [19, с. 8].

Ю.С. Киселева ва Н.Л. Гусева чунин мешуморанд, ки андоз аз қитъаи замин ба андозҳои маҳаллӣ мансуб буда, дар ҳудуди ҳамон шаҳрҳо, ки мақомоти намояндагӣ онҳо дар бораи ҷорӣ намудани андоз санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул кардаанд, ҳатмӣ мебошанд [20, с. 54].

Аз гуфтаҳои болозикр метавон гуфт, ки андоз аз қитъаи замин - пардохти ҳатмӣ, бебозгашт ва беподош буда, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои қитъаҳои замини ба ҳуқуқи истифодабарии онҳо тааллуқдошта ситонида мешавад ва ба пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳаллӣ мансуб аст.

Барои фарқ намудани андоз аз қитъаи замин аз дигар намудҳои андоз ҷудо намудани хусусиятҳои фарқкунандаи он зарур аст. Яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи андоз аз қитъаи замин дар унсурҳои (объекти андозбандӣ, манбаи андоз ва меъёри андози замин) он зоҳир мегардад.

Объекти андозбандии андози замин қитъаҳои заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои берун аз маҳалҳои аҳолинишин бо дарназардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаҳои замине мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини ҶТ муайян менамояд. Аз муқаррароти болозикр гуфтан мумкин аст, ки ба сифати андоз аз қитъаи замин танҳо молу мулки ғайриманқул баромад менамояд.

Қайд кардан зарур аст, ки на ҳамаи заминҳои аҳолинишин ба сифати объекти андоз аз қитъаи замин баромад менамоянд, онҳо бо дарназардошти сифат, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии худ андозбандӣ карда мешаванд.

Заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот) дар Кодекси замини ҶТ муайян гардидааст. Тибқи боби 12 Кодекси замини ҶТ ба заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот) инҳо дохил мешаванд.

Заминҳои минтақаҳои истиқоматии шаҳрҳо; заминҳои истифодаи умумӣ; заминҳои истифодаи кишоварзӣ; заминҳои зери боғҳо ва ҷангалу буттазорҳо; заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, қубурҳои магистралӣ ва заминҳои таъиноти дигар; заминҳои зери об ва обанборҳо; заминҳои захираи шаҳрҳо.

Ба заминҳои шаҳрак тамоми заминҳои дохили ҳудуди шаҳрак дохил мешаванд. Ба заминҳои маҳали аҳолинишини деҳот бошад, ҳамаи заминҳое тааллуқ доранд, ки дар дохили сарҳадҳои муқарраршудаи ин маҳали аҳолинишини деҳот воқеъ мебошанд [3, б. 12].

Вале на ҳамаи заминҳои маҳалҳои аҳолинишин объекти андоз аз қитъаи замин мебошанд. Муқаррароти моддаи 353 Кодекси андози ҶТ баъзе аз қитъаҳои заминро аз пардохти андоз аз қитъаи замин озод намудааст.

Объекти андозбандии андози замин мутобиқи қонунгузории замини ҶТ бо дарназардошти ҷойгиршавии қитъаи замин, минтақаи кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин муайян карда мешавад [2, м. 350].

Хусусияти дигари обекти андозбандии андоз аз қитъаи замин дар он аст, ки объекти он, яъне замин, қитъаҳои замин моликияти истисноии давлат ба ҳисоб меравад. Қитъаи замин - қисми замин бо ҳуқуқҳои муайян нисбат ба он, ки гурӯҳи муайян ва намуди иҷозатдодашудаи истифодабарӣ, сарҳади муайяншуда, майдон ва ҷойгиршавӣ дорад [3, м.1[2]].

Моликияти истисноии давлат будани қитъаи замин дар Конститутсия ҶТ ва Кодекси замини ҶТ муқаррар гардидааст. Тибқи моддаи 13 Конститутсия ҶТ замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.

Замин натиҷаи меҳнати инсон набуда, ба сифати боигарии табиӣ эътироф карда мешавад. Несту нобуд кардани он ва бе мақсад истифода намудани он иҷозат дода намешавад. Замин боигарии умумӣ, асоси зиндагӣ ва фаъолияти тамоми мардум ба ҳисоб меравад.

Моликияти истисноии давлат будани қитъаи замин дар Кодекси замини ҶТ низ муқаррар гардидааст. Тибқи моддаи 3 Кодекси мазкур замин дар ҶТ моликияти истисноии давлат буда, давлат истифодаи самараноки онро ба манфиати халқ кафолат медиҳад. Замин объекти табиат, қисми таркибии муҳити зист буда, оқибати истифода бурдани он аз тарафи одамон ба даст овардани маҳсулот аз замин ва истифода бурдани таркиби фоидаовари он мебошад.

Хусусияти дигари андоз аз қитъаи замин дар манбаи андози мазкур ба назар мерасад. Манбаи андоз барои ҳисоб намудани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҳуқуқи истифодаи замин зикргардида ё масоҳати қитъаи замине, ки заминистифодабаранда амалан истифода мебарад (дар ихтиёр дорад), ба истисноі замини аз пардохти андоз озодшуда, мебошад.

Ба масоҳати андозбандишаванда заминҳои вобасташуда аз ҷумла заминҳои зери биноҳо, иншоот, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва қитъаҳои замини дигаре, ки барои нигоҳдории бинову иншоот заруранд, дохил мешаванд. Барои воҳиди алоҳидаи шахси ҳуқуқӣ манбаи андоз масоҳати қитъаи замине мебошад, ки ба чунин воҳиди алоҳида (филиал ё намояндагӣ) дар ҳудуди марзи маъмурии дахлдор вобаста шудааст [2, м. 351].

Яке аз хусусияти дигари андоз аз қитъаи замин меъёри андози мазкур мебошад. Меъёрҳои андоз барои як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо назардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои таъиноти кишоварзӣ, бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатии батанзимдарории муносибатҳои вобаста ба замин бо мақоми ваколатдори давлатӣ мувофиқашуда ҳар 5 сол аз ҷониби Ҳукумати ҶТ муқаррар карда мешаванд.

Тибқи моддаи 352 Кодекси андози ҶТ заминҳое, ки аз ҷониби шахсони воқеӣ дар маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва деҳаҳо) истифода карда мешаванд, бо тартиби зерин андозбандӣ мегарданд:

1) масоҳати ҳар қитъаи замине, ки ба заминистифодабаранда мутобиқи ҳуҷҷати тасдиққунанда вобаста карда шудааст, тибқи зербандҳои а) ва б) банди 2 ҳамин қисм андозбандӣ мегардад;

2) маблағи андози замин вобаста ба масоҳати қитъаи замин ва мақсади истифодабарии он бо тартиби зерин ҳисоб карда мешавад:

а) барои қитъаҳои замин, аз ҷумла заминҳои зери биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда ва биноҳои ёрирасони онҳо:

- то 0,12 гектар дар заминҳои обӣ ва то 0,15 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) - тибқи меъёрҳои муқарраргардида;

- аз 0,12 гектар то 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва аз 0,15 то 0,25 гектар дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) - бо меъёри дукаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якум зикргардида;

- зиёда аз 0,20 гектар дар заминҳои обӣ ва дар заминҳои обёринашаванда (лалмӣ) зиёда аз 0,25 гектар - бо меъёри секаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якум муқарраргардида;

б) барои заминҳои бо мақсади амалисозии фаъолияти соҳибкорӣ истифодашаванда, ба истиснои соҳибкорони инфиродии тибқи низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ фаъолияткунанда, бо меъёри панҷкаратаи барои масоҳатҳои дар сархати якуми зербанди а) банди 2) ҳамин қисм муқарраргардида.

Хусусияти дигари андоз аз қитъаи замин дар андозбандии замин аз рӯйи таъиноти мақсаднокиашон мебошад. Тибқи моддаи 3 Кодекси замини ҶТ тамоми заминҳои ҶТ фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд ва мутобиқи таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳои зайл тақсим мешаванд.

1) заминҳои таъиноти кишоварзӣ;

2) заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот);

3) заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар;

4) заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ;

5) заминҳои фонди давлатии ҷангал;

6) заминҳои фонди давлатии об;

7) заминҳои захираи давлатӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки на ҳамаи категорияҳои заминҳо аз рӯйи таъиноти мақсаднокашон андозбандӣ карда мешаванд. Қонунгузории андози ҶТ баъзе аз категорияи заминҳоро аз андозбанӣ озод намудааст.

Хулоса, ба андешаи мо андоз аз қитъаи замин - пардохти ҳатмӣ, бебозгашт ва беподош буда, ки аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои қитъаҳои замини ба ҳуқуқи истифодабарии онҳо тааллуқдошта ситонида мешавад ва ба пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷети маҳаллӣ мансуб аст. Андоз аз қитъаи замин бо истифодаи замин ҳамчун воситаҳои асосии истеҳсолот дар фаъолияти хоҷагидорӣ зич алоқаманд аст. Мақсад аз ҷорӣ намудани андози замин таъмини истифодаи оқилонаи замин ва ташаккули даромади буҷет барои эҳтиёҷоти иҷтимоии минтақаҳо мебошад. Маблағи андоз барои заминсозӣ, азхудкунии ҳудудҳои нав, барои ҳавасмандгардонии иқтисодии заминистифодабарандагон истифода мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд. – Душанбе: Ганч, 2016. – 64 с.

2. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1444 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 2021. – №1844; 2022. – №1867.

3. Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – №23-24. – Мод. 333; 1999. – №5. – Мод. 59; 2001. – №4. – Мод.176; 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; 2006. – №7. – Мод. 347; 2008. – №1. – қ. 2. –

Мод. 22. – №6. – Мод. 463; 2011. – №3. – Мод. 171; 2012. – №4. – Мод. 269; №8. – Мод. 828; 2006. – №199; 2008. – №357; 2008. – №405; 2011. – №704; 2012. – №819; 2012. – №891; 2016, №1363.

4. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархурдинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: “Андалеб Р”, 2015. – 360 с.
5. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 396 с.
6. Павлий А.С., Паскевич А.О. О социальной направленности формирования и использования платы за землю: международный опыт и рекомендации для Донецкой народной республики. Вестник института экономических исследований. – 2016. – №4. – С. 37-45.
7. Bird R. Land and property taxation in 25 countries: a comparative review / R. Bird, E. Slack // CESifo DICE Report. – 2005. – №3. – Pp. 34-42.
8. Karl M. The fiscal reform of land tax in Germany / M. Karl // FIG Working Week. – 2012. – №6. – Pp. 1-7.
9. Fraenckel A. The Physiocrats and Henry George. – URL: http://www.cooperativeindividualism. org/fraenckel-axel_physiocrats-and-henry-george-1929.html; Steiner Ph. Physiocracy and French Pre-Classical Political Economy // Biddle J. E., Davis J. B., Samuels W. J. A Companion to the History of Economic Thought. – Blackwell Publishing, 2003. – P. 341.
10. Калинин С.И. Проблемы правового регулирования местных налогов в российской федерации: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Москва, 2008. – 26 с.
11. Голубева Е.А. Земельньй налог сельскохозяйственных товаропроизводителей: автореф. дис. … канд. эком. наук. – Москва, 2000. – 26 с.
12. Яхина Р.Р. Земельный налог с сельскохозяйственных угодий как регулятор их эффективного использования: автореф. дис. … канд. эком. наук. – Оренбург, 2005. – 24 с.
13. Миляков М.Н. Налоговое право: учебник. – М.: ИНФРА-М., 2008. – 383 с.
14. Лагутин И.Б. Понятие регионального финансового контроля // Финансовое право. – 2009. – №7. – С. 11-14.
15. Аминов Г.А. Налоги как признак государства: автореф. дис. … канд. юрид. наук. – М., 2012. – 24 с.
16. Петухова Н.Е. История налогообложения в России IX-XX вв.: учебник пособие. – М., 2008. – 512 с.
17. Янжул И.И. Основные начала финансовой науки. Учение о государственных доходах (из серии «У истоков науки финансового права»). – М.: «Статут», 2002. – 555 с.
18. Исаев А.А. Очерки теории и политики налогов. – М., 2004. – С. 25-30.
19. Ярдякова И.В. Совершенствование земельного налога с применением земельной ренты: автореф. дис. … канд. эком. наук. – Бишкек. 2011. – 25 с.
20. Киселева Ю.С., Гусева Н.Л. Актуальные вопросы экономики региона: анализ, диагностика и прогнозирование// Материалы XV международной студенческой научно-практической конференции. – 2016. – С. 54-56.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва хусусиятҳои андози замин**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва хусусиятҳои андози замин дар асосӣ адабиёти илмӣ ва қонунгузорӣ таҳлил гардида, аз ҷониби муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои андози замин пешниҳод гардидааст. Ҳамзамон ҷиҳати такмили қонунгузории андоз ва қонунгузории замин таклифҳои мушаххас пешниҳод гардидааст.

**Аннотация**

**Понятие и особенности земельного налога**

В данной статье анализируются понятие и признаки земельного налога в основном в научной и законодательной литературе, а также автором представлены определение и признаки земельного налога. Вместе с тем внесены конкретные предложения по совершенствованию налогового и земельного законодательства.

**Annotation**

**The concept and features of land tax**

This article analyzes the concept and features of the land tax, mainly in the scientific and legislative literature, and the author presents the definition and features of the land tax. At the same time, specific proposals were made to improve tax and land legislation.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО



**УДК: 341.4**
**Ҳомидова Манзура Файзуллоевна**,
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*
*E-mail: manzura.faizieva@gmail.com*
*Тел.: (+992) 927-83-07-05.*

# ХУСУСИЯТИ НИЗОМНОКИИ АДОЛАТИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ СУДИИ ҶИНОЯТӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи байналмилалӣ; ҳуқуқи ҷиноятии фаромиллӣ; ҷиноятҳои байналмилалӣ; низоми судии байналмилалӣ; низоми судии дохилидавлатӣ.*

***Ключевые слова:*** *международное право; транснациональное уголовное право; международные преступления; международная судебная система; национальная судебная система.*

***Key words:*** *international law; transnational criminal law; international crimes; international judicial system; national judicial system.*

«Имрӯзҳо равандҳои геополитикӣ ҳамоно мураккабу печида боқӣ монда, боиси афзоиши мухолифату низоъҳо, шиддат гирифтани рақобат ва талоши кишварҳо барои тавсеаи нуфуз дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон гардидаанд» [1]. Вазъиятҳои мураккаби сиёсӣ ва воқеии минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз вайроншавии ҷиддии принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ба амалияи густурдаи ташкил ва фаъолияти мақомоти судии байналмилалӣ, ки соҳаи татбиқи ҳуқуқи байналмилалии ҷиноятист, мусоидат мекунад. Ин мақомот адолати байналмилалии ҷиноятиро амалӣ мегардонанд.

То имрӯз якчанд моделҳои институтсионалии таъсис, ташаккул, танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти байналмилалии адлияи ҷиноятӣ арзи вуҷуд доранд [2]. Модели аввалини институтсионалӣ, ки ҳамчун мақомоти ёрирасони Шӯрои Амнияти СММ таъсис дода шудаанд, инҳоро дар бар мегирад:
- Трибунали байналмилалӣ оид ба таъқиби ашхосе, ки барои вайронкунии ҷиддии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона (аз соли 1991 дар қаламрави собиқ Югославия содир шудаанд) [3];
- Трибунали байналмилалии ҷиноятӣ оид ба таъқиби шахсоне, ки барои генотсид ва дигар вайронкуниҳои ҷиддии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии башардӯстонаи дар қаламрави Руанда содиршуда ва шаҳрвандони Руанда (барои генотсид ва дигар чунин вайронкуниҳо аз 1 январи соли 1999 то 31 декабри соли 1994 дар қаламрави давлатҳои ҳамсоя содир кардаанд) [4] (минбаъд Трибунали байналмилалӣ доир ба Руанда).

Ҳарду ин трибунал дар асоси боби VII - и Оинномаи СММ «Амалҳо оид ба таҳдид ба сулҳ, вайрон кардани сулҳ ва амалиёти таҷовузкорона» таъсис ёфта, мақомоти махсуси судӣ мебошанд. Ба гурӯҳи дуюми моделҳои институтсионалии мақомоти байналмилалии адлияи ҷиноятӣ судҳои (трибуналҳои) омехтаи ҷиноятӣ дохил мешаванд. Мафҳуми «омехта» нисбат ба онҳо ба он ҷиҳат дахл дорад, ки:
- тартиби фаъолият ва салоҳияти онҳо бо маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ (созишномаҳо бо СММ, дигар шартномаҳои байналмилалӣ) ва ҳуқуқи миллӣ (мурофиавии ҷиноятӣ) муайян карда мешавад;
- асоси моддии ҳуқуқии адолати судие, ки аз ҷониби ин гуна судҳо амалӣ мегардад, «омехта» мебошад: ҳуқуқи татбиқшавандаи ин

судҳо меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ва миллиро дар бар мегирад;
- мақомоти судӣ дорои ҳайати омехтаи судяҳо, айбдоркунандаҳо, муфаттишон, кормандони маъмурӣ мебошанд, ки ба он на танҳо намояндагони давлатхое, ки дар он судҳо қарор доранд, балки иштирокчиёни байналмилалӣ (хориҷӣ) дар истеҳсолоти судии ҷиноятӣ дохил мешаванд;
- мақомоти судӣ дорои қобилияти ҳуқуқии омехтаи дохилидавлатию байналмилалӣ буда, дар айни замон онҳо ба низоми судии давлатҳое, ки барои онҳо таъсис ёфтаанд, дохил нашуда, ба истилоҳ судҳои "берунӣ" ҳастанд.

Дар айни замон адлияи байналмилалии ҷиноятӣ ду намуди мақомоти судии омехтаро медонад:

1) судҳои махсус, ки мувофиқан ва дар асоси шартномаҳои байналмиилалии давлатҳо бо СММ таъсис дода шудаанд;

2) судҳои аз ҷониби маъмуриятҳои муваққатии СММ дар қаламрави давлатҳои дар онҳо амалиёти муҳофизати сулҳ гузарондашаванда таъсис дода шуда. Ба гурӯҳи якуми судҳои омехта дохил мешаванд:

• Суди махсус оид ба Серра-Леоне, ки дар асоси Созишномаи байни СММ ва Ҳукумати Серра-Леоне барои иҷрои Қатъномаи № 1315 (2000) -и Шӯрои Амнияти СММ аз 14.08.2000 с., таъсис ёфтааст [5].

• Трибунали махсус оид ба Лубнон [6]. Созишномаи байни СММ ва Ҷумҳурии Лубнон дар бораи таъсиси Трибунали махсус аз ҷониби Ҳукумати Лубнон ва СММ мувофиқан 23 январ ва 6 феврали соли 2007 тибқи қатъномаи 1664 (2006) Шӯрои Амнияти СММ аз 29.03.2006 ба имзо расид.

Хусусияти гурӯҳи дуюми судҳои омехта (гибридӣ) аз он иборат аст, ки онҳо аз ҷониби миссияҳои посдори сулҳ таъсис дода мешаванд, ки аз ҷониби СММ дорои ваколатҳои маъмурианд. Мутобиқи он онҳо ваколатҳои мақомоти қонунгузор, иҷроия ва судиро дар маҳалли амалиёти посдори сулҳ амалӣ мекунанд. Ба инҳо дохил мешаванд:

• судҳои омехта дар қаламрави Косово, ки мисли тамоми низоми судии дар доираи амалиёти посдори сулҳи СММ бо иштироки унсури байналмилалӣ таъсис ёфтаанд;

• коллегияҳое, ки дорои салоҳияти истисноӣ оид ба ҷиноятҳои вазнин дар Тимори Шарқӣ аз ҷониби Маъмурияти гузариши СММ дар Тимори Шарқӣ таъсис дода шудаанд.

Модели сеюми мақомоти байналмилалии адолати судии ҷиноятӣ судҳои миллиро дар бар мегирад, ки дар асоси қарорҳои махсус адолати судиро дар парвандаҳои ҷиноятҳои байналмилалӣ бо иштироки судяҳои байналмилалӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ амалӣ мекунанд.

Асоси ҳуқуқии онҳоро қонунгузории давлати манфиатдори дахлдор ташкил медиҳад, ки таъсиси судҳои махсусгардонидашударо дар ҳайати судҳои дохилӣ пешбинӣ намудааст ва дорои салоҳияти маҳдуди предметӣ (нисбат ба ҷиноятҳои байналмилалӣ) бо иштироки судяҳо, айбдоркунандаҳои миллӣ ва байналмилалӣ мебошад. Дар фарқ аз судҳои байналмилалии махсус (ad hoc) ва омехта (гибридӣ), чунин судҳо метавонанд бо истилоҳи "интернатсионалӣ" номида шаванд.

Аввалини онҳо Шуъбаи ҷиноятҳои ҳарбии Суди Босния ва Ҳерсеговина маҳсуб меёбад, ки дар ҳайати панҷ коллегияҳои судӣ амал карда, ба ҳайси суди марҳилаи якум ҳисоб меёбанд. Шуъбаи дахлдори Суди зикршуда парвандаҳои марбут ба генотсид, ҷиноятҳо ба муқобили инсоният ва ҷиноятҳои ҳарбиро баррасӣ менамояд; ҳар як коллегияи судии ин Шуъба адолати судиро дар ҳайати се судяҳо – як судя аз низоми судии дохилидавлатӣ ва ду судя аз низоми судии байналмилалӣ амалӣ мегардонад.

Намунаи дуюми суди миллӣ, ки ба салоҳияти он баррасии парвандаҳои ҷиноятҳои байналмилалӣ бо иштироки судяҳои байналмиллалӣ ва дигар иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дохил мешавад, Коллегияҳои Фавқулодда дар судҳои Камбоҷа марбут ба ҷавобгарӣ кашидан барои ҷиноятҳои дар давраи Кампучияи демократӣ содиршуда мебошад. Юрисдиксияи онҳо нисбати рохбарони олимартабаи Кампучияи Демократӣ ва шахсони гунаҳкор барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва вайронкунии ҷиддии ҳуқуқи байналмилалии башардӯстӣ, одатҳо, шартномаҳои байналмилалӣ бо иштироки Камбоҷа, ки дар муддати 17 апрели соли 1975 то 6 январи соли 1979 содир шудаанд.

Судҳои «интернатсионалӣ» ба тариқи назаррас аз дигар мақомотҳои адолати судии ҷиноятии байналмилалӣ фарқ мекунад, зеро ба низоми судии дохилидавлатӣ шомил мебошанд. Вале онҳо бешубҳа хусусияти байналмилалӣ доранд. Пеш аз ҳама, барои он ки мақсади асосии онҳо ба амал баровардани адолат нисбат ба шахсони гунаҳкор дар содир намудани ҷиноятҳои байналмилалианд.

Чорум ва пешрафтатарин модели институтсионалии кунунии мақомоти байналмилалии адлияи ҷиноӣ - Суди байналмилалии ҷиноятӣ мебошад [7].

Дар танзими фаъолияти мақомотҳои адолати судии ҷиноятӣ гарчанде фарқият ҷой дошта бошад ҳам, асосҳои моддӣ – ҳуқуқӣ оид ба криминализатсияи ҷиноятҳои байналмилалӣ, ки ба юрисдиксияи онҳо дохиланд, ягонаанд.

Тавре дар як қатор ҳуҷҷатҳои СММ қайд шудааст, ҳоло низоми байналмилалии адолати судии ҷиноятӣ ташаккул меёбад, ки дар баробари Суди байналмилалии ҷиноятӣ судҳои миллӣ, судҳои байналмилалӣ ва судҳои омехтаи дорои ҷузъҳои миллӣ ва байналмилалиро дар бар мегирад.

Ҳарчанд сухан махсус дар бораи низоми адолати судии байналмилалии ҷиноятӣ меравад, бояд қайд кард, ки дар айни замон низоми муттаҳидшудаи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии татбиқи адолати судии байналмилалиро дар соҳаи ҳуқуқ танзимкунанда ба пуррагӣ ташаккул наёфтааст. Аммо давлатҳо ва Созмони Милали Муттаҳид, сарфи назар аз ихтилофоти мавҷуда ва масъалаҳои баҳсбарангез, ба сӯи ин ҳаракат мекунанд. Ҳаёт, майлу хохиши ҳамзистии осоишта нишон медихад, ки ин муаммо рӯз аз рӯз мубрамтар мешавад ва инро нодида гирифтан мумкин нест.

Дар сатҳи баҳсҳои илмӣ ягонагии ақидаҳо марбут ба муаммое, ки адолати судии ҷиноии байналмилалӣ оё низоми нав ташаккулёфтаистода аст ё не, мавҷуд нестанд.

Бисёре аз муҳаққиқон мавҷудияти онро барои он рад мекунанд, ки мақомоти адлияи байналмилалӣ, ба андешаи онҳо, бо ҳам алоқаманд набуда, дар тобеияти қатъие, ки барои дигар низомҳои судӣ, чун қоида, дар сатхи дохилидавлатӣ хос аст, нестанд.

Муаллиф бо ҳамраъйӣ бо мавқеъи дар боло зикршудаи СММ чунин мешуморад, ки барои равшанӣ андохтан ва дарки дурустии он ба баррасии асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти адолати судии байналмилалӣ аз рӯи назарияи умумии низомҳои функсионалӣ ва иҷтимоӣ мурoҷиат кардан бамаврид аст. Вобаста ба ин муайян кардани аломатҳои адолати судии байналмилалии муосир имкон медиҳад, ки хусусияти низомии он ба таври асоснок баҳо дода шавад.

Тибқи назарияи умумии низомҳои функсионалӣ «танҳо ҳамин гуна маҷмӯи ҷузъхои ба таври интихобӣ иштирокдоштаро низом номидан мумкин аст, ки дар он таъсири байниҳамдигарии муносибатхо хусусияти таъсири мутақобилаи ҷузъҳо ҷиҳати ба даст овардани натиҷаи муфид равонашударо мегирад. Натиҷа як ҷузъи ҷудонашаванда ва ҳалкунандаи низом, чораест, ки байни ҳама ҷузъҳои дигари он ҳамкории мутамарказро эҷод мекунад» [8].

Таъсири мутақобилаи ҳамдигарӣ ва натиҷаи ниҳоии мусбати фаъолияти мақомотҳои байналмилалии адлияи ҷиноятӣ, ба фикри мо, бо мақсадҳои мушаххасе, ки аҳли ҷамъияти ҷаҳон дар назди онхо мегузорад, муайян карда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022. http://www.prezident.tj Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. (санаи муроҷиат: 27.01.2023).

2. Волеводз А.Г., Волеводз В.А. Современная система международной уголовной юстиции: Хрестоматия. – М.: Изд-во Юрлитинформ, 2009.

3. Устав Международного трибунала для судебного преследования лиц, ответственных за серьезные нарушения международного гуманитарного права, совершенные на территории

бывшей Югославии, от 25 мая 1993 г. // Международное публичное право. Сб. документов. В 2 ч. / Сост. К.А. Бекяшев, Д.К. Бекяшев. Ч. II. М.: Изд-во Проспект, 2006. С. 2711–2719.

4. Устав Международного трибунала для судебного преследования лиц, ответственных за геноцид и другие серьезные нарушения международного гуманитарного права, совершенные на территории Руанды, и граждан Руанды, ответственных за геноцид и другие подобные нарушения, совершенные на территории соседних государств, от 8 ноября 1994 г. // Международное публичное право. Сб. документов. В 2 ч. / Сост. К.А. Бекяшев, Д.К. Бекяшев. Ч. II. М.: Изд-во Проспект, 2006. С. 2719–2726.

5. Соглашение между ООН и Правительством Сьерра -Леоне по созданию специального суда для исполнения Резолюции № 1315 (2000) -и Совета Безопасности ООН от 14.08.2000 г.// http:// https://docs.cntd.ru/document/901897901 (санаи мурочиат: 27.01.2023).

6. Устав Специального трибунала по Ливану// http:// https://www.un.org/ru/law/icty/charter.shtml (санаи мурочиат: 27.01.2023).

7. Римский статут Международного уголовного суда 1998 г. // Международное публичное право. Сб. документов. В 2 ч. / Сост. К.А. Бекяшев, Д.К. Бекяшев. Ч. II. М.: Изд-во Проспект, 2006. С. 2726–2768.

8. Анохин П.К. Принципиальные вопросы общей теории функциональных систем. URL: http://www. raai.org/library/books/anohin/anohin.htm (санаи мурочиат: 27.01.2023).

**Аннотатсия**

**Оид ба хусусияти низомнокии адолати байналмилалии судии ҷиноятӣ**

Дар мақола муаллиф моделҳои гуногуни институтсионалии таъсис, ташаккул, танзими ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти байналмилалии адлияи ҷиноятиро тафсир медиҳад. Бинобар вазъиятҳои мураккаби сиёсии минтақаҳои гуногуни ҷаҳон, нигаронии ҷомеаи ҷаҳонӣ аз вайроншавии ҷиддии принсипҳо ва меъёрҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ташкил ва фаъолияти мақомоти судии байналмилалӣ мубрамияти хоса пайдо мекунад.

**Аннотация**

**О системном характере международного уголовного правосудия**

В статье автор рассматривает различные институциональные модели формирования, правового регулирования, организации и деятельности органов международного уголовного правосудия. Складывающиеся в различных частях земного шара сложные фактические ситуации, озабоченность международного сообщества серьезными нарушениями общепризнанных принципов и норм международного права способствуют широкому распространению практики формирования и деятельности международных судебных органов, что делает более актуальным для исследования данный вопрос.

**Annotation**

**About the systematic character of international criminal justice**

In the article the author considers various institutional models of formation, legal regulation, organization and activities of international criminal justice bodies. The complex factual situations that are developing in various parts of the globe, the concern of the international community with serious violations of the generally recognized principles and norms of international law contribute to the widespread practice of the formation and activities of international judicial bodies, which makes this issue more relevant for research.



**УДК: 343.22**
**Сайдалиев Орзу Илҳомович,**
*докторанти (PhD) курси 2-и Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: orzu-saidaliev97@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-56-77-77.*

# ИНКИШОФИ СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ ҶИНОЯТИИ ШӮРАВӢ

***Калидвожаҳо:*** *инкишоф; субъекти махсус; ҷиноят; қонунгузорӣ; низоми ҳуқуқи шӯравӣ; аломатҳои махсус; кодекси ҷиноятӣ.*

***Ключевые слова:*** *становление; специальный субъект; преступление; законодательство; советская правовая система; специальные признаки; уголовный кодекс.*

***Keywords:*** *development; special subject; crime; legislation; soviet legal system; special signs; criminal code.*

Марҳилаи дигар ва ҳамзамон муҳимми инкишофи субъекти махсуси ҷиноят – ин марҳилаи ташаккули қонунгузории ҷиноятӣ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ ба ҳисоб меравад. У.А. Азиззода марҳилаи ибтидоии ташаккули қонунгузории ҷиноятии шӯравиро ба ду давра тақсим намудааст: 1) аз воқеаҳои инқилобӣ то қабули аввалин қонуни ҷиноятии кодификатсионӣ (1922); 2) кодификатсияи қонуни ҷиноятӣ дар сатҳи умумииттифоқӣ ва ҷумҳуриявӣ [2, с. 228]. Паҳлуҳои алоҳидаи масъалаи субъекти махсуси ҷиноят дар ҳуқуқи шӯравӣ дар таҳқиқотҳои муҳаққиқони ватанӣ У.А. Азиззода [3, 19], З.Х. Зокирзода [10, 11], Ф.А. Бобохонов [8] ва дигарон низ ба назар мерасанд.

Дар марҳилаи аввали инкишофи қонунгузории шӯравӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқие қабул шуда буданд, ки ба аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят низ ишора менамуданд. Дар марҳилаи аввали ташаккули ҳокимияти шӯравӣ чун анъана ҷиноятҳои ҳарбӣ ва ба муқобили ҳокимияти давлатӣ бештар маъмул буданд. Масалан, 14 сентябри соли 1918 КИМ ҶШХ Туркистон ба комиссияҳои фавқулодда ҳуқуқ дод, ки нисбат ба шахсоне, ки ҷиноятҳои зеринро содир кардаанд, ҷазоро дар намуди ҳукми қатл истифода баранд: иштирок кардан дар фитна ба муқобили ҳукумати нав, хиёнат ба давлат, ҷосусӣ, паноҳ додани хоинону ҷосусон, бо мақсадҳои инқилобӣ пинҳон доштани яроқ, иштирок кардан дар оташ задан ва таркишҳо бо мақсадҳои инқилобӣ, бандитизм, ғоратгарӣ ва исёни мусаллаҳона ва ғайра [13, с. 36-37]. Тавре аз намудҳои ҷиноятҳои ишорашуда бармеояд, аксари онҳо дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд.

Мутобиқи баъзе сарчашмаҳо дар қисмати Тоҷикистони Шимолӣ барои содир кардани баъзе ҷиноятҳои дорои аломати субъекти махсус ҷазоҳои вазнин татбиқ менамуданд, ҳатто дар ҷойи содир кардани ҷиноят ба ӯ тир холӣ мекарданд. Масалан, барои ҷиноятҳои хуҷуми мусаллаҳона ё одамкушӣ бо мақсади ғоратгарӣ, қасосгирӣ ва ғайра [2, с. 237]. Ҳамзамон, барои содир кардани ҷинояти авбошӣ, пинҳонӣ тарғиб кардан, нигоҳ доштан ва фурӯхтани самогон (araқи дастӣ) ва нӯшокиҳои спиртӣ, истифода ва паҳн кардани маводҳои мухаддир, фоҳишагарӣ ва бачабозӣ, пинҳон кардан ва хабар надодан оид ба ҷинояти содиршуда ва монади инҳо низ ҳамчун ҷинояти вазнин ба ҳисоб рафта, барои онҳо ҷазоҳои вазнин муқаррар шуда буд [13, с. 38-39].

Дар баъзе сарчашмаҳо дар давраи аввали инкишофи қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ аз ҷиноятҳои иқтисодӣ, ҷиноятҳо бар зидди шахсият, ҷиноятҳои ҳарбӣ сухан меравад, ки дар онҳо аломатҳои субъекти махсус ба назар мерасанд [12, с. 92-93]. Ҳамин тавр, то қабули нахустин қонуни кодификатсионии ҷиноятӣ (соли 1922) санадҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ намудҳои мухталифи ҷиноятҳоро бо аломати субъекти махсус муқаррар ва танзим намуда

буданд. Санаи 24 майи соли 1922 нахустин қонуни кодификатсионӣ – аввалин Кодекси ҷиноятии ҶШФСР қабул гардид, ки дар ташаккули субъекти махсуси ҷиноят нақши калон гузоштааст.

Дар давраи Кодекси ҷиноятии дар соли 1922-и ИҶШС намудҳои алоҳидаи субъекти махсус - шахсони мансабдор, хизматчиёни ҳарбӣ, шахсоне, ки ҷиноятҳои иқтисодӣ содир кардаанд ва ғайра мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Кодекси мазкур ҷавобгарии шахсони мансабдорро барои азхуд кардани моликияти давлатӣ аз рӯйи вазифаи мансабиаш, барои азонихудкунӣ ё азхудкунии моликияти шахсони алоҳида муқаррар карда буд.

Мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» баъдтар дар солҳои 30-юм дар илми ҳуқуқшиносӣ ба таври васеъ марвиди омӯзиш қарор гирифт [6, с. 39]. Дигар муҳаққиқон низ оид ба масъалаи мазкур қайд менамоянд, ки давраи шӯравӣ дар таҳияи қонунгузории ҷиноӣ оид ба сӯиистифода аз вазифа самараноктарин аст, зеро мақомот аз соли 1922, яъне аз соли қабули аввалин санади кодификатсияшуда дар соҳаи қонуни ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳо воқеан ҷазоҳои вазнин татбиқ менамуд [9, с. 9].

Ба андешаи У.А. Азиззода, қисми махсуси Кодекси ҷиноятии соли 1922 маҷмӯи меъёрҳои ҳуқуқиро оид ба намудҳои алоҳидаи ҷиноят ва ҷазо муқаррар менамуд. Дар он чунин намудҳои ҷиноят муқаррар шуда буданд: ҷиноятҳои давлатӣ, сӯиистифода аз мансаб, ҷиноятҳои вобаста ба вайрон кардани ҷудоии калисо ва давлат, ҷиноятҳои иқтисодӣ, ҷиноятҳо бар зидди ҳаёт, саломатӣ, озодӣ ва шаъну шараф, ҷиноятҳои молумулкӣ, ҳарбӣ ва монади инҳо [2, с. 240].

Ҳамин тавр, Кодекси ҷиноятии соли 1922 нахустин санади кодификатсионӣ оид ба масъалаҳои ҷинояткорӣ ва ҷазо ба ҳисоб рафта, ҳамзамон субъекти махсуси ҷиноятро низ муқаррар намуда буд. Дар санади мазкур аломатҳои субъекти махсус дар ҷиноятҳои мансабӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, ҷиноятҳо ба муқобили ҳаёт ва саломатӣ, ҷинсӣ ва ғайра дида мешуд.

Яке аз махсусиятҳои қонунгузории шӯравӣ оид ба субъекти махсус дар он зоҳир мегардад, ки сиёсати ҳуқуқи ҷиноятӣ дар он давра хусусияти худро дошт. Масалан, агар ҷиноятро шаҳрвандони оддӣ содир мекарданд, барои онҳо ҷазои сабуктар татбиқ мегардид, вале агар ҷиноятро намояндагони буржуазия ва дигар шахсони барои давлати шӯравӣ ва ҷамъият хавфнок содир мекарданд, он гоҳ барои онҳо ҷазоҳои вазнин татбиқ карда мешуд [12, с. 151].

Дар ин марҳила як қатор намудҳои дигари ҷиноят фарқ карда мешуданд, ки дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд. Масалан, сӯиистифода кардан аз мансаби хизматӣ, аз тарафи ходимони давлатӣ вайрон кардани қонунҳо, фармону қоидаҳои Ҳокимияти Шӯравӣ, муносибати хунукназарона ё беинсофона дар иҷрои вазифаи худ. Ҳамзамон, босмачиён, пинҳонкунандагони босмачиён, шарикони онҳо, инчунин яроқу молу мулки онҳо баробари босмачиён ҷазо дода мешуданд [2, с. 245].

Маврид ба зикр аст, ки муборизаи мақомотҳои ҷазодиҳанда на танҳо ба муқобили гурӯҳҳои мусаллаҳи инқилобӣ, балки ба муқобили дигар навъҳои ҷиноят, аз қабили қалобӣ, ришвахӯрӣ, ҷиноятҳои зидди шахс, ҷиноятҳое, ки ба давлат ва ҷамъият зарар мерасонд, нигаронида шуда буд ва онҳо аз ҷумлаи ҷиноятҳои хавфнок маҳсуб меёфтанд [1, с. 29-35].

М.М. Муллоев дар ин давраи инкишоф аз ҷиноятҳои хизматӣ, аз қабили порахӯрӣ, сӯиистифода аз ваколатҳои мансабӣ изҳори андеша намудааст [13, с. 53]. Ба андешаи У.А. Азиззода, инкишофи институтҳои ҷиноят ва ҷазо дар ин давра хусусиятҳои хос дошт. Яке аз онҳо баҳодиҳии синфӣ ба кирдорҳои ҷиноятӣ ва барои онҳо таъин кардани ҷазо мебошад. Масалан, татбиқи ҷазоҳо аз рӯйи намуд ва вазнинии ҷиноятҳои якхела ё монанд нисбат ба ашхоси табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз қабили синфи коргару деҳқон, буржуазия ё феодалҳо, инқилобчиён ва босмачиён, ки бо сиёсати ҳокимияти нави шӯравӣ розӣ набуданд, ба назар мерасиданд [2, с. 249].

Тавре аз андешаҳои олимон бармеояд, дар оғози инкишофи ҳуқуқи шӯравӣ ҷиноятҳои дорои субъекти махсус дар қонунгузории ҷиноятӣ муқаррар шуда буданд ва барои онҳо ҷавобгарӣ пешбинӣ шуда буд. Аммо тафовути низоми ҳуқуқи шӯравӣ дар он буд, ки

аломатҳои нави субъекти махсусро муқаррар менамуд. Аз ҷумла, аломатҳои синфӣ.

Дар моҳи феврали соли 1925 бо мақсади мубориза ба муқобили беамалии хизматӣ, рафтори ношоиста ва кирдорҳои нодурусти шахсоне, ки дар мақомотҳои давлатии ҷумҳурӣ вазифаҳои масъулро ишғол намудаанд, суди интизомӣ ташкил гардид, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ нашуда буд [18, с. 23-24]. Барои ҷалобӣ, порахӯрӣ, бюрократизм ҷазои вазнин дода мешуд. Ҳатто барои баъзе ҷиноятҳо, аз қабили ҷосусӣ, шарикӣ бо босмачиён аз ҷониби мансабдорон ҳукми қатл татбиқ мегардид [2, с. 260].

Маврид ба зикр аст, ки аломатҳои субъекти махсус на танҳо дар ҷиноятҳои хизматӣ ва ҳарбӣ, балки дар ҷиноятҳо ба муқобили муносибатҳои оилавӣ низ ба назар мерасид. Масалан, барои ҷиноятҳои додани маҳр, маҷбур кардани зан барои бастани ақди никоҳ, дузанагӣ ва бисёрзанӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар шуда буд [16, с. 180-181]. Дар дигар сарчашмаҳо оид ба намудҳои алоҳидаи ҷиноятҳои оилавӣ сухан меравад. Аз ҷумла, муносибати нодуруст нисбат ба зан, ба шавҳар додани духтарони ноболиғ, дузанагӣ, додан ва гирифтани маҳр барои арӯс, латукӯб кардани занон, ба худкӯшӣ бурдан, арӯсрабоӣ, манъ кардани духтарон аз таҳсил, маҷбур кардани зан ба издивоҷ ё идомаи зиндагии муштарак, инчунин монеъ шудан ба иштироки занон дар чорабиниҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ, маданӣ ва ғ. [22, с. 41]

Ҳамин тавр, то қабул шудани якумин Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон (соли 1935) санадҳои меъёрии ҳуқуқии то инҷониб амалкунанда дар танзими ҷиноятҳои дорои субъекти махсус нақши муҳим ва заминаи воқеӣ гузоштаанд. Дар ин хусус У.А. Азиззода қайд мекунад, ки қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ, қонунгузории ҶШСФР ва қонунгузории ҷиноятии ҶШС Ӯзбекистон дар мубориза ба муқобили ҷинояткорӣ мавқеи махсусро ишғол карда буданд. Ин қонунҳо дар як вақт ба ташаккули қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири муҳим расонида, дар баробари қонунгузории ҷумҳурӣ дар муборизаи зидди ҷинояткорӣ дар Тоҷикистон ва барқарор намудани давлатдории шӯравӣ ва сохти сотсиалистӣ нақши калон бозидаанд [2, с. 274-275].

Санаи 9 майи соли 1935 Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон қабул карда мешавад, ки нахустин санади кодификатсионии кишвар оид ба масъалаи ҷиноят ва ҷазо ба ҳисоб мерафт. Махсусан, дар самти инкишофи институти субъекти махсуси ҷиноят қадами нав ва муҳим дониста мешуд. Баъзе муҳаққиқон қайд мекунанд, ки дар рафти омода ва қабул кардани санади мазкур таҷрибаи татбиқи қонунгузории умумииттифоқии ҷиноятӣ ва давраҳои ташаккул ва инкишофи қонуни ҷиноятии шӯравӣ дар Тоҷикистон ҳамчун сарчашмаи асосӣ истифода шудааст [21, с. 35].Чунин андеша дар таҳқиқотҳои М.М. Муллоев низ ба назар мерасад [13, с. 122-123]. Мо низ ба андешаи муҳаққиқон мувофиқ мебошем. Зеро ҷойи шубҳа нест, ки дар масири таърих ҳар як санади меъёрии ҳуқуқӣ барои санади минбаъда заминаи ҳуқуқӣ гардидааст.

Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1935 аз қисмҳои умумӣ ва махсус иборат буд. Дар он 275 модда, аз он ҷумла 49 моддаи он ба қисми умумӣ, 226 модда ба қисми махсус дохил мешуд. Дар кодекс қариб тамоми доираи мулоҳизаҳо ва сиёсати ҷиноятии он давра нисбат ба кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок мавҷуд буд. Бояд гуфт, ки қисми умумии кодекс аз шаш фасл иборат буда, масъалаҳои умуминазариявии ҷиноятиро фаро мегирифт.

Яке аз гурӯҳҳои ҷиноятҳое, ки дорои субъекти махсус буда, дар кодекси мазкур дида мешуданд, ин ҷиноятҳо бо иштироки ноболиғон мебошад. Кодекси мазкур муносибати махсусро нисбати ноболиғон пешбинӣ кардааст. Асосан чораҳое, ки нисбат ба ҷинояткорони ноболиғ татбиқ карда мешуданд, хусусияти тарбиявӣ доштанд. Масалан, мувофиқи моддаи 23-и Кодекси мазкур тадбирҳои зерини дорои хусусияти тиббию тарбиявӣ нисбати ноболиғони ҷиноятсодирнамуда пешбинӣ гардида буд: а) ба парастории падару модар, фарзандхондагон, парасторон, васиён, хешовандони ноболиғ, агар онҳо имконияти таъминоти ӯро дошта бошанд, ё дигар шахсон ё муассисаҳо супоридани ноболиғ; б) дар муассисаҳои махсуси тиббӣ ва таълимӣ ҷойгир кардан [2, с. 285].

Қисми махсуси Кодекси мазкур аз 12 боб иборат буда, ба намудҳои ҷиноятҳои алоҳида бахшида шудаанд. Масалан, боби якуми он ба ҷиноятҳои зидди ҳокимияти давлатӣ нигаронида шуда, аз ду фасл иборат буд. Дар он ҷиноятҳое муқаррар гардида буданд, ки дар соҳаи ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меоянд ва аксаран дорои аломати субъекти махсус мебошанд. Дар фасли аввал ҷиноятҳои зидиинқилобчиён ва дар фасли дуюм ҷиноятҳои зидди тартиботи ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ шуда буданд. Боби дуюми кодекс ба дигар ҷиноятҳои зидди тартиботи идоракунӣ бахшида шуда буд. Умуман, ҷиноятҳо дар самти хизмати давлатӣ, иқтисодиёт, меҳнат, ҳарбӣ ва ғайраро фаро мегирифт, ки дар ҳар кадоме аз ин гурӯҳҳо аломатҳои субъекти махсус ба назар мерасанд.

Аломатҳои субъекти махсус ҳамзамон дар ҷиноят бар зидди ҳаёт ва саломатӣ низ дида мешаванд, ки кодекси мазкур онҳоро дар боби ҳафтум муқаррар кардааст. Он аз панҷ фасл иборат мебошад: фасли якум меъёрҳои ҷавобгарии ҷиноятиро барои содир намудани ҷиноятхои зидди ҳаёт - куштор, даъват ба худкӯшӣ ва исқоти ғайриқонунӣ фаро мегирифт; дар фасли дуюм меъёрҳои мубориза бар зидди ҷиноятҳои расонандаи ҷароҳатҳои ҷисмонӣ дар ҳама дараҷаҳо, зӯроварӣ нисбат ба шахс ва ташвиқ ё ҷалби ноболиғон ба иштирок дар ҷиноятҳои гуногун, инчунин маҷбур кардани ноболиғон ба ифротгароӣ, танфурӯшӣ, талбандагӣ ва ғайра гурӯҳбандӣ карда шудаанд; фасли сеюм меъёрҳои ҷавобгариро барои ҷиноятҳои ҷинсӣ муқаррар менамуд; дар фасли чорум ҷавобгарии ҷиноятӣ барои дар хатар мондан ва дар фасли панҷум қоидаҳои муборизаи зидди дигар сӯиқасдҳо ба шахс ва шаъну шарафи ӯ (таҳқир ва туҳмат) пешбинӣ гардида буданд [2, с. 290-291].

Бо оғоз шудани Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҷинояткорӣ дар самти муносибатҳои ҳарбӣ меафзояд ва ба ин муносибат ба қонунгузории ҷиноятӣ тағйиру иловаҳо ворид гардида, ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои ҳарбӣ вазнин карда мешаванд. Аз ҷумла барои иҷро накардани ухдадориҳои ҳарбӣ ҷазои қатл муқаррар гардида буд. Дар ин хусус муҳаққиқон низ қайд кардаанд, ки марҳалаи навбатии инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ ва пурзӯр намудани ҷавобгарӣ барои содир кардани ҷиноят ба солҳои ҷанг рост меояд [9, с. 9].

Субъекти махсуси ҷиноят дар ин давра боз ҳам афзуда, таркиби бисёре аз меъёрҳои қонунгузории ҷиноятиро фаро мегирифт ва ҷавобгарии ҷиноятӣ низ барои онҳо вазнин шуда буданд. Махсусан, ҷиноятҳои ҳарбӣ. Дар китобҳои дарсии ҳуқуқи ҷиноятии соли 1938 масъалаи субъекти махсус дар боби «Субъекти ҷиноят» [20, с. 269-270] баррасӣ шудааст, ки дар он тасниф ва намудҳои он мавҷуд буда, вале худи мафҳуми субъекти махсус муайян карда нашудааст.

Тибқи баъзе сарчашмаҳо таҳияи консепсия оид ба субъекти махсуси ҷиноят танҳо аз охири солҳои 50-ум оғоз ёфтааст [14, с. 138]. Аммо андешаи дигар низ ҷой дорад, ки дар назарияи ҳуқуқ аз замонҳои қадим муқаррароте вуҷуд дошт, ки мувофиқи он намудҳои алоҳидаи ҳуқуқвайронкунӣ танҳо аз ҷониби категорияҳои алоҳидаи шахсон содир карда мешаванд. Вале дар он замонҳо бештар ҷиноятҳои мансабӣ ва ҳарбӣ ба назар мерасиданд. Чунин назар дар таҳқиқотҳои А.Ф. Бернер [7, с. 322-323] ба назар мерасанд.

Дар дигар сарчашмаҳо аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят бо назардошти тобеъияти динӣ, миллат, мансаб ва монанди инҳо нишон дода шудааст [17]. Э.А. Бачури қайд мекунад, ки ташаккули фаъолонаи мафҳуми «субъекти махсуси ҷиноят» дар охири солҳои 50-ум оғоз ёфт. Дар асри XX бо нашри монографияи В. Орлов «Субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятии шӯравӣ», ки дар он боби алоҳида ба субъекти махсус бахшида шудааст, баъзе паҳлӯҳои масъала равшан мегардад [6, с. 39].

Ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар таълимоти асри XIX – ибтидои асри XX оид ба субъекти махсуси ҷиноят андешаҳои махсус мавҷуданд, ки хусусияти инкишофи таҳавулотии ин мафҳум ва робита бо институти шарикиро инъикос мекунанд. Махсусан қайд кардан лозим аст, ки субъекти умумие, ки бо субъекти махсус дар ҷиноят иштирок кардааст, мувофиқи конунгузории давраи баррасишаванда барои ҷинояти умумӣ ҷавобгар буд ё ҷавобгарии ӯ бо қоидаи махсус танзим карда мешуд [15, с. 280].

Дар солҳои 50 ва 60-ум қонунгузории нави ҷиноятӣ қабул гардида, масъалаи

субъекти махсуси ҷиноятро дар марҳилаи пасазҷангӣ танзим менамуд. Дар ин марҳила институти субъекти махсус тибқи Асосҳои қонунгузории ҷиноятии ҶШСР аз 25 декабри соли 1958 ва баъдан Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон аз 17 августи соли 1961 танзим карда мешуданд. Дар Кодекси нав (1961) синну соли ҳадди ақкали эҳтимолии ба ҷавобгарӣ кашидан аз 14 то 16-солагӣ муқаррар шуда, ҳангоми содир кардани ҷинояти хавфи бузурги ҷамъиятии ноболиғ ба ҷойи ҷазои ҷиноятӣ истифодаи чораҳои тарбиявӣ пешбинӣ шуда буд.

Дар Кодекси мазкур ҷиҳати ворид намудани тағйиру иловаҳо байни олимон баҳсу мунозираҳои мухталиф ҷой дошт, ки ба масъалаи субъекти махсус низ робита доштанд. Масалан, яке аз чунин баҳсҳо ворид намудани ҷиноятҳо дар самти нақлиёт ба кодекс ба ҳисоб меравад. Баъзе аз олимони давраи шӯравӣ боби алоҳида ҷудо намудан ба масъалаи мазкурро дастгирӣ кардаанд. Аз ҷумла, Н. Алексеев [4, с. 98]. У.А. Азиззода ҳарчанд дақиқан ном набурда бошад ҳам, вале қайд намудааст, ки ин андеша тарафдорони зиёд дошт [2, с. 299]. Аммо баъзе олимон ин андешаро дастгирӣ намекарданд. Масалан, Е.И. Андрусенко ва М.М. Муллоев [5, с. 124]. Дар ниҳоят андешаи мазкур дастгирӣ наёфт ва чунин боб низ дар Кодекси мазкур мавҷуд набуд.

Дар ин давра зимни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба кодекс масъалаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир намудани ҷиноятҳои иқтисодӣ низ пурзӯр карда шуд. Дар кодекси ҷиноятҳои нав дар самти иқтисодиёт ва савдо ворид карда шуданд. Масалан, моддаи $170^4$ - «Ба таври сунъӣ баланд бардоштан ва нигоҳ доштани нархи баланди молҳои истеъмолии халқ»; моддаи $170^5$ - «Фаъолияти савдои ғайриқонунӣ»; моддаи $170^6$ - «Маҳдуд кардан ва ё қатъ кардани истеҳсол ва ба бозори молҳои истеъмолии халқ пешниҳод кардан» ба кодекс илова карда шуданд. Тавре бармеояд, ҷиноятҳои мазкур дорои аломатҳои субъекти махсус мебошанд.

Ҳамин тавр, Кодекси мазкур то қабули қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистони соҳибистиқлол (1998) амал карда, муносибатҳои ҷиноят ва ҷазо, махсусан субъекти махсуси ҷиноятро дар қаламрави Тоҷикистон танзим намудааст. Аммо то қабули кодекси нав ба он тағйиру иловаҳои зиёд ворид карда шудааст. Дар ин хусус У.А. Азиззода қайд мекунад, ки Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 зиёда аз 30 сол амал мекунад. Ба он як қатор тағйироту иловаҳои калон ворид карда шуданд, ки дигаргуниҳои дар мамлакат ба амаломадаро инъикос менамоянд. Тибқи маълумотҳо аз соли 1961 то қабули Кодекси ҷиноятии соли 1998 ба он беш аз 600 тағйироту иловаҳои гуногун ворид карда шудааст. Тақрибан аз се ду ҳиссаи моддаҳои Кодекси ҷиноятии ҶШС Тоҷикистон соли 1961 аз нав қабул шуда, баъзе моддаҳо чор, панҷ ва ҳатто аз ин ҳам зиёд тағйир дода шудаанд [2, с. 325]. Тибқи баъзе сарчашмаҳо дар Кодексҳои ҷиноятии солҳои 1960 қабулгардида қариб 130 модда субъектҳои махсуси ҷиноятро муқаррар мекарданд [17].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабули Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 21 майи соли 1998 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд. Муқаррар карда шуд, ки кодекс аз 1 сентябри соли 1998 мавриди амал қарор дода, ҳамаи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба ҷиноят ва ҷазоро ба танзим медароранд, бояд ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабулшуда мутобиқ карда шаванд.

Кодекси мазкур то ин ҷониб масъалаи ҷиноят ва ҷазо, махсусан субъекти махсуси ҷиноятро дар Тоҷикистон марвиди танзим қарор медиҳад. Маврид ба зикр аст, ки санади мазкур дар инкишоф ва ташаккули институти субъекти махсуси ҷиноят нақши калон гузошта, меъёрҳои зиёдро оид ба субъекти махсуси ҷиноят дар қисми махсус муқаррар намуд, ки то кунун ҷиҳати ҷавобгарии ҷиноятии субъектони махсуси ҷиноят хизмат карда истодааст.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Абдурахманов М. Необходимость чрезвычайного органа власти в Восточной Бухаре // Ученые записки. Таджикский Госуниверситет им. В.И. Ленина. Кафедры теории и истории государства и права. Т. 2. – Душанбе, 1969. – С. 29-35.

2. Азизов У.А. Эволюция институтов преступления и наказания на территории исторического и современного Таджикистана: историко-правовое исследование: дис. … д-ра юрид. наук. – Душанбе, 2015. – 414 с.

3. Азиззода У.А., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в советской правовой системе / У.А. Азиззода, Ф.А. Бобохонов // Вестник Филиала Московского государственного Университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе / Серия гуманитарных и экономических наук. – 2021. – № 2 (18). – С. 50-64.

4. Алексеев Н.С. Ответственность за преступления, нарушающие работу транспорта в уголовном законодательстве // Вопросы кодификации советского права. – Л., 1958. – С. 97-106.

5. Андрусенко Е.И., Муллаев М.М. Некоторые вопросы системы Особенной части Уголовного кодекса Таджикской ССР // Вопросы кодификации законодательства Таджикской ССР. – Душанбе, 1961. – №7. – С. 111-125.

6. Бачурии Э.А. Специальный субъект преступления: дисс. канд. юрид. наук. – Красноярск, 200. – 228 с.

7. Бернер А.Ф. Учебник уголовного права. Части Общая и Особенная. – СПб., 1866. – 940 с.

8. Бобохонов Ф.А. Ҳифзи ҳуқуқи инсон аз зарари маънавӣ дар низоми ҳуқуқи шӯравӣ Тоҷикистон / Ф.А. Бобохонов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 2. – С. 256-262.

9. Вихрянова А.Е., Тарбагаев А.Н. История выделения должностного лица как специального субъекта должностных преступлений // Меридиан. – 2022. – №1(63). – С. 1-14.

10. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Проблемаҳои мубрами ҳуқуқи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография: нашри аввал / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов. – Душанбе, 2022. – 185 с.

11. Зокирзода З.Х., Бобохонов Ф.А. Защита прав человека от морального вреда в уголовном законодательстве Таджикской ССР / З.Х. Зокирзода, Ф.А. Бобохонов // Консолидация интеллектуальных ресурсов как фактор развития современных исследований: сборник статей II Международной научно-практической конференции (24 февраля 2022 г.). – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – С. 36-42.

12. Кочкина М.В. Административное и уголовное законодательства в условиях становления и эволюции советского государства (октябрь 1917-1929гг.): дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2008. – 198 с.

13. Муллаев М.М. История уголовного права Таджикской ССР. Ч. 1. – Сталинабад, 1960. – 159 с.

14. Орлов В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву. – М., 1958. – 258 с.

15. Рогожкин А.А. Формирование понятия специальный субъект преступления в уголовном праве Российской Империи // Бизнес. Образование. Право // Вестник Волгоградского института бизнеса. – 2014. – № 1 (26). – С. 277-281.

16. Сборник документов по истории уголовного законодательства СССР и РСФСР 1917-1952гг. – М., 1953. – 463 с.

17. Тарасова Ю.В. История формирования понятия специального субъекта преступления. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://wiselawyer.ru/poleznoe/26916-istoriya-formirovaniya-ponyatiya-specialnogo-subekta-prestupleniya (санаи муроҷиат - 20.02.2023).

18. Тахиров Ф.Т. Революционный Комитет Таджикской АССР // Некоторые вопросы теории и истории государства и права: сборник научных работ аспирантов юридического факультета. – Душанбе, 1971. – С. 23-24.

19. Теоретические и прикладные проблемы науки о человеке и обществе: монография. – Петрозаводск: МЦНП «Новая наука», 2022. – 494 с.

20. Уголовное право. Общая часть. – М.: Юридическое издательство НКЮ СССР, 1938. – 408 с.

21. Хамракулов Р. Вопросы теории и практики кодификации уголовного законодательства союзной республики. – Душанбе, 1962. – 160 с.

22. Хасанов С. Советское социалистическое право и коммунистическая нравственность в борьбе с преступлениями, составляющими пережитки феодального быта // Некоторые вопросы теории и истории государства и права: сборник научных работ аспирантов юридического факультета. – Душанбе, 1971. – С. 41.

**Аннотатсия**

**Инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ**

Дар мақолаи мазкур масъалаи инкишофи субъекти махсуси ҷиноят дар қонунгузории ҷиноятии давраи шӯравӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф, бо истифода аз адабиётҳои илмӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ мавҷудияти аломатҳои субъекти махсуси ҷиноятро дар қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ асоснок кардааст. Зимни таҳлили масъала муаллиф ба хулосае омадааст, ки дар қонунгузории ҷиноятии шӯравӣ субъекти махсуси ҷиноят фарогири чунин аломатҳои махсус буд: ҷинсият (марду зан), мансубияти динӣ (тобеи таълимотҳои зардуштӣ, мусулмонӣ ва ғ), сину сол (аз 15 боло), шахсони мансабдор (амирон, вазирон, ходимони давлатӣ ва ғ), ҳарбӣ (сарбозон, фармондеҳон ва ғ), касбият, иқтисодиёт, қасос ва ғайра.

**Аннотация**

**Становление специального субъекта преступления в советском уголовном законодательстве**

В данной статье рассмотрен вопрос становления специального субъекта преступления в советском уголовном законодательстве. Автор, используя юридическую литературу, нормативные правовые акты и мнения отечественных и зарубежных ученых, обосновал наличие в советском уголовном законодательстве признаков специального субъекта преступления. В ходе анализа вопроса автор пришел к выводу, что в советском уголовном законодательстве к специальному субъекту преступления относились такие специальные признаки: пол (мужской и женский), религиозная принадлежность (приверженность зороастризму, мусульманскому учению и др.), возраст (старше 15 лет), должностные лица (эмиры, министры, чиновники и др.), военные (солдаты, командиры и др.), профессионализм, экономия, месть и др.

**Annotation**

**The development of a special subject of crime in Soviet criminal law**

This article discusses the issue of the development of a special subject of crime in Soviet criminal law. The author, using the legal literature, normative legal documents and the opinions of domestic and foreign scientists, substantiated the presence in the Soviet criminal legislation of signs of a special subject of a crime. In the course of the analysis of the issue, the author came to the conclusion that in the Soviet criminal law the following special features were referred to as a special subject of a crime: gender (male and female), religious affiliation (adherence to Zoroastrianism, Muslim teachings, etc.), age (over 15 years old), officials (emirs, ministers, officials, etc.), military (soldiers, commanders, etc.), professionalism, economy, revenge and etc.

## 12.00.14 – ҲУҚУҚИ МАЪМУРӢ; МУРОФИАИ МАЪМУРӢ
## 12.00.14 – АДМИНИСТРАТИВНОЕ ПРАВО; АДМИНИСТРАТИВНЫЙ ПРОЦЕСС



**УДК: 342.92**

**Хоҷаев Шамшод Шоназарович,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.*
*E-mail: shamshodkhodjaev@gmail.com*
*Тел.: (+992) 928-88-36-74.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА НАЗОРАТ ВА КОНТРОЛ ДАР СОҲАИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Калидвожаҳо:*** *идоракунии давлатӣ; назорат; контрол; қонунгузорӣ; танзими ҳуқуқӣ; мақомоти ваколатдори давлатӣ; низом; назорати прокурорӣ; мафҳум; моҳият; ҳокимияти давлатӣ.*

***Ключевые слова:*** *государственное управление; надзор; контроль; законодательство; правовое регулирование; уполномоченные государственные органы; система; прокурорский надзор; понятие; сущность; государственная власть.*

***Keywords****: public administration; supervision; control; legislation; legal regulation; authorized state bodies; system; prosecutor supervision; concept; essence; state power.*

**“Яке аз муҳимтарин масъалаҳои рӯз танзими муносибатҳои вобаста ба хизмати давлатӣ мебошад”**

***Эмомалӣ Раҳмон***

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар роҳи эъмори ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд қадамҳои устувор мегузорад.

Муваффақиятҳои назарраси он аз фаъолияти самараноки дастгоҳи давлатӣ ва хизматчиёни давлатии он вобастагии амиқ дорад. Дар ҳақиқат ҳама гуна давлат бе дастгоҳи давлатӣ ва бе системаи самараноки хизмати давлатӣ арзи вуҷуд дошта наметавонад.

Душвориҳои ҷиддӣ, ки дар марҳилаи имрӯза пайдо мешаванд, дар бисёр ҳолатҳо аз мураккабии вазифаҳои ташаккули сифатан нави системаи хизмати давлатӣ вобастагӣ доранд ва «барои ба сатҳи инкишофи ҷомеа муваффақ шудан, пеш аз ҳама давлат ва фаъолияти мақомоти онро ҳамчун иштироккунандагони бошууронаи ҳаёти ҷомеа мустаҳкам намудан зарур аст».

Дар фазои илми ҳуқуқшиносии муосир яке аз масоили дар доираи баҳсҳои илмӣ қарордошта ин моҳияти ҳуқуқӣ ва мафҳуми падидаҳои назорат ва контрол ба шумор меравад, ки бештар дар раванди идоракунии давлатӣ ба таври хос истифода мегардад.

Албатта аз ҳама бештар масоили назорат ва контрол барои ба таври пурра ва ҳаматарафа мавриди иҷро қарор додани ҳадафҳои функсионалии ҳокимияти давлатӣ ва сохтор ва мақомоту идораҳои марбутаи давлатӣ роҳандозӣ карда мешавад. Аз ин хотир ба риштаи таҳлил ва омӯзиш қарор додани масоили болозикр дар замони мусоир боиси дастгирӣ буда, дар як маврид метавонад барои бавуҷуд омадани ғояҳои нави илмӣ дар самти мазкур гардад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҷеъ ба маҳз табиати ҳуқуқӣ ва нақшу манзалати падидаҳои назорат ва контрол дар раванди амалинамоии салоҳият ва ваколатҳои қонунгузорӣ муқаррарнамуда Имомов А., Ойев Х., Санавваров Ғ.Б., Шукуров Н., Ализода Ҷ., ва дигарон мавриди баррасии илмӣ қарор додаанд. Таваҷҷуҳи олимони болозикр гувоҳи он мебошад, ки дар кишвар нисбат ба амалигардии назорат ва контрол дар раванди идоракунии давлатӣ диққати бештарро ба худ

ҷалб намуда, хислати актуалиро касб намуда истодааст.

Ба андешаи олими соҳа Ойев Х., идоракунии давлатӣ, ки тавассути фаъолияти мақомоти сершумори давлатӣ амалӣ карда мешавад, дар шароити бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлатӣ ҳуқуқбунёд тақозо менамояд, ки ин фаъолияти субъектон ва дигар иштирокчиёни муносибатҳои идоракунӣ дар қонун ба роҳ монда шавад.

Талаботи болозикр аз муқаррароти моддаи 10 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[1] бармеояд, ки давлат ва ҳамаи мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо вазифадоранд Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд[2, с.81].

Барои то чӣ андоза дар заминаи қонун иҷро намудани вазифа ва салоҳиятҳои мақомоти давлатӣ ва дигар иштирокчиёни идоракунии давлатӣ анҷом додани функсияи контрол ва назорат нақши бағоят муҳимро мебозад.

Аз ин рӯ, мустаҳкам намудани қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ анҷом додани як қатор корҳои ташкилию ҳуқуқиро тақозо мекунад. Аз ҷумла, такмил додани низом ва сохтори мақомоти ҳокимияти иҷроия, муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии онҳо, тафриқа намудани ҳуқуқҳо, вазифаҳо ва салоҳиятҳои хидматчиёни давлатӣ, ки ҳайати шахсии мақомоти ҳокимияти иҷроияро ташкил медиҳанд, муқаррар намудани ҳадду ҳудуди масъулияти шахсии онҳо, қабули санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ, ки тартиби маъмурӣ ва судии барқарор ва ҳифз намудани ҳуқуқҳои шаҳрвандонро муайян менамояд, тадбирандешӣ баҳри эҳтиром гузоштан ба талаботи қонун, баланд бардоштани сатҳҳои фарҳанги ҳуқуқӣ, якҷоя ва ҷудо намудани вазифаҳо ва функсияҳои субъектони идоракунӣ ва ғайра воситаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии таъмини интизом ва қонуният дар идоракунии давлатӣ мебошад[2, с.82].

Олими дигари ватанӣ Санавваров Ғ.Б., роҷеъ ба масоили моҳияти падидаҳои ҳуқуқии болозикр чунин андешаро пешкаш менамояд, ки илми ҳуқуқи маъмурии муосир кӯшишиҳои назаррасеро ҷиҳати шарҳ додани табиати ҳуқуқии ин падидаи нисбатан мураккаб амалӣ намудааст. Аз ҷумла, оид ба муайян кардани мафҳум, моҳият ва унсурҳои он хеле андешаҳои гуногун арзи ҳастӣ намудаанд. Лекин то имрӯз, новобаста аз мавҷудияти шумораи зиёди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ падидаи назорати маъмурӣ, роҳ ва усулҳои татбиқи он, мавқеъ ва нақши он дар идоракунии давлатӣ, танзими ҳуқуқии он ба таври бояду шояд ҳаллу фасл нашудааст. Дар баробари ин, миёни олимони ҳуқуқи маъмурии ватанӣ ва хориҷӣ нисбати ин масъала ягонагии андеша ба чашм намерасад ва илми ҳуқуқи маъмурии Тоҷикистон мафҳуми ягонаи назорати маъмурӣ, тартиби амалӣ намудани онро пешниҳод накардааст[3, с.111].

Дар доираи илмии ҳуқуқи конститутсионӣ дар кишвар роҷеъ ба масъалаи моҳияти назорати буҷетӣ, ки яке аз навъҳои алоҳидаи назорати давлатиро фарогир аст, таҳқиқотҳои алоҳида рӯи кор омадаанд. Алалхусус аз ҷониби муҳаққиқи ватанӣ Валиев Ҷ., роҷеъ ба ташаккули назорати буҷетӣ дар марҳилаи таърихии Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон, ки ҳамчун яке аз шаклҳои назорати мустақили давлатӣ пазируфта шудааст чунин андеша пешниҳод карда шудааст, ки мувофиқан, сарчашмаҳои ҳуқуқи ҶМШС Тоҷикистон қонунҳои ИҶШС, ҶШФСР ва собиқ ҶМШС Туркистон, ки дар Тоҷикистони Шимолӣ то тақсимоти миллию давлатӣ амал мекарданд, ба ҳисоб мерафтанд.

Инчунин, ба сарчашмаҳои ҳуқуқи ҷумҳурӣ он санадҳои қонунгузории собиқ ҶХШ Бухоро, ки дар ҳудудҳои аз он ба Тоҷикистон монда амал мекарданд, дохил мегардиданд. Аммо, агар ба назари эътибор гирем, ки дар Ҷумҳурии Бухоро амали Кодекси қонунҳо оид ба меҳнат, Кодекси ҷиноятӣ, Кодекси мурофиаи ҷиноятии ҶШФСР дар таҳрири соли 1923 паҳн мегардид (бо назардошти шароити маҳал) ва воқеан дигар қонунҳои ҶШФСР низ татбиқ мегардиданд, пас бисёр қонунҳои ягонае ҷой доштанд, ки танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро дар тамоми ҳудуди ҷумҳурӣ аз лаҳзаи таъсиси он таъмин менамуданд. Ин имкон медиҳад, ки чунин хулоса намоем: сарчашмаҳои ҳуқуқ, низоми ҳуқуқии миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла ҶМШС Тоҷикистон, на танҳо дар асоси қонунгузории ҶМШС Туркистон, ҶХШ Бухоро, балки дар асоси низоми ҳуқуқии худи ҶШФС Русия ташаккул ёфтаанд.

Асоси тамоми қонунгузорӣ оид ба назорати буҷетии ҶМШС Тоҷикистон Конститутсияи ИҶШС (с. 1924), Конститутсияи ҶШС Ӯзбекистон (с. 1927) ва Конститутсияи ҶМШС Тоҷикистон (с. 1929) мебошад Ҳамаи ин санадҳо асосҳои конститутсионӣ-ҳуқуқии назорати буҷетиро мустаҳкам карда истода, заминае гардиданд, ки ба рушди қонунгузорӣ оид ба фаъолияти назоратӣ-буҷетии ҶМШС Тоҷикистон мусоидат намуданд. Лозим ба зикр аст, ки Конститутсияи соли 1924-уми ИҶШС, Конститутсияи соли 1927-уми ҶШС Ӯзбекистон ва Конститутсияи соли 1929-уми ҶМШС Тоҷикистон танзими конститутсионии назорати молиявию буҷетиро бинобар сабаби дар як вақт амал карданашон хеле мураккаб гардонида буданд[4, с.246-247].

Ба андешаи олими рус А.Б. Зеленсов, функсияи санҷиш пеш аз ҳама муайян кардани мутобиқати санади маъмурӣ бо меъёрҳои қонун ё дигар санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад[5, с.105]. Олими ватанӣ С.И. Иброҳимов менависад, ки назорат ё “назорати давлатӣ шакли идоракунии давлатӣ буда, бо мақсади риоя намудани меъёр ва қоидаҳои қонун муқаррар намуда санҷиши иҷроиши қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин менамояд” [6, с.137]. Б.Ҳ. Раззоқов мегӯяд, ки “назорат” ва “санҷиш” барои самаранокии фаъолияти давлат ва ташаккули ҷамъият зарур мебошанд ва онҳо чун механизмҳои асосии амалӣ намудани функсияҳои мақомоти иҷроиявии ҳокимияти давлатӣ баромад менамоянд[7, с. 239]. Дар навбати худ, олими шинохтаи тоҷик Х. Ойев зери мафҳуми контроли давлатӣ яке аз функсияҳои идоракунии давлатӣ ва усули ташкили фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиеро мефаҳмад, ки он натанҳо чун фишанги асосии тарзи таъмини қонуният ва интизом, балки чун усули таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, шаҳрванд дар низоми идоракунии давлатӣ баромад менамояд[8, с. 544]. Назорати давлатӣ бошад ба андешаи ин муаллиф, усули таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ буда, “моҳияти он аз бурдани мушоҳидаи доимӣ ва мунтазам аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашудаи салоҳиятдор ё шахси мансабдор аз болои фаъолияти мақомот ва шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, ки ба он итоат намекунанд иборат буда, мақсади он аз ошкорсозии қонуният ва мақсаднокӣ мебошад” [8, с. 544].

Барои амиқтар фарқ намудани фаъолияти контролӣ ва назоратӣ ҳамчун фишангҳои алоҳидаи таъмини реҷаи қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ зарур аст, ки ба мафҳум ва мазмуни онҳо назар афканем, ки байни онҳо чӣ гуна умумият ва фарқияте мавҷуд мебошад.

Умумияти контрол ва назорати давлатӣ дар он ифода мегардад, ки ҳар ду унсур функсияи алоҳидаи идоракунии давлатӣ маҳсуб мешаванд, вале контроли давлатӣ мазмунан яке аз функсияи идоракунии давлатӣ, шакл ва усули ташкили фаъолияти мақомот ҳокимияти давлатӣ маҳсуб шуда, он на танҳо фишанги асосии тарзи таъмини қонуният ва интизом, инчунин усули ташкилии идоракунии давлатӣ, таъмини риоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар низоми идоракунии давлатӣ ба шумор меравад[2, с.83].

Контрол ин низом ва силсилаи мушоҳида ва санҷишҳои раванди фаъолияти объекти идоракунӣ бо мақсади берун (дур) нарафтани он аз доираи вазифаҳо, салоҳиятҳо ва нақшаҳои худ мебошад, ки ҳангоми берун баромадани мақомоти идоракунии давлатӣ аз доираи вазифаҳояш ҳуқуқҳои шаҳрвандонро мумкин аст поймол кунад ва ё ҳодисаҳои коррупсиониро тавлид намояд.

Моҳияти контрол аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатӣ дар он ифода мегардад, ки мақомоти барои он салоҳиятдоркардашуда (мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ) ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо истифода аз воситаҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ метавонанд маълум ё ошкор намоянд, ки оё аз ҷониби мақомот ва шахсони мансабдори зери конрол қарордошта ба ягон амали вайронкунии қонуният ва поймолкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд роҳ дода шудааст ё не. Агар ки чунин бошад, ҳуқуқвайронкуниҳоро бояд сари вақт барканор созанд, ҳуқуқҳои вайронкардашударо барқарор намоянд, гунаҳкоронро ба ҷавобгарии интизомӣ кашанд, тадбирҳои зарурӣ баҳри мустаҳкам намудани қонуният ва интизом, барқарор намудани ҳуқуқҳои вайронкардашуда, инчунин барои барҳамдиҳии шароиту

омилҳое, ки барои ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намуданд, андешанд.

Мақсадҳои контрол ин риоя намудани қонунгузорӣ, таъмини сарфаҷӯёнаи воситаҳои молию пулӣ, баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори он мебошад[2, с.83].

Контрол аз рӯи принсипҳои асосии зерин анҷом дода шавад: қонуният, объективӣ, мустақилият, ошкоро, самаранок, маҳфуз доштани сирри давлатӣ, тиҷоратӣ ва дигар сирре, ки қонун ҳифз менамояд.

Фарқияти контрол аз назорати давлатӣ яке аз фишангҳои асосии таъмини реҷаи қонуният ва интизоми давлатӣ дар идоракунии давлатӣ дар он ифода мегардад, ки контрол ин воситаи асосии:

а) бурдани мушоҳидаи доимӣ аз болои фаъолияти ва амалҳои объекти зери контрол қарордошта мебошад;

б) ба даст овардани маълумоти воқеӣ ва боэътимод дар бораи вазъи қонуният ва интизом аст;

в) тадбирандешӣ дар бораи пешгирӣ ва бартараф намудани вайронкунии қонуният ва интизом аст;

г) ошкор кардани сабаб ва шароитҳое, ки барои содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мусоидат намудаанд;

д) тадбирандешии чораҳои ҷазои интизомӣ нисбат ба онҳое, ки дар содир намудани қонуният ва интизом гунаҳкоранд, муайян карда мешавад ва ғайра[2, с.83].

Яъне контрол ба субъектони он имконият медиҳад, ки то чӣ андоза амалу фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдори вазифадор ба талаботи санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои идоракунии мақомоти болоӣ мутобиқат менамояд, маълум намоянд. Мафҳуми «назорат» нуктаҳои зикршударо дар бар гирифта наметавонад, бинобар он ҳамчун яке аз унсурҳои ҷузъии контрол баромад карда метавонад.

Бо мақсади дуруст гузаронидани ин чорабиниҳо зарур аст, ки мақомоти салоҳиятдории давлатӣ дар ташкили фаъолияти худ принсипҳое, ки асоси фаъолияти идоракуниро ташкил мекунанд, ва онҳоро қонунгузорӣ муқарар намудааст, риоя намоянд. Ин принсипҳо аз чунин намудҳо иборатанд:

-таъмини идоракуни мунтазам;

- дар асоси илми ихтисосмандона;

-истифодаи таҷрибаи вуҷудоштаи фоидаовар дар идоракунӣ.

Ин принсипҳо бояд асоси фаъолияти мақомотҳои салоҳиятдорӣ давлатиро ташкил кунанд. Мақомотҳои идоракунии давлатӣ ба мақомоти давлатии салоҳияти умумӣ ва мақомоти давлатии салоҳияти махсус тақсим мешаванд.

Ҳоло дар назарияи илмҳои ҳуқуқи конститутсионӣ ва маъмурӣ дар кишвар асосан контроли давлатӣ вобаста ба таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба шохаҳои мустақил, инчунин тафриқа намудани мабдаи фаъолият ва салоҳияти онҳо ба намудҳои зерин ҷудо карда мешавад:

- контроли президентӣ;

- контроли мақомоти қонунгузорӣ (намояндагӣ);

- контроли мақомоти ҳокимияти иҷроия;

- контроли судӣ[2, с.85].

Назорати давлатӣ низ яке аз усулҳои таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ маҳсуб мешавад, ки моҳияти он аз бурдани мушоҳидаи доимӣ ва мунтазам аз ҷониби мақомоти махсусгардонидашуда салоҳиятдор ё шахси мансабдор аз болои фаъолияти мақомот ва шахсоне ҳуқуқӣ ва воқеъие, ки ба он итоат намекунанд, иборат мебошад, ки мақсади он аз ошкорсозии қонуният, на мақсаднокӣ аст. Амалисозии назорати давлатӣ дар идоракунии давлатӣ аз тариқи анҷом додани назорати маъмурӣ ва назорати прокурорӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Назорати маъмурӣ – намуди махсуси фаъолияти идоракунии давлатии аз ҷониби мақамоти махсусгардонидашудаи ҳокимияти иҷроия нисбат ба мақомот, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шахсони мансабдор ва шаҳрвандоне, ки ба онҳо аз лиҳози ташкилӣ-ҳуқуқӣ итоат намекунанд, дар бораи риоя ва иҷро намудани қоидаҳои умумиҳатмӣ, қоидаҳо, стандартҳо, талаботҳо бо истифода аз маҷмӯи чораҳои маҷбурсозии маъмурӣ бо мақсади огоҳсозӣ, ошкор ва пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунӣ, барқарор намудани тартиботи муқарраршуда ва ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани гунаҳкорон равона карда шудааст[2, с.88].

Ба андешаи Горшенев В.М., назорати давлатиро ҳамчун низоми мушоҳида ва тафтиши фаъолияти функсионалии мақомотҳои ваколатдори давлатӣ мефаҳмад[9, с.47].

Афанасев В.Г., бошад, нарзоратро ҳамчун вазифаи идоракунӣ ва марҳилаи ҷудогонаи раванди идоракунӣ маънидод менамояд[10, с.57].

Назорати давлатӣ, ки барои раванди идоракунии давлатӣ нақши калонро бозидааст, метавонад доираи бахши хусусӣ ва алалхусус самти соҳибкориро дар худ таҷассум намояд[11].

Назорати прокурорӣ яке аз намудҳои назорати давлатӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура и Ҷумҳурии Тоҷикистон – Прокурори генералӣ ва прокурорҳои тобеи он ҳамчун мақоми ягонаи марказонидашуда дар доираи ваколати худ оид ба риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро аз ҷониби ҳамаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, намояндагӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешавад.

Аз ҷумла, мақомоти прокуратура назорати риояи дақиқ ва иҷрои якхелаи қонунҳоро нисбат ба вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ ва дигар идораҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, мақомоти идораи ҳарбӣ, мақомоти назорат, бонкҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои дигар, сарфи назар аз тобеият, мансубият ва шакли моликияти онҳо, аз тарафи шахсони мансабдори онҳо, инчунин ба қонунҳо мутобиқ будани санадҳои ҳуқуқие, ки онҳо мебароранд, амалӣ менамояд. Ҳамзамон назоратро оид  ба риоя ва иҷрои қонунҳо аз тарафи мақомоте, ки бар зидди ҷинояткорӣ ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигар мубориза мебаранд, мақомоте, ки бо фаъолияти оперативию ҷустуҷӯӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ машғул мебошанд; дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон, ҳабси пешакӣ, ҳангоми иҷрои ҷазо ва дигар чораҳои дорои хусусияти маҷбуркунӣ, ки суд муқаррар мекунад; ҳангоми иҷрои ҳалномаҳои судӣ аз ҷониби иҷрочиёни суд ва дигар мақомоти салоҳиятдор; тафтишоти ҷиноятҳо; таҳияи чораҳои пешгирии ҷиноятҳо, мубориза бар зидди коррупсия, терроризм, экстремизм (ифротгароӣ) ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо якҷоя бо дигар мақомоти давлатӣ, иштирок дар кори такмилу тавзеҳи қонунҳо; ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди ҷинояткорӣ ва пешгирии он ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо; иштирок дар баррасии парвандаҳо аз ҷониби судҳо ва ғайра пеш мебарад.

Ҳамин тариқ аз таҳлилҳои болозикр маълум мегардад, ки падидаҳои назорат ва контрол моҳияти сирф ҳуқуқӣ дошта, барои ба таври мушаххас ва ҳадафмандона ба амал баровардани идоракунии давлатӣ дар тамоми самтҳои фаъолияти хоҷагидорӣ нақши калидиро соҳиб гардидааст.

**Руйхати адабиёт:**

1. Конститутсияи Ҷумҳурии  Тоҷикистон аз 6 ноябри  соли  1994 бо  тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ).  – [Матн] Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2. Ойев Х. Контрол ва назорат – фишангҳои асосии таъмини қонуният ва интизом дар идоракунии давлатӣ [Матн] / Х Ойев // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2020. № 1(13) – С. 6-12.

3. Санавваров, Ғ.Б., Шукуров, Н.  Табиати ҳуқуқии  назорати  маъмурӣ [Матн] / Ғ.Б. Санавваров, Н. Шукуров // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои ҷомеашиносӣ – Хуҷанд, 2020. – №2 (83) – С. 110–120.

4. Вализода, Ҷ.С. Рушди заминаҳои конститутсионии назорати буҷетӣ дар Ҷумҳурии Мухтори Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [Матн] / Ҷ.С. Вализода // Паёми ДМТ. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. - 2019. - №9.- С. 246-251.

5. Зеленцов А.Б. Юрисдикционный контроль за законностью административных актов: некоторые концептуальные вопросы в контексте сравнительного права// Контроль и надзор в сфере государственного управления, проблемы и пути совершенствования. Душанбе, 2017. – С. 105 – 113.

6. Иброҳимов С.И. Намудҳои асосии назорати судӣ дар соҳаи идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон// Контрол ва назорат дар соҳаи идоракунии давлатӣ, проблемаҳо ва роҳҳои такмил. – Душанбе, 2017. – С. 137 – 139.

7. Раззоқов Б.Х. Актуальные правовые проблемы контрольно–надзорной деятельности в государственном управлении Таджикистана// Контрол ва назорат дар соҳаи идоракунии давлатӣ, проблеммаҳо ва роҳҳои такмил. – Душанбе, 2017. – С. 239 – 242.

8. Ойев Х. Ҳуқуқи маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қисми1. –Душанбе: Офсет Империя, 2013. - 564 с.

9. Горшенев В.М., Шахов И.Б. Контроль как правовая форма деятельности. М., 1987. - 176 с.

10. Афанасьев В.Г. Научное управление обществом. М., 1968. - 264 с.

11. Спектор, А.А. Предпринимательская деятельность как объект государственного контроля: надзора, правовые аспекты (Электронный ресурс): авто. дис.…д-ра юрид. наук. (12.00.03.) – М.: РГБ, 2012 (Из фондов Российской государственной библиотеки). – 55 с.

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳо оид ба назорат ва контрол дар соҳаи идоракунии давлатӣ**

Дар мақолаи мазкур баъзе масъалаҳо оид ба назорат ва контрол дар соҳаи идоракунии давлатӣ дар асоси доктиринаҳои илмии соҳаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы надзора и контроля в сфере государственного управления**

В данной статье анализируются и исследуются некоторые вопросы надзора и контроля в сфере государственного управления на основе научных учений теории государства и права, конституционного права и административного права.

**Annotation**

**Some issues of supervision and control in the field of public administration**

This article analyzes and explores some issues of supervision and control in the field of public administration on the basis of scientific teachings of the theory of state and law, constitutional law and administrative law.

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**



**УДК: 341.76**
**Тоирзода Малика Тоир,**
*ведущий специалист отдела законодательства по государственному устройству, судебным и правоохранительным органам Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан.*
*E-mail: toirzoda2001@mail.ru*
*Тел.: (+992) 880-80-61-02.*

# ПОНЯТИЕ И ОСНОВЫ ОГРАНИЧЕНИЕ ПРАВ И СВОБОД ГРАЖДАН В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; инсон; шаҳрванд; давлат; ҳуқуқ ва озодӣ; шахсият; маҳдудият; ҷомеа.*
***Ключевые слова:*** *Конституция; человек; гражданин; государство; право и свобода; личность; ограничение; общество.*
***Keywords:*** *Constitution; human; citizen; state; right and freedom; personality; limitation; society.*

Конституция Республики Таджикистан (далее - РТ) провозглашает человека, его права и свободы высшей ценностью. Закрепляет основные права и свободы человека и гражданина и тем самым гарантирует свободу человеческой личности. По мнению А.М. Диноршоева «права человека» – это конкретная область, направление деятельности человека, установленное и гарантированное государством. А «свобода человека» – это установленный государством круг правоотношений, в рамках которого человек самостоятельно определяет свое поведение, и государство не вмешивается в содержание этого правоотношения [2, с.14].

Категория свободы является важнейшим качественным показателем зрелости всей системы общественных отношений, критерием уровня самоорганизации населения, степени демократизма государственной и общественной жизни. Как отмечает Н.С. Бондарь, «социальная ценность Конституции определяется, прежде всего, тем, что она является главным нормативно-правовым средством обеспечения свободы личности, основным инструментом упорядочения взаимоотношений человека с обществом и государством» [3, с.8].

Важное место в правовом статусе человека и гражданина отводится вопросу ограничения прав и свобод человека и гражданина. Общее признание состоит в том, что права и свободы одного человека заканчиваются там, где начинаются права и свободы другого человека. Есть также интересы общества и государства, которые могут противоречить интересам человека. В связи с этим возникает необходимость разрешения этих отношений.

Использование прав связано с ответственностью человека, с возможными ограничениями, которые определяются нормами и границами свободы, установленными правом, принципами гуманности, солидарности и нравственности.

Взаимосвязь нормального функционирования общества, с одной стороны, и свободы личности, с другой, приводит к естественным и объективным требованиям определения границ основных прав, условий их осуществления и порядка разрешения возможных конфликтов интересов.

Таким образом, таджикские ученые отмечают, что ограничения прав и свобод человека призваны определить границы взаимоотношений между индивидами, обществом и государством с целью не допущения конфликтных ситуаций. [10, с.123]

В юридической литературе встречаются различные подходы к пониманию ограничений

прав и свобод человека. Однако, не смотря на то, что существуют различные подходы к пониманию понятия ограничения прав и свобод человека, под всеми указанными терминами понимается одно – при определенных условиях права человека могут быть ограничены.

На конституционном уровне закрепление прав и свобод человека и гражданина не означает, что эти права совсем не могут ограничиваться. Это естественно, поскольку реализация прав и свобод личности в общественной жизни затрагивает личные и общественные интересы других субъектов правоотношений. В связи с этим становится неизбежным и определенное ограничение основных прав и свобод, что, безусловно, является не самоцелью или выражением какого-либо беззакония государства. Поэтому Конституция РТ допускает возможность ограничения прав и свобод человека и гражданина, но в той мере, в какой это необходимо в целях обеспечения прав и свобод других граждан, общественного порядка, защиты конституционного строя и территориальной целостности государства.

Ограничение прав и свобод человека и гражданина, т.е. определение пределов свободы личности в обществе и государстве, - это один из важнейших аспектов взаимоотношений человека и государства.

Под правовыми ограничениями понимаются сознательно установленные обществом запреты, осуществляемые в соответствии с предусмотренными законом основаниями и в установленном порядке сужение объема права.

Закрепление в Конституции РТ концептуального подхода к соотношению интересов личности, общества, государства, выраженное в лаконичной формуле «человек, его права и свободы, являются высшей ценностью», также сопряженно введением в конституционный текст специального юридического термина – «ограничение прав и свобод человека и гражданина». Новизна конституционного понятия ограничение прав и свобод человека и гражданина обусловила неопределенность его содержания. В современной юридической науке, как и в действующем законодательстве, отсутствует единое понимание данного термина. Нет четкого определения данного понятия, анализа его сущности и содержания с точки зрения конституционных идей и принципов.

Для определения понятия, сути и значения конституциональной категории ограничение права необходимо проанализировать концепцию взаимоотношений государства, общества и человека, установленную действующей Конституцией Таджикистана.

Одно из проявлений Конституции как Основного Закона государства заключается в закреплении прав и свобод человека и гражданина и принципов их реализации.

В настоящее время права и свободы человека и гражданина преобразовались в традиционный и необходимый объект конституционного регулирования. «Важнейшее место в Основном законе, - пишет Б.С. Эбзеев, - занимают права и обязанности человека и гражданина, определяющие сферу индивидуальной автономии личности и закрепляющие взаимные обязательства государства и гражданина» [5, с. 19].

Конституционное утверждение прав и свобод необходимо для того, чтобы защитить человека от произвола государства и предотвратить нарушение прав и свобод посредством издания законов и иных правовых актов. Таким образом, идея прав человека и конституционная идея находятся в тесном взаимодействии, более того, в настоящее время они представляют собой единое целое. Без прав человека нельзя себе представить конституцию современного государства.

Права и свободы человека закрепились как часть фундаментального порядка государства; государственная власть в процессе своей реализации ограничивает себя правами человека. В правах и свободах выражается определенный конституционный консенсус, который обосновывает любую конституцию и служит ее опорой.

Таким образом, ограничение прав и свобод человека являются необходимыми и основными механизмами, методами и средствами, имеющими моральные и нормативно-правовые требования и предусмотренные для обеспечения гуманизма,

равенства, взаимопонимания и сохранения пределов свободы людей.

Определяя пределы свободы человека Конституция РТ оперирует термином «ограничение» (ч. 2 ст. 14, ч. 1 ст. 47) [1]. Конституционный термин «ограничение» образован от общеупотребительного слова «ограничение», что означает «стеснить определенными условиями, поставить в какие-нибудь рамки, границы».

В теории права правовое ограничение определяется как «правовое сдерживание противозаконного деяния, создающее условия для удовлетворения интересов контрсубъекта и общественных интересов в охране и защите; это установленные в праве границы, в пределах которых субъекты должны действовать; это исключение определенных возможностей в деятельности лиц» [6, с.50].

Существуют и другие определения ограничения права и свободы. Например, В.И. Гойман определяет ограничение права и свободы как «осуществляемое в соответствии с предусмотренными законом основаниями и в установленном порядке сужение его объема». М.А. Нагорная – как «изменение содержания или объема действия нормы права».

Постоянный интерес юридической науки к вопросам ограничения прав и свобод человека и гражданина обусловлен как персоноориентированной стратегией развития государства, так и поиском новых методологических решений проблемных вопросов данной сферы.

Конституционно-правовой статус личности – это фактическое правовое положение лица в отношениях с государством и обществом, определяемое нормами национального права. Конституционный статус личности составляет основу правового статуса личности, который определяется конституционными нормами.

Конституционно-правовое положение определяется нормами всех отраслей отечественного права. Дело в том, что основные права и свободы человека определяют содержание всех остальных юридических прав и обязанностей и должны развиваться в них.

Следует отметить, что ограничительный аспект субъективного права неоднократно становился предметом самостоятельных теоретических и конституционных исследований. Одновременно постоянное нарушение прав человека, в том числе ограничивающих его права, требует дальнейших научных исследований адекватных путей улучшения сложившейся ситуации.

Конституция РТ установила универсальный в смысле распространения на все ветви власти принцип, который можно сформулировать следующим образом: «права и свободы человека и гражданина могут быть ограничены законом только в той мере, в какой это необходимо в целях обеспечения прав и свобод других, общественного порядка, защиты основ конституционного строя, безопасности государства, обороны страны, общественной морали, здоровья населения и территориальной целостности республики».

Цели ограничений прав и свобод человека и гражданина характеризуются следующими признаками:

1) они определяются интересами различных субъектов и предполагают обеспечение справедливого регулирования взаимоотношений личности и государства;

2) юридически закрепленные Конституцией и ратифицированными РТ международно-правовыми договорами.

Конституцией РТ для установления границ свободы человека употребляется термин «ограничение» (ч. 3 ст. 14, ч. 1 ст. 47). Осуществленный анализ содержания указанных положений позволяет говорить о том, что в ней предусмотрено как нормативное (правоустанавливающее), так и правоприменительное ограничение права. При этом ограничение правоустанавливающего характера может иметь место в рамках обычного (ч. 3 ст. 14) и особого (ст. 47) правового режима.

В соответствии с частью 2 ст. 47 Конституции РТ, конституционный закон (в данном случае Конституционный закон «О правовом режиме черезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94) может ограничивать права и свободы человека и гражданина лишь в той мере, в какой это необходимо для защиты основ конституционного строя, общества, здоровья,

прав и законных интересов, в том числе обеспечение обороны страны и национальной безопасности.

Статьей 47 Конституции РТ предусмотрено регламентация ограничения субъективных прав и свобод в специальных правовых системах. Установлено, что отдельные ограничения прав и свобод могут устанавливаться на основании положений конституционного закона, определяющих пределы и срок их действия в целях обеспечения безопасности граждан и охраны конституционного строя в условиях чрезвычайного положения.

Таким образом, первый случай определяет условия устойчивого режима правового регулирования, не связанного с введением чрезвычайного положения. Конституционным законом могут ограничиваться права и свободы без обозначения хронологических периодов таких ограничений. Во второй ситуации допускаются некоторые ограничения прав и свобод только применительно к условию чрезвычайного положения вводится на основании норм Конституционный закон «О правовом режиме черезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94, лишь в заданных пределах и только на определенный срок.

Вместе с тем, какому-либо ограничению могут подвергаться не все права и свободы (ч. 1 ст. 47 Конституции РТ). Такая невозможность ограничения определенного ряда прав обусловлена конституционным содержанием этих прав, предусматривающим возможность их ограничения в условиях даже обычного правового режима. Однако в этом вопросе исключительно важно учитывать специфически условный характер ограничений, который выражает их сущность и определяет их принципиальную допустимость [7, с. 186].

Иными словами, если субъективные права закрепляются в учредительном акте страны, то и ограничения этих прав должны определяться в самой Конституции. Текущим законодательством могут только конкретизироваться конституционные ограничения без выхода за их рамки. Лишь в этом смысле позволительно утверждать, что конституционные права и свободы человека и гражданина могут ограничиваться конституционным законом.

Необходимо констатировать факт отсутствия таких основных прав, которые не возможно было бы ограничить. Даже, если посмотреть нормы Всеобщей декларации прав человека, то отталкиваясь от ее ст. 29, видно, что отсутствует какая-либо классификация прав и свобод личности, позволяющая ограничить одни права и не распространять свое действие на другие [8, с.14-20].

Логичность данного подхода подтверждается сложившемся международно-правовым опытом. В Конвенции о защите прав и основных свобод (п. 1, ст. 15) признается право участников отступать от ее обязательств в той мере степени, в которой это опосредовано чрезвычайными обстоятельствами, а не наличием особого правового режима.

Что же касается невозможности ограничения определенного ряда прав, перечисленных в ч. 1 ст. 47 Конституции РТ, то она обусловлена конституционным содержанием этих прав, предусматривающим возможность их ограничения в условиях даже обычного правового режима. Однако в этом вопросе исключительно важно учитывать специфически условный характер ограничений, который выражает их сущность и определяет их принципиальную допустимость.

На данное время сформировался ряд принципов и доктринальных положений, которые могут выступать как критерии правотворческой и правоприменительной деятельности в сфере ограничения прав и свобод человека и гражданина.

Наиболее важными среди таковых следует указать отсылку к закону и законности; минимальную достаточность или соразмерность; сохранение сущностного содержания прав и свобод; целесообразность и опосредованность пределов ограничения существующими в обществе многообразными отношениями; баланс интересов личности, общества, государства; демократизм и целенаправленность в установлении пределов ограничений; своевременность; равенство при применении ограничения; дифференцированность реализуемых ограничений и индивидуальность.

Следует заметить, что отсутствие цельного доктринального подхода и огромное число нормативных целей не содействует теоретическому нахождению единого подхода к решению данного вопроса в теории.

Впрочем, рассматривая, положения доктрины права и законодательства, предполагаем, допустимым считать в качестве таких целей абстрактные, собирательные термины, совпадающие с обособляемыми нами ограничениями прав и свобод человека и гражданина: сущностные, статусные, режимные и др.

Следут подчеркнуть, что целевые нормы ограничения прав и свобод человека и гражданина строго определены в перечне законодательства. По этой причине произвольное расширение таких целей запрещено. В прочем методы (формы) ограничения прав и свобод могут быть различными:

а) относительный запрет – он состоит в установлении границ поведения (воспрещение тех либо иных вариантов осуществления прав или свобод);

б) безусловный запрет воспрещает осуществление права (свободы) вообще;

в) вмешательство уполномоченного государственного органа в права и свободы человека;

г) обязанность;

д) ответственность.

Ограничение прав и свобод только на основе Конституции – правило, действующее в современном юридическом науке.

Ограничения прав и свобод человека и гражданина следует отличать от таких смежных правовых явлений, как неполно реализованных прав. Представляется, что реализация прав и свобод личности в условиях демократизации социума непредвзято определяется степенью экономического, социального, политического, духовного и культурного улучшения социума.

Например, по объективным причинам нереализация свободы труда в условиях безработицы, с одной стороны, неправомерна. Однако в сложных экономических условиях права и свободы реализуются не в полной мере. Незаконным может быть признано неполное осуществление непосредственно действующих конституционных прав человека и гражданина, например, вследствие несоразмерности доходов. В данном случае речь идет не об ограничениях, а о непоследовательной и неполной реализации прав и свобод человека и гражданина, приобретающих формальный характер.

Относительно к классификации ограничений в юридической литературе имеются различные подходы. На основе широкого понимания прав и правоотношений, В.В. Долинская указывает на ограничения:

1) по цели;

2) по субъекту;

3) по объекту;

4) по основаниям возникновения и прекращения;

5) по правомочиям;

6) отраслевые и т.д. [9, с.4]

Как уже отмечалось, ограничения прав применяются в целях защиты частных и публичных интересов, законных интересов личности, общества и государства. Данные целеполагания изложены в ч. 3 ст. 14 Конституции РТ.

Исходя из субъективного состава лиц, в отношении которых предпринимаются ограничительные действия (нормы), можно сделать вывод, что ограничения прав физических лиц, иностранцев, служащих, должностных лиц и т.п. распространяются только на физических лиц.

Исходя из формы права, ограничения прав могут быть предусмотрены Конституцией РТ, международно-правовыми актами, общепризнанными принципами международного права, конституционными законами и осуществляться с помощью иных правовых актов, а также судебных решений. Различаются конституционно-правовые ограничения, отраслевые, межотраслевые ограничения прав.

Одновременно Конституцией РТ не ограничиваются основные права, а только определяются нормативное содержание, границы и круг полномочий. Данные пределы обусловливает конституционный строй и они должны быть тождественны ему также не противоречить. Права, предоставленные гражданину Конституцией РТ, существенно важны, но не беспредельны. Поэтому

правильное определение этих пределов является большим и важным трудом.

В целом можно сделать вывод, что наличие определенных препятствий, ограничивающих осуществлению лицом конституционных прав и свобод является основной составляющей сущности ограничения прав и свобод гражданина. Ограничение всегда характеризуется установленным пределом свободы индивида, и за «отмеренные» границы субъект не должен заступать, так как появляется риск вторжения в чужие интересы, которые также обеспечены в законе.

**Список литературы:**

1. Конституция Республики Таджикистан от 06 ноября 1994 года, с посл. измен. и доп. // Электронный ресурс: Адлия: Централизованный банк правовой информации РТ. Версия 7.0. диск (CD - ROM), (дата обращения: 22.10.2022).
2. Диноршоев А.М. Права человека – Душанбе, 2010. – С.30.
3. Бондарь Н.С. Местное самоуправление и права человека в Российской Федерации. Ростов н/Д., 1998. С.8.
4. Авакьян С.А. Конституция России: природа, эволюция, современность. – М., 2005. – С. 9.
5. Эбзеев Б.С. Конституция. Демократия. Права человека. – М., 2007. – С. 25.
6. Малько А.В. Стимулы и ограничения в праве. – М., 2005. – С. 59.
7. Крусс В.И. Теория конституционного правопользования. – М., 2007. – С. 246.
8. Всеобщая декларация прав человека (Принята 10.12.1948 г. Генеральной Ассамблеей ООН) // Международная защита прав и свобод человека. Сборник документов. – М.: Юридическая литература, 1990. – С. 14-20.
9. Долинская В.В. Ограничения права собственности: понятие и виды // Закон. 2003. – № 11. С. 5.
10. Гадоев Б.С., Диноршоев А.М., Салохиддинова С.М., Сафаров Д.С. Конституционное право Республики Таджикистан. Учебник. Душанбе, 2015. 240с.
11. Права человека: История, теория практика // Под ред., д.ю.н. Ди-норшоева А.М. и д.ю.н. Азизова У.А.– Душанбе, 2016. - 584с.

**Аннотатсия**

**Мафҳум ва асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур мафҳум ва асосҳои маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти адабиётҳои ҳуқуқии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин қонунгузории миллӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**Понятие и основы ограничение прав и свобод граждан в Республике Таджикистан**

В данной статье анализируются и исследуются понятие и основы ограничения прав и свобод граждан в Республике Таджикистан с учетом отечественной и зарубежной юридической литературы, а также национального законодательства.

**Annotation**

**The concept and foundations of the restriction of the rights and freedoms of citizens in the Republic of Tajikistan**

This article analyzes and explores the concepts and foundations of restrictions on the rights and freedoms of citizens in the Republic of Tajikistan, taking into account domestic and foreign legal literature, as well as national legislation.



**УДК: 342.95**

**Фаттоев Масрур Саймуродович,**
*магистранти курси 2-юми шуъбаи ҳуқуқи давлатии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: fattoev.masrur@mail.ru*
*Тел.: (+992) 935-00-60-02.*

# ТАНОСУБИ ҲОКИМИЯТИ СУДӢ БО ДИГАР ШОХАҲОИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР РАВАНДИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳокимият; тақсимоти ҳокимият; ҳокимияти судӣ; идоракунии давлатӣ; мақомоти давлатӣ; мақомоти судӣ; адолати судӣ.*

***Ключевые слова:*** *власть; разделение властей; судебная власть; государственное управление; государственные органы; судебные органы; судебная справедливость.*

***Keywords:*** *power; separation of powers; judicial branch; public administration; state bodies; judicial authorities; judicial justice.*

Мутобиқи муқаррароти моддаи 9 Конститутсия ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси тақсимоти он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ ба амал бароварда мешавад, ки моҳияти асосии онро таъмин намудани баробарии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Вобаста ба ин ҳар яке аз шохаҳои ҳокимияти давлатӣ - қонунгузор, иҷроия ва судӣ дар раванди амалӣ намудани ҳокимияти худ мустақил буда, новобаста аз ҳамдигар фаъолият менамоянд. Дар ҳамон як вақт онҳо бо ҳамдигар дар таносуби муайян қарор дошта, ҳамдигарро пурра менамоянд, ки асоси таносубияти онҳоро принсипи боздорӣ ва мувозинат ташкил медиҳад.

Қайд бояд намуд, ки мавқеи ҳар яке аз мақомоти давлатӣ дар низоми ҳокимияти давлатӣ вобаста ба ваколатҳои он муайян карда мешавад, ки дар ин самт мақомоти судӣ низ истисно нест. Дар баробари ин давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд эълон гардидани Тоҷикистон онро талаб менамояд, ки муносибатҳои байниҳамдигарии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ бояд дар як сатҳ қарор дошта бошад. Дар чунин шароит ваколати суд танҳо бо баррасӣ карда шудани парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, маъмурӣ, хоҷагӣ ва ҷиноятӣ маҳдуд шуда наметавонад. Масалан, мутобиқи муқаррароти қисми 3, моддаи 89 Конститутсия муайян карда шудани мувофиқатии қонунҳо, санадҳои ҳуқуқии ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, Президент, Ҳукумат, санадҳои ҳуқуқии мақомоти намояндагӣ ва иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба Конститутсия ба салоҳияти Суди конститутсионӣ тааллуқ дорад. Дар ин ҷо он чиз қобили зикр аст, ки то эътироф гардидани усули тақсимоти ҳокимияти давлатӣ муносибати ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия бо ҳокимияти судӣ хислати ҳокимият ва тобеъиятро дошта, бештар ба усули нобаробарӣ асос ёфта буд. Дар баробари ин суд ваколати муайян намудани мутобиқатии санадҳои ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияро ба Конститутсия надошт.

Васеъ гардидани доираи салоҳияти мақомоти судӣ боз дар он зоҳир мегардад, ки тибқи муқаррароти Конститутсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти нави судӣ - судҳои иқтисодӣ таъсис дода шуданд, ки ба салоҳияти онҳо баррасӣ намудани баҳсҳои аз фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолияти иқтисодӣ ба миён омада, вогузор гардидаанд.

Дар давраи гузашта санадҳои ғайримеъёрии мақомоти давлатӣ аз тарафи судҳо баррасӣ карда намешуданд. Ҳоло бошад, мутобиқи муқаррароти моддаи 28 Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаҳоро дар бораи пурра ё қисман беэътибор донистани санадҳои ғайримеъёрии

мақомоти давлатӣ, ки ба қонун мутобиқат надоранд ва ҳуқуқу манфиатҳои ташкилотҳо ва шаҳрвандонро вайрон мекунанд, баррасӣ менамояд.

Мутобиқи муқаррароти қонунгузории нави мурофиавӣ мақомоти судӣ, ба истисноӣ судҳои салоҳияти махсус (Суди конститутсионӣ ва судҳои иқтисодӣ) ҳуқуқ доранд назорати судиро аз болои фаъолияти мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ ҷиҳати қонунӣ ва асоснок будани ба ҳабс гирифтани шахс, тартиби дароз намудани муҳлати дар ҳабс нигоҳдорӣ ба амал бароранд. Зеро масъалаи дар ҳабс нигоҳ доштани шахс бевосита бо ҳамон ҳуқуқу озодиҳое алоқаманд мебошанд, ки ин ҳуқуқу озодиҳо аз тарафи Конститутсия кафолат дода шудааст.

Муқаррароти мазкур маънои онро дорад, ки шахс ҳуқуқ дорад ҳангоми ғайриқонунӣ ва беасос ҳисобидани баҳабсгирии худ тибқи талаботи моддаи 11 КМҶ ба мақомоти судӣ шикоят намояд. Дар ин маврид мақомоти судӣ дар асоси шикояти шахс ҳолати асоснок ва қонунӣ будани баҳабсгирии шахсро тафтиш намуда, нисбати ин масъала қарори асоснок ва дахлдор қабул менамояд, ки қарори суд, судя дар бораи аз ҳабс озод намудани шахс фавран иҷро карда мешавад.

Таносуби ҳокимияти судӣ ва ҳокимияти қонунгузор дар он зоҳир мегардад, ки мақомоти қонунгузор бо роҳи қабул намудани қонунҳои нав барои самаранокии фаъолияти мақомоти судӣ мусоидат намуда, дар ҳамон як вақт назорати фаъолияти судиро ба амал мебарорад.

Амалӣ намудани назорат аз болои фаъолияти мақомоти судӣ танҳо хоси ҳокимияти қонунгузор набуда, ҳамчунин аз тарафи Суди Олӣ низ ба амал бароварда мешавад, ки ин намуди назорат танҳо самти фаъолияти ташкилӣ ва таъминоти моддию молиявии мақомоти судиро дар бар мегирад.

Новобаста аз оне, ки ин ва ё он шакли назорат аз тарафи кадом мақомоти давлатӣ ба амал бароварда мешавад, вай бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки он фаъолияти судиро халалдор накарда, ба он дахолат накунад. Зеро тибқи талаботи меъёри конститутсионӣ дахолат намудан ба фаъолияти судҳо манъ буда, ҳеҷ як мақомоти давлатӣ ҳуқуқи ба он дахолат карданро надорад.

Мутобиқ ба гуфтаҳои боло, онро қайд кардан лозим аст, ки таносуби ҳокимияти судӣ бо шохаҳои дигари ҳокимияти давлатӣ бо низоми мақомоти судӣ низ алоқаманд мебошад. Вобаста ба ин дар адабиёти ҳуқуқӣ мафҳуми низоми судӣ ба таври гуногун шарҳ дода шуда, фикру андешаҳои гуногун пешниҳод карда мешавад. Масалан, агар низоми судӣ аз тарафи Клеандров М.И. ҳамчун омили ягонагии низоми судӣ эътироф шуда бошад [1, с. 78-83], аз нуқтаи назари Лебедев В.М. он воқеиятҳое мебошад, ки ба сохтори дохилии низоми судӣ таъсир мерасонад [2, с. 60-83]. Ба андешаи олимони ватанӣ низоми судӣ принсипҳои ташкил ва фаъолияти низоми судиро баён мекунад [3, с. 10-12].

Низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама дар Конститутсия ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» муайян карда шудааст, ки онро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст: Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳрию ноҳиявӣ, суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятӣ, Суди иқтисодии шаҳри Душанбе.

Ҳар яке аз низоми судии мазкур дар навбати худ низоми ба худ хосро дорад, ки фаъолияти он аз тарафи суди зинаи болоӣ роҳбарӣ карда мешавад. Масалан, тибқи муқаррароти Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Суди Олӣ нисбати судҳои вилоятӣ, шаҳр, ноҳия, шаҳри Душанбе ва судҳои ҳарбӣ дар соҳаи баррасии парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, ҷиноятӣ ва маъмурӣ, Суди Олии иқтисодӣ бошад оид ба ҳалли баҳсҳои иқтисодӣ ва парвандаҳои дигаре, ки аз тарафи судҳои иқтисодӣ мавриди баррасӣ қарор дода мешавад, мақоми олии судӣ эътироф гардидааст.

Таҳлили низоми судӣ дар навбати худ ба мафҳуми «марҳилаи судӣ» ва «зинаҳои судӣ» ишора менамояд, ки нисбати онҳо низ дар адабиёти ҳуқуқӣ баъзе фикру андешаҳо арзи ҳастӣ менамоянд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мегардад, ки мафҳумҳои умумӣ, ба монанди «зинаҳои судӣ» ва «марҳилаи судӣ» ҳангоми таҳлили низоми судӣ бо ҳам алоқамандӣ доранд [4, с. 221]. Яъне, ин маънои онро дорад,

ки ин се мафҳум мафҳуми ба ҳам монанд буда, дар алоқамандӣ бо ҳам вуҷуд доранд.

Ба андешаи Лебедев В.М. дар дохили низоми судҳои умумӣ ва арбитражӣ мақомоти судӣ таъсис мегардад, ки онҳо аз рӯи мавзуи салоҳият ва ҳамчунин ҳаҷми ҳокимияти судӣ, доираи ваколат нисбат ба қисмҳои алоҳидаи таркибии низом фарқ мекунанд. Судҳои поёнӣ ва болоӣ ҷудо мегарданд. Бо ин истилоҳот фарқият дар салоҳият ва хислати умумии алоқаҳои марҳилавӣ қайд мегардад [5, с. 216-217].

Дар низоми судии Ҷумҳурии Тоҷикистон Суди конститутсионӣ мавқеи хосаро дошта, бо баъзе хислатҳои худ аз дигар зинаҳои судӣ фарқ мекунад. Фарқияти аз ҳама асосӣ ва муҳими Суди конститутсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки вай дорои зинаҳои поёнӣ набуда, ҳамчун мақомоти ягона дар сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолият намуда, қароргоҳаш шаҳри Душанбе ба шумор меравад.

Агар Суди конститутсионӣ танҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ фаъолият намуда, зинаҳои поёнии худро надошта бошад, пас судҳои иқтисодӣ ва судҳои ҳарбӣ низоми дузинагӣ дошта, дар сатҳи вилоят (судҳои иқтисодии вилоятӣ ва судҳои ҳарбии гарнизонҳо) ва ҷумҳурӣ амал мекунанд. Судҳои салоҳияти умумӣ бошад сохтори сезинагӣ дошта, сатҳи ноҳиявӣ (шаҳрӣ), вилоятӣ ва ҷумҳуриявиро фаро мегиранд.

Он чиз боиси қайд аст, ки ба зинаҳо тақсим намудани низоми судӣ бо тақсимоти марзиву маъмурӣ алоқамандии зич дошта, вобаста ба он ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолати барҳам хӯрдани воҳидҳои марзиву маъмурии алоҳида зинаҳои судӣ низ аз байн мераванд.

Таҳлилҳои боло ишора ба он менамоянд, ки вобаста ба тақсимоти марзиву маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми судии ҷумҳурӣ, ба истисноi судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ ба се зина тақсим мешаванд, ки онҳоро ба таври зерин гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст:

- суди зинаи аввал. Судҳои зинаи аввал судҳои шаҳрӣ ва ноҳиявӣ ба шумор рафта, фаъолияти худро дар ҳудуди шаҳру ноҳияи дахлдор ба амал мебароранд;

- судҳои зинаи дуюм. Ба сифати судҳои зинаи дуюм Суди ВМКБ, судҳои вилоятӣ ва Суди шаҳри Душанбе баромад мекунанд, ки онҳо хислати суди зинаи болоиро дошта, дар баъзе ҳолатҳо ҳамчун суди зинаи миёна эътироф карда мешаванд;

- суди зинаи сеюм. Зинаи мазкур зинаи охирон ва олии низоми судӣ мебошад, ки вай дарбаргирандаи мақомоти олии судӣ буда, нисбати дигар судҳо ҳамчун зинаи олии судӣ баромад менамояд. Ба зинаи мазкури судӣ пеш аз ҳама Суди Олӣ шомил мешавад, ки он фаъолияти судҳои зинаи поёниро таҳлил ва ҷамъбаст намуда, нисбати он тавзеҳот медиҳад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки таснифоти мазкури низоми судӣ хислати нисбиро доро буда, нисбати ҳамаи мақомоти судӣ паҳн гардида наметавонад. Зеро таснифоти мазкур бештар хоси судҳои салоҳияти умумӣ буда, нисбати онҳо таалluқ дораду халос. Судҳои дигар, аз ҷумла, судҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ, чи хеле ки қайд карда гузаштем, танҳо аз ду зина таркиб ёфтаанду халос. Вобаста ба ин зинаи асосии судҳои иқтисодиро Суди иқтисодии ВМКБ, судҳои иқтисодии вилоятҳо ва Суди иқтисодии шаҳри Душанбе ташкил медиҳад, ки зинаи олии ин судҳоро Суди Олии иқтисодӣ ташкил медиҳад. Нисбати судҳои ҳарбӣ бошад Коллегияи ҳарбии Суди Олӣ зинаи болоӣ ба шумор рафта, муттаносибан зинаи асосии судҳои мазкурро судҳои ҳарбии гарнизонҳои шаҳри Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Хоруғ ташкил медиҳанд [6, с. 182-184].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон судҳои шаҳриву ноҳиявӣ ҳамчун зинаи якум ва чор суди вилоятӣ, аз ҷумла, Суди шаҳри Душанбе, ки дорои статуси суди вилоятӣ мебошад, ба сифати зинаи дуюм фаъолият доранд.

Судҳои ҷумҳурӣ, ба истисноi Суди конситутсионӣ, фаъолияти мурофиавии худро дар ду марҳила ба амал мебароранд, ки мавҷудияти онро татбиқи функсияҳои судӣ тақозо намудааст. Ин маънои онро дорад, ки судҳои ҷумҳурӣ дар баробари зина ҳамчунин ба марҳилаҳо тақсим мешаванд, ки ҳангоми ба марҳила тақсим намудани судҳо доираи салоҳияти онҳо ба инобат гирифта мешавад. Яъне, агар ҳангоми ба зина тақсим намудани судҳо омили асосӣ тақсимоти марзиву маъмурӣ ба шумор равад, пас ҳангоми ба марҳила тақсим намудани судҳо омили асосиро салоҳияти судҳо ташкил медиҳад. Салоҳияти судҳо бошад пеш аз ҳама бо Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии

Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад.

Суди марҳилаи аввал гуфта судеро меноманд, ки вай парвандаро аввалан ва моҳиятан баррасӣ менамояд. Парвандаҳо дар навбати худ ба парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, маъмурӣ, ҷиноятӣ ва иқтисодӣ тақсим мешаванд. Суди марҳилаи аввал парвандаҳои мазкурро моҳиятан баррасӣ намуда, дар доири салоҳияти худ, аз рӯи парвандаҳои баррасишаванда ҳукм, ҳалнома ва ё таъинот мебарорад.

Ба сифати суди марҳилаи аввал ҳамеша суди шаҳр, ноҳия, суди ҳарбии гарнизонҳо, судҳои иқтисодии ВМКБ, вилоятӣ ва Суди иқтисодии шаҳри Душанбе баромад мекунанд. Судҳои боқимонда метавонанд ба сифати судҳои марҳилаи аввал ва дуюм (марҳилаи кассатсионӣ) баромад намоянд. Ба сифати суди марҳилаи аввал ва ё ба сифати суди марҳилаи дувум баромад намудани ин ва ё он мақомоти судӣ пеш аз ҳама бо муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ пешбинӣ карда мешавад. Аз ин ҷо танҳо суди марҳилаи аввал ва ё танҳо суди марҳилаи дувум эътироф намудани ин ва ё он мақомоти судӣ хислати истисноиро надошта, то андозае нисбӣ мебошад. Зеро қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ парвандаҳои ҷиноятиеро пешбинӣ менамояд, ки онҳоро судҳои вилоятӣ ва ё Суди Олӣ на ҳамчун суди марҳилаи болоӣ, балки ҳамчун суди марҳилаи аввал баррасӣ менамояд. Масалан, парвандаи ҷиноятӣ вобаста ба одамкушӣ бо ҳолати вазнинкунанда аз тарафи судҳои вилоятӣ ва Суди шаҳри Душанбе ҳамчун суди марҳилаи аввал моҳиятан баррасӣ карда мешавад. Дар ин маврид Суди Олӣ ба сифати суди марҳилаи дувум баромад менамояд. Дар ҳолате, ки агар ҷинояти одамкушӣ бо ҳолатҳои вазнинкунанда дар ҳудуди ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ содир шуда бошад, пас парвандаҳои мазкур аз тарафи Суди Олӣ ҳамчун суди марҳилаи аввал моҳиятан баррасӣ карда мешавад.

Суди марҳилаи дувум (кассатсионӣ) гуфта судеро меноманд, ки он дар асоси шикояти кассатсионии иштирокчиёни мурофиаи судӣ ва эътирози кассатсионии прокурор асоснок ва қонунӣ будани санадҳои судиеро, ки аз тарафи судҳои зинаи поёнӣ қабул карда шуда, ҳоло ба қувваи қонунӣ надаромадаанд, баррасӣ мекунад.

Мутобиқи муқаррароти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ судҳои марҳилаи дуввум гарчанде ба сифати судҳои марҳилаи аввал баромад карда метавонанд, лекин судҳои марҳилаи аввал наметавонанд ба сифати судҳои марҳилаи дувум баромад намоянд.

Таҳлилҳои боло шаҳодати он аст, ки ба таври марҳилавӣ баррасӣ карда шудани парвандаҳо танҳо хислати хоси судҳои салоҳияти умумӣ набуда, ҳамчунин ба судҳои иқтисодӣ дахл дорд. Ин маънои онро дорад, ки дар судҳои иқтисодӣ низ ба монанди судҳои салоҳияти умумӣ марҳилаи кассатсионӣ ва назоратӣ мавҷуданд, ки дар ин бора дар бобҳои минбаъда маълумоти муфассал хоҳем дод.

Тибқи тартиботи мавҷуда дар зери мафҳуми шикояти кассатсионӣ шикояти иштирокчиёни мурофиаи судӣ (шаҳрвандон) фаҳмида мешавад, ки нисбати санадҳои судии марҳилаи поёнӣ ба судҳои марҳилаи болоӣ оварда шудааст.

Илми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар таносуб бо илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ дар баробари мафҳуми шикояти кассатсионӣ ҳамчунин мафҳуми эътирози кассатсиониро фарқ менамояд, ки ин ду мафҳум мафҳуми ба ҳам монанд набуда, аз ҳамдигар вобаста ба субъектон ва тартиби овардан фарқ менамоянд. Агар шикояти кассатсионӣ ин эътирози шаҳрвандон нисбат ба санади судии марҳилаи аввал ба судҳои марҳилаи болоӣ бошад, пас эътирози кассатсионӣ ин шикояти прокурор мебошад, ки вобаста ба асоснокӣ ва қонунӣ будани санадҳои судӣ оварда шудааст. Ба таври дигар, эътирози кассатсионӣ гуфта ҳуҷҷати расмии прокурорро меноманд, ки дар он фикри прокурор дар хусуси ғайриқонунӣ ва беасос будани санадҳои судӣ баён карда шуда, масъалаи бекор ва тағйир додани он ба миён гузошта шудааст. Бояд қайд кард, ки агар прокурор доир ба парвандаҳои иқтисодӣ даъво пешниҳод накарда бошад, пас вай ҳуқуқи аз болои парвандаҳои иқтисодӣ овардани эътирози кассатсионро надорад.

Қонунгузории мурофиавӣ ва Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар баробари шикояти кассатсионӣ ва эътирози кассатсионӣ ҳамчунин

мафҳуми баррасии парванда ба тартиби назоратиро пешбинӣ менамояд.

Ба таври назорати баррасӣ карда шудани парванда маънои онро дорад, ки дар ин марҳила қонунӣ ва асоснок будани ҳамон санадҳои судие мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд, ки онҳо эътиборӣ қонунӣ пайдо карданд. Агар дар марҳилаҳои кассатсионӣ санадҳои ҳоло ба қувваи қонунӣ надаромадаи судӣ мавриди баррасӣ қарор дода шаванд, пас предмети марҳилаи назоратиро санадҳои ба қувваи қонунӣ даромадаи судӣ ташкил медиҳанд.

Дар марҳилаи назоратӣ баррасӣ карда шудани санадҳои ба қувваи қонунӣ даромадаи судӣ ба салоҳияти Раёсати судҳои ВМКБ, вилоятӣ, Суди шаҳри Душанбе, коллегияҳои судӣ, Раёсати Суди Олӣ вогузор гардида, дар низоми судҳои иқтисодӣ бошад чунин салоҳият ба Раёсати Суди Олии иқтисодӣ дода шудааст.

Ҳамин тавр, тибқи таҳлилҳои боло, таносуби ҳокимияти судӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар раванди идоракунии давлатӣ дар он зоҳир мегардад, ки мақомоти мазкур салоҳияти худро дар алоқамандӣ бо мақомоти дигари идоракунии давлатӣ ба амал бароварда, дар ҳамон як вақт аз болои фаъолияти онҳо назорати судиро ба амал мебарорад, ки тартиби ба амал бароварда шудани назорати судиро қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии амалкунанда муқаррар менамоянд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Гафуров Х.М. Судебная система: понятие и принципы организации и деятельности // Государство и право. – 2005. – №4. – С. 78-83.
2. Гуценко К.Ф., Ковалев М.А. Асари ишорашуда. - С. 60-83
3. Клеандров М.И. Статус судьи. Учебное пособие. - Новосибирск, 2000. - С. 10-12
4. Лебедев В.М. Асари ишорашуда. - С. 221
5. Лебедев В.М. Судебная власть в современной России: проблемы становления и развития. - СПб.: Санкт-Петербургский госуниверситет, «Лень», 2001. - С. 216-217
6. Маҳмудов М., Раҳимов М. Асосҳои давлат ва ҳуқуқ. - Д.: Маориф ва фарҳанг, 2006. - С. 182-184



**Аннотатсия**

**Таносуби ҳокимияти судӣ бо дигар шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар раванди идоракунии давлатӣ**

Ҳокимияти судӣ танзимгари муҳими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки арзиши иҷтимоии онро муайян мекунад. Нақши ҳокимияти судӣ на танҳо аз баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои судӣ, балки аз таъмини рушди устувори ҷомеа иборат аст. Моҳияти иҷтимоии ҳокимияти судӣ маҳз ба талаботи ҷомеа барои ҳалли чунин низоъҳо вобаста аст, ки дар натиҷаи ихтилофоти сершуморе, ки раванди тағйирёбии ҷомеаро ҳамроҳӣ мекунанд, дар ҷустуҷӯи созиш байни гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ дар асоси арзишҳо ва идеалҳои умумии гуманистӣ ба вуҷуд меоянд.



**Аннатация**

**Соотношение судебной власти с другими ветвями государственной власти в процессе государственного управления**

Судебная власть является важным регулятором общественных отношений, что и определяет ее социальную ценность. Роль судебной власти состоит не только в рассмотрении и разрешении судебных дел, но и в обеспечении стабильного развития социума. Социальная сущность судебной власти как раз и обусловливается потребностью общества в разрешении таких конфликтов, возникающих в результате многочисленных противоречий, сопровождающих

процесс трансформации социума, в поиске компромисса между различными социальными группами на основе общих гуманистических ценностей и идеалов.

**Annotation**

**The correlation of the judiciary with other branches of government in the process of public administration**

The judiciary is an important regulator of public relations, which determines its social value. The role of the judiciary is not only in the consideration and resolution of court cases, but also in ensuring the stable development of society. The social essence of the judiciary is precisely determined by the need of society to resolve such conflicts arising as a result of numerous contradictions accompanying the process of transformation of society, in the search for a compromise between different social groups based on common humanistic values and ideals.



**УДК: 347.1**
**Сухробзода Ҷонона Сухроб,**
*мутахассиси шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зисти Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, магистранти кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: jononasuhrobzoda@bk.ru*
*Тел.: (+992) 935-72-35-72.*

# ТАНОСУБИ МАФҲУМИ «ҲИМОЯ» ВА «ҲИФЗ» ДАР ИЛМИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳимоя; ҳифз; ҳуқуқи гражданӣ; тарзҳои ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи граждании субъективӣ.*

***Ключевые слова:*** *защита; охрана; гражданское право; способы охраны гражданских прав; субъективное гражданское право.*

***Keywords:*** *defense; protection; civil law; ways of protecting civil rights; subjective civil law.*

Ҳуқуқ ба ҳимоя дар муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд дорад ва ба он ухдадориҳои субъекти дигар мувофиқ меояд. Дар назарияи умумии ҳуқуқ дар зери ҳуқуқи субъективӣ ба субъекти мушаххас додани ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ба мақсади таъмин намудани манфиати он, ҳадди рафтори имконпазири он дар муносибатҳои ҳуқуқӣ, таъмини ухдадории муқарраршудаи субъекти дигари муносибатҳои ҳуқуқӣ ва кафолатноки давлатро мефаҳманд.

Дар муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳимояи ҳуқуқ масалан, пас аз мурочиат намудани субектони ҳуқуқи гражданӣ ба мақомоти амалисозандаи ҳимояи ҳуқуқ пас аз нисбати он татбиқ намудани санади ҳуқуқӣ, ки ҳуқуқи онҳоро ба ҳимоя маҳдуд мекунад, пас аз интишори санадҳои ғайримеъёрӣ нисбати онҳо ба вуҷуд меояд. Чун ҳама ҳуқуқҳои субъективӣ, ҳуқуқ ба ҳимоя мустақилона ҳимоя карда мешавад, баъзан ҳангоми шикоят намудани рад кардани судро дар баррасии парванда, ҳангоми шикоят кардани санадҳои меъёрию ғайримеъёрӣ, ки ҳуқуқи онҳоро маҳдуд мекунад.

Ҳуқуқдорӣ ин имконияти ҳуқуқӣ чун қисми таркибии ҳуқуқҳои субъективӣ мебошад. Аз ҳисоби ҳуқуқдорӣ ба ҳимояи ҳуқуқ имконияти истифодаи дастгоҳи маҷбуркунии давлатиро муқобили шахси ухдадор дар ҳолати иҷро накардани ухдадориҳо ё ҳимояи мустақилона ба миён меояд. Дар баробари ҳуқуқ ба ҳимояи ҳуқуқ дар таркиби ҳуқуқи субъективӣ ҳуқуқ ба талабкунӣ дохил мешавад. Ба ҳуқуқҳои амволӣ ва истисно одатан ҳуқуқи амалҳои фаъол (яъне ҳуқуқи ба амал баровардани амалҳои мустақилона) дохил мешавад. Дар ҳама давлат ухдадории таъмин намудани амалисозии ҳуқуқ ба ҳимоя аз тарафи субъектони гуногун мавҷуд аст. Бар замми ин ухдадорӣ нисбати на танҳо шахси мушаххас, балки ба ҳама иштирокчиёни бомаҳорати муносибатҳои ҷамъиятӣ татбиқ карда мешавад.

Конститутсияи ҶТ муқаррар мекунад: ҳуқуқи ҳар як шахс ба ҳимояи ҳуқуқҳо ва манфиатҳои худ бо тамоми тарзҳо, ҳуқуқ ба ҳимояи судӣ, ҳуқуқ ба ҷуброни зарари расондашуда, ба ҷуброни зарари давлат [6]. Тарзҳои ҳимояи ҳуқуқ – ин воситаҳои ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинигардидае мебошад, ки татбиқи он ба эътирофи ҳуқуқ асос меёбад, ба барқароркунии вазъияти то ҳуқуқвайронкунӣ ҷойдошта оварда мерасонад, инчунин пешгирии амалҳое, ки ҳуқуқро поймол мекунад ё ба татбиқ намудани он таҳдид мекунад таъмин мекунад. Предмети ҳимояи ин муносибат ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии поймолшуда ё мавриди баҳс қарор додашуда мебошад, ки муносибатҳои ба ин монандро ба амал мебарорад.

Ҳифзи ҳуқуқҳои граждани ва манфиатҳои қонунӣ бо тартиби пешбинӣ намудаи қонун, яъне бо татбиқи шакл ва тарзҳои мувофиқи ҳимоя ба амал бароварда мешавад. Дар зери ҳифзи ҳуқуқ ин дар қонун мустаҳкам гардидани чораҳои моддию мурофиавии хислати маҷбуридошта мебошад, ки ба воситаи он барқарорсозии ҳуқуқи поймолшуда ба амал бароварда мешавад ва ба ҳуқуқвайронкунанда таъсир расонда мешавад. Асосҳои гуногуни тасниф ҷой дорад: вобаста аз мазмуни амали ҳуқуқӣ тарзҳои ҳимояро ба моддию ҳуқуқӣ ва ба мурофиавӣ ҷудо мекунанд.

Тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқи гражданӣ ин тарзҳои амал оид ба ҳимояи ҳуқуқ мувофиқи меъёрҳои ҳифзкунандаи ҳуқуқи моддӣ мебошад. Тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ вобаста аз шарт, хислат, мутааллиқии соҳавӣ, намудҳои ҳуқуқҳои ҳимояшаванда, таркиби субъективӣ фарқ карда мешавад. вобаста аз мақсад тарзҳои моддию ҳуқуқии ҳимояи ҳуқуқ ба пешгирикунанда, барқароркунанда ва ҷаримавӣ ҷудо мешавад. Тарзҳои мурофиавии ҳимоя - амалисозии ваколати мақомотҳои ваколатдор дар намудаи баровардани санад, ки мақсади муқаррар намудан, эътироф ё тасдиқи ҳуқуқ ва фактҳои аҳамияти ҳуқуқидошта, инчунин барқарор намудани манфиатҳои қонунии субъекти муносибатҳои ҳуқуқиро дошта бошад.

Тарзҳои мурофиавии ҳимоя вобаста аз мақсад, хислати амалҳои мурофиавӣ, санадҳои гуногуни ҳокимиятӣ ва шакли мақомотҳои ваколатдор фарқ мекунад. Тарзи мустақили ҳимояи ҳуқуқ ин худмуҳофизаткунӣ мебошад. Тарзҳои ҳимоя ҳуқуқ – категорияи ҳуқуқи моддӣ мебошад, дар зери шакли ҳимоя бошад фаъолияти дар қонун муайяншудаи мақомотро оид ба ҳимояи ҳуқуқ мефаҳманд. Қонун инчунин татбиқи чунин тарзҳоеро иҷозат медиҳад, ки дар моддаи 12 Кодекси гражданӣ пешбинӣ нашудааст [5], аммо дар дигар қонун пешбинӣ шудааст. Масалан ҳуқуқ ба муроҷиат намудан ба мақомотҳои ваколатдори давлатӣ оид ба талаб намудани татбиқи чораҳои хислати давлатию маҷбуридошта.

Илми ҳуқуқи гражданӣ ба ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ диққати калон медихад. Аммо таърифи ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ ҳанӯз хам мавриди мубоҳисаи тезу тунд қарор гирифтааст. Дар Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ муқаррар гардида, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ бошад мафҳуми ҳуқуқии ҳимоя пешбинӣ шудааст. Дар баробари ин, худи мавҷудияти ҳуқуқи граждании субъективӣ бо мавчудияти ин категорияҳои ҳуқуқи вобаста аст, зеро ҳуқуқи субъективӣ меъёри имконпазир (иҷозат) мебошад, ки қонун пешбинӣ кардааст ва аз тарафи давлат таъмин карда мешавад.

Ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ натиҷаи фаъолияти мақсаднок, амали шахсони ваколатдори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ эътироф карда мешавад. Зеро маҳз барқарорсозии воқеии ҳуқуқи поймолшуда метавонад ҳимояро ташкил диҳад. Мутобиқи равиши дуюми фаҳмиши ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ, ҳимоя ҷуз маҷмӯи чораҳои маҷбурии фармоишӣ дигар чизе нест. Бо вуҷуди ин, ба андешаи мо, ин фаҳмиш универсалӣ буда наметавонад, зеро ҷонибдорони ин бархӯрд аз он фаромӯш мекунанд, ки қонун чунин падидаеро ба мисли «низоми чораҳои маҷбурӣ» дар бар мегирад ва дигар ниёз ба ҳимоя вуҷуд надорад.

Дар баробари ин, худи мавҷудияти ҳуқуқи граждании субъективӣ бо мавҷудияти ин категорияҳои ҳуқуқӣ вобаста аст, зеро хукуки субъективи меъёри рафтори имконпазири (иҷозати) шахс мебошад, ки дар қонун пешбинӣ шудааст ва аз ҷониби давлат барои қонеъ гардонидани манфиатҳои қонунии ӯ пешбинӣ шудааст. Аз ин мафҳум бармеояд, ки шарти асосии мавҷудияти ҳуқуқи субъективӣ қобилияти ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда ё мавриди баҳс қарордошта бо ёрии давлат, аз ҷониби суд, суди иқтисодӣ ё суди ҳакамӣ (минбаъд - суд) ба амал бароварда мешавад (моддаи 11 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Дар сурати набудани ҳифзи давлат ҳуқуқ вуҷуд дошта наметавонад ва агар имконияти ҳифзи ҳуқуқи поймолшуда аз даст дода шавад, он аслан қатъ мегардад. Масалан, агар молик имконияти талаб карда гирифтани амволро аз моликияти каси дигар аз даст дода бошад, ваколати асосии молик – ҳуқуқи соҳибии амвол, ки боиси қатъ гардидани дигар ваколатҳои пешбининамудаи моддаи 232

Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳуқуқи ихтиёрдорӣ ва истифодаи амвол) мегардад, маънои пура қатъ гардидани ҳуқуқи соҳибмулкӣ дар умумро дорад [5].

Қобили кайд аст, ки ин мавқеъро амалияи судӣ тасдиқ мекунад. Аммо бояд гуфт, ки мафҳуми ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ аксар вакт дар муқоиса бо мафҳуми ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ баррасӣ мешавад, ки ба ақидаи аксари муаллифон ба таҳлили амиқи моҳияти ҳифз, вобаста ба он мусоидат мекунад.

Баъзе муаллифон як қатор мафҳумҳоеро муайян мекунанд, ки ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои субъективии шаҳрвандонро бо роҳҳои гуногун муайян мекунанд.

Намояндагони консепсияи якум, ки ба онҳо А.П. Сергеевро дохил кардан мумкин аст, ба ҳайси меъёрҳои ҳуқуқии ҳимоя ҳамаи меъёрҳое, ки бо ёрии он рушди муносибатҳои гражданӣ дар ҳолати муътадил, поймолнашуда, мисол мустаҳкам шудани ҳуқуқ ва қобилияти амали субъектҳо, уҳдадориҳо ва ба он монанд, инчунин барқароршавии ҳуқуқвайронкуниҳо ё мубоҳисаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳо таъмин мегардад, мебинанд [10, с. 335].

Ҳамзамон ҳимоя ба маънои маҳдуди калима ҳифз номида мешавад ва танҳо тадбирҳоеро дар бар мегирад, ки ба барқарор ё эътирофи ҳуқуқҳои гражданӣ ва ҳифзи манфиатҳо ҳангоми поймол кардан ё эътирози онҳо нигаронида шудаанд. Қайд кардан зарур аст, ки ҳимояи ҳуқуқҳои грҷданӣ то вайрон гардидан ва ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ бошад танҳо дар сурати баъд аз вайрон гардидан ё мавриди баҳс қарор гирифтани ҳуқуқу озодиҳо ба вуҷуд меояд.

Фикри монандро О.С. Иоффе дорад ва ӯ қайд менамояд, ки ҳимояи манфиатҳои шахсӣ котегорияи ҳаҷман калон назар ба як соҳаи мубориза бо ҳуқуқвайронкунии гражданӣ на танҳо дар амалия ва ҳатто дар муносибатҳои назариявӣ ҳамон меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқие, ки марҳилаи муътадили амалишавии ҳимояи манфиатҳои шахсӣ бисёр ҳам муҳим аст [4, с. 3-4].

Ҳамин тариқ, О.С. Иоффе ва А.П. Сергеев ба мафҳуми ҳимоя маънои васеътарин медиҳад, аз он ҷумла чораҳоеро, ки то вайрон кардани ҳуқуқ ба амал бароварда мешаванд, ки ба татбики муътадили субъекти манфиатҳои онҳо нигаронида шудаанд ва чораҳое, ки ба рафъи ҳодисаҳои «ғайриоддӣ»-и ҳуқуқ нигаронида шудаанд. Дар баробари ин О.С. Иоффе мафҳуми ҳифзро муайян накарда, онро ҳамчун синоними ҳимоя истифода мебарад.

Намояндагони мафҳуми дигар (аз ҷумла, Л.С. Явич, А.Ф. Чердантсев ва дигарон) бар хилофи муаллифони дар боло зикршуда, ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии гражданиро хеле маҳдуд мешуморанд. Он ҳамчун фаъолияти мақомоти давлатӣ, ки нисбат ба ҷинояткорон ҷазо татбиқ мекунад, муайян карда мешавад [12, с. 339] [13, с. 219]. Дар баробари ин ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ танҳо баъди вайрон кардани меъёри ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Чунин ба назар мерасад, ки ин мавқеъ комилан муваффақ нест, зеро дар ин ҳолат муҳофизат вазифаҳои «пешгирикунанда»-ро дар бар намегирад. Воқеан, ин муаллифон ду мафҳумро муайян намуда, аломатҳои мафҳуми ҳимоя ба категорияи ҳифз кам мекунанд.

Тарафдорони назарияи сеюм мафҳумҳои ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқҳои гражданиро равшан фарқ мекунанд. Дар ҳамин ҳол, нуқтаи назари онҳо дар бораи падидаҳои мавриди баррасӣ на ҳамеша комилан мувофиқат мекунанд. Ҳамин тариқ А.И. Базилевич ба нуқтаи назари сивилисти австирягӣ Э. Месснер розӣ мешавад, ки тибқи он ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунӣ фақат фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ҷамъиятиро фаҳмидан лозим аст, ки тадбирхои пешгирикунандаро дар бар мегирад [7, с. 27]. Дар ҳолатҳое, ки вайронкунии ҳуқуқ аллакай ба вуқӯъ омадааст, ҳифз ба кор меояд. Ҳамин тариқ, бо мафҳуми ҳимоя А.И. Базилевич тадбирҳоеро, ки ба пешгирии вайронкунии ҳуқуқҳо нигаронида шудаанд, мепайвандад ва ҳадафи ҳифз барқарорсозии ҳуқуқҳоро муайян мекунад [1, с. 34].

Ҳамзамон ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандонро ӯ ҳамчун татбиқи муҷозоти ҳуқуқии меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ аз ҷониби мақомоти ваколатдор ё бевосита шахси ваколатдор ё уҳдадор дар муносибатҳои ҳуқуқӣ бо мақсади татбиқи

ҳуқуқҳои субъективӣ ва қонунӣ муайян мекунад дар ҳолате, ки охирин аз ҷониби касе эътироз ё вайрон карда шавад.

Чунин мавқеъро В.А. Тархов низ пайгирӣ мекунад, ки тибқи он ҳимояи ҳар як ҳуқуқ пайваста вуҷуд дорад ва ба таъмини татбиқи он, пешгирии вайроншавии он нигаронида шуда, танҳо дар ҳолати поймол кардан ё таҳдиди поймол кардани он ба ҳифзи ҳуқуқҳо муроҷиат кардан лозим меояд [11, с. 8]. Инчунин мавқеи А.П. Вершинин, ки бидуни таваҷҷуҳ ба мафҳуми ҳимоя, ҳифзи ҳуқуқро ҳамчун «фаъолияти қонунӣ оид ба рафъи монеаҳое, ки ба амалисозии ҳуқуқҳои онҳо ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо, барқарор кардани вазъияте, ки пеш аз ҳуқуқвайронкунӣ вуҷуд дошт» муайян кардааст [2, с. 17].

Бо таҳлили афкори баёншуда бояд кайд кард, ки ҳифзи ҳуқуқҳои граждаsuccessfully муаллифон, пеш аз хама бо ҳуқуқвайронкунии содиршуда алоқаманд мекунанд. Ҳамзамон ҳимоя асосан ҳамчун чораҳои пешгирикунанда муайян карда мешавад, ки то ҳолати вайрон кардани ҳуқуқ истифода мешаванд. Аслан мафҳуми шабеҳи ҳифзро қонунгузор низ муқаррар кардааст, ки истилоҳи «ҳифз»-ро танҳо дар робита ба поймол кардан ё эътирози ҳуқуқҳои гражданӣ истифода мебарад (банди 1 моддаи 11 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) [5].

Дар ҳамин ҳол, як қатор муаллифон бар ин назаранд, ки муроҷиат барои ҳифз на танҳо дар поймол шудани ҳуқуқ ё эътироз имконпазир аст. Ба андешаи онҳо, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳангоми омӯзиши чунин усули қонунии ҳифзи ҳуқуқи гражданӣ, ба монанди эътирофи ҳуқуқ (моддаи 12 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон) омадан мумкин аст [9, с. 11].

Баъдан бояд гуфт, ки манобеъи баҳсҳои сершумори фақеҳ дар мавриди иртибот байни мафҳумҳои «ҳифз» ва «ҳимоя» бешубҳа тафовути луғавии ин ду тоифа хоҳад буд. Мувофики «Луғати забони русӣ»-и С.И. Ожегов «ҳимоя кардан» маънои муҳофизат кардан, нигоҳдориро дорад. «Ҳифз кардан» - посбонӣ кардан, эмин нигоҳ доштанро аз ҳамлаи амалҳои душманона ва аз хатаро дорад [8, с. 418]. Дар асоси ин мафҳумҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки мафҳуми ҳимоя ҳамчун ҳолати махсуси худ хифзро, ки ҳангоми зарурати татбиқи чораҳои фаъол бар зидди таҷовузкории касе дар бар мегирад. Бо назардошти нуқтаи назари ин мафҳумҳо чунин ба назар мерасад, ки назарияи А.П. Сергеев ба воқеият наздик аст.

Дар бораи хусусиятҳои «ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ» сухан рондан, бояд қайд кард, ки мафҳуми мазкур ҳам маънои «ҳуқуқии моддӣ ва ҳам мурофиавӣ»-ро дар бар мегирад, зеро истилоҳоти махсус барои фарқ кардани ҳифз дар соҳаи ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавӣ вуҷуд надорад» [3, с. 5-6]. Зери ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ метавон ҳамчун маҷмӯи тадбирҳои моддии ҳуқуқие, ки барои рафъи монеаҳо барои татбиқи ҳуқуқ истифода мешаванд ва фаъолият оид ба татбиқи ин чораҳо, ки мақомоти ваколатдор дар шакли муайяни мурофиавӣ анҷом медиҳанд, фаҳмидан мумкин аст.

Ҳифзи ҳуқуқҳои гражданӣ бояд ҳамчун татбиқи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ва воқеии дар қонун пешбинишуда аз ҷониби мақомоти салоҳиятдор ё шахсони ваколатдор бо мақсади барқарор намудани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок фаҳмида шавад. Ҳимояи ҳуқуқҳои гражданӣ ҳам инкишофи муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ дар ҳолати муқаррарӣ, вайроннашаванда ва ҳам барқарор кардани ҳуқуқҳои поймолшуда ё баҳснок мебошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Базилевич А.И. Формы защиты субъективных гражданских прав: дис. ... канд. юрид. наук. – Ульяновск, 2001. – 205 с.

2. Вершинин А.П. Способы защиты гражданских прав в суде. – СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского университета, 1998. – 56 с.

3. Воложанин В.П. Несудебные формы разрешения гражданско-правовых споров. – Свердловск, 1974. – С. 5–6.

4. Иоффе О.С. Гражданско-правовая охрана интересов личности / под ред. Б.Б. Черепахина. – М.: Юрид. лит., 1969. – 256 с.

5. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999, №803 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 10.12.2022).

6. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 бо тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд.

7. Messner E. Formpflicht und Konsumentenschutz. Muenster, 1990. – 205 с.

8. Ожегов С.И. Словарь русского языка / под ред. Н.Ю. Шведовой. – М.: Русский язык, 1987. – 907 с.

9. Остапюк Н.В. Понятие и формы защиты гражданских прав. Особенности нотариальной защиты гражданских прав // Юрист. – 2006. – №5. – С. 9-14.

10. Сергеев А.П. Гражданское право / под ред. А.П. Сергеева, Ю.К. Толстого. Т. 1. – М.: Проспект, 2003. – 848 с.

11. Тархов В.А. Охрана имущественных прав трудящихся по советскому гражданскому законодательству: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 1966. – 508 с.

12. Черданцев А.Ф. Основы теории государства и права. Изд. 2-е / под ред. С.С. Алексеева. – М.: Юрид. лит., 1971. – 408 с.

13. Явич Л.С. Общая теория права. - Л.:Изд-тво Ленинградского университета, 1976. – 287 с.

**Аннотатсия**

**Таносуби мафҳуми «ҳимоя» ва «ҳифз» дар илми ҳуқуқи маданӣ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф таносуби мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз»-и ҳуқуқи гражданӣ ҳамчун усули пешгирикунанда ва дар ҳолати поймол шудан барқароркунандаи ҳуқуқҳои гражданӣ таҳлил гардидааст. Дар он мафҳум, хусусиятҳо ва дигар ҷанбаҳои мафҳумҳои мазкур баррасӣ гардидааст. Қайд гардидааст, ки яке аз роҳҳои пешгирикунанда ва барқароркунандаи ҳуқуқҳои гражданӣ ин дуруст дарк намудани моҳияти мафҳумҳои «ҳимоя» ва «ҳифз» мебошад.

**Аннотация**

**Соотношение понятий «защита» и «охрана» в науке гражданского права**

В данной статье автор проанализирует соотношение понятий «защита» и «охрана» в науке гражданского права как способ предотвращения и восстановления гражданских прав в случае их нарушения. В ней рассматриваются понятие, характеристики и другие аспекты данных понятий. Следует отметить, что одним из способов предупреждения и восстановления гражданских прав является правильное понимание сущности понятий «защита» и «охрана».

**Annotation**

**Relationship between the between the concepts of “protection” and “defense” in the science of civil law**

In this article, the author analyzes the relationship between the concepts of “defense” and “protection” in the science of civil law as a way to prevent and restore civil rights in case of their violation. It discusses the concept, characteristics and other aspects of these concepts. It should be noted that one of the ways to prevent and restore civil rights is a correct understanding of the essence of the concepts of “defense” and “protection”.



УДК: 342.922

**Давлятов Суҳроб Рустамович,**
*магистранти курси 2-юми Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон*
*E-mail: davlatov.suhrob@mail.ru*
*Тел.: (+992) 555-50-25-55.*

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ ХИЗМАТЧИЁНИ ДАВЛАТИИ МАҚОМОТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚ

***Калидвожаҳо:*** *хизмати давлатӣ; хизматчии давлатӣ; хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.*

***Ключевые слова:*** *государственная служба; государственный служащий; государственная служба правоохранительных органов.*

***Keywords:*** *public service; civil servant; state law enforcement service.*

Хусусиятҳои асосии вазъи ҳуқуқии корманди ҳифзи ҳуқуқ ҳамчун намояндаи ҳокимият, пеш аз ҳама, самти ваколатҳои давлат ва қудрати ӯ берун аз мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад; сониян, ваколат додан ба ӯ барои татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ; сеюм, ваколатҳо метавонанд дар масофаи ҳудудӣ аз як мақомоти мушаххаси ҳифзи ҳуқуқ, ки он ҷо фаъолияти худро анҷом медиҳад, амалӣ карда шаванд.

Ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои иҷрои босифати вазифаҳо ваколатҳои давлатӣ ва қудратӣ дода мешаванд. Таҳлили онҳо ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи вазифаҳои умумӣ (расмӣ) ва мушаххаси (расмии) кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ сухан ронем.

Вазифаҳои расмӣ то дараҷаи талаботҳои меъёрӣ баланд бардошта шуда, тибқи қонун барои ҳама ё барои як қатор вазифаҳо муқаррар карда шудаанд. Вазифаҳои корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инҳоро дар бар мегиранд: иҷрои софдилонаи онҳо; таъмини ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон; ҳифзи сирри давлатӣ ва дигар сирри бо қонун ҳифзшаванда, инчунин паҳн накардани маълумоте, ки ба ӯ маълум шудааст, ки ба ҳаёти шахсӣ, шаъну шарафи шаҳрвандон таъсир мерасонанд; расонидани кумак ба шаҳрвандоне, ки аз ҷиноятҳо, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва садамаҳо зарар дидаанд; андешидани чораҳо барои наҷоти одамон, пешгирӣ ва фурӯпошии ҳуқуқвайронкуниҳо, боздошти ашхос ба гумони содир кардани ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноят. Ин рӯйхати пурраи вазифаҳои расмӣ нест. Доираи онҳо то таъмини қонунгузории марбута, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муайян карда мешавад.

Вазифаҳои мансабӣ, ба фарқ аз вазифаҳои хизматӣ, бо тавсифи вазифаҳо, низомномаҳо, оинномаҳо, ки дар асоси талаботи тахассусии муқаррарнамудаи қонунгузорӣ дар бораи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи дахлдор муайян карда мешаванд ва аз ҷониби роҳбарони ин мақомот ва воҳидҳои сохтории онҳо тасдиқ карда мешаванд. Тавассути ин санадҳо иҷрои вазифаҳои дахлдор, маҷмӯи вазифаҳо, ҳамкории воҳидҳои сохторӣ, низоми робитаҳои байни мансабҳо мушаххас карда мешаванд.

Бояд қайд кард, ки масъулияти мансабӣ на барои корманд, балки барои мансабе, ки ӯ ишғол мекунад, муқаррар карда мешавад. Доираи онҳо хеле васеъ аст ва пеш аз ҳама ба худи мансабҳои зиёд, инчунин мавҷудияти омилҳои дигар вобаста аст, ки бояд номи вазифа, сатҳи салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки дар он таъсис ёфтааст, ҳаҷм, хусусиятҳои вазифаҳо ва функсияҳое, ки мақомот ё воҳиди сохтории он иҷро мекунанд, минтақае, ки дар он ҷойгир аст, дараҷаи штатии бадан ва ғ вобастаанд.

Ҳуқуқҳо унсури махсус дар сохтори вазъи маъмурию ҳуқуқии корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошанд. Ҳаҷми онҳо мустақиман ба миқдор ва салоҳияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, инчунин ба салоҳияте, ки ба корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад, вобаста аст. Таҳлили қонунгузорӣ дар бораи хизмати давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба мо имкон медиҳад, ки дар бораи се

гурӯҳи ҳуқуқҳо сӯҳбат кунем.

Ду гурӯҳи аввал ҳуқуқҳое мебошанд, ки ба татбиқи мустақими вазъи ҳуқуқии корманд мусоидат мекунанд. Дар байни онҳо, дар асоси хусусиятҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дар ҷои аввал метавон ҳуқуқеро, ки ба категорияҳои гуногуни кормандон дода шудааст, номбар кард. Масалан, Қонун "Дар бораи милитсия" ба кормандони милитсия ҳуқуқи истифодаи қувваи ҷисмонӣ, воситаҳои махсус ва силоҳи оташфишон, бидуни мамониат ба биноҳои истиқоматӣ ва дигар ҷойҳо ворид шуданро додааст [1]. Гурӯҳи дуввуми ҳуқуқ ба кормандони инфиродии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дода мешавад. Намунаи барҷастаи он санадҳои идоравӣ мебошад, ки ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқҳои тартиб додани протоколҳо дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, дастгиркунии маъмурӣ ва дигар чораҳоро оид ба таъмини баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ медиҳанд. Ҳуқуқҳо барои гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ инчунин ба кормандони мушаххаси мақомоти ҳифзи ҳуқуқ вогузор карда шудаанд. Кормандони минтақавии милитсия, приставҳо ва кормандони дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқҳои алоҳида доранд. Ба ҳамин гурӯҳи ҳуқуқҳо ҳуқуқҳое дохил мешаванд, ки дар тавсифи вазифаҳо мавҷуданд.

Гурӯҳи сеюми ҳуқуқҳо ба мундариҷаи вазъи ҳуқуқии корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бавосита таъсир мерасонад. Ба аз ҷумла:

- ҳуқуқи корманд барои иштирок дар озмун барои ишғоли мансаби холии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ;
- ҳуқуқи шиносоӣ бо ҳуҷҷатҳои муайянкунандаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманд дар вазифаи ишғолнамуда;
- ҳуқуқи корманд ба пешбарӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос;
- ҳуқуқи ба корманд фароҳам овардани шароити мувофиқ барои иҷрои вазифа;
- ҳуқуқ ба ҳимояи давлатӣ, инчунин як қатор дигар ҳуқуқҳои муқаррарнамудаи қонунгузории амалкунанда.

Ин ҳуқуқҳо барои ҳамаи кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маъмуланд ва аз ҷониби қонун кафолат дода мешаванд.

Ҳангоми ворид шудан ба хизмати давлатӣ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ як қатор маҳдудиятҳо ва манъкуниҳои муқарраркардаи қонунро ихтиёран қабул мекунанд. Аз ин рӯ, дар доираи ин унсури вазъи ҳуқуқӣ, бояд баррасии маҳдуд кардани ҳуқуқҳои шаҳрвандии онҳо, ки аз ҷониби давлат муқаррар карда шудаанд ва барои таъмини фаъолияти самараноки хадамоти ҳифзи ҳуқуқ, пешгирии сӯиистифодаи эҳтимолӣ аз вазифа ва эҷоди онҳо пешбинӣ шудааст [2]. Онҳо нисбат ба корманд дар давоми тамоми давраи дар хизмат буданаш амал мекунанд.

Маҳдудиятҳо ва манъкуниҳо бо гузашти хадамоти ҳифзи ҳуқуқ бояд дар се ҷанбаи асосӣ баррасӣ карда шаванд:

1) номувофиқии фаъолияти хидмати давлатӣ бо дигар намудҳои фаъолияти музднок, ба истиснои фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва эҷодкорӣ;

2) ғайри қобили қабул будани гирифтани подош аз ҷониби шахсони сеюм барои иҷрои вазифаҳои хизматӣ;

3) риояи қатъии интизоми давлатӣ ва хидматӣ; бетарафии сиёсӣ.

Шаҳрванде, ки дар хизмати ҳифзи ҳуқуқ мебошад, чунин маҳдудиятҳо доранд: истифодаи мақоми хизматии худро ба манфиати шахсӣ манъ мекунад; бинобар таҳдид ба ҳаёт ё саломатии ӯ аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ даст кашанд; сохторҳои ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои диниро дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ таъсис надиҳанд; машғул шудан ба ғайр аз фаъолияти расмии музднок, ба истиснои онҳое, ки ба иҷрои вазифаҳои хизматӣ халал намерасонанд ва боиси бархӯрди манфиатҳо дар фаъолияти омӯзгорӣ, илмӣ ва дигар эҷодиёт намешаванд; мустақилона ё тавассути шахсони боэътимод барои иштирок дар идоракунии ташкилотҳои ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқӣ (ба истиснои иштирок дар маҷлиси умумии аъзои ташкилоти ғайритиҷоратӣ).

Масъулият ҷузъи муҳими мақоми маъмурию ҳуқуқии корманди мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мебошад [3, с.70]. Масъулият асоси устувори ҳама унсурҳое мебошад, ки вазъи ҳуқуқии кормандро ташкил медиҳанд. Он ҳамчун воситаи муҳими иҷрои волоияти қонун ва интизом хидмат мекунад, аз ин рӯ онро бояд як навъ назорат ҳисобид. Масъулият ҳамчун пайванди мутақобилаи корманд ва мавқеи

хадамоти ҳифзи ҳуқуқ бо ҷузъҳои он: ваколатҳо, вазифаҳо ва ҳуқуқҳо ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, аз ҳад зиёд баромадани ваколатҳои давлатӣ ва қудратӣ ё иҷрои номатлуби вазифаҳо ҳамчун ҷинояти интизомӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ё ҷиноят ҳисобида мешавад ва аз ин рӯ, ҷавобгарии ҳуқуқиро дар назар дорад.

Намуди асосии ҷавобгарии ҳуқуқии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ масъулияти интизомӣ мебошад, ки дар ҷазои интизомӣ амалӣ карда мешавад. Асоси ҷавобгарии интизомиро ҳуқуқвайронкунии интизомӣ, яъне вайрон кардани гунаҳкоронаи қоидаҳо, вазифаҳои хидмат ва интизоми хидмат ташкил медиҳанд. Ҷазои интизомӣ бо тартиби тобеи расмӣ танҳо аз ҷониби доираи муайяни роҳбарони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар доираи салоҳияти худ ва рӯйхати муқарраршудаи ҷазоҳо татбиқ карда мешавад.

Асоси ҷавобгарии маъмурии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ мебошад. Кормандон барои вайрон кардани қоидаҳои умуман ҳатмии пешбининамудаи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд. Ҷавобгарии ҷиноятӣ нисбати кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ барои содир кардани ҷиноят ба зимма гирифта мешавад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои расмиро таъкид мекунад: сӯиистифода аз мансаб, сӯиистифода аз мақом ё салоҳияти хидматӣ, хунукназарӣ, гирифтани пора, сохтакории расмӣ [4].

Кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ низ метавонанд тибқи қонунгузории меҳнат ба ҷавобгарӣ кашида шаванд, ки ба фарқ аз дигар намудҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, хусусияти барқарорсозӣ дорад. Он барои рафтори бади хизматӣ, ки ба молу мулки мақомоти ҳифзи ҳуқуқ зарар расонидааст, рух дода, дар ҷуброни зарари ба гунаҳгор расонидашуда ифода меёбад. Ҷавобгарии моддӣ, чун қоида, маҳдуд аст: кормандоне, ки бо гуноҳи онҳо зарар расонида шудааст, онро дар ҳаҷми зарари мустақим, вале на бештар аз кумакпулии пулии худ месупоранд. Ҷавобгарии пурраи моддӣ маънои онро дорад, ки зарари расонидашуда пурра ҷуброн карда мешавад. Масъулияти кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷавобгарии интизомӣ ё ҷиноии онҳоро истисно намекунад.

Ҷавобгарии интизомии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба намудҳои он, инчунин санадҳое, ки дар он ҷо қабул карда мешаванд, дар бораи интизоми кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пешбинӣ мекунанд. Асосҳои он якхелаанд - вайрон кардани интизоми хидматӣ, аммо дақиқан дар чӣ ифода ёфтанаш мумкин аст. Ғайр аз он, низоми муҷозоти интизомии пешбининамудаи ин санадҳо ба ҳам мувофиқат намекунанд. Дар ҳама ҳолатҳо, инҳо иборатанд аз: огоҳӣ, танбеҳ, танбеҳи қатъӣ ва барканорӣ [5]. Нисбат ба кормандони мақомоти корҳои дохилӣ инчунин ҷазоҳо дар шакли паст фаровардан, дараҷаи паст кардани рутбаи махсус, маҳрум сохтан аз нишони сарисинагӣ татбиқ карда мешаванд.

Асоси ҷавобгарии интизомӣ вайрон кардани интизоми хизматӣ мебошад, яъне ҳуқуқвайронкунии интизомӣ, ки ҳамчун кирдори (беамалии) гунаҳгор эътироф карда мешавад, ки боиси вайрон кардани қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, талабот барои рафтори расмӣ, қоидаҳои дохилӣ, иҷро накардан ё иҷрои номатлуби талабот барои рафтори хизматӣ, вазифаҳои хизматии онҳо, уҳдадориҳои пешбининамудаи шартнома, амру фармонҳои роҳбарони мустақим ва фаврӣ мебошад.

Ҳуқуқвайронкунии интизомӣ инҳоро дар бар мегиранд: вайрон кардани манъи иҷрои қонунҳо; ғоиб будан дар ҷои кор (дар давоми беш аз чор соат дар давоми вақти муқарраргардидаи хизмати ҳаррӯза бе сабабҳои узрнок аз хизмат набудан); дар ҳолати мастии спиртӣ, нашъамандӣ ё заҳролуд дар хизмат будан; содир кардани кирдоре, ки боиси вайрон кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, пайдоиши таҳдид ба амнияти давлат, ҳаёт ва саломатии одамон, халал расонидан ба кор ё боздоштани фаъолияти давлат мебошад мақомот ё дигар ташкилотҳо ва воҳидҳои сохтории онҳо, ки ба андозаи калон зарари молумулкӣ мерасонанд ё зарари дигари назаррас мерасонанд; гум кардани яроқи ба ӯ таъиншуда аз ҷониби корманд; рад кардан ё саркашӣ аз гузаштан аз комиссияи тиббии хадамоти ҳифзи ҳуқуқ, вақте ки қонуни маҷбуран гузаштани он муқаррар карда шудааст; бидуни сабабҳои узрнок барои

аттестатсия ҳозир нашудани корманд.

Ҷазои интизомӣ чораҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани интизоми хизматӣ мебошанд. Чун қоида, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ба ҷавобгарии маъмурӣ дар асосҳои умумӣ - ҳамчун шаҳрванд ё мансабдор гузошта мешаванд. Аммо, дар ҳолатҳои муқарраршуда, онҳо барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба ҷавобгарии интизомӣ кашида мешаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Маҷмӯи қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сохтори давлатӣ ва худидораи маҳаллӣ. Душанбе – 2004.
2. Пирназаров И. А. Институциональное развитие государственной службы Республики Таджикистан в контексте повыщения эффективности. Душанбе-2006.
3. Раҳмонов Э. Ответственность перед временем. Душанбе, 2002. С.70.
4. Государственная служба / Под ред А.В. Оболонского. М.,1999.
5. Худоёров Б.Т, Шонасриддинов Н., Муқумова С.А. Тафсири Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2004.



**Аннотатсия**

**Вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ**

Дар мақолаи мазкур асосҳои вазъи ҳуқуқии хизматчиёни давлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар давлати ҳуқуқбунёд, ҳифзи ҳуқуқ вазифаи тамоми ҷомеа аст, на танҳо давлат, балки аслии тамоми системаи ҳифзи ҳуқуқи ҷомеаро маҳз системаи махсуси давлатии ҳифзи ҳуқуқ ташкил медиҳад, ки нисбатан мустақилона амал мекунад, ки барои ҷудоии он аз сохторҳои ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар натиҷа тағйирот дар афзалиятҳо дар ташкили ҳифзи ҳуқуқ. Дар натиҷа, зарур аст, ки системаи кафолатҳо ва маҳдудиятҳо дар шаклҳои татбиқи функсияи ҳифзи ҳуқуқ аз ҷониби хадамоти давлатӣ ташкил карда шавад.



**Аннотация**

**Правовой статус государственных служащих правоохранительных органов**

В данной статье рассматриваются основы правового положения государственных служащих правоохранительных органов. В правовом государстве обеспечение правопорядка является обязанностью всего общества, не только государства, но ядром всей правоохранительной системы общества является особая государственная правоохранительная система, которая действует относительно самостоятельно, что создает условия ее отделения от общественных структур и, как следствие, изменение приоритетов в организации правоохранительной деятельности. В результате необходимо создать систему гарантий и ограничений форм реализации правоохранительной функции государственными службами.



**Annotation**

**Legal status of civil servants of law enforcement agencies**

This article discusses the basics of the legal status of civil servants of law enforcement agencies. In a state governed by the rule of law, law enforcement is the responsibility of the whole society, not only the state, but the core of the entire law enforcement system of society is a special state law enforcement system that operates relatively independently, which creates conditions for its separation from public structures and, as a consequence, a change in priorities in the organization of law enforcement. As a result, it is necessary to create a system of guarantees and restrictions on the forms of implementation of law enforcement functions by public services.



**УДК: 340.112**

**Алиев Исмоил Исмонович,**
*унвонҷӯи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: aliev-ismoil@mail.ru*
*Тел.: (+992) 985-51-55-59.*

# ОИД БА БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲОИ ФУНКСИЯИ ҶАВОБГАРИИ ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқвайронкунӣ; ҷавобгарии ҳуқуқӣ; ҷиноят; ҷазои ҷиноятӣ; сиёсати ҷиноятӣ; қонуни ҷиноятӣ, меъёри ҳуқуқ, санксия, муносибати ҳуқуқӣ, маҷбуркунии давлатӣ.*

***Ключевые слова:*** *правонарушение, юридическая ответственность, преступление, уголовное наказание, уголовная политика, уголовный закон, нормы права, санкция, правовые отношения, государственное принуждение.*

***Key words****: Breaking law, law responsibility, crime, criminal punishment, criminal policy, legal criminal, legal norms, sanction, law relationships, state coercion.*

Дар адабиёти илмӣ дар гузашта ба мавзуи вобаста ба функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи лозим дода намешуд. Дар натиҷаи чунин бархурд, дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми комилан асосноку пурраи вобаста ба функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳия ва пешниҳод нашудааст ва мутаассифона, ба ин далел, вазифаи муҳиму пураҳамияте ҳалли худро наёфтааст, ки бидуни он мавҷудияти ҳеҷ гуна назарияи илмӣ имконпазир намебошад. Вазифаи мазкур аз вуҷуд доштани дастгоҳу аппарати устувори мафҳумӣ иборат мебошад. Ҳар навъ дидгоҳу назарияи илмӣ дорои дастгоҳи мафҳумии хоси худ мебошад, - қайд менамояд Н.В. Витрук. Ин дастгоҳ ва ё аппарати мафҳумӣ, аз нигоҳи муаллифи мазкур, имкон медиҳад, ки ҳар мавзуи марбут ба таҳқиқоти илмӣ бо забону услуби махсуси худ мавриди таҳлилу омӯзиши амику ҳаматараф қарор бигирад. Дастгоҳи мафҳумӣ, яъне низоми мафҳумҳо, ки ба таври дурусту дақиқ воқеъиятҳои ҳуқуқӣ, мантиқи объективӣ, коркард ва инкишофи онро инъикос менамояд – асосу бунёди назарияи илмиро ташкил медиҳад[6, с. 9].

Муаллифи мавриди назар бо нуктаи назар ва мавқеъи Б.Т. Базилева мувофиқ аст: “Таҳияву коркарди назарияи умумии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқи функсия, мақсадҳо, нақшу аҳамияти ниҳоди (институти) ҳуқуқиро дар мадди назар қарор медиҳад”[3, с. 29]. Б.Т. Базилева аз аввалин муҳаққиқоне ба ҳисоб меравад, ки ба масъалаҳои вобаста ба функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи хос зоҳир намудааст. Вале ҳамчунин дар ин самт, наметавон аз В.И. Попов, ки муддатҳо қабл аз Б.Т. Базилева мақолаи “Функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва истифодаи ҳуқуқ” -ро ба табъ мерасонад, ёд накард. Дар баробари ин, муаллифони дигаре ҳам буданд,ки ҷанбаҳои ҷудогонаи марбут ба категорияҳои мавриди назари ҷавобгарии ҳуқуқиро дар чаҳорчӯби пажӯҳишҳои илмии худ мавриди баррасӣ қарор додаанд. Дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷавобгарии ҳуқуқӣ, мафҳум, намуд ва принсипҳои он ба таври фаъолона мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, аммо дар ин миён ба таври ғайриасоснок ба функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ки ба таври шояду бояд мавриди омӯзиш қарор мегиранд, таваҷҷуҳи лозим дода нашудааст.

Калимаи “функсия” аз вожаи лотинии functio – амалисозӣ ибтидо мегирад[18, с. 1449]. Ба маънои умумии худ калимаи “функсия”, яъне амал, вазифа, нақш аз робитаҳои “дохиливу берунии системаи мазкур иборат аст, ки устувории нисбӣ ва ҳамгироии муштаракро бо дигар системаҳо таъмин менамояд”[22, с. 71]. Дар илми фалсафа таъкид мешавад, ки функсия ин зоҳиршавии хусусиятҳои объекти мушаххас дар доираи системаи муносибатҳои мазкур мебошад[24, с. 526]. “Зери мафҳуми предмет ё зуҳурот мо шакли таъсиргузории онро бар рӯи предмет, мавод ё падидаҳои дигар дар назар дорем” [23, с. 171]. Аз ин чунин бармеояд, ки функсия зери таъсири хусусияти дохилии падида ҳосил

мегардад ва ин хусусияти дохилӣ ба таври ҳатмӣ шаклу сурати берунӣ дорад. Функсия аз нигоҳи назария дар бораи давлат ва ҳуқуқ ба таври куллӣ дар бештари мавридҳо ҳамчун самт, ҷиҳат, мавзуъ ва муҳтавои фаъолияти давлатӣ ҳуқуқӣ маънидод мешавад, ки он нақши иҷтимоии давлат ва ҳуқуқро муаррифӣ менамояд.

Дар адабиёти тахассусии ҳуқуқӣ таъбирҳои мухталифе дар бораи функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба кор бурда мешаванд. Р.Ш. Сотиволдиев чунин менигорад: “функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ баҳри ба сомон расидани мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амалӣ мешавад[19, с. 689]. Аз дидгоҳи И.С. Самошенко ва М.Х. Фарукшин зери мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд самтҳои асосие дар назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсаду таъйиноти ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқ ва амалӣ гардида, дар онҳо мақсаду таъйиноти ҷавобгарии юридикӣ инъикоси худро меёбанд[16, с. 96–124]. Ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ дорои характери худмуҳофизатии иҷтимоӣ дар баробари таҷовузу сӯиқасд ба муқобили асосҳои ҳуқуқии он мебошад. Ба андешаи Н.М. Шодизода моҳияти ҷавобгарии ҳуқуқиро татбиқи чораҳои маҷбуркунии давлатӣ нисбати ҳуқуқвайронкунанда ташкил медиҳад[29, с. 462]. С.С. Алексеев дар робита ба функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин гуна изҳори назар менамояд: “Функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо мазмуну муҳтавои иҷтимоӣ ва хусусиятҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд ва ин алоқамандӣ дар навбати аввал ба он вобаста аст, ки он ба гунае ба истилоҳ аксуламали давлат нисбат ба маврид ва ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ, рафтори иҷтимоии зараррасон ва тарбияву бозпарварии ахлоқиву маънавии шахсияти ҳуқуқвайронкунанда ба ҳисоб меравад”[1, с. 278]. Равиши як каме фарққунанда нисбат ба мафҳуми функсияи ҷавобгарии ҳуқуқиро В.В. Лазарев пешниҳод менамояд. Ин муаллиф дар ин замина аз ҷумла, чунин менигорад: “Маъмулан, чунин тасаввур мешавад,ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ду мақсади аслиро пайгирӣ менамояд: муҳофизати тартиботи ҳуқуқӣ ва тарбияи шаҳрвандон. Мақсадҳои мазкур дар чаҳорчӯби функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ мушаххас ва зоҳир мегарданд ва дар ин миён моҳияти онҳо бо таваҷҷуҳ ба шаклу намуди ҷавобгарӣ метавонад гуногун бошад... Мақсадҳо, – идома медиҳад муаллифи мазкур, дар баъзе ҳолатҳо фарқе намекунанд”.

А.И. Петелин чунин меандешад, ки функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз мақсаду таъйиноти махсуси он дар системаи пешгирӣ ва мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ бармеоянд. Зимнан, на ҳар гуна рафтори ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд функсия ва система шуморида шавад. Фақат рафтори аз манфиатҳои системаи ба таври мустақим бартар ва моҳияти он ҳосилшавандаро метавон функсия донист[15, с. 55], бармеояд.

Аз нигоҳи И.А. Галаган зери мафҳуми “функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд нишонаҳои аслии таъйиноти он”[8, с. 133] дар назар гирифта шавад. Вале камбуди таърифи мазкур ба назари мо дар он аст, ки муаллиф ба самти таъсири ҳуқуқӣ ишора намекунад.

П. Курис дар навбати худ ёддовар мешавад, ки зери мафҳуми “функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд самтҳое дар назар гирифта шаванд, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҷавобгарӣ татбиқ гардида, аломатҳои таъйиноти он зоҳир меёбанд”[10, с. 87]. Таърифи Курисро метавон то андозае дурусту муваффақона номид, вале аз он маълум нест, ки самти таъсир аз куҷо ибтидо мегирад ва ин самт дорои характери ҳуқуқӣ ва ё дигар характер мебошад. Ба бовари М.А. Бестугин функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ “самтҳои махсуси таъсири ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи татбиқи мақсадҳои танзими ҳуқуқиро фаро мегиранд”[4, с. 147]. Бо вуҷуди доштани кӯтоҳии нисбӣ таърифи мазкур таърифи хеле васеъу пурҳаҷм ба ҳисоб меравад, зеро муаллиф дар бораи “таъсири ҳуқуқӣ” ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, “таъсири чораи ҷавобгарии ҳуқуқӣ” сухан меронад. Аз таърифи мазкур функсияҳое бармеоянд, ки дар ҷавобгарии ҳуқуқӣ дида намешаванд.

А.А. Ҳоҷиев таъкид менамояд, ки зери мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд восита ва равишҳои расонидани таъсири ҳуқуқӣ барои ба даст овардани мақсадҳои муҳими иҷтимоӣ фаҳмида шаванд[25, с. 171].

А.А. Анферов дар таҳқиқоти диссертатсионии худ мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ин тавр муайян месозад: “Метавон функсияҳои мазкурро ҳамчун

функсияҳои баёнкунандаи моҳият ва мақсади самтҳои асосии таъсир ба рафтору амали шахс тавассути иттилоърасонӣ дар соҳаи татбиқи ҳуқуқи инсон, шаҳрванд ва гузоштани гуноҳ ба гардани шахси гунаҳкор бо мақсади ҳифзу ҳимояти ҳуқуқи шахсӣ арзёбӣ намуд”[2, с. 131].

Муаллифи мазкур дар низоми кафолати ҳуқуқи шахсият ба функсияҳои зерин ишорат мекунад: функсияи ҷаримавӣ (огоҳсозӣ); функсияи ҳуқуқбарқароркунӣ ва функсияи тарбиявӣ. Таҳқиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бе мушаххас намудани махсусияти самтҳои таъсири ҳуқуқии шаклҳои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ имконнопазир аст. Дар иртибот ба мавзуи таҳқиқоту омӯзиши илмӣ (ҳуқуқи шахсият) А.А. Анферов таърифи мазкурро ироа додааст: “функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад ба сифати санксияи ҷаримавие, ки дар чаҳорчӯби муносибатҳои ҳуқуқии танзимшавандаи категорияи илми ҳуқуқшиносӣ, ки ба огоҳсозӣ ва рафтори субъект бо мақсади тобеъсозии он бо муқаррроти меъёрҳои ҳуқуқӣ иҷрои ухдадориҳои ҳуқуқӣ таъсир мегузорад, муаррифӣ гардад. Мафҳуми мазкур ҷанбаи ретроспективии ҷавобгарии ҳуқуқиро асоснок намуда, дар айни ҳол нақши ҷанбаи ҷавобгарии юридикиро то андозае камранг мегардонад.

Муаллифи пажӯҳиш чунин меҳисобад, ки таърифи пешниҳоднамудаи М.П. Трофимова дар бораи он ки “функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ аз самтҳои асосии таъсиррасонии меъёрҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки тавассути онҳо мақсадҳо татбиқ мегардида, иборат мебошад”[21, с. 45], ба таври дақиқ моҳият ва таъиноти ҷавобгарии ҳуқуқиро инъикос менамояд. М.П. Трофимова бо дарназар гирифтани таҳқиқоти муаллифони дигар, ҳамчунин воқеъиятҳои қонунгузории муосир ва таҷрибаи амалӣ ба таври нисбатан пурра мафҳуми ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян намудааст. Ба маврид аст таъкид шавад, ки дар рисолаи илмии худ, А.С. Мордоветс бо анҷоми таҳлили муқоисавӣ таъкид менамояд, ки мафҳуми гуманизми “функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври зич бо мафҳуми функсияи ҷавобгарии юридикӣ алоқамандӣ дорад”[2, с. 52]. Дар адабиёти доир ба ҳуқуқшиносӣ талошҳое муайяне барои муайянсозӣ ва таҳқиқи функсияҳои позитивӣ ва ҷавобгарии юридикии статутӣ анҷом шудаанд. Яке аз аввалинҳо шуда ба ин масъала Е.В. Черних таваҷҷуҳ зоҳир кардааст. Ӯ қайд менамояд, ки ҷавобгарии статутӣ функсияи омили идоракуниро ҳангоми татбиқи озодии тазминшуда тавассути қонунро иҷро менамояд[26,с.8]. Бояд бо назари муаллиф розӣ шуд, ки ҷавобгарии юридикӣ рафтори субъектҳоро танзим менамояд, дар ғайри ин сурат он метавонад фақат ба унсури ҷазо аз тарафи давлат табдил ёбад. Таъйини ҳуқуқ аз ба танзим даровардани рафтори субъектҳо иборат аст. Агар уҳдадорӣ ҳамоҳангкунандаи ҳуқуқҳо ва имконоти тавассути қонунгузорӣ пешниҳодшуда ҳамчун унсурҳои таркибии ҷавобгарӣ бошад, дар ин сурат онҳо нақши таъсиргузории регулятивиро иҷро менамоянд. Дар баробари ин онҳо дар бораи рафтори манфӣ ҳушдор медиҳанд ва ҳамзамон субъектро тарбият менамоянд. А.С.Мордоветс дар бораи ҷавобгарии позитивӣ, ки дорои функсияи стимулятивӣ ва регулятивӣ мебошад, фарзия пешниҳод менамояд. Ӯ ин фарзияро ба ин сурат таъриф мекунад: “Функсияи стимулятивӣ ва регулятивии ҷавобгарии юридикии позитивӣ - ин таъсир ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки афзоиши фаъолнокии субъектҳои ҳуқуқро таъмин сохта, ҳамчунин он ба ташаккули рафтори қонунманд, инкишоф, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо, шараф ва шаъни инсон мусоидат менамояд”[13, с. 147].

Аз нигоҳи мо чунин ба назар мерасад, ки ташвиқу ҳавасмандгардонии рафтори субъект як навъи ба танзим даровардан мебошад. Агар ба танзим даровардан ҳам дар сатҳи объекти умумӣ ва ҳам дар сатҳи объекти мустақим имконпазир бошад, дар ин сурат ташвиқ намудан фақат дар сатҳи таъсир расонидан бар рафтори субъекти ҳуқуқи мушаххас метавонад амалӣ гардад.

А.П. Чирков чунин меандешад, ки ба ҷавобгарии ҳуқуқии маҷбурӣ функсияҳои ҷаримавӣ, тарбиявӣ ва огоҳсозӣ хос мебошанд. Барои ҷавобгарии муътадили позитивӣ функсияи огоҳсозӣ ва тарбиявӣ хос мебошад дар ҳоле, ки ҷавобгарии фаъоли позитивӣ бо функсияи тарбиявӣ тақвият мешавад[14, с. 226]. Ба назари мо бо чунин нуқтаи назар мушкил аст, розӣ шуд. Аввалан, набояд ҷавобгариро ба ҷавобгарии муътадили

позитивӣ ва ҷавобгарии фаъоли позитивӣ ҷудо намуд. Зеро чунин таснифот падидаи яклухту бутуни ҷавобгариро тақсим ва аз ҳам ҷудо месозад. Ҷавобгарӣ мафҳуми воҳиду ягона аст ва ду шакли татбиқу амалишавӣ дорад. Дуввуман, таъсири превентивӣ (агар нуқтаи назари А.П. Чирковро бипазирем) барои ҷавобгарии фаъол низ хос мебошад, барои мисол дар иртибот ба амалҳое, ки бинобар зарурати дифоъ анҷом мешаванд. Ва сеюм, ташвиқу таҳаррук яке аз навъҳои функсияҳои регулятивӣ ба ҳисоб меравад. Д.А. Липинский дар яке аз навиштаҳои илмии худ роҷеъ ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияҳои мазкурро ба гунаи зер таъриф мекунад: функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ самтҳои асосии таъсири ҷавобгарии ҳуқуқӣ бар рӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ, рафтору амали субъект, ахлоқ, маърифати ҳуқуқӣ, фарҳанг, мебошанд, ки тавассути онҳо моҳият ва мақсади иҷтимоии он ошкор мешавад ва аз ин роҳ мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ татбиқи худро меёбанд[11, с. 19]. Ҳамин тавр муаллифи мазкур муътақид аст, ки таърифи матраҳшуда бори дигар имкони вуҷуд доштани ҷавобгарии ҳуқуқии позитивиро тасдиқ менамояд. Чунин ба назар мерасад, ки барои тамоми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ хусусиятҳои зерин хос мебошанд: машрут будани иҷтимоӣ; таъйинот аз рӯи мақсад; мустақил будани ҳар амал ва ҳамкории муштарак; вуҷуд доштани робитаи мутақобил бо функсияи ҳуқуқ, ки он самти таъсир ба вазифаҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро муайян менамояд.

Барои муайян намудани мафҳуми “функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ” лозим аст то ҳолати ибтидоӣ дар бораи функсияҳои ҳуқуқ муайян гардад, зеро функсияҳои ҳуқуқ асоси фундаменталӣ барои татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ дониста мешаванд. Дар илми назарияи ҳуқуқ ва давлат ба мавзуи таҳқиқи функсияҳои ҳуқуқ бештар аз ҳама муаллифоне чун Т.Н. Радко, С.С. Алексеев, В.М Горшнев таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардаанд. Таҳлили корҳои анҷомдодаи муаллифони мазкур нишон медиҳад, ки мақсади функсияи ҳуқуқ - амал намудан ҳамчун самти асосии таъсири ҳуқуқӣ ( Т.Н.Радко), инъикоси самти танзими ҳуқуқӣ (В.И.Горшнев), мавриди самти таъсири ҳуқуқӣ қарор гирифтан (С.С. Алексеев) мебошад. Вале дар ин миён С.С. Алексеев зери мафҳуми таъсиррасонӣ танзими ҳуқуқиро дар назар мегирад. Бояд дар назар гирифт, ки таъсири ҳуқуқӣ мафҳуми нисбатан васеъ ва пурҳаҷм аст ва он тамоми самтҳо ва шаклҳои таъсири ҳуқуқ ба ҳаёти ҷамъиятиро дарбар мегирад[1, с. 290].

Дар марҳалаи муосири рушду инкишофи назарияи ҳуқуқӣ аксарияти бештари олимон тарафдори истифода ва ба кор бурдани истилоҳи “таъсири ҳуқуқӣ, қонунӣ мебошанд ва дар зимн самтҳо ва шаклҳои мухталифи таъсир ба ҳаёти ҷамъиятӣ ва муносибатҳои иҷтимоиро ҷузви таъсири ҳуқуқӣ мешуморанд[7, с. 45].

Ихтилофи дигар ба он бармегардад, ки зери мафҳуми функсияи ҳуқуқ ва қонун бояд самти асосии таъсиррасонӣ ё самти таъсири ҳуқуқӣ фаҳмида шавад. Қисме аз олимон чунин меҳисобанд, ки зери мафҳуми функсия “самти асосӣ” дар назар аст, қисми дигар ба ин назаранд, ки истилоҳи “самти асосӣ” бояд аз мафҳуми “функсияи ҳуқуқ” хориҷ карда шавад. Зеро функсияи ҳуқуқ худ нишондиҳандаи таъсиррасонӣ ба муносибатҳои ҷамъиятист ва ба эҳтимоли зиёд душвор аст меъёри ҷудосозии “самти асосӣ” ва “самти ғайриасосӣ”-ро пайдо намуд. Чун “баробари он ки чизе самти асосӣ шинохта шавад, он функсияи қонун ва ҳуқуқ ҳам ба ҳисоб меравад”. Гоҳе дар адабиёти ҳуқуқӣ таъкид мешавад, ки зери мафҳуми функсияи ҳуқуқ бояд истилоҳи “самти асосӣ”... [28, с. 58] фаҳмида шавад. Бояд бо он иддаи муҳаққиқон, ки фикр мекунанд таъсири ҳуқуқ дар самти ғайриасосӣ наметавонад функсия шуморида шавад. Вале ишора ба ин таъриф, ки самти асосии таъсири ҳуқуқӣ функсия ба ҳисоб меравад, таваҷҷуҳро ба ин самт тамаркуз медиҳад, ки самти дигари таъсири ҳуқуқӣ наметавонад функсия тасаввур шавад. Истифодаи истилоҳи “махсус” аз нигоҳи мо хусусиятҳои функсияҳои қонунро ошкор намекунад ва он танҳо боиси шакл гирифтани таъбиру тавсифи духӯра мегардад.

Таҷрибаи омӯзишу таҳқиқи фаъолонаи мафҳуми “функсияи ҳуқуқ” нишон медиҳад, ки то кунун дар мавриди ин масъала нуқтаи назари воҳид вуҷуд надорад. Вале сарфи назар аз ин аксарияти қотеъи муҳаққиқон ба ин назаранд, ки зери мафҳуми функсияи қонун бояд самти таъсиргузории қонунӣ ва таъиноти иҷтимоии ҳуқуқ фаҳмида шавад[17, с. 241]. Ба андешаи З.Х. Зокирзода функсияҳои ҳуқуқ – ин

самтҳои асосии танзими ҳуқуқӣ ба ҳисоб рафта, муносибатҳои ҳуқуқиро тахти таъсири ҳуқуқӣ қарор медиҳад[9, с. 20]. Ба ин тариқ функсияи ҳуқуқ аз таъсиргузории ҳуқуқӣ бар рӯи муносибатҳои ҳуқуқӣ, рафтору амали шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иборат аст. Худи функсияҳои ҳуқуқ аз системаи он бармеоянд. Агар системаи ҳуқуқӣ дар хизмати давлати демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бошад, дар ин сурат мақсадҳои асосии он аз тарбияи шахсони ҳуқуқиву воқеӣ дар рӯҳи итоат аз қонун ва риояти меъёрҳои ҳуқуқӣ иборат хоҳад буд. Дар кишвар ва ҷомеаи мушаххас функсияҳои қонун ба туфайли мақсадҳои он, вазифаҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ муайян мегарданд. Мафҳуми функсияи ҳуқуқ ба таври ҳамзамон таъйиноти ҳуқуқ ва самти таъсиргузорӣ ба муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос менамояд. Бар асоси он чи дар боло оид ба функсияҳои қонун ёдовар шудем, метавон дар ин ҷо ба чанд хулосаи умумӣ омад, ки ин хулосаҳо дар кори мушаххас намудани мафҳуми "функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ" аз манфиат холӣ нестанд.

Дар навбати аввал, функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин таҷассуми функсияи мушаххаси ҳуқуқ ба ҳисоб меравад. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар ин ё он андоза дар раванди татбиқи тамоми функсияҳои ҳуқуқ "нақш" доранд.

Дуюм, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тавассути мазмун, моҳият ва таъиноти иҷтимоии худи ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян мегарданд.

Сеюм, мафҳуми "функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба таври ҳамзамон ҳам таъйиноти ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳам самти таъсиргузории ҳуқуқӣ ба субъекти ҷавобгариро дарбар бигирад.

Чаҳорум ҳангоми таҳлили функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба назар гирифта шавад, ки ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба сурати умум аз маҷмӯи воҳиди диалектии унсурҳои позитиву негативӣ иборат мебошад. Дар маҷмӯъ сухан дар бораи мақсад ва функсияҳо меравад, ки ба шуур ва рафтори шахс таъсир мегузоранд.

Таърифи умумии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд вижагӣ ва махсусиятҳои таъсиргузории қонунии тамоми функсияҳоро ба инобат бигирад. Дар миёни функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияҳои унсурҳои сохтории ҷавобгарӣ таносуби ҷузъӣ ва куллӣ вуҷуд дорад. Мафҳуми "функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ" бояд баробари таъйиноту мақсади ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчунин самти таъсиргузории қонунӣ бар рӯи муносибатҳои ҷамъиятиро инъикос намояд.

Амалкарди ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба қонунмандиҳои объективии рушду инкишофи ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба таври тасодуфӣ муқаррар намегарданд. Онҳо ба марҳалаи муайяни инкишофи ҷамъиятӣ мутобиқат мекунанд. На фақат эҳтиёҷ ба таъсиргузории регулятивӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, балки худи мазмуну шакли ин таъсиргузорӣ тавассути махсусиятҳои ҷамъият, арзишу, ормонҳо ва шароитҳои объективии он мушаххас ва муайян гардидаанд[5, с. 17]. Таъсири пешгирӣ, тарбиявӣ, ҳуқуқбарқароркунӣ ва ҷазоии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо зарурати эҷоди давлати ҳуқуқбунёд муайян мегардад.

Меъёрҳо ва институтҳои ҳуқуқӣ аз коркардҳои вобаста ба фаъолиятҳои огоҳона иборат мебошанд. Онҳо барои даст ёфтан ба мақсадҳои муайян равона шудаанд. Ҳар яке аз онҳо образи идеалии натиҷаи эҳтимолӣ дар раванди муносибатҳои ҷамъиятии тавассути қонун танзимшаванда ба ҳисоб меравад[27, с. 17]. Характери мақсаднок аз вижагӣ ва хосияти фарққунандаи функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Ба ҳар як функсия мақсади муфиди муайяни ҷамъиятӣ мутобиқат дорад, ки он ба сифати яке аз воситаҳои дастёбӣ бо истифода аз ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҷомеаро пешрафту таҳаррук мебахшад. Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бо ҳам муштаракан алоқаманд ва пайваст мебошанд. Бо ҳам дар ҳар вобастагии зич қарор доранд, метавонанд ба таври ҳамзамон амал намоянд. Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар бештари мавридҳо андешае ба назар мерасад, ки мутобиқи он барои ин ё он соҳаи ҳуқуқ ин ё он функсия функсияи асосӣ ва ё функсияи дигар функсияи дуюмдараҷа ба ҳисоб меравад. Аз нигоҳи мо ин саҳеҳ нест, зеро як будани функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар он зоҳир меёбад, ки ҳар як функсия ба таври маълум дар маҷмӯъ ҷавобгарии ҳуқуқиро баён месозад ва дар татбиқи мақсадҳои он мусоидат менамояд. Дар миёни онҳо алоқаи

зич мавҷуд аст. Дар баъзе мавридҳо фақат аз лиҳози назариявӣ метавон функсияи ҷудогонаро муайян ва ё ҷудову тасниф намуд. Маҳуд намудани функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд ба таври комплексӣ сурат бигирад: аз рӯи асос, тартиби татбиқ, субъект, натиҷа ва мақсадҳо. Баъзе аз аломатҳо метавонанд бо ҳам шабоҳат дошта бошанд, вале бо ҳам монанд нестанд.

Таҳлили функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ имкон медиҳад хусусияти системавии ниҳоди ҳуқуқии мазкур кушода гардад. Зимни унсур ва ҳастаи системаи функсияҳои ҳуқуқ будан, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар навбати худ унсурҳои таркибиеро дарбар мегиранд, ки худ дорои функсияҳои хос мебошанд. Системаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ тартиби системавии нисбатан баланд дар муқоиса бо функсияи унсурҳои таркибӣ маҳсуб мешавад.

Функсияҳои ҳуқуқ - ин таъсири ҳуқуқиест, ки ҳадафи он муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд.

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ин таъсиргузории мустақим ва ғайримустақими ҳуқуқӣ ба шахсест, ки дорои ҷавобгарӣ мебошад. Худи ҷавобгарӣ дар натиҷаи зарурати таъсиргузорӣ ба миён меояд ва он методҳои татбиқи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро пешбинӣ менамояд.

Функсияҳои ҳуқуқӣ бояд тамоми паҳлӯҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, муқаррарот ва рафтори шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро фаро бигирад. Маҳз ҳамин хусусият ба назари мо далели танаввуъи хусусиятҳои асосии ҳуқуқ ва ҳам хусусиятҳои дуюмдараҷа ва фаръӣ ба ҳисоб меравганд[20, с. 265]. Функсияҳои ҳуқуқ ба даст овардани мақсадҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангиеро пайгирӣ менамоянд, ки дар баробари шахс, ҷамъият ва давлат қарор доранд. Яке аз хусусиятҳои хоси ниҳоди ҳуқуқии мазкур ҳамоҳанг будани функсияҳои ҳуқуқ ба ҳисоб меравад.

Ба таври мушобеҳ ҳам функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ амал менамоянд. Онҳо бояд тамоми ҷанбаҳои фазои муносибатҳои ҳуқуқӣ, гунаҳои рафтору амали шахси мухталифро, ки ҷавобгарӣ пешбинӣ менамояд, дарбар бигиранд. Ба ин далел функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ҳамчунин мухталиф мебошанд ва онҳо барои амалисозии мақсадҳои мухталифе, ки дар баробари системаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ истодаанд, равона карда шудаанд.

Функсияҳои ҳуқуқ аз таъсиргузории ҳадафманд иборат мебошанд, ба туфайли онҳо шакли муайяни муносибатҳои ҳуқуқӣ ба низом дароварда мешаванд. Яке аз хусусиятҳои муҳими ҳуқуқ муассир ва натиҷабахш будани онҳо мебошад, ки ба туфайли ин муассир будани ҳуқуқ дар маҷмӯъ зоҳир меёбад[17, с. 240].

Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ бояд натиҷабахш, муассир ва ғайридекларативӣ бошанд. Бо дар назар гирифтани он чи зикр шуд, метавон функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро ҳамчун як навъ таъсиргузорӣ, ки дар муқаррар гардидани марзҳои махсуси ҳуқуқӣ мушаххас мегардад, арзёбӣ намуд. Худи таъсиргузориро таъйиноти ҳуқуқии ҷавобгарии ҳуқуқӣ тақозо менамояд.

**Рӯйхати адабиёт**

1. Алексеев С.С. Общая теория права. Т. 1. [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: Юридлит., 1981. – 361 с.

2. Анфёров А.А. Право личности и юридическая ответственность [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.А. Анфёров. – Волгоград, 2000. – 212 с.

3. Базылев Б.Т. Цели и функции юридической ответственности: Вопросы теории и права и государственного строительства [Текст] / – Томск: Изд-во Томского ун-та, 1978. – 180 с.

4. Бестугина М.А. О функциях юридической ответственности // 4-е Московские философские чтения молодых учёных: (тезисы докладов) [Текст] / М.А. Бестугина. – М., 1986. – 147 с.

5. Бестугина М.А. Социальная ответственность и назначение гражданско-правовой ответственности в современных условиях (теоретический аспект) [Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / – М., 1986. – 20 с.

6. Витрук Н.В. Основы теории правового положения личности в социалистическом обществе [Текст] / М.: Наука, 1979. –229 с.

7. Вопленко Н.Н. Сущность, принципы и функции права [Текст] / – Волгоград: Изд-во Вол. гос. ун-та, 1998. – 56 с.

8. Галаган И.А. Административная ответственность в СССР (Государственное и материальное исследование) [Текст] /– Воронеж: Изд-во Воронежского ун-та, 1970. – 252 с.

9. Зокирзода З.Х. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ. [Текст] / – Душанбе: Ашӯриён, 2021. – 40 с.

10. Курис П. Международные правонарушения и ответственность государства[Текст] / П. Курис. –М.: Минтис, 1973. – 280 с.

11. Липинский Д.А. К вопросу о содержании функций юридической ответственности // Новая правовая мысль [Текст] / Д.А. Липинский. –2003. – №1. – С. 223–224.

12. Мордовец А.С. Гуманизм как принцип юридической ответственности граждан в советском праве[Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.С. Мордовец. – М., 1983. – 150 с.

13. Мордовец А.С. О функциях юридической ответственности //4-е Московские философские чтения молодых учёных: (тезисы докладов) [Текст] / А.С. Мордовец. – М., 1986. – 165 с.

14. Мордовец А.С. Социально-юридический механизм обеспечения прав человека и гражданина [Текст] / А.С. Мордовец. – Саратов: СВШМВД, 1996. – 384 с.

15. Петелин А.И. Проблемы правовой ответственности в социалистическом обществе [Текст] / А.И. Петелин. – Омск: ОВШ МВД, 1976. – 122 с.

16. Самощенко И.С. Фарукшин, М.Х. Ответственность по советскому законодательству[Текст] / И.С Самощенко, М.Х. Фарукшин. – М.: Иридлит., 1971. – 240 с.

17. Синюков В.Н. Функции права / Теория государства и права / [Текст] / Под ред. Н.И. Матузова, А.В. Малько. – М.: Юристь, 1997. – С. 154–157.

18. Советский энциклопедический словарь [Текст] – М.: Сов. энцикл., 1980. – 1600 с.

19. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат.Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ [Матн] / Р.Ш. Сотиволдиев. –Душанбе, 2008. – 530 с.

20. Теория государства и права [Текст] / /Под. ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. – М., 1998. – 265 с.

21. Трофимова М.П. Функции юридической ответственности[Текст]: дис. ...канд.юрид.наук: 12.00.01 / М.П. Трофимова. – Самара 2000. – 208 с.

22. Трошин Д.М. Методологические проблемы современной науки [Текст] / Д.М. Трошин. – М., 1966. – 150 с.

23. Тугаринов В.П. Философия сознания [Текст] / В.П. Тугаринов. – М.: Политиздат, 1971. – 199 с.

24. Философский словарь[Текст] – М., 1986. – 301 с.

25. Хаджиев А.А. Юридическая ответственность как средство охраны окружающей среды [Текст]: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.А. Хаджиев.– Алма-Ата. 1988. – 180 с.

26. Черных Е.В. Проблемы правовой ответственности в условиях развитого социалистического общества[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Е.В. Черных. – М. 2009 – 25 с.

27. Чулюкин Л.Д. Природа и значение цели в советском праве. – Казань: Изд-во Казанск. ун-та, 1984. – 168 с.

28. Чумак Л.А. Природа и механизм реализации охранительной функции советского права[Текст]: автореф. дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Л.А Чумак. – Киев. 1986. – 30 с.

29. Шодизода М.Н. Мафҳум ва моҳияти ҷавобгарии ҷиноятӣ ҳамчун намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ / Ҳуқуқи инсон дар раванди ҷаҳонишавӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявӣ ( 7-уми декабри соли 2021) [Матн] / М.Н. Шодизода // Зери таҳрири доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2021. – С. 460–467.

**Аннотатсия**

**Оид ба баъзе масъалаҳои функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ**

Дар мақолаи мазкур сухан оид ба баъзе масъалаҳои функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ меравад. Ба ақидаи муаллиф барои муайян кардани мафҳуми «функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ» бояд мавқеъи ибтидоиро дар бораи функсияҳои ҳуқуқ фаҳмем, зеро функсияҳои ҳуқуқ асоси амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мебошанд. Муаллиф бар он назар аст, ки байни функсияҳои ҳуқуқ, функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, функсияҳои унсурҳои сохтории ҷавобгарии ҳуқуқӣ таносуб вуҷуд дорад. Мафҳуми «функсияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ» бояд ҳам таъини ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва ҳам самти таъсири ҳуқуқиро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ инъикос намояд.

**Аннотация**

**О некоторых вопросах функции юридической ответственности**

В данной статье речь идет о некоторых вопросах функции юридической ответственности. По мнению автора для определения понятия «функция юридической ответственности», необходимо понять базовое положение функций права, поскольку функции права являются основой для реализации функций юридической ответственности. Автор утверждает, что существует взаимосвязь между функциями права, функциями юридической ответственности и функциями структурных элементов юридической ответственности. Термин «функция юридической ответственности» должен отражать как определение юридической ответственности, так и направленность правового воздействия на общественные отношения.

**Annotation**

**About some issues of the function of law responsibility**

This article deals with some issues of the function of law responsibility. According to the author, in order to define the concept of «functions of legal responsibility», it is necessary to understand the basic position of the functions of law, since the functions of law are the basis for the implementation of the functions of law responsibility. The author argues that there is a relationship between the functions of law, the functions of law responsibility and the functions of the structural elements of law responsibility. The term «function of law responsibility» should reflect both the definition of law responsibility and the direction of the legal impact on social relations.

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**



**Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, муаллими калони кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ.*
*E-mail: 985404848m@gmail.com*
*Тел.: (+992) 883-21 22-22.*

# ВАЗЪИ ҲУҚУҚИИ МАҚОМОТИ ВАКОЛАТДОРИ МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *коррупсия; муқовимат ба коррупсия; мақомоти ваколатдор; вазъи ҳуқуқӣ; назорати давлатии молиявӣ; пешгирии коррупсия; сиёсати зиддикоррупсионӣ; мубориза дастаҷамъона; таҳияи чораҳои маҷмӯӣ.*

***Ключевые слова:*** *коррупция; противодействие коррупции; уполномоченные органы; правовой статус; государственный финансовый контроль; предупреждение коррупции; антикоррупционная политика; коллективная борьба; разработка комплексных мероприятий.*

***Keywords:*** *corruption; resistance to corruption; authorized bodies; legal status; state financial control; prevention of corruption; anti-corruption policy; collective struggle; development of complex measures.*

Падидаҳои ба ҷамъият хавфнок дар ҳама давру замон маҳкум карда шуда, ба муқобили онҳо бо чораҳои гуногун мубориза бурда мешавад. Зеро онҳо сутунҳои ҳастии ҷомеаро хароб намуда, монеа ба рушди устувори он мегарданд. Аз зумраи чунин падидаҳо коррупсия ба шумор меравад, ки таърихи ниҳоят куҳан дошта, то кунун ҷамъияти инсониро думболагир аст.

Коррупсия зуҳуроти хатарнок дар ҳама гуна низоми идоракунӣ, ҳама гуна давлат ва ҳама давру замон буда, бо дараҷаҳои гуногуни таъсиррасонӣ низоми ҳокимияти давлатиро коста мегардонад.[2, с. 230] Ин падидаи номатлуб боварии шаҳрвандонро ба давлат коста мегардонад, умеди насли ҷавонро ба оянда коҳиш медиҳад ва табақаҳои ниёзманди аҳолиро аз расидан ба рӯзи нек маҳрум менамояд. Он зангоре мебошад, ки пояҳои ҳокимиятро, агарчи ба мисли пӯлод ҳам мустаҳкам бошад, батадриҷ хароб мегардонад.[1, с. 6]

Аз ин лиҳоз, мубориза алайҳи ин зуҳуроти хавфнок ҳамавақт авлавиятро доро мебошад. Ба ин ҷараён тамоми мамолики дунё равона ҳастанд. Гарчанде ки дар аксари давлатҳои ҷаҳон ин падидаи номатлуб ҳоло ҳам боқӣ мондааст, аммо дар як зумра кишварҳои мутараққӣ бо роҳи андешидани чораҳои самрабахш сатҳи он ниҳоят паст гардидааст.

Зуҳуроти коррупсионӣ дар кишвари мо низ ҷой дошта, мубориза бо он яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатии кишвар эътироф карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ муҳимияти мубориза ба муқобили ин падидаро ба инобат гирифта, иштирокчии фаъоли ин раванди ҷаҳонӣ мебошад.

Мубориза бо коррупсия ва рафъи он дар шароити имрӯза яке аз масъалаҳои муҳимтарини рушди Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳад. [10, с. 94] Яъне рушди муътадили иқтисодию иҷтимоии кишварро бе пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ пешбинӣ намудан душвор мебошад.

Мубрамияти масъалаи мазкур дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин дарҷ гардидааст: “Коррупсия зуҳуроти номатлуб ва барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза бар зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад. Аз ин лиҳоз, барои пешгирӣ кардани кирдорҳои коррупсионӣ, фароҳам овардани фазои

оштинопазир ба он ва ба ин раванд ҷалб намудани тамоми мақомоти давлатӣ, воситаҳои ахбори омма ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ аз ҷониби субъектҳои мубориза бар зидди коррупсия бояд чораҷӯӣ карда шавад”.[8]

Дар қонунгузории зиддикоррупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ду мафҳум: мубориза бо коррупсия ва муқовимат ба коррупсия вомехӯранд. Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ мафҳуми мубориза бо коррупсия ба таври васеъ истифода мегардид. Тахминан, пас аз қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 апрели соли 2010, №864 “Дар бораи тадбирҳои иловагии тақвияти муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” мафҳуми муқовимат ба коррупсия васеъ истифода гардида, мафҳуми мубориза бо коррупсияро маҳдуд намуд. Ба ин қабули барномаҳои давлатии зиддикоррупсионӣ мисол шуда метавонад. Барномаи якуми дар ин самт қабулгардида Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012 ва барномаи дуюм Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020 номида шуд.

Фарқияти байни мафҳумҳо дар он мебошад, ки мубориза бо коррупсия фаъолияти мақомоти бевосита бар зидди коррупсия мубориза баранда аст. Муқовимат ба коррупсия бошад, фаъолияти якҷоя, яъне ҳамаи мақомоти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ бар зидди коррупсия мебошад. Яъне, мафҳуми муқовимат нисбат ба мафҳуми мубориза фарохтар арзёбӣ гардидааст.

Муборизаи дастаҷамъона бар зидди ин падидаи номатлуб барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ – паст кардани сатҳи он заминаи мусоид фароҳам меоварад. Агар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлат дар робитаи зич ва ҳамкории бомуваффақият рушд намоянд, дар натиҷа амалҳои коррупсионӣ коҳиш ёфта, адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа таъмин мегардад.[11, с. 231]

Таҳияи чораҳои маҷмӯии ташкилию ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ки ба пешгирӣ, ошкору бартараф намудани коррупсия ва ташкили муборизаи судманди он равона шудаанд, мавқеи ҳалкунанда доранд.[3, с. 230] Дар ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои дахлдор андешида шуда, мубориза ба муқобили зуҳуроти коррупсионӣ тақвият ёфта истодааст.

Қадами муҳимтарин дар ин раванд таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия дониста мешавад. Зеро дар таҷрибаи давлатҳое, ки ба паст намудани сатҳи коррупсия дастёб гардидаанд, ин қадам мубрам ва самаранок эътироф гардидааст.

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ Политсияи андоз, Раёсати назорати давлатии молиявии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (соли 2001 ба Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода шуда буд) дар ин самт фаъолият анҷом медоданд.

Дар соли 2006 баъди аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардидани Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия ӯҳдадор гардид, ки қонунгузории худро ба Конвенсияи мазкур мутобиқ намуда, мақомоти махсуси муборизабаранда бо коррупсияро таъсис диҳад. Ҷиҳати иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиву иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 Политсияи андоз ва Кумитаи назорати давлатии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки то ин замон ҳамчун мақомоти муборизабаранда бо коррупсия амал менамуданд барҳам дода шуда, мақомоти махсуси муборизабаранда бо коррупсия – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд.[9]

Мувофиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 07 августи соли 2020, №1714 субъектони муқовимат ба коррупсия, яъне мақомоти бар зидди коррупсия муқовиматкунанда ба ду гурӯҳ: субъектони бевосита ба коррупсия муқовиматкунанда ва субъектҳое, ки дар муқовимат ба коррупсия иштирок мекунанд ҷудо карда шудаанд. Ба гурӯҳи аввал ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ба гурӯҳи дуюм дигар мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ворид карда шудааст.[5]

Мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки назорати давлатии молияви̇ро вобаста ба

истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии давлат, бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, фошнамоӣ, таҳқиқ ва тафтишоти пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд иҷро менамояд, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Вазъи ҳуқуқии ин мақомот дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 02 декабри соли 2002, №66, "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 20 марти соли 2008, №374, "Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" аз 28 декабри соли 2012, №925, "Дар бораи муқовимат ба коррупсия" аз 07 августи соли 2020, №1714 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар карда шуда, дар фаъолияти мақомот кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавии ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

Фаъолияти мақомоти ваколатдори мубориза бо коррупсия аз ду қисм таркиб ёфтааст, ки инҳо:

1) амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, корхонаю муассиса ва ташкилотҳои давлатӣ, инчунин дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ;

2) амалӣ намудани мубориза бо коррупсия дар тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои қарзӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ.

Қисмати якуми фаъолияти мақомот дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Дар асоси қонуни овардашуда принсипҳои умумӣ, асосҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодии ташкил ва амалӣ намудани назорати давлатии молиявӣ муқаррар гардида, он барои таъмини ташкили санҷишу тафтиши воридот ва истифодаи самарабахши маблағҳои буҷети давлатӣ, фондҳо ва қарзҳои давлатӣ, грантҳо, кумаки башардӯстона ва амволи давлатӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ ва ташаккули бахши хусусӣ равона карда шудааст. [6]

Амалӣ намудани мубориза бо коррупсия, яъне қисмати дигари фаъолияти мақомот дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Ин қонун асосҳои ҳуқуқӣ, вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолият, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти мубориза бар зидди коррупсия, низом ва сохтори мақомот, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомот, вазъи ҳуқуқии кормандони мақомот, таъминоти молиявӣ ва моддию техникии мақомоти Агентиро муқаррар намудааст. [4]

Бояд қайд намуд, ки ҷиҳати муайян намудани тартиб ва шароити адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ (яъне, ба ғайр аз кормандони самти назорати давлатии молиявӣ ва ҳайати хизматрасон) бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2008, №457 Низомномаи адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. Дар низомномаи мазкур ҳуқуқ ва уҳдадориҳои кормандони воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ вобаста ба адои хизмат, тартиби қабул ба хизмат, таъин кардан ба вазифа, ба дигар вазифа гузаронидани кормандон, шартҳои адои хизмат, таъминоти моддӣ, тартиби додани рутбаҳои махсус, қатъ намудани хизмат ва бо нафақа таъмин намудан ва хусусиятҳои адои хизмат дар воҳидҳои ҳифзи ҳуқуқи Агентӣ муқаррар гардидааст.

Фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз тадбирҳои асосии пешгирии коррупсия дар Тоҷикистонро дар бар мегирад, ки дар таҳияи сиёсати давлатӣ оид ба пешгирии

коррупсия дар кишвар иштирок менамояд.[12, с. 182]

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр мекунанд: “Таъсиси ниҳоди махсусгардонидашуда - Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия яке аз дастовардҳои муҳими Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия мебошад, ки вазифаи он аз назорати истифодаи дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, амволи давлатӣ, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад.”[7, с. 2]

Бояд қайд намуд, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи ҳуқуқии мақомоти ваколатдори мубориза бо коррупсияро ҳамаҷониба муқаррар намуда, асосҳои ташкил ва фаъолияти онро пурра танзим намудааст.

Ҳамзамон, маълумотҳои оморӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тӯли фаъолияти худ ба муқобили зуҳуроти коррупсионӣ мубориза бурда, тавонистааст то андозае сатҳи онро дар кишвар паст намояд. Ин ҳолат имкон медиҳад, ки фаъолияти мақомоти идоракунии давлатӣ пурсамар ба роҳ монда шуда, рушди муносибатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар таъмин карда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Аҳмадзода Р. Мубориза бар зидди коррупсия яке аз роҳҳои самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар // Муқовимат ба коррупсия ҳамчун самти афзалиятнок ва самарабахши рушди соҳаҳои мухталифи кишвар (маҷмӯи мақолаҳо). Хуҷанд: “Нури маърифат”, 2021. 284 С.
2. Қодирӣ З.А. Баъзе масъалаҳои муайян ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Идоракунии давлатӣ” №3 (57), соли 2022. С. 230-237.
3. Қодирӣ З.А. Асосҳои ҳуқуқии пешгирии омилҳои коррупсионӣ // Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Идоракунии давлатӣ” №4 (58), соли 2022. С. 230-237.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 20 марти соли 2008, №374 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 12.01.2023)
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқовимат ба коррупсия” аз 07 августи соли 2020, №1714 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 05.01.2023)
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи назорати давлатии молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 02 декабри соли 2002, №66 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 10.01.2023)
7. Маҷмӯи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ҷилди 2. Душанбе: “Контраст”, 2020. 434 С.
8. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.01.2021 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ http://prezident.tj/node/25005 (санаи муроҷиат: 23.04.2021)
9. Таърихи фаъолияти мақомот // Сомонаи расмии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ https://www.anticorruption.tj/index.php/tj/faoliyati-ma-omot/tarikh (санаи муроҷиат: 22.12.2022)
10. Хурсандзода С. Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: таҳқиқи назариявӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ // Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2022. 176 С.

11. Ҳасанов Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои сиёсӣ. Душанбе, 2021. 345 С.

12. Шарифзода Ш.М. Пешгирии ҷиноятҳои коррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. Душанбе, 2022. 228 С.

**Аннотатсия**

**Вазъи ҳуқуқии мақомоти ваколатдори мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Мубориза бо коррупсия яке аз самтҳои афзалиятноки мубориза бо ҷинояткорӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор корҳои муайян анҷом дода шудааст. Таъсиси мақомоти ваколатдори мубориза бо коррупсия яке аз қадамҳои устувори мубориза бо ин падидаи номатлуб ба ҳисоб меравад. Дар мақолаи мазкур вазъи ҳуқуқии ин мақомот аз нигоҳи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**Правовой статус уполномоченного органа по борьбе с коррупцией Республики Таджикистан**

Борьба с коррупцией считается одним из приоритетных направлений борьбы с преступностью, и в этом направлении в Республике Таджикистан проведен ряд определенных работ. Одним из важнейших шагов в борьбе с этим нежелательным явлением считается создание уполномоченных органов по противодействию коррупции. В данной статье анализируется правовой статус этих органов с точки зрения законодательства Республики Таджикистан.

**Annotation**

**Legal status of authorized bodies for combating corruption of the Republic of Tajikistan**

The fight against corruption is considered one of the priority areas of the fight against crime, and in this direction a number of specific works have been carried out in the Republic of Tajikistan. One of the most important steps in the fight against this undesirable phenomenon is the creation of authorized bodies to combat corruption. This article analyzes the legal status of these bodies from the point of view of the legislation of the Republic of Tajikistan.



**Саидзода Далер Муҳибулло,**
*муаллими калони кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: dalersm1992@mail.ru*
*Тел.: (+992) 987-33-66-08.*

# ХАТАРИ ПАҲНШАВИИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

***Каливожаҳо:*** *ифротгароии динӣ; терроризм; идеология; муқовимат; минтақаи Осиёи Марказӣ; маънавиёт; ҳифзи истиқлолияти давлатӣ; фарҳанг; сиёсат; ҷамъият; ҷавонон; ташаккули ҷаҳонбинии илмӣ.*

***Ключевые слова:*** *религиозный экстремизм; терроризм; идеология; противодействие; Центрально Азиатский регион; духовность; защита государственной независимости; культура; политика; общество; молодежь; формирование научного мировоззрения.*

***Keyword:*** *religious extremism; terrorism; ideology; resistance; Central Asian region; spirituality; protection of state independence; culture; politics; society; youth; formation of a scientific worldview.*

Ифротгароии динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз масъалаҳои ташвишовар ба ҳисоб меравад, ки омӯзиш ва баррасии амикро талаб менамояд. Пас аз пошхӯрии идеологияи коммунистӣ, ки дар асоси сиёсати ягона манфиат ва талаботҳои миллату халқиятҳои давлати шӯравиро муттаҳиду мувофиқ мегардонид, кӯшишу ҳаракатҳои аҳолии мусулмони собиқ ҷумҳуриҳои ин минтақа барои эҳёи арзишҳои динии худ зиёд гардид ва вусъат ёфт. Дар чунин вазъият идеологияи исломӣ, ки одамонро дар асоси миллат ва халқият ҷудо намекунад, ҳамчун қувваи муттаҳидкунандаи мусулмонони минтақаи Осиёи Марказӣ баромад менамуд.

Маълум аст, ки ба сатҳи ифротгароии динӣ дар ин кишварҳо фазои холии идеологӣ, дигаргуншавии ҷаҳонбинии ҷомеа ва буҳрони маънавӣ-идеологӣ таъсири амиқ мерасонад. Пас аз буҳрони идеологияи коммунистӣ, дар кишварҳои Осиёи Марказӣ фазои холии идеологӣ пайдо гардид, ки бо идеологияи диниву сиёсӣ пур карда шуд. Таъкид кардан зарур аст, ки буҳрони маънавӣ ва идеологӣ ҳамеша ба пайдо гардидани фазои холии ғоявӣ оварда мерасонад, ки эҳтимолияти пурра гардидани он бо ғояҳои ифротӣ ҷой дорад. Ин раванди мураккаб ва ногувори иҷтимоӣ-сиёсӣ боиси он гардид, ки дар ҳар як кишвари минтақаи Осиёи Марказӣ дар марҳилаҳои гуногун бо самтҳҳои мухталифи муваффақият, ин фазои холии ғоявӣ, бо ғояҳои мазмуну мундариҷаи нав пур карда шудааст.

Ба сабабҳои обективии мавҷудаи болоравии ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ, метавон маҷмӯи масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии дохилӣ, инчунин масъалаҳои таъсири беруна ба вазъияти минтақаро махсусан қайд намуд.

Масъалаи асосӣ, ки солҳои охир ба вазъияти амнияти кишварҳои минтақа таъсир мерасонад, ифротгароии динӣ, вазъият дар Афғонистон ва дурнамои васеъ гардидани доираи ноустуворӣ дар фазои посошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Чорабиниҳои ҳарбиву сиёсӣ, иқтисодӣ, дипломатӣ ва дигар амалҳои роҳбарияти кишварҳои минтақа, пеш аз ҳама, барои ҳимоя намудани режимҳои сиёсии худ анҷом дода мешавад. Маҳз аз ҳамин хотир, дар шароити имрӯза кишварҳои минтақа ба проблемаи давлати исломӣ, васеъ гардидани доираи фаъолияти гурӯҳҳои мухталифи динӣ-ифротӣ диққати махсус равона менамоянд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз солҳои 2015-2016 шумораи ҷангиёни давлати исломӣ дар ҳудуди Афғонистон рӯз ба рӯз зиёд мегардад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо миқдори умумии ҷангиён имрӯз ба даҳ ҳазор наздик аст, ки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ фишори ҷиддӣ мерасонад ва боиси болоравии ифротгароии динӣ дар минтақа гардидааст.

Мувофиқи нишондоди далелҳои оморӣ муайян карда шудааст, ки дар ҳудуди Афғонистон ва Покистон қариб чор ҳазор ҷангиёни давлати исломӣ, баромадашон аз

кишварҳои Осиёи Марказӣ қарор доранд.[1:С.2016] Илова бар ин гурӯҳи террористии давлати исломӣ дар Бадахшони Афғонистон, дар Фороб, Бодғис, Ҷузҷон, дар наздикии сарҳади Туркманистон ҷойгир шудаанд. [2:С.2016] Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар шароити имрӯза гурӯҳи террористии давлати исломӣ проблемаи ҷиддии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад.

Элитаҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ проблемаи радикализатсияи исломиро дар қатори таҳдидҳо дар ҷои аввал мегузоранд, зеро он метавонад вазъиятро дар ин кишварҳо куллан тағйир диҳад. Исломгароёнро дар вайрон кардани пояҳои дунявии ҳокимият ва озодии динӣ, нақшаҳои табдил додани ислом ба алтернативаи самти дунявии рушди давлатҳои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла бо ташкили давлати теократӣ дар минтақа айбдор мекунанд.

Нигаронии элитаҳои ҳукумрони кишварҳои Осиёи Марказӣ аз эҳтимолияти шидатнок гардидани минтақа бо ёрии ифротгароии исломӣ асоснок аст, агар як қатор ҳолатҳо ба инобат гирифта шаванд:

-ин падидаи таърихӣ аст, ки бо омадани иттиҳоди исломиву демократӣ ба ҳокимият дар Тоҷикистон дар оғози солҳои 90-ум алоқаманд аст, ки дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии кишвар таъсир гузоштааст;

-ҷамъ гардидани миқдори зиёди проблемаҳои ҷиддӣ дар кишварҳои минтақа, аз он ҷумла, камбизоатӣ, ришвахорӣ, дастгоҳи давлатии ғайрисамаранок, бекорӣ, вайрон гардидани инфрасохтори иҷтимоӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодиёт ва ғ.

-ҳамсоягии геополитикии кишварҳои минтақа бо фазои ноустуворӣ ва моҷароҳо дар Афғонистон, Покистон ва Синзяни Чин. Шиддатнок гардидани доимии вазъият дар Афғонистон ба чунин ҳолат оварда мерасонад, ки ба кишварҳои минтақа мухолифат бо проблемаҳои пайдошуда ва бартараф намудани таҳдидҳои ифротгароии динӣ мушкил ва мураккаб мегардад;

-самараи намоишкоронаи "баҳори араб", ки аз оғоз ба тағйиротҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, демократикунонии ҳаёти сиёсӣ равона гардидааст, лекин дар натиҷа воридшавии ифротгароии диниро ба ҳокимият, ки пештар аз тарафи режимҳои авторитарии дунявӣ аз иштирок дар ҳаёти сиёсӣ маҳрум гардида буданд, соддаву осон гардонид;

-боло рафтани сатҳи муҳоҷирати аҳолӣ дар тамоми кишварҳои минтақа, ки ба паҳн гардидани идеологияи ифротӣ дар байни муҳоҷирон мусоидат менамояд;

-таҳсили ҷавонон дар муассисаҳои илмии кишварҳои исломӣ, ки дар ин муассисаҳо идеологияи ифротӣ дар доираи муайян таълим дода мешавад. Дуруст аст, ки ин масъала дар кишварҳои минтақа то андозае ҳалли худро ёфтааст, лекин то ҳанӯз таъсир ва нуфузи таҳсилкардагони он ва хавфу хатари иртиҷоии онҳо бараъло ба мушоҳида мерасад.

Масъалаҳои зикршуда ҳамчун идеологияи муқовимат аллакай аз ҷониби исломистони маҳаллӣ барои боеътиноии режимҳои ҳукумрони дунявӣ истифода карда мешаванд. Дар асоси хусусияти "авлодӣ-ивазнашаванда" будани режимҳои сиёсӣ дар кишварҳои минтақа метавон хулосабарорӣ намуд, ки эҳтимолияти бартараф намудани ин сабабҳои амиқ, ки ба муваффақияти ташвиқоти созмону ташкилотҳои динии радикаливу ифротӣ мусоидат менамояд вуҷуд надорад.

Лекин қайд намудан зарур аст, ки нисбати имкониятҳои воқеии ифротгаронии динӣ дар шиддатнок намудани вазъият дар минтақаи Осиёи Марказӣ як қатор номуайяниҳо ҷой дорад. Зеро одатан ин таҳдид аз тарафи режимҳои ҳукумрони кишварҳои минтақа ҳамчун баҳонаи боз ҳам ҷиддиву қатъӣ намудани назорати сиёсӣ барои пайгирии сиёсии мухолифин ва чун анъана барои ба даст овардани афзалиятҳои гуногун аз марказҳои ҷаҳонии қувва мавриди истифода қарор дода мешавад.

Сабаби асосии ба ифротгароӣ ва радикализм рӯй овардани одамон норозигӣ аст, ки роҳи наҷот меҷӯянд. Норозигӣ дар асоси маҷмӯи омилҳои берунӣ ва дохилӣ ташаккул меёбад. Ба омилҳои берунӣ дохил мешаванд: равандҳои мухолифати глобалии ҷаҳонӣ; таъсиррасонии геополитикӣ аз берун; рушди вазъият дар худи кишварҳои минтақа; манфиати созмону ташкилотҳои шабакавӣ дар васеъ намудани базаи иҷтимоии худ; зиёдшавии беназорати сарчашмаҳои динӣ дар як қатор кишварҳои минтақа, ки экспертизаи мувофиқро намегузаранд; фаъолияти

ҷалбкунандагон дар зери фаъолияти миссионерҳо, ки ба Осиёи Марказӣ барои кумак, сохтмон ва эҳёи биноҳои динӣ, маориф ва ғайраҳо омадаанд.

Таваҷҷуҳи афзалиятноки гурӯҳҳои радикаливу ифротӣ ба кишварҳои минтақа аз бисёр ҷиҳат аз мавқеи геополитикии он, ки дар маркази манфиатҳои Россия, ИМА ва Британияи Кабир қарор доранд, бармеояд. Пайдо шудани сарчашмаҳои ифротӣ дар дохили кишварҳои минтақа маҳз натиҷаи бевоситаи муқовимати ин кишварҳо дар минтақа мебошад. Равандҳои радикализатсия дар минтақа, албатта, бо ҳодисаву воқеаҳои Сурия, Туркия ва Афғонистон вобаста аст. Лекин ин робита на он қадар хусусияти идеологӣ, балки хусусияти геополитикӣ дорад. Дар шароити имрӯза ифротгароӣ ва терроризм ба воситаҳои геополитикии таъсиррасонӣ мубаддал гардидаанд.

Омили дохилӣ, ки ба ташаккул ва устувор гардидани ангезаҳои ифротӣ таъсир мерасонад, вазъи экстремалии иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Бухрони тӯлонии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, маънавӣ дар якҷоягӣ бо он вазъияти фавқулодаи иҷтимоиро ба вуҷуд меоранд. Яке аз омилҳои асосии ташаккули ангезаи ифротӣ норозигӣ аз вазъи иҷтимоии шахсӣ мебошад. Нобаробарии молумулкӣ, ки шарти асосии норозигӣ аз ҳаёт, якбора паст шудани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мушоҳида мегардад.

Дар минтақаи Осиёи Марказӣ раванди шаклгирии сохтори дохилӣ ва ҷустуҷӯи мавқеъ дар сохтори глобалӣ идома дорад, яъне минтақа то ба охир ҳамчун бунёди геополитикӣ ташаккул наёфтааст, ки боиси мавҷудияти проблемаҳои зиёд гардидааст. Воқеияти имрӯзаи минтақа талаб менамояд, ки ба “омили исломӣ”диққати ҷиддӣ равона карда шуда, дар қабул ва амалӣ намудани қарорҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба инобат гирифта шавад.[3, с.3]

Дар хотир бояд дошт, ки ба ноустувории кишварҳои Осиёи Марказӣ аксарияти иштирокчиёни бузурги геополитикаи муосир манфиатдоранд. Барои ба даст овардани мақсадҳои худ, ин “бозингарон” ба минтақа нерӯи эътирозӣ ва ғояҳои исломи радикалиро ворид намуда, моҷароҳоро ба миён меоранд ва кӯшиш менамоянд, ки онҳоро идора намоянд.

Тамоми созмону ташкилотҳои радикаливу ифротгароии динӣ, аз он ҷумла, Ҳизб-ут-таҳрир самти асосии фаъолияти худро дар корҳои идеологӣ байни ҷавонон мебинанд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои оморӣ аз 50% то 80% таркиби созмону ташкилотҳои экстремистиро дар кишварҳои ҷаҳони ислом ҷавонони 17-28 сола ташкил менамоянд. [4]

Созмону ташкилотҳои динӣ кӯшиш менамоянд, ки ҷавононро аз байни зиёиён, кормандони илмӣ донишҷӯён ба сафҳои худ ҷалб намоянд. Мутобиқан, диққати махсус ба кор бо ҷавонон равона карда мешавад, зеро фаъолнокии ифротгароӣ динӣ дар ҳамон ҷое зиёд аст, ки кор бо ҷавонон самти аввалиндараҷаи фаъолияти ифротгароён ба ҳисоб меравад. Масалан, дар шароити имрӯза, миссионерҳои Ҳизб-ут-таҳрир дар ҳудуди кишварҳои Осиёи Марказӣ корҳои идеологӣ ва тарбиявиро дар байни насли наврас дар баъзе муассисаҳои таълимӣ фаъолона амалӣ менамоянд.

Барои ин доираи манфиатхоҳ дини ислом ҳамчун воситаи танзими муносибати байни миллату халқиятҳои минтақа баромад менамояд. Гарчанде дини ислом дар минтақа вазифаи муттаҳидкунандаро иҷро наменамуд ва омили бунёди давлату давлатдорӣ ҳисобида намешуд, лекин дар ин давра аз тарафи нерӯҳои мухталифи сиёсӣ барои ба даст овардани мақсадҳои сиёсӣ мавриди истифода қарор дода шуда буд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар кишварҳои минтақа сиёсигардии ислом тариқи муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ, муносибатҳои ҳокимиятӣ-оппозитсионӣ ва тариқи ҷалб гардидан ба моҷарои беруна амалӣ гардидааст. Дар асоси муносибатҳои қавмӣ-минтақавӣ сиёсигардии ислом асосан дар Тоҷикистон паҳн гардида буд.Пойгоҳи асосии иҷтимоии сиёсигардии ислом дар Тоҷикистон элитаҳои як қатор минтақаҳо гардидаанд, ки пас аз бадастории соҳибистиқлолӣ аз ҳокимият дур монда буданд. Чунин элитаҳои минтақавӣ баҳри пеш бурдани ғояҳои худ, роҳ ёфтан ба низоми давлату давлатдорӣ аз рӯҳониёни исломӣ дастгириро пайгирӣ менамуданд, зеро дар ин давра он нерӯи сиёсии ҷиддӣ дар кишвар ба ҳисоб мерафт.

Ислом дар ин ҳолат на он қадар ба андозаи як низоми динӣ, балки ҳамчун як

низоми муайяни ғояҳо оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои сохтори давлатӣ ва ҳуқуқӣ, ки худро ҳамчун тарзи ҳаёти махсус нишон медиҳанд, нақши муҳим мебозид ва аз ҷониби идеологҳои як қатор кишварҳои шаркӣ ҳамчун роҳи сеюми рушди ҷамъиятӣ баррасӣ карда мешавад.

Дар ибтидо ҳаракати радикалии исломӣ дар водии Фарғонаи Ӯзбекистон ва солҳои 80-уми асри 20 дар водии Вахши Тоҷикистон пайдо шуд. Дар воқеъ, ғояи исломгароӣ ба минтақа аз Миср таҳти таъсири пешвоёни Ихвон-ул-муслимин, алалхусус Ҳасан ал-Банно, Сайид ва Муҳаммад Қутб ворид гардидааст. [5, с.224]

Дар доираи муносибати ҳокимият-оппозитсия сиёсигардии ислом ҳамчун яке аз намудҳои эҳсосоти зидди режим истифода мешавад. Ин ҳолат дар фаъолияти фавкулодда мухолифи Ҷунбиши Исломии Ӯзбекистон, ки ҳадафи асосии он сарнагун кардани қудрати муқарраршуда дар ҷумҳурӣ мебошад, баръало намоён аст. Дар ин вазъ шиорҳои исломӣ ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ ба миён гузошта шуданд, аммо бо фишори шадиди мақомоти расмӣ дучор омада, онҳо маҷбур шуданд, ки ба фаъолияти пинҳонӣ гузаранд.

Ҳаракати Исломии Ӯзбекистон, ки ҳеҷ имкони ширкат дар муборизаи кушоди сиёсӣ барои қудратро надорад, роҳи хушунатомези муборизаи сиёсӣ-терорро интихоб кард. Барои фаҳмидани ин раванд ба гузаштаи наздик назар андохтан лозим аст. Дар оғози ташаккул, мақомоти Ӯзбекистон раванди исломгардонии аҳолиро фаъолона дастгирӣ мекарданд.

Мақомоти давлатӣ кушодани масҷидҳо, эҳёи маърифати динии мардумро дастгирӣ карданд; дар Фарғонаи Узбекистон ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии динӣ иҷозат дода шуд, ки аллакай ба раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳаллӣ дахолат мекарданд. Ташкилотҳое аз қабили “Ислом Лашкарларӣ” (Ҷанговарони Ислом), “Товба” аз фурсат истифода “бурда, ба таъсиси воҳидҳои низомӣ барои кумак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ” шурӯъ карданд.

Ин ташкилотҳо на танҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ, балки дар байни мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ низ эътимод пайдо карданд. Ба созмони воқеии сиёсӣ табдил ёфта, ин ташкилотҳо дигар бо нақши “ёрдамчӣ” қаноатманд набуданд. Онҳо такрор ба такрор талош мекарданд, ки ҳокимияти пурраро ба даст оранд, ҳолатҳое буданд, ки онҳо мақомоти маҳаллиро ошкоро корношоям мекарданд ва талаб менамуданд, ки тамоми ваколатҳо ба ихтиёри онҳо дода шаванд.

Чунин фаъолият бо интиқоди шадиди мақомоти расмӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар чунин вазъ, мақомот усулҳои шадидро истифода бурда, ҳама муассисаҳои диниро ба таври номуайян бастанд ва ҳамаи пешвоёни диниро таъқиб мекарданд. Набудани дигар усулҳои демократии мубориза барои ҳокимият, ҷунбиши диниро ҳукумати расмӣ ба доми ифротгароии шадид равона кард. Мисли Тоҷикистон, ислом заминаи муносиби идеологӣ барои оппозитсияи ғайрирасмӣ шуд ва террор ягона усули мубориза барои ҳокимият ба миён омад. [6, с.45]

Дар даҳсолаи охир бо эҳёи ислом дар Осиёи Марказии пасошӯравӣ пас аз 70 соли мунтазам несту нобуд кардани муассисаҳои динӣ аз ҷониби режимҳои Шӯравӣ, марказҳои таълимӣ ва ҳувияти исломӣ тавассути истифодаи лоиҳаҳои ҳамаҷонибаи иҷтимоӣ таъмин карда шуд.

Сарфи назар аз он, ки хатари исломи радикалии сиёсиро дар Осиёи Марказӣ комилан инкор кардан ғайримкон аст, мо набояд аз он сарфи назар кунем, ки ин таҳдидро баъзе гурӯҳҳо, инчунин баъзе намояндагони элитаи сиёсӣ барои расидан ба ҳадафҳои худ истифода бурда, тақвият додаанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки исломи сиёсӣ ва эҳёи ислом дар Осиёи Марказӣ муфассалтар омӯхта шавад. Чунин ба назар мерасад, ки аксар вақт “исломгароии саркаш” ва “паҳн кардани радикализм” ба муқобили ҳама гуна таҳдид дар Осиёи Марказӣ истифода шудаанд. Таҳлили ба масъалаҳои амният додашуда на танҳо қолабӣ, балки гумроҳкунанда мебошад, зеро он ба фаҳмиши мушкилоти воқеии минтақа халал мерасонад. [7, с.2014]

Дар шароити бухронҳои амиқи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, ки дар натиҷаи фазои идеологӣ шиддат гирифтааст, дар натиҷаи фурӯпошии идеологияи расмӣ, баъзе аз мусалмонони Осиёи Марказӣ исломро ҳамчун ягона алтернатива ба каммунизм ё ҳама гуна низоми сиёсӣ ё идеологияи дигар қабул

карданд. “Исломи ибтидоии сиёсӣ” дар баъзе минтақаҳои Ӯзбекистон ва Тоҷикистон, зери таъсири ин ҳолатҳо, дар ибтидои солҳои 90-ум дар муҳити ҷамъиятие ба вуҷуд омад, ки ба тариқи “фарҳангӣ мусалмон” муайян карда шуд, аммо дар тӯли 70 соли охир аз дастрасӣ ба таҳсилоти расмии исломи сиёсӣ, хоҳ як ҷунбиши маъмул ё равияи идеологӣ, заминаи ҷиддитари зеҳнӣ ва иҷтимоиро тақозо мекунад. [8, с.6-7]

Минтақаи Осиёи Марказии пас аз шӯравӣ ҳамчун давраи пас аз атеистӣ тавсиф карда мешавад. Гузашта аз ин, дар натиҷаи давраи 70-солаи Шӯравӣ, зиндагии мусулмонони Осиёи Марказиро метавон ҳамчун “амнезияи”динӣ тавсиф кард. Дониши гумшуда ё фаромушӣ, ки даврони “Шӯравӣ ба вуҷуд овардааст, дар фаҳмиши мардум дар бораи ислом, аниқтараш, дар ташаккули ҷомеаи “мусулмонӣ” нақши муҳим бозидааст. [9, с.2] Аз ин рӯ, падидаи пайдоиши исломӣ сиёсӣ дар Осиёи Миёна дар аввали солҳои 90-умро “исломи ибтидоии сиёсӣ” номидан дурусттар хоҳад буд.

Исломи ибтидоии сиёсиро метавон ҳамчун посух ба бӯҳрони қонунияти ҳукумати кунунӣ тасаввур кард. Аз ҷумла, дар Ӯзбекистон бад шудани вазъи иқтисодӣ, фасод, рушди нобаробарии минтақаҳо ва намояндагони ночизи вилояти Фарғона дар иерархияи болоии ҳокимият метавонистанд хоҳиши баъзе гурӯҳҳои мазҳабиро ба баланд бардоштани садоҳояшон алайҳи нобаробарӣ дар бар гиранд. Аммо маълум мешавад, ки бисёр одамон исломро аз рӯйи табъи эҳсосӣ, надонистани пояҳои асосии ислом пайравӣ менамоянд. [10, с.28]

Дар ин масъала, мо наметавонем таъсири мубориза барои ҳокимиятро байни қавмҳои ҷангкунанда (сиёсати қавмӣ) ба назар нагирем. Бояд қайд кард, ки вилояти Фарғонаи Ӯзбекистон ба яке аз чунин маҳалҳо, аз ҷумла ҳизби оппозитсионии “Бирлик” мубаддал гардид. Сарфи назар аз он, ки мо ба омезиши омилҳое, ки боиси пайдоиши исломи сиёсӣ бо хусусияти оппозитсионии бартаридошта дар минтақаи Фарғона дар Ӯзбекистон ва Тоҷикистон гардиданд, ишора мекунем ва то ҳол баҳс мекунем, ки сабаби асосӣ бӯҳрони умумӣ ё ҳадди ақкал набудани қонунияти ҳукумати мавҷуда буд.

Азбаски исломи сиёсии оппозитсионӣ аз ҷиҳати ҷуғрофӣ хеле маҳдуд буд дар бораи табиати ҳамаҷонибаи исломи сиёсӣ ё инқилоби густариши исломӣ ҳатто дар сатҳи минтақаи Фарғона изҳори тасаввур кардан мумкин буд.

Оқибатҳои пайдоиши исломи ибтидоии сиёсӣ дар солҳои 90-умро метавон ҳамчун “идоракунии нодуруст” ё “аз ҳад зиёд”- и ҳокимияти Ӯзбекистон дар робита бо фаъолияти аз ҷиҳати ҷуғурофии исломи сиёсии мухолиф хулоса кард. Дар натиҷа, демократикунонӣ дар Ӯзбекистон ба таъхир афтод. Гузашта аз ин, равандҳои сиёсии оғозкардаи бозсозӣ коҳиш ёфтанд ва амалҳои тоталитарӣ эҳё ва ба шароити нав мутобиқ карда шуданд. Аз тарафи дигар, хатогиҳои пешвоёни маҳаллии мусалмонро, алалхусус дар саркаштарин минтақаи Намангон, ки элитаҳои дунявиро ба ҳарос оварданд ва воқеиятҳои ҷомеаи посошӯравӣ ва пас аз атеистиро ба назар нагирифтанд, чашм пушидан мумкин нест. Бо мурури замон, вокуниши фавқуллода ба исломи сиёсии оппозитсионӣ боиси “дунявигарди”-и пурраи исломи сиёсӣ ва тамоми шохаҳои ислом таҳти назорати давлат гардиданд. Оппозитсия, пеш аз ҳама, мазҳабӣ, ҳамачун “ фитнаи ҷиноӣ”, “воридотӣ” эътироф карда шуд ва ба бесубот кардани давлат ва тамоми минтақа нигаронида шуда буд. [11, с.2001]

Ҳамаи режимҳои сиёсии кишварҳои Осиёи Марказӣ, бинобар заифии худ, ба “дунявият” пеш аз ҳама, гурӯҳҳои сиёсии этникӣ ва динӣ майл доранд. Ғайр аз ин, элитаҳои маҳаллӣ аксар вақт амнияти худро ҳамчун амнияти миллӣ баррасӣ менамоянд. Дар маҷмӯъ, секюритизатсия маҳсули вобастаи рақобат барои қудрат аст ва онро гурӯҳҳои сиёсӣ ва иҷтимоӣ ё ниҳодҳои ҳокимият даъват карда метавонанд. Аз ин рӯ, муайян аст, ки режимҳои худкома ва сиёсатмадорони ҳозира метавонанд маҳдудиятҳоро барои гурӯҳҳои динӣ эҷод ва таҳким диҳанд, то рақобати сиёсӣ, аз ҷумла дар масъалаҳои идеология ва ҳифзи ҳокимияти сиёсӣ худро заиф гардонанд. Дар ҳолатҳое, ки сиёсатмадорон аз эҷоди оппозитсиони муассир ба ҳукумронии худ ё аз ҷониби гурӯҳҳои муайян ба даст овардани қудрати худ метарсанд, онҳо метавонанд саркӯби онҳоро оғоз кунанд. [12, с.2]

Масъалаи табиат, паҳн гардидан ва хусусиятҳои дастгирии ифротгароии динӣ дар шароити имрӯза бо проблемаҳои амният, маданияти сиёсӣ ва ҳатто интихоби тарҳи муайяни инкишоф алоқаманд аст. Баррасии паҳни ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ, аз бисёр ҷиҳат, муҳим ва актуалӣ буда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар кишварҳои Осиёи Марказӣ зуҳуроти ифротгароии динӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиш ва баррасии зуҳуроти ифротгароӣ динӣ аз он иборат аст, ки он дар шароити муосир ба амният ва субот, ягонагии ҳудуди давлатҳои минтақа таҳдид мекунад. Мақсади асосии ифротгароии динӣ барангехтани кина ва адоват, фаъолияти динии шакли пӯшида аст, ки ба ғасби ҳокимият равона гардида, ба тағйири сохти давлатдорӣ, суверенитет ва ягонагии ҳудудӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, ифротгароӣ динӣ ҳамчун як шакли амалҳои харобиовари иҷтимоӣ, ба амнияти давлат ва асосҳои рушди устувори ҷомеа таҳдид менамояд.

Проблемаи ифротгароии динӣ дар ҷаҳон аз ҷониби бисёр олимон, муҳаққиқон, коршиносон омӯхта мешавад, лекин то ба имрӯз мавқеъ ва ақидаи ягона нисбати ин падида ҷой надорад. Зуҳурот, навъҳо, дурнамои рушд, фарқият, мундариҷа, ҳавасманднамоиҳо вобаста ба омилҳои таърихӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, минтақавӣ ва ғайра хусусиятҳои хоси худро доранд.

Ифротгароии динӣ ҳамчун таҳдиди амнияти кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ яке аз проблемаҳои аввалиндараҷаи муосир ба ҳисоб меравад. Дар солҳои соҳибистиқлолӣ кишварҳои минтақа аз фаъолияти чунин созмону ташкилотҳои ифротӣ зарари назаррас дидаанд. Тамоми созмону ташкилотҳои ифротӣ-динӣ, ки дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ ва берун аз он фаъолият менамоянд, дар шароити имрӯза қисми таркибии давлати исломӣ ба ҳисоб мераванд. [13, с.451-460] Гарчанде фаъолияти аксарияти созмону ташкилотҳои ифротгароии динӣ дар ҳудуди кишварҳои минтақа манъ карда шудааст, онҳо то ба имрӯз дар ҳудуди кишварҳои минтақа фаъолона амал менамоянд.

Оғози раванди паҳнгардии идеяи ифротгароӣ динӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо давраи оғози "бозсозӣ" ва сипас пошхӯрии давлати шӯравӣ ва пайдо гардидани давлатҳои тозаистиқлол дар минтақа алоқаманд аст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки мактабҳои пинҳонии омӯзиши ислом, ки як қатор аз онҳо идеяи исломи фундаменталиро таълим медоданд, дар давраи шӯравӣ мавҷуд буданд.

Маҳз аъзоёни чунин ҷамоаҳои динӣ дар бунёди гурӯҳҳои диниву сиёсӣ, ки аз тарафи элитаҳои минтақавӣ баҳри ба даст овардани ҳокимият истифода мегардиданд, фаъолона ширкат намудаанд. Бо пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва ба даст овардани истиқлолият аз тарафи ҷумҳуриҳои минтақа, барои фундаменталистони маҳаллӣ зарурат пеш омад, ки бо намояндагони "исломи покиза", ки солҳои 90-ум ба минтақа ворид гардида буданд, рақобат намоянд. Қайд намудан зарур аст, ки дар ин рақобат фундаменталистони маҳаллӣ одатан номуваффақ буданд. [14, с.8]

Ҳамин тариқ, зери таъсири ваҳҳобизм дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ҷамоатҳо-гурӯҳҳо бо "имони воқеӣ" ташаккул ёфтаанд, ки баргаштро ба меъёрҳои ҷамоаҳои мусулмонии замони Муҳаммад талаб менамуданд. Сарварони рӯҳонии ин ҷамоаҳо тарафдори риояи ҷиддии ахлоқ ва маънавиёти исломӣ буда, ҳокимияти дунявиро эътироф намекарданд, мусулмонони дигарро дар "маслакфӯрушӣ" ва "боэътиқодӣ" гунаҳкор менамуданд.

Дар баъзе ҳолатҳо аъзоёни чунин ҷамоаҳои ваҳҳобӣ дар фаъолияти ҳарбии гурӯҳҳои алоҳида фаъолона ширкат варзиданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ваҳҳобиён дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дастгирии молиявӣ, ташкилӣ ва иттилоотии доираҳои ҳукумрони кишварҳои мусулмонӣ, ки дар бунёд ва мустаҳакам намудани мавқеи идеологӣ, сиёсӣ ва иқтисодии худ дар минтақа манфиатдоранд, таъмин карда мешавад.

Экстремистони маҳаллӣ қисми асосии оппозитсияи ҳарбии исломӣ дар шакли Ҳаракати исломии Ӯзбекистонро ташкил менамоянд, ки мақсади асосии онҳо сарнагун намудани ҳокимони аз ислом дуршуда ба ҳисоб меравад.

Қайд намудан зарур аст, ки ҳаракатҳои диниву ифротӣ, ки дар шароити имрӯза дар кишварҳои гуногун амал менамоянд, ба созмону ҳаракатҳои мухталифи ифротии динии

минтақаи Осиёи Марказӣ кумаки молиявӣ, техникӣ ва ташкилиро пешниҳод менамоянд.

Таҳдиди воқеӣ барои Осиёи Марказӣ дар солҳои 1979-1990 танҳо гурӯҳҳои яроқнок, ки бар зидди артиши шӯравӣ дар Афғонистон амал менамуданд, ба ҳисоб мерафтанд. Маҳз дар Афғонистон гурӯҳҳои сершумори яроқноки исломӣ, ки аз тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо таркиб ёфта буданд, фаъолият доштанд. Гурӯҳҳои пароканда баъдтар ба ҳаракати “Толибон ва Ал-қоида” муттаҳид гардиданд, лекин дар ниҳояти кор, натавонистанд таъсири худ, фаолияти ифротӣ ва террористии худро дар ҳудуди Осиёи Марказӣ паҳн намоянд. Метавон қайд намуд, ки ҳузури дивизияи 201 Федератсияи Россия дар Тоҷикистон, то андозае ин хавфро бартараф намудааст.

Маҳз исломизм яке аз сабабҳои асосии ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон гардид. Ӯзбекистон дар аввали соҳибистиқлолӣ таҳдиди ифротгароии сиёсиро эҳсос менамуд. Дар ин давра гурӯҳҳои яроқноки “Адолати ислом” ва гурӯҳи нисбатан хурди ба он ҳамроҳшуда “Ҷанговарони ислом” қариб ба пуррагӣ дар яке аз шаҳрҳои Фарғона – Намангон назоратро ба дасти худ гирифтанд.

То воқеаҳои сентиябри соли 1991 аксарияти кишварҳои минтақа нисбат ба омили исломӣ муносибати духӯра доштанд. Аз як тараф, мавҷудияти озодиҳои динӣ ва созмонҳои гуногуни динӣ ҳамчун зуҳуроти табиӣ роҳи нави демократии инкишоф эълон карда мешуд. Чунин мавқеъ аз тарафи Амрико ва дигар кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дастгирӣ карда мешуд, зеро онҳо чунин меҳисобиданд, ки риояи принсипҳои демократӣ ва озодиҳои динӣ дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳдории устуворӣ ва амнияти минтақа муҳимтар аст.

Солҳои 90-ум ҳамкориҳои кишварҳои минтақа бо кишварҳои мухталифи арабиву мусулмонӣ, аз он ҷумла Туркия, Эрон, Арабистони Саудӣ, Қувайт, Миср ба роҳ монда шуд. Ба минтақа созмонҳои сершумори хайриявӣ ва фарҳангиву маърифатӣ ворид гардиданд. Ин созмонҳо кӯшиш менамуданд, ки фаъолияти худро дар кишварҳои минтақа ба таври зарурӣ инкишоф диҳанд.

Аз тарафи дигар, ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон, воқеаҳо дар водии Фарғона дар Ӯзбекистон ва Қирғизистон, воқеаҳои фоҷиавӣ дар Андиҷон, амалҳои террористӣ дар Тошкент шаҳодати он буданд, ки омили исломӣ ва исломизм метавонад таҳдиди ҷиддӣ барои устувории тамоми минтақа бошад. Озодии дин, ки яку якбора ба миён омад, ба ғайр аз омилҳои мусбӣ, ҷанбаҳои манфиро низ доро буд. [15, с.239]

Солҳои 90-ум дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ “Ҳизб-ут-таҳрир” васеъ паҳн гардид, ки мақсади асосии он тағйири сохтори кониститутсионӣ ва характери дунявии давлатдории кишварҳои минтақа мебошад. Мақсади асосии ҳизби мазкур бунёди хилофат ва ба роҳ мондани қонунгузории (шариат) мусулмонӣ, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеаро (сиёсат, иқтисодиёт, маънавиёт, фарҳанг) танзим менамояд, ба ҳисоб меравад. Ба ин мақсад ҳизби мазкур дар самти ҷалби аъзоёни нав дар байни кормандони ҳокимияти қонунгузор ва иҷроия, кормандони ҳифзи ҳуқуқ, намояндагони рӯҳониёни исломӣ, инчунин нафароне, ки ба афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд, ба монанди шоирону нависандагон, роҳбарони ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаёти омӯзгорону профессорон фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар шароити имрӯза Ҳизб-ут-таҳрир, аз он ҷумла созмонҳои ҷамъиятии тобеи он ба дигар нерӯҳои ифротии минтақа рақобати ҷиддӣ нишон дода, таҳдиди воқеиро барои сохторҳои дунявии тамоми кишварҳои минтақа ба миён овардааст. Маркази ин ҳизб дар Лондон ҷойгир буда, сарчашмаҳои асосии маблағгузории он то ба имрӯз ошкор нагардидааст. Шакли ташкили ҳизб бештар ба сохтори созмони ифротӣ-исломии “Бародарони мусулмон” дар Миср монандӣ дорад.[16, с.9-10]

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти “Ҳизб-ут-таҳрир” соли 2001 манъ гардидааст. Соли 2008 ин созмон ба номгӯи созмону ташкилотҳои террористӣ ворид карда шуда, фаъолони он пайгирӣ карда мешаванд.

Объекти диққати ҷиддии ҳукуматдорон фаъолияти салафиҳо ба ҳисоб меравад, ки дар Тоҷикистон соли 2009 манъ гардидааст. Қайд намудан зарур аст, ки якумин тарафдорони ҳаракати салафия дар Тоҷикистон соли 2005 пайдо шудаанд. Имрӯз миқдори онҳо хеле зиёд гардидааст. Тарафдорони ин ҳаракат асосан ҷавонон ба ҳисоб меравнд, ки дар Покистон, Яман ва Арабистони Саудӣ таҳсил намудаанд.

Таҳсили донишҷӯёни тоҷикро созмонҳои мухталифи кишварҳои араб маблағгузорӣ намудаанд.

Хатари салафия дар он аст, ки ба ақидаи ҷонибдорни он, дин бояд на танҳо кори шахсии инсон, балки асоси сохтори ҷомеа бошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад, ба хотири ба ҳокимият омадани мусалмонони “воқеӣ” ба амалҳои фаъолона ва зӯроварона даъват мекунанд.

Ба сатҳи ифротгароии динӣ дар тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ фазои холии идеологӣ, тағйири ҷаҳонбинии ҷомеа ва бухрони бузурги маънавӣ-идеологӣ таъсир мерасонанд.

Созмону ҳаракт ва гурӯҳҳо, аз қабили “Ал-Қоида”, “Ҷундуллоҳ”, “Ҳаракати исломии Ӯзбекистон”, Ҷиҳоди ислом”, “Ҳаракати Толибон”, “Ансоруллоҳ”, “Ҳизб-ут-Тахрир”, “ҲНИ” ва амсоли инҳо, ки аз ҷониби як қатор давлатҳо ҳамчун ташкилотҳои террористӣ-ифротӣ дониста шудаанд, бо густурда намудани фаъолияти худ ва анҷом додани амалу кирдори ҷинояткорона мехоҳанд нуфузу эътибори худро боло баранд. Нагирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ метавонад боз ҳазорҳо мардуми осоиштаро аз ҳаёт маҳрум созад, зеро дар қалбу вуҷуди онҳое, ки чунин зулму ситам ва афкору андешаи ҷоҳилона ҷой гирифтааст, ба ҷуз бадбахтӣ ва маҳрумият, дигар андешаи солиме вуҷуд надорад. Харобу валангор гардидани садҳо бинову иншоот, ҷон бохтани мардуми осоишта, фирор намудани аҳолӣ аз макони зист подоши расидан ба ҳадафҳои ҷинояткоронаи ин гурӯҳҳо аст.

Имрӯз ҳазорҳо нафар мардуми кишварҳои ҷангзада ба умеди амният ва осудагӣ роҳ ҷониби кишварҳои Аврупо мегиранд ва он ҷо низ онҳоро мушкилоти зиёде пеш меояд. Ягона роҳи ҳалли ин масъала ҳамкорӣ ва мусоидат кардан ба мақомоти қудратӣ дар мубориза бо терроризм ва ифротгароӣ мебошад, то суботу оромӣ таъмин ва ҳар як фард дар ватани хеш зиндагии осишта ба сар барад.

Таъсири омили беруна, ки бо фаъолияти мисонерони хориҷии исломӣ, устодони ислом, ки баъзе аз онҳо ғояҳои ифротиву радикалиро ташвиқ менамуданд, алоқаманд аст. Аз оғози солҳои 90-ум дар кишварҳои минтақа намояндагони ташкилотҳои байналмилалии исломӣ, ба монанди Ислоҳ, Тайиба, Кумитаи мусулмонони Осиё ва ғайра ба қайд гирифта шуданд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксарияти чунин созмону ташкилотҳои миссионерӣ ба паҳн кардани ғояҳои ифротиву радикалӣ машғул буданд. [17, с.121]

Бо вуҷуди ҳамаи ин гуфтаҳо, гурӯҳбандии ҳамаи панҷ кишвари Осиёи Марказӣ ғайриимкон ба назар мерасад. Режимҳои сиёсии мавҷуда дараҷаҳои мухталифи авторитаризмро ифода мекунанд. Баҳо додан ба моделҳои сиёсӣ аз миқиёси авторитаризми мулоим ё омехта то дараҷаи шадиди авторитаризм ва ҳатто “давлати полис” дурусттар хоҳад буд.

Ҳамин тариқ, метавон хулосагирӣ намуд, ки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ паҳн гардидани идеологияи ифротгароии динӣ ба пошхӯрии давлати шӯравӣ ва соҳибистиқлол гардидани ҷумҳуриҳои минтақа алоқаманд аст. Гарчанде то пошхӯрии давлати шӯравӣ дар кишварҳои минтақа ба таври пинҳонӣ идеяҳои радикалии исломӣ таълим дода мешуд, лекин маҳз сиёсати “бозсозӣ” ва сипас пошхӯрии Итиҳоди Шӯравӣ омили муҳимми паҳн гардидани идеяҳои ифротӣ дар минтақа гардидааст.

Паҳн гардидани идеяи ифротгароии динӣ дар минтақа дар қатори омилҳои беруна аз маҷмӯи омилҳои дохилӣ низ вобастааст, ки дар ин самт чунин сабабҳо ба монанди вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сатҳи пасти шуури динии аҳолӣ, махсусан ҷавонон, шикасти идеологияи коммунистӣ ва пайдо шудани фазои холии идеологӣ дар минтақа, таҳсили ҷавонони минтақа дар муассисаҳои таълимии кишварҳои исломӣ, ҷой надоштани заминаҳои ҳуқуқии мубориза бо ифротгароӣ ва терроризм, сиёсати элитаҳои сиёсии кишварҳои минтақаро метавон махсусан қайд намуд.

Дар шароити имрӯза ифротгарони маҳаллӣ ба шабакаҳои байналмилалии созмону ҳаракатҳои ифротӣ пайваст гардиданд, ки ба маблағгузории фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Таҳлилу баррасии мухтасари мавзуъ аз ҷиҳати илмӣ нишон медиҳад, ки ифротгароии динӣ яке аз падидаҳои хатарзои мураккаби муосир дар минтақа ба ҳисоб меравад ва диққати махсусро талаб менамояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Королев О. Централная Азия – новая горячая точка на карте мира. Ликвидатция угроз дестабилизации Центральной Азии становится приоритетом для Росии / О. Королев // Федеральное агентство политических новостей.-2016.-3 марта
2. Искандаров К. Афганский вопрос и безопасность региона Центральной Азии / К. Искандаров // CABAP.asia.-2016.-31мая.
3. Добаев И.П. Иламский радикализм: социально-философский анализ / И.П. Добаев.-Рстов-н/Д: Изд-во СКНЦВШ, 2002.-С.3
4. Central Asia: Terrorist, Religious Extremism, and Regional Stability URL:https://www.brookings.edu/testimonies/central-asia
5. Назиров Д.Н. Политический ислам и конфликт в Таджикистане. Монография / Д.Н. Назиров.-Душанбе, 2015.-С.224.
6. Lewis, David “Understanding the Authoritarian State: Neopatrimonialism in Central Asia”, Brown Journal of World A airs,19 (1).-2012.-P.45.
7. JocelyneCesari, “e Awakening of Muslim Democracy”.-NY: Cambrige University Press, 2014
8. John Esposito, “Islamist and US Foreign Polcy”, ISIM Review, 18/- 2006.-P.6-7.
9. Louw M.E. “Everyday islam in Post-Soviet Central Asia”,Routledge.- 2007.-P.2.
10. Olcott, Martha B. Roots of Radical Islam in Central Asia, Carnegie Papers.- 2007.- Number 77.- P.28.
11. AlisherIlkhamov,“Uzbek Islamist Imported Ideoiogy or Grassroots Movement?”,Middie East Report, Winter.- 2001.-№221.
12. AniSarkissian,“Government Regulation of Religion and Authoritarian Durability in PostCommunist Eurasia”, Conference Proceeding, International Symposium“Post-Atheism: Religion and Society in Postcommunist Eastern Europe and Eurasia”,Melikian Center, Arizona State University.- 2013.- 7-9 February.- P.2.
13. Jocelyne Cesari,“Awakening of Muslim Democracy”.- NY: Cambridge University Press, 2014.
14. Аламанов С.К. Анклавы в Центральной Азии: история вопроса и современные проблемы / С.К. Аламанов // Постсоветские исследования.- 2018.-Т.1.-№5.-С.451-460.
15. Поляков .К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии.- М.: Институт востоковедения РАН, 2014.-С.8.
16. Россия – Средняя Азии: Политика и ислам в 20 – начале 21 вв.- М ЛЕНАНД, 2011.- Т.2.- С.239.
17. Поляков К.И. Исламский экстремизм в Центральной Азии.-М.: Институт востоковедения РАН, 2014.-С.9-10.
18. Жусупов С. Ислам в Казахстане: прошлое, будущее во взаимоотношениях государства и религии / С. Жусупов // Ислам на постсоветском пространтве: взгляд изнутри Московский центр Карнеги.- М., 2001.- С.121.

**Аннотатсия**

**Хатари паҳншавии ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ**

Ифротгароӣ динӣ дар кишварҳои Осиёи марказӣ яке аз масъалаҳои ташвишовар ба ҳисоб меравад, ки омӯзиш ва баррасии амиқро талаб менамояд. Масъалаи асосӣ, ки солҳои охир ба вазъияти амнияти кишварҳои минтақа таъсир мерасонад, ифротгароӣ динӣ, вазъият дар Афғонистон ва дурнамои васеъ гардидани доираи ноусуторӣ дар фазои посошӯравӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки пас аз солҳои 2015-2016 шумораи ҷангиёни далати исломӣ дар ҳудуди Афғонистон рӯз ба рӯз зиёд мегардад. Мувофиқи баъзе сарчашмаҳо миқдори умумии ҷангиён имрӯз ба даҳ ҳазор наздик аст, ки барои тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ фишори ҷиддӣ мерасонад ва боиси болоравии ифротгароии динӣ дар минтақа гардидааст.

**Аннотация**

**Опасность распространения религиозного экстремизма в Центральной Азии**

Религиозный экстремизм в странах Центральной Азии считается одним из волнующих вопросов, требующих глубокого изучения и рассмотрения. Религиозный экстремизм, ситуация в Афганистане и перспектива расширения ареала нестабильности на постсоветском пространстве считаются основными проблемами, влияющими на ситуацию с безопасностью стран региона. Анализы показывают, что после 2015-2016 годов количество боевиков Исламского государства в Афганистане увеличивается день ото дня. По некоторым данным, общая численность боевиков сегодня приближается к 10 000 человек, что оказывает серьезное давление на весь центральноазиатский регион и привело к росту религиозного экстремизма в регионе.

**Annotation**

**The danger of the spread of religious extremism in Central Asia**

Religious extremism in the countries of Central Asia is considered one of the exciting issues that require in-depth study and consideration. Religious extremism, the situation in Afghanistan and the prospect of expanding the area of instability in the post-Soviet space are considered the main problems affecting the security situation in the countries of the region. Analysis shows that after 2015-2016, the number of Islamic State fighters in Afghanistan is increasing day by day. According to some reports, the total number of militants today is approaching 10,000 people, which is putting serious pressure on the entire Central Asian region and has led to an increase in religious extremism in the region.

**ИТТИЛООТ** **ИНФОРМАЦИЯ**

## НАВИГАРИҲОИ СОҲАИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҲИФЗИ МУҲИТИ ЗИСТ

Дар баробари рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ дар самти қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист як қатор навигариҳо ба вуҷуд омада, дар шакли санадҳои қонунгузорӣ қабул карда шуданд. Аз ҷумла, ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи олами ҳайвонот» аз 5 январи соли 2008 (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, № 1, қ. 2, мод. 19) тағйироти зерин ворид карда шуд:

1. Дар моддаи 1:

- дар сархати панҷум калимаҳои «ва берун аз он» ба калимаҳои «дар шароити озоди табиӣ» иваз карда шуд;

- сархатҳои нуҳум ва дувоздаҳум дар таҳрири зерин ифода карда шуданд:

«- коллексияи зоологӣ – маҷмӯи намудҳои олами ҳайвонот, ки бо низоми ягона бо роҳи интихоб ё усулҳои омӯзиши ирсиятҳои фарқкунанда, бо мақсади истифодабарӣ дар фаъолияти илмӣ, селексионӣ, таълимӣ ва иҷрои корҳои дигар ҷамъоварӣ карда мешаванд;

- Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон – маҷмӯи маълумот оид ба намудҳои нодир, нобудшаванда ё зери хатари нобудшавӣ қарордоштаи олами наботот ва ҳайвонот, ки бо мақсади ҷорӣ намудани низоми махсуси ҳифз ва азнавбарқароркунии минбаъдаи онҳо таҳия карда мешаванд;».

2. Аз матни моддаи 2 калимаи «(Сарқонуни)» хориҷ карда шуд.

3. Дар номи моддаи 3 калимаҳои «моликияти давлатӣ» ба калимаи «моликият» иваз гардид.

4. Дар моддаи 4:

- қисми якум дар таҳрири зерин ифода гардид:

«Олами ҳайвонот аз рӯи намуд ва таъиноти мақсадноки худ ба категорияҳои зерин ҷудо мешавад:

- намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта;

- намудҳои ҳайвоноте, ки объекти шикор мебошанд;

- намудҳои ҳайвоноте, ки объекти моҳидорӣ мебошанд;

- намудҳои ҳайвоноте, ки бо мақсади хоҷагидорӣ истифода мешаванд (ғайр аз шикор ва моҳидорӣ);

- намудҳои ҳайвоноте, ки бо мақсадҳои хоҷагидорӣ истифода намешаванд, вале арзиши экологӣ, фарҳангӣ ва илмӣ доранд;

- намудҳои ҳайвоноте, ки саршумори онҳо бо мақсади ҳифзи сиҳатии аҳолӣ, пешгирии касалшавии ҳайвоноти хонагӣ ва кишоварзӣ, пешгирии зарар ба муҳити зист, нарасондани талафоти ҷиддӣ ба фаъолияти кишоварзӣ бояд танзим карда шуд.»;

- дар қисми дуюм калимаҳои «эҳтиёт кардан» ба калимаи «нигоҳдорӣ» иваз карда шуд.

5. Дар сархати сеюми қисми дуюми моддаи 5 калимаи «таваллудхонаҳо» ба калимаҳои «ҷойҳои наслгирӣ» иваз карда шуд.

6. Номи боби 2 дар таҳрири зерин ифода гардид:

«БОБИ 2. ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ МУҲОФИЗАТ ВА ИСТИФОДАИ ОЛАМИ ҲАЙВОНОТ».

7. Дар моддаи 7:

- сархати дуюм дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- қабули барномаҳои ҷумҳуриявӣ оид ба муҳофизат ва истифодаи оқилона, барқароркунӣ, афзун гардонидани маҳсулнокӣ ва таъмини устувории олами ҳайвонот;»;

- сархати сеюм хориҷ карда шуд.

8. Дар моддаи 8:

- номи модда дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 8. Ваколатҳои мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба муҳофизат, истифода ва барқароркунии олами ҳайвонот»;

- дар матни модда калимаи «салоҳияти» ба калимаи «ваколатҳои» иваз карда шуд;

- дар сархатҳои чорум ва панҷум калимаҳои «Китоби Сурхи Тоҷикистон» ба калимаҳои «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз карда шуд.

9. Дар моддаи 9:

- дар номи модда калимаи «Салоҳияти» ба калимаи «Ваколатҳои» иваз карда шуд;

- дар матни модда калимаҳои «ояндаи олами ҳайвонотро муайян карда» ба калимаҳои «дар муайян намудани дурнамои олами ҳайвонот иштирок мекунанд» иваз ва калимаи «давлатии» хориҷ карда шуданд.

10. Моддаи 11 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 11. Назорати ҷамъиятӣ

Назорати ҷамъиятӣ бо мақсади ҳамкорӣ бо мақомоти ваколатдор ва иштирок дар муҳофизат, истифодаи оқилона ва барқароркунии олами ҳайвонот аз тарафи шахсони воқеӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад.».

11. Дар қисми якуми моддаи 14 калимаҳои «ваколатдори давлатӣ» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шуд.

12. Моддаи 16 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 16. Шикори ҳайвонот ва парандаҳои ваҳшӣ

Шикори ҳайвонот ва парандаҳои ваҳшӣ аз ҷониби шахсони воқеӣ, ки мақоми шикорчиро доранд, дар доираи меъёрҳои муқарраргардида бо тартиби муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Ҳангоми шикор истифодаи олоту воситаҳои хатари умумидошта манъ аст.».

13. Дар сархати сеюми қисми якуми моддаи 17 калимаҳои «боҷи давлатии рухсатномаи ҳуқуқи шикорро, ки қонунгузории андози Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст,» ба калимаҳои «маблағи роҳхати шикорро» иваз карда шуд.

14. Моддаи 19 хориҷ карда шуд.

15. Дар қисми дуюми моддаи 21 калимаҳои «ваколатдори муҳофизат ва танзими истифодаи олами ҳайвонот» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шуд.

16. Дар моддаи 25:

- дар ном ва матни модда калимаҳои «Пардохти ҳаққи» ва «пардохти ҳаққи» мувофиқан ба калимаҳои «Пардохтҳо барои» ва «пардохтҳо барои» иваз карда шуд;

- дар қисми чорум калимаҳои «давлатӣ» ва «Китоби Сурх» мувофиқан ба калимаҳои «давлатии олами ҳайвонот» ва «Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон» иваз гардиданд.

17. Сархати шашуми қисми якуми моддаи 27 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- бо мақомоти ваколатдор ҷиҳати муҳофизат ва истифодаи оқилонаи олами ҳайвонот ҳамкорӣ намоянд.».

18. Моддаи 30 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 30. Муайян кардани намудҳо, баҳисобгирӣ ва танзими саршумори объектҳои олами ҳайвонот

Чорабиниҳо оид ба муайян кардани намудҳо, баҳисобгирӣ ва танзими саршумори объектҳои олами ҳайвонот аз тарафи мақомоти ваколатдор бо ҷалби ташкилотҳои илмии дахлдор, ташкилотҳои дигари манфиатдор ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешаванд.».

19. Сархатҳои ҳафтум ва ҳаштуми моддаи 31 дар таҳрири зерин ифода карда шуданд:

«- парвариши намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта дар шароити ғайриозод;

- ҷорӣ намудани маҳдудият барои истифодаи объектҳои олами ҳайвонот бо мақсади ташкил намудани коллексияҳои зоологӣ;».

20. Сархати дуюми қисми чоруми моддаи 32 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«- то бист метр наздик аз макони зисти ҳайвоноте, ки сарҷамъона зиндагӣ мекунанд, шудгор кардани замин, инчунин, бе иҷозати пешакии мақомоти ваколатдор ба ҷойи дигар кӯчонидани онҳо;».

21. Сархати дуюми моддаи 33 дар таҳрири зерин ифода гардид:

«- нигоҳдории тамомияти популятсияи намудҳои ҳайвоноти нодир, зери хатари нобудшавӣ қарордошта, намудҳои ба маҳал хос, кӯчӣ ва ҳайвоноти дигари арзишманд;».

22. Дар моддаи 36 калимаҳои «мувофиқи» ва «давлатии ваколатдор мувофиқа кунонида» мувофиқан ба калимаҳои «мутобиқи» ва «ваколатдор мувофиқа карда» иваз карда шуданд.

23. Номи боби 8 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«БОБИ 8. МУҲОФИЗАТИ НАМУДҲОИ ҲАЙВОНОТИ НОДИР ВА ЗЕРИ ХАТАРИ НОБУДШАВӢ ҚАРОРДОШТА».

24. Моддаи 39 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 39. Дохил намудани намудҳои ҳайвонот ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон

Намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта ба Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда мешаванд. Низомномаи Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистонро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд.

Амалҳое, ки боиси ҳалокат, камшавии саршумор ё халалдор гаштани муҳити зисти намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта мегарданд, манъ аст.».

25. Дар моддаи 40:

- дар ном ва қисми якум калимаҳои «намудҳое, ки ба онҳо хатари нобудшавӣ таҳдид менамояд» ба калимаҳои «зери хатари нобудшавӣ қарордошта» иваз карда шаванд;

- дар қисми дуюм калимаҳои «таҳти хатари маҳвшавӣ қарордоштаро» ба калимаҳои «зери хатари нобудшавӣ қарордоштаро» иваз карда шуд.

26. Моддаи 41 дар таҳрири зерин ифода карда шавад:

«Моддаи 41. Тартиби истифодаи намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта

Истифодаи намудҳои ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта бо мақсадҳои илмию тадқиқотӣ, фарҳангию маърифатӣ, тарбиявӣ, зебоишиносӣ, фароғатӣ, солимгардонӣ ва ҳифзи табиат, ба даст овардани маҳсулот ва хусусиятҳои фоиданоки ҳаётии онҳо дар асоси иҷозатномаи аз ҷониби мақомоти ваколатдор додашуда амалӣ мегардад.

Бо мақсади ҳифз ва ба низом даровардани саршумор шикори ҳайвоноти нодир ва зери хатари нобудшавӣ қарордошта манъ аст.».

27. Дар моддаи 44 калимаҳои «ваколатдори муҳофизат ва танзими истифодаи олами ҳайвонот» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шуд.

28. Дар қисми якуми моддаи 47 калимаҳои «ваколатдори муҳофизат, танзим ва истифодаи олами ҳайвонот» ба калимаи «ваколатдор» иваз карда шуданд.

29. Номи боби 14 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«БОБИ 14. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ».

30. Моддаи 52 хориҷ карда шуд.

31. Моддаи 53 дар таҳрири зерин ифода карда шуд:

«Моддаи 53. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.».

32. Аз матни Қонун калимаҳо ва рақами «БОБИ 15. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ» хориҷ карда шуданд.

## Шуъбаи қонунгузории кишоварзӣ, истифодаи сарватҳои табиӣ ва ҳифзи муҳити зист

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗУӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Барномаи таҳрирӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа, прописными буквами.

***Текст***: выравнивание «по ширине».

***Объем страниц***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

## ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

### 1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО:

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Танзими ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – №2. – С. 50-55.

### 2. МОНОГРАФИЯҲО:

1) Саидзода И.Ҳ. Ҳуқуқи шаҳрванд ба муроҷиат ва амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТҲО:

1) Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 33 с.

### 4. ДИССЕРТАТСИЯҲО

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

### 5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

### 7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj /ru/legislation/*legislation*-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

## ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ

### 1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ:

1) Закон Республики Таджикистан «О землеустройстве» от 5 января 2008, №356 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №1, қ. 2. – Ст. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Правовое и техническое регулирование землеустройства // Законодательство. – 2020. – №2. – С. 50-5.

### 2. МОНОГРАФИИ:

1) Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТЫ:

1) Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 33 с.

### 4. ДИССЕРТАЦИИ

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

### 5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

### 7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

2) Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj.

**МУРАТТИБ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ҶДММ «Меҳроҷ Граф» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

---

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Меҳроҷ Граф».
Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*